Ҷалол Икромӣ

# ГУЛИ БОДОМ

ББК 84 Точик 7—4
И—25

Муҳаррирон *Маҳбуба Сироҷева*
ва *А. Махмадшоҳ*

**И—25. Икромӣ Ҷалол. Гули бодом. Роман, Душанбе, «Адиб», 2000. 224 саҳ.**

Романи «Гули бодом»-и Нависандаи Халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ ба ҳаёту фаъолияти ҳунарманди мардумӣ Тӯҳфа Фозилова, ки яке аз поягузорони театри касбӣ буд, бахшида шудааст.

И $\frac{4702540201 — 8}{М\ 503—2000}$ 2000

ББК 84 Точик 7—4

© Ҷ. Икромӣ, 2000.

## ҚИСМИ АВВАЛ

Охирҳои баҳори соли 1917 буд. Дар Конибодом ҳукумати муваққата ҳукмронӣ мекард.

Ҳавлии Ёрмуҳаммад Мингбошӣ дар қарибии ӯрда буд. Ин ҳавлии калон, ки иборат аз се қисм буд (ҳавлии дарун, саисхона ва хизматгорхона), ҷои арзпурсӣ ва идораи мингбошӣ ҳам ба шумор мерафт. Хонаҳои ҳавлии берун дуқабата буда, якум меҳмонхонаи калон, ҷои кори худ мингбошӣ, мирзохона ва хонаҳои арзпурсӣ, дар қабати дуюм толорҳои калон, хонаҳои истироҳат ва ғайра ҷойгир шуда буд. Ба ин қисмати бино гоҳо меҳмонҳои мӯътабар, ҳатто худи генерал-губернатор бо хешу ҳашамаш омада меҳмон мешуданд.

Идораи мингбошӣ иборат аз як хонаи ба тарзи аврупоӣ таҷҳизонида шуда буд. Мизи калони корӣ, дар рӯи он сиёҳидонҳои калони булӯрин, қаламдонҳои тиллокорӣ, ҷузъгирҳо, коғазу васиқаҳо ва китобҳо меистоданд. Маснади мингбошӣ курсии дастмонакдори калони махмалин буда, ба рӯбарӯяш низ якчанд курсиҳои махмалин гузошта шуда буд. Хона ду тирезаи калон-калон дошт, ки бо пардаҳои ҳарир ва махмал оро ёфта буданд. Ба фарши хона қолини хушранг густурда буданд.

Мингбошӣ, марди панҷоҳ-панҷоҳу панҷсолаи ситорагарм, ки риши кулӯтаи мошубиринҷ дошту мӯйлабҳои ғулӯ. Чашму абрӯяш сиёҳ буд. Ба сар саллаи сафеди базеб гузошта буд. Дар тан либосҳои расмии мансабдорони оқпошшо—кафтони (камзӯли) сабзранг, шалвори ҳамранги он пӯшида, миёнашро бо тасмаи зардор баста буд. Ба коғазе чашм давонда менишаст. Пас аз хондани коғаз, зангӯлачаи рӯи мизро гирифта занг зад. Аз даҳлез хизматгор даромада, «Лаббай» гуфт.

— Нодир — писари Қаландарро [illegible]

Пас аз фурсате ҳамон хизматгор, [illegible] по-лисия (яъне клӯча-шалвори хокистарранг) буд. Нодир,

КИТОБХОНАИ [illegible]
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 514

ро' назди мингбошӣ даровард ва дар дами дар ба рӯи курсӣ шинонда, худаш аз қафо рост истод.

— Ба ту ҷавоб! — гуфт мингбошӣ.

Хизматгор берун баромада дарро аз қафояш пӯшид.

Мингбошӣ ба рӯи Нодир, ки хеле ҷавон менамуд ва акнун ришу мӯйлабаш сабзида, чашмони калон-калони маҳзун дошт, бо диққат назар дӯхт.

— Номи ту чист? —пурсид вай.

— Нодир.

— Номи падарат?

— Қаландар.

— Чӣ корай?

— Деҳқон.

— Шикорчӣ?

— Шикор ҳам мекунам.

Мингбошӣ ҳамон коғазро ба даст гирифту гуфт:

— Чаро ба касбу корат машғул шуда, ором намегардӣ?

— Ором нагашта чӣ кор кардем?

— Ба номуси духтари Аҳмадҷон даст дароз карданӣ шудӣ, худи Аҳмадҷонро зада миёнашро шикастӣ, боз мегӯянд, ки бо одамҳои бадрафтор алока дорӣ?

Нодир аввал ҳеҷ гапе назада, бо чашмони пур аз ҳайрат ба мингбошӣ синҷа карда истод. Охир, ба вай рӯирост тӯҳмат мекарданд; ба ишқи поки ӯ ранги беномусиро мезаданд, бадрафтор мегӯянд...

— Ҳа, гап зан! — овоз баланд кард мингбошӣ.

— Ба ин хел тӯҳматҳои душманона чӣ ҳам мегуфтам, мингбошӣ?! — гуфт Нодир. — Худатон доно ва бино ҳастед, худатон инсоф кунед!

Ин суханҳо, ки аз самими дил, аз ростӣ ва дурустӣ гуфта шуда буданд, ба мингбошии пурдон ва ботаҷриба таъсир карданд. Мингбоширо одами золим ва шаддод гуфта намешуд. Вай ҳарчанд аз рӯи вазифааш гоҳо сахтгир ва серқаҳр бошад ҳам, дар асл раҳмдил ва ба инсоф буд. Бино бар он аҳолии шаҳру деҳот ӯро ҳурмат мекарданд, аз вай хурсанд буданд. Ҳоло ҳам вай ба симои Нодир, ба суханҳои аз дилу ҷон гуфтаи ӯ мутаваҷҷеҳ шуда ва аз лаҳни аризаи тӯҳматомези Аҳмадҷон натиҷа гирифта, хеле мулоим шуд:

— Ин тур бошад, буду шудӣ воқеаро бе дурӯғ гуфта те!

— Ману Латофат аз хурдӣ ҳамдигарро медонем, — гуфт Нодир. —Ман ин духтарро аз ҷонам ҳам дӯстар

медорам, намехоҳам, ки ба пои вай хоре халад, чӣ ҷои он ки ба номуси вай касе даст расонад. Мо бо ҳам аҳду паймон кардагӣ...

Нодир оҳиста-оҳиста ҳама воқеаро илова намуд:

— Аҳмадҷон одами бисёр нағз, софдил, вале содда, тапдаро ва зудбовар аст. Дар ин ҷо оқсаққолу Неъмат қассоб чӣ касде доранд. Дуруст санҷида бинед, ҷаноби мингбошӣ, баъд ҳар чӣ ҳукм бароред, ман розӣ!

— Ту Аҳмадҷонро назадӣ?

— Қасам ба арвоҳи гузаштагонам, ба худо қасам, ки назадам. Ба ман, ки бисёр дарафтод, бо орунҷам андак тела додам, нохост афтода бедарак доду фарёд кард. Агар миёнаш мешикаст, магар аз ҷо хеста метавонист?

— Аз ҷо хест?

— На ин ки аз ҷо хест, балки роҳ гашта ба хонааш рафт.

— Мегӯянд, ки ту бо одамони бадахлоқ, бо душманони ҳукумат, бо «туртунчиҳо» ошноӣ дорӣ?

— Ман на «туртунчӣ»-ро медонам, на дигар касро.

— Чанд рӯз — чанд рӯз ғоиб шуда мерафтаӣ?

— Тавба кардам, худоё! — гуфт гиребонашро гирифта. Нодир. — Худатон шикорро дӯст медоред, инро ман медонам. Вақте ки кас ба шикор бароянд, гоҳо мешавад, ки аз паси нахчир як рӯз—ду рӯз мегардад. Дигар ба куҷо ғоиб мешавам?!

Дар ҳақиқат мингбошӣ худаш шикорро дӯст медошт ва худаш борҳо аз паси шикор рафта надониста соатҳои дароз саргардон мешуд. Баъд равшан медид, ки ин ҷавон—деҳқони оддӣ бо сиёсат ва кори давлат муносибате дошта наметавонад. Бинобарон ба худ қарор дод, ки ӯро боз ду-рӯз дошта, аз ҳабс ҷавоб диҳад.

— Дар хона кӣ дорӣ?

— Як модари муштипар.

— Хуб, ман коратро санҷида мебинам.

— Ихтиёр ба шумо.

Мингбошӣ занг зад, хизматгор даромада Нодирро аз назди ӯ баровард. Мингбошӣ боз аризаи Аҳмадҷонро, ки онро худи амини маҳалла оварда дода буд, бо диққат чашм давонд ва бо дастхати пештараи ҳамин амин муқоиса карда дид, ки ҳар дуяш бо як қалам ва бо як даст навишта шудаанд.

— *Лаънатии фиребгар!* — ғурунгид мингбошӣ ва боз занг зад. Хизматгор даромада, «лаббай» гуфт:

—Амину оқсақоли маҳаллаи Пӯлодонро зуд гирифта биё!

— Хуб!

Вақто ки амину оқсақоли маҳалла ҳозир шуданд, мингбошӣ дар ҷояш набуд.

— Дар даҳлез мунтазир шавед, ҳозир меоянд! —гуфт пешхизмат.

Амину оқсаққол ба рӯи нимкате ки дар он ҷо буд, нишастанду ба ҳамдигар бо назари суол нигоҳ карданд.

— Чӣ кор баромада бошад? —пурсид оқсаққол.

— Ягон кори зарур будагист, ҳозир мефаҳмем. Истед, ки Неъмат қассоб чӣ кор кард? Хостгор фиристод ё не?

— Имрӯз мефиристад. Аз он тараф хотирҷамъ бошед. Лекин Нодирро ҳанӯз ҳам ба Қӯқанд набурдаанд.

— Мебаранд. Мингбошӣ ваъда дода буданд.

— Хайр, истед ки аз қассоб рӯёнидатиамонро ду тақсим мекунем ё се? —боз пурсид оқсаққол.

— Сеюмаш кӣ?

— Мингбоширо фаромӯш кардед?

— Мингбошӣ... аввалаш ин ки мингбошӣ намегиранд, —гуфт амин —Баъд, охир, сиррамонро худамон фош мекунем. Он вақт Нодир ба Сибир намеравад, балки озод шуда аз мо қасос мегирад.

— Рост гуфтед, рост гуфтед!

— Хомӯш!

— Дароед!

Аз дарун овози по шунида шуду дар кушода. Мингбошӣ дар дами дар пайдо шуд.

Амину оқсаққол даромаданд ва рӯбарӯи мингбошӣ ба курсиҳо нишастанд.

Дар хона як дараҷа хомӯшӣ ҳукмрон гашт. Ёрмуҳаммад мингбошӣ аз зери пешонаи пурчин ба он ҳар ду нигоҳ карда, фикр мекард, ки Нодири бечора ба ин шикамғафсҳо чӣ бадӣ карда бошад? Шояд пора надода бошад, шояд дағалӣ карда бошад... Лекин барои ин ӯро тӯҳмат зада барои бадарға кардани ӯ ин қадар намекӯшиданд. Дар ин ҷо ягон гапи дигар, ягон даромади дигар бояд бошад? Бале, бале Неъмат қассоб!

— Неъмат-қассоб зан мегирад магар? —пурсид вай ба ҳар ду нигариста.

Онҳо аввал ба ҳамдигар маънидорона нигаристанд ва баъд оқсаққол гуфт:

— Бале, ҷаноб, ба духтари Аҳмадҷон саркор хостгор фиристодааст.

— Духтари Аҳмадҷон ба вай муносиб бошад?

— Ҳа, духтар кайҳо лоиқи шавҳар шудагӣ, лекин толибаш набуд, —гуфт амин. —Вақте ки Неъматбой кас фиристод, бе ҳеҷ гап розӣ шуд.

— Шумо чӣ?

Онҳо ҳайрон монданд ва чӣ гуфтанашонро надонистанд.

— Мо ... мо... ҳеҷ ҷаноб, —гуфт ғулунгхой карда оқсаққол.

— Бе тараф? Тӯйхӯр?

—Бале, бале! — гуфт амин.

— Хайр, —гуфт андешамандона мингбошӣ. —Агар худи духтар розӣ шавад, майлаш... Дар он ҳол ба озодӣ баромадани Нодир ба ҳеҷ кадоми шумо халал намедиҳад.

Оқсаққолу амин гаранг шуданд.

— Чӣ хел халал намедиҳад? — пурсид ниҳоят амин худро ба даст гирифта.

— Тӯй кардан мегиред, тӯй хӯрдан мегиред!

— Не, ҷаноб! — гуфт оқсаққол ҷуръат карда. —Агар Нодир озод бошад, ба тӯи як мусулмон, албатта, халал мерасонад.

— Чунки вай ҳам толиби духтари Аҳмадҷон аст, — гуфт амин. — Барои духтар шуда Аҳмадҷонро зада маиб кард....

— Агар вайро озод кунед, дар маҳалла ғавғо мехезад. Мардум аз вай безор шудагӣ.

— Хуб, тафтиш карда мебинем. Ба шумо ҷавоб!

Амину оқсаққол парешонхотир берун шуданд. Мингбошӣ аз паси онҳо нигоҳ карда истода ба худ андешид, ки ин лаънатиҳо ҳар кор карда метавонанд. Хусусан дар ин рӯзҳои охир ки худи ҳукумати муваққатаи марказӣ ноустувор аст ва аз он ҷо, аз Петербург хабарҳои шӯриш ва инқилоб омада истодааст, дар маҳаллаи калони Конибодом ғавғо бархезад, хуб намешавад. Ба вай, ба мингбошӣ гап расиданаш мумкин... Лекин вай медонист, ки Нодир бегуноҳ аст ва ӯро озод кардан лозим аст. Пас чӣ бояд кард? Беҳтар, ки кори Нодирро ба Қӯқанд нафиристода, якчанд рӯзи дигар дар ҳамин ҷо нигоҳ дорад ва баъд ҳукми бегуноҳиашро мӯҳр карда озод кунад...

Омадем ба сари он ки дар ҳавлии Неъмат қассоб тӯй буд. Аз рӯи одат тӯй мебоист аввал дар ҳавлии арӯс мешуд. Лекин бо маслиҳат тӯйро дар ҳавлии калони худи қассоб барпо карданд. Гуфтанд, ки аз дусар ҳавлии Аҳмадҷон ба ҳавлии қассоб шафат аст. Илова ба ин ҳавлии Аҳмадҷон танг, меҳмони бисёрро ғунҷоиш намедиҳад. Беҳтар, ки тӯи калон дар ҳавлии қассоб шаваду духтарҳо дар ҳавлии арӯс ҷамъ шуда хурсандӣ кунанд.

Қассоб ҳамёнашро калон кушода буд. Мехост, ки ин тӯй дар тамоми шаҳр овоза шавад, аз ҳамаи маҳаллаҳои гирду атроф одам биёяд: машшоқон навозанд, ҳофизон ашӯла хонда, овози дойраю думбракро ба осмон расонанд. Дар поёни ҳавлии берун чанд деги калон шинонда буданд, дар онҳо шӯрбо, кабоб ва оши палав мепухтанд. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ омада ба меҳмонхонаҳо медаромаданд, зиёфат хӯрда, залла гирифта мерафтанд.

Дар як хонаи алоҳида амин, оқсаққол ва калоншавандаҳои маҳалла менишастанд. Дар байни онҳо мирзои идораи мингбошӣ ҳам буд. Барои онҳо дар чойникҳо шароб оварда монда буданд. Шаробро бо кабоби сергӯшт газак мекарданд. Шароб маи дастии хуштаъм буд, ки бо як пиёла рӯи касро сурх, чашмони касро хумор мекард.

Пас аз каме сархуш шудан, оқсаққол аз мирзо пурсид:

— Ҷаноби саркотиб афандӣ! Шумо намедонед, ки кори Нодир писари Қаландар чӣ шуда бошад?

— Ҳа? Нодири писари Қаландар ... —гӯён аввал ба фикр фурӯ рафт мирзои кӯса ва айнакӣ. — Ба гумонам, хӯҷаин аз гуноҳи вай гузаштанд, коғази ҳукми бегуноҳиашро навишта мондам. Гуфтанд, ки пас аз як ҳафта мӯҳр монда бачаро озод мекунанд.

— Охир, вай тӯртунчӣ, —гуфт оқсаққол. —Вай ба ҳукумати адолатпарвари мо муқобил аст, бо инқилобчӣ ва шӯришгарон ҳамдаст аст.

— Надонам, — гуфт Мирзо. —Агар ин гуноҳаш исбот мешуд, хуҷаин ба вай сахт ҷазо медоданд, ба Қӯқанд фирсода (фиристода) Сибир мекарданд. Маълум, ки гуноҳаш исбот нашудааст.

— Чӣ хел исбот нашудааст? —гуфт амин. —Ҳама медонанд, ки вай бо баҳонаи шикор ба пеши рабочиҳои роҳи оҳан, ба маҷлиси рабочиҳои заводи пахта меравад, баробари онҳо шӯриш кардан мехоҳад.

— Дуруст, — гуфт Мирзо, —дуруст; лекин исбот карда тавонистан лозим. Бо гап ҳеҷ кор пеш намеравад. Далел медонед, далел лозим!

— Вай дузд, вай ғоратгар аст! — гуфт як бойи шикамкалон. — Падараш ба шарики ман, ба Насриддинбойафандӣ қасд кард. Губирнотур вайро ба Сибир бадарға карданд. Акнун ин бадбахт дуздӣ ва одамкушӣ карда гаштааст.

— Хазиначии завудро дошта пули-ойлики (моҳонаи) рабочиҳоро гирифтанӣ шудааст, —гуфт як марди дарози бинипучуқ.

— Хайрият, ки миршабҳо расида хазиначиро халос карданд.

— Вай, — гуфт Мирзо, —Нодирро доштаанд?

— Не-дия, —гуфт бинипучуқ, —гурехта рафтааст.

— Ин ҳам гап аст, далел не! — гуфт Мирзо. — Ақаллан се-чор шоҳид лозим.

— Вай сардори дуздҳост! — гуфт шикамкалон. — Мардум аз қасди шариконаш тарсида гувоҳ шудан намехоҳанд.

— Ана, тамошо кунед, ки, — гуфт бинипучуқ, —шариконаш ягон кор мекунанд. Ё ӯро аз ҳабс гирифта мегурезанд, ё ба ягонтаи мо сӯиқасд мекунанд!

— Муболиға накунеду як пиёла аз он чои гуворо резед! —гуфт Мирзо.

Бо ҳамин ин мавзӯъ ба охир расид. Ҳарифон гапро, ба сӯи дигар баргардонида, камтар аския гуфтанд, камтар хандиданд... Дар ин байн оқсаққол аз ҷо хеста берун баромад, ки гӯё мехост аз рафти тӯй хабар гирад. Тӯй давом мекард. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ омада ошу об хӯрда, мусиқӣ шунавида мерафтанд. Оқсаққол ба сари дегҳо рафт, аз кори бакавулҳо хабар гирифт ва дар он ҷо ба як пешхизмат фармуд, ки аминро аз хона чеғ зада биёрад. Вақте ки амин ба сари оташдон расид, оқсаққол ӯро ба як канор гирифта бурду гуфт:

— Шунидед, Нодирро озод мекардаанд, хоҷаи шумо!

— Шунидам. Дигар чӣ кор карда метавонистем?

— Ман як чиз фикр кардам, —гуфт оқсаққол, —дар бораи «шарикон»-и Нодир ...

— Қадом шариконаш?

— Э, шумо ҳам содда будаед! —гуфт оқсаққол ва овозашро паст карда хеле гап зад. Амин бо табассум гӯш карда истоду гуфт:

— Шумо бало-куя, оқсаққол! Аз шумо тарсидан лозим.

Дар ҳавлии Аҳмадҷон тӯи духтару келинчакҳо давом мекард. Духтарчаҳо дойразанӣ, сурудхонӣ, шӯхӣ ва ханда мекарданд. Аммо Латофат хомӯш буд. Дар пешгаҳи хона, сараш хам, чашмонаш гиряолуд менишаст. Ба гаппарониҳои дугонаҳояш ҷавоб намедод.

Илоҳӣ, ин рӯзи Латофат ба сари ҳеҷ кадом дугонаи вай наафтад. Гул барин духтари оличаноб аст вай. Аз ҳеҷ кадоми ин духтарону келинчакҳои нозанин камӣ надорад. Мӯяш ба миёнаш мерасад, сари дилаш баланд, гарданаш фароз, мижгонҳояш дароз, чашмонаш шахло, лабу даҳонаш қурс барин, дасту бозувонаш бақувват, ақлу тамизаш ба ҷо, дар мактаби оймулло аз ҳама пешхон аст. Хоҷа Ҳофиз, Чоркитоб, Навоиро бурро хонда метавонад. Бисёр ғазалҳои ин бузургонро аз ёд медонад. Фақат хат навишта наметавонад, чунки оймулло худаш бехат аст...

Модараш, ӯро, ки ягона буд, хеле дӯст медошт ва нозпарвард калон карда буд. Ин таги халтаам, ин гавҳараки чашмам мегуфт модараш. То Латофат ду писару ду духтар дошт модараш, ҳамаашон наистода мурданд. Дар синни пириаш ҳамин Латофат монд. Афсӯс, ки орзую ҳаваси ӯро нодида аз ҷаҳон чашм пӯшид. Хайр, агар зинда мешуд ҳам ҳоло чӣ кор карда метавонист. Бадтар ба бадбахтии Латофат сӯхта хокистар мегашт. Чунки вай як зани муштипар буд, бесадо, бедағдаға, беозор буд. Ҳамаи балою кулфатро ба худ қабул мекарду ба дигарон раво намедид. Дар ин рӯзи духтараш чӣ кор мекард вай! Мегирист, менолид, вале ба раъйи шавҳараш тан медод, розӣ мешуд; чӣ тавре ки ҳоло Латофат розӣ шудааст. Набошад, Латофат кию Неъмат қассоб кӣ?

Падараш ба ҳолу ҷони вай намонд. Пирдухтар шудӣ, дигар туро ҳеҷ кас намегирад. Неъмат қассоб туро ба сараш мебардорад, ту эркахотун мешавӣ, бабахту хушрӯзӣ мешавӣ. Аз давлати ту ман ҳам умри боқимондамро осуда мегузаронам.... Латофат не мегуфт, ба ғайр аз Нодир ба каси дигар намерасам, мегуфт. Лекин падараш, хешу табораш, дугонаҳояш ҳама бо як овоз гуфтанд, ки мингбошӣ Нодирро ба Сибир бадарға кунонидааст. Ниҳоят падараш гуфт, ки агар вай розӣ нашавад, худашро овехта мекушад. Барои ин кор арғамчини абрешимин ҳам тайёр карда мондааст. Не, дигар вай

ба гапу гапчаи мардум тоқат надорад. Аз ин тавр зиндагӣ мурданаш беҳ! Духтараш агар зинда мондани ӯро хоҳад, ба шавҳар расида, бокираю софу тоза буданӣ худро исбот кунад...

Ҳамаи ин гапҳо, албатта, ба Латофат бетаъсир намондаанд. Шароит, муҳит ва анъанаи ҳамонвақта ӯро маҷбур ба тан додан карданд. Вай ба худ қарор дод, ки майлаш ба тӯй розӣ мешавад, лекин қассоби пирро ба худаш наздик намегузорад. Барои ин кор қувва ва матонати кофӣ дорад.

Ин буд ки Латофат дар базми духтарон ғамгин менишаст. Фикр мекард, ки дар ҳақиқат падараш худашро куштанаш мумкин. Вай одами содда, худоҷӯ ва одами баномус аст. Оқсаққол ки душмани ҷонии Нодир аст, барои аз байн бурдани Нодир ҳар гуна овозаҳои дурӯғ паҳн кардааст. Агар Нодир озод мешуд, ҷавоби ин душманиҳоро дода метавонист. Ҳоло ки ӯро ба Сибир бадарға кардаанд, дигар илоҷ нест.

— Бисёр фикру хаёл накун, дугона! —гуфтани як келинча ӯро ба хуш овард. —Ин рӯзи ту ба сари ман, ба сари дугонаҳои бисёри мо омад. Мо сабру тоқат кардем. Шавҳарамон пир бошанд ҳам, давлат доранд, ҳашамат доранд, дилашон ҷавон аст. Моро ба сарашон мебардоранд. Намезананд, ҳақорат намедиҳанд, бисёр кор намефармоянд. Ҳар нози моро мебардоранд... Насиб бошад, ту ҳам мо барин мешавӣ. Қассоб ваъда додааст, ки туро дӯст медорад, озор намедиҳад, аз бадномӣ халос мекунад, даҳони мардумро мебандад; аз ҳамаи қарзҳои падарат мегузарад. Ба болояш боз чанд ҳазор қалин медиҳад... Ҳеҷ фикр накун, пошшо духтар барин зиндагӣ мекунӣ!

Ба ин суханҳо Латофат на ҳа гуфт, на не. Лекин чеҳрааш андаке кушода шуду ба лабонаш табассуме пайдо шуд.

Бегоҳӣ «падарвакил»-ҳо омаданду аз паси дар ваколат пурсиданд.

— Латофатой, — гуфтанд онҳо, — шумо ки духтари бокираи мулло Аҳмадҷон ҳастед, нафси нафисаи худро ба мулло Неъматҷон бахшидед?

Ин суол чанд бор такрор шуду дар охир ё худи Латофат, ё кадом кайвонӣ «ҳа» гуфту падарвакилон берун шуданд. Баъд ёр-ёр гӯён арӯсро занону духтарони бисёре аз ҳавлии Аҳмадҷон ба ҳавлии Неъмат қассоб гириф-

та гузаштанд ва дар хонаи калон, ки чодар зада шуда буд, даровper шинонданд.

Дар хонаи калон ду тарафа занҳои калонтаринҳои маҳалла менишастанд. Дар мобайн созандаҳо, духтарони шӯх ракс мекарданд, месароиданд, хурсандӣ мекарданд.

Як вақте занҳо «домод омаданд, домод омаданд» гуфтан гирифтанд. Дар ҳақиқат қудоҳои тарафи домод ёр-ёр хонда Неъмат қассобро, ки чанд қабат ҷомаҳои алоча ва махмал пӯшида, хеле вазнин шуда буд, ба хона даровarданд ва ба таи чодар ба назди арӯс бурданд. Аз рӯи қоида арӯс ба по рост истода домодро қабул мекунад ва баъд бояд ё домод ва ё келин чаққонӣ карда пои якеро зер кунад. Қассоби фаҳул ва беқувват чаққонӣ карданӣ шуду пешпо хӯрд ва бо ҳар ду даст аз чодар дошта буд, ки он канда шуд ва домод ба миёни хона дароз афтид. Занҳо, ки хонаро пур карда менишастанд, аввал ваҳмида ба гиребонашон туф-туф карданд, вале баъд аз масъала огоҳ гашта овози хандаро баланд намуданд.

— Чӣ шуд, чӣ шуд? — мегуфтанд онҳо бо тамасхур. — Домодхоҷаро арӯс тела дод магар?

— Аз дар надаромада ба арӯс часпиданд-чӣ?

— Ягон ҷои домод маиб нашуда бошад?

— Саллаи калонашро аз болои чойник гиред! —ва ғайра ва ҳоказо ...

Қассоб базӯр ба по хесту саллаашро ба сар гузошта, дар як чашм задан аз хона баромада рафт ва дигар орзуи таги чодар накард. Латофат ҳам ба худо сад бор шукр карда осуда нишаст...

Тӯи Неъмат қассоб ду рӯз давом кард. Бегоҳии рӯзи дуюм, пас аз рафтани меҳмонҳо, Неъмат қассоб ба хонаи арӯс даромад. Арӯс дар назди тирезаи миёна ғамгин менишаст. Неъмат қассобро дида, аз ҷо бархосту ба кунҷи торикии хона хазид ва бо зорию илтиҷо гуфт:

— Амаки қассоб, имрӯз ва боз ду рӯзи дигар маро ба ҳоли худ монед. Қамтар ба ҳуш биёям. Ман канизи шумо мешавам, мани бадбахт дигар илоҷ надорам!

Қассоб хандид ва гуфт:

— Ин тавр нагӯй, ту хушбахт мешавӣ!

— Не, не, ҷон амак, ба ман нарасед!

— Майлаш, ман ба падарат ваъда додагӣ, чанд рӯз ба ту намерасам. Лекин сарбанди тӯрро аз рӯят гир Биё, ман аз рӯят якта бӯса гирам, бас аст.

— Бӯса даркор не, даркор не! —гуфт Латофат ва дарҳол рӯи худро ба дигар сӯ гардонид.

— Саркашӣ накун, ба гапи ман гӯш кун, агар хоҳӣ, ки ман ду-се рӯзи дигар туро ба ҳолат монам!

Инро гуфту қассоб худаш ба пеши духтар рафта, маъчали рӯяшро бардошт ва ба муқобилати ӯ аҳамият надода, хам шуду аз рӯяш бӯсид.

— Ана, тамом! —гуфт вай. —Ман меравам. Имшаб бо хоҳарам хоб кун, лекин ба ваъда вафо мекунӣ, пас аз ду шаби дигар!

Қассоб аз хона берун шуд. Латофат худро ба рӯи кӯрпача партофта гирист. Ин як бӯсаи марди дилнохоҳ, ки мисли нештари каждум ба рӯи ӯ расид, на танҳо нафраташро нисбат ба ин бӯса ва нисбат ба ин мард шӯъла занонд, балки рӯяшро тарошида партофтан, худашро нест кардан мехост. Боз ин пири беҳаё пас аз ду рӯз мехоҳад, ки бо ӯ дар як бистар бихобад, ӯро дарогӯш кунад, мисли тортанаки манфур ӯро макад, хунашро хӯрад ... Худоё худовандо, чӣ кор мекунад акнун Латофат?! Чаро ба ин акду никоҳ розӣ шуд, чаро худашро накушт?! Бале, бале, агар худашро мекушт, аз ин бадбахтӣ, аз ин разолат беҳтар буд! Падараш, хешу таборонаш мегиристанду азо медоштанду оҳиста-оҳиста ба тақдирашон тан медоданд. Аммо Нодир чӣ? Магар Нодир аз чаҳон чашм пӯшидааст?! Магар Нодир нест?! Не, Нодир ҳаст, Нодири қаҳрамон зинда, сиҳат ва саломат аст! Дили поки Латофат гувоҳӣ медиҳад, ки Нодир дар ҳамин чост, Нодирро ба ҳеч чо бадарға накардаанд! ... Бале, вай барои Нодир бояд зинда, саломат ва пок бошад! Имрӯз не, пагоҳ Нодир озод мешавад ва чорае мечӯяд, ки ӯро аз қафас озод кунад!

Ин фикр ба тани ӯ чон бахшид, рӯҳи пажмурдааш аз нав болу пар баровард. Аз чо бархост, ба даҳлез баромада рӯяшро бо оби хунук шуст ва ба худ сахт қарор дод, ки бо ҳар хел баҳонаҳо қассобро аз худ дур мекунад, намегузорад, ки қадами нопоки ӯ ба рӯи бистари арӯсӣ расад. Латофат ақл дорад. Латофат аз дунё умед дорад, Латофат метавонад ин пирговро ба шохаш ресмон баста кашола карда гардад. Барои ин далер будан, батадбир будан ва аз рӯи ақл кор кардан лозим аст. Ҳамаи ин хосиятҳо дар Латофат ёфт мешаванд.

Ҳамон шаб қассоб ба гуфтааш истодагарӣ кард, Латофатро ба ҳоли худаш гузошт ... Латофат рӯзи дигар аз хоб бедор шуда ба даргоҳи худо сад шукр кард, ки

— Наход? — боз саросема шуда пурсид қассоб. — Дар Қӯқанду Тошканд чӣ?

— Акнун дар Қӯқанду Тошканд ҳам инқилоб шуд гуфтан гиред.

Писари савдогар тозон ба сӯи ҳавлиаш рафт. Қассоб ҳам тез-тез қадам монда ба сӯи бозор рафт, ки кани дар он ҷо чӣ хабарҳои тоза мешунаванд.

Ду ҳафта шуд, ки Латофат азой, ба касе гап намезад, ба касе нигоҳ намекард. Мегиряд, мегиряду баъд ба даҳлези хона баромада дасту рӯяшро мешӯяд ва боз ба хона даромада ба назди тиреза мешинаду китоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро гирифта мехонад. Оҳ мекашад, менолад ва боз мехонад. Ба ҳоли Маҷнуну Лайлии аз ҳам ҷудо гашта раҳмаш меомад ва ҳаёти онҳоро бо ҳаёти худаш муқоиса мекард. Худашро ба ҷои Лайлӣ, Нодирро ба ҷои Маҷнун мегузошт ва ғам мехӯрд.

Марги ногаҳонии падараш, ҳарчанд ба вай даҳшатовар, ба вай хеле вазнин буд, вале ӯро аз як бало наҷот дод. Ба марги падараш азо гирифта, қассоби лаинро фармуд, ки ӯро ба ҳоли худаш гузорад, набошад заҳр хӯрда худашро ҳалок месозад. Қассоб, ки аз тарафи Холдорхон ҳам хеле таҳдид шунида буд, Латофатро ба ҳоли худ гузошт ва мунтазири муддати азодорӣ шуд. Холдорхон гуфта буд, ки то рӯзи чили падараш нагузарад, Латофат рӯи шавҳарро набояд бинад.

Дар ин байн тобистон гузашта, тирамоҳ даромад. Моҳи ноябр ба охир мерасид. Ҳаво хунук шуда буд. Дар хонаи калон сандалӣ кушода бошанд ҳам, гоҳ ангишту алав мерехтанд, гоҳ не. Худи Латофат азбаски намехост шумшакли қассобро бинад, аз хона берун намебаромад ва ба сандалӣ алов намекард. Қамзӯли бахмалро ба худ печонда, сарбандро ба сару гардан баста, поҳоро бо кӯрпача печонида менишаст.

Он рӯз барф меборид. Қассоб ба зудӣ аз ҳавлӣ баромада нарафт. Латофат ҳам аз хона берун набаромада менишаст.

— Уввв, дугонае! — гуфта аз дар даромадани Холдорхон ӯро аз хондани китоб ҷудо кард. — Хонатон читу хунук! Ба сандалӣ алов накардагед?

— Шӯятон даромада-баромада гашта буд, — гуфт Латофат, шумшаклро набинам гуфтам.

— Набошад, ман ҳозир аз таи оташдон аловҳои ҷуғ-

ро мебиёрам, шумо як хокандоз ангишт оварда резед; андак ҳаракат кунед, анча гарм мешавед.

Палонҷҳо яке ангишт, дигаре алов оварданд, дар як дам сандалӣ гарм шуд ва ҳар дуяшон поҳои сардгаштаи худро ба сандалӣ то миён ҷо карда, ба суҳбат нишастанд.

— Аз навигариҳо хабар доред? — пурсид Холдорхон.

— Не, чӣ навигарӣ?

— Дар Фитирбург инқилоб шудааст, болшевикҳо ҳукуматро ба даст гирифтаанд. Акнун дар Тошканду Қӯқанд ҳам инқилоб мешудааст. Конибодоми мо ба дасти болшевикҳо медаромадааст.

— Инқилобаш чӣ? — ҳайрон шуда пурсид Латофат.

— Инқилобаш, надонам, ҷанг будагист, — гуфт Холдорхон. — Болщевикҳо бояд ҷанг карда, ҳукуматро ба дасти худ гиранд.

— Болшевикҳо киҳо бошанд?

— Болшевикҳо, —гуфт хаёл карда истода Холдорхон, — якбор ба ман аком гуфта буданд, болшевикҳо устоҳои поезд, роҳи оҳан, баъд мардикорони заводҳо, коре карда, бечораҳо будаанд. Агар дар Конибодоми мо ҳам болшевикҳо зӯр бароянд, Нодир баринҳо ҳукумат мешаванд.

— Илоҳӣ аз даҳанакатон! Кошкӣ Нодири ман озод шаваду маро ҳам озод кунад.

— Э, дугона, хабари муҳимро нагуфтаям, — гуфт Холдорхон. —Нодирро озод кардаанд.

— Рост? Рост? —гуфт якбора овоз баланд карда Латофат. —Қанӣ вай? Дар куҷо?

— Озод шуданкатӣ даррав ба пеши шумо меомад?— хандида пурсид, Холдорхон. — Аз ҳабс озод карда мингбошӣ дар хизмати худаш нигоҳ доштааст, мегӯянд. Боз гӯё хабар ҳаст, ки аз ҳабс озод шуда рост ба пеши мардикорҳои завод, ба пеши шарикони падараш рафтааст.

— Худоро шукр, сад ҳазор бор шукр! —гуфт хурсанд шуда Латофат ва дар лабонаш табассум намудор гашт. — Илоҳӣ, хабаратон рост бошад. Агар Нодир халос шуда бошад, албатта маро ҳам халос мекунад.

— Қассобро мекушад? —бо воҳима пурсид Холдорхон.

— Вай одамкуш не, — гуфт бо қатъият Латофат. — Вай

Китобхонаи
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
Библиотека
Технологического университета
Таджикистана
Инв. №

коре карда маро халос мекунаду қассобро ба шумо месупорад, дугоначон, асло парво накунед!

— Росташро гӯям, — гуфт Холдорхон. — Қассобатон ба ман ҳам даркор не. Чӣ кор кунам, ки бахти сиёҳ ҳамин будааст. Акнун ба тақдирам тан медиҳам-дия.

Не, Латофат тақдир гуфта, тан дода намегардад. Вай саркаш аст, вай худро мазлумаи нотавон ҳис намекунад, вай ба тадбиру андеша кор мекунад, ба муроду мақсадаш мерасад, албатта! Вай дар худ чунон қувваеро ҳис мекунад, ки агар лозим шавад, даст ба гиребон ҳам мешавад, зеро ки дасту бозувонаш ҳанӯз пурзӯранд... Бедарак «зан» нагуфтаанд. Вай задан ҳам метавонад, аз ҳеҷ кас наметарсад, ба ҳеҷ кас мутеъ намешавад, гардан хам намекунад, магар ки ба Нодир!

Бале, Нодир ҳар чӣ гӯяд, ҳар чӣ фармояд, вай ба чон ичро мекунад. Нодир каси вай, Нодир маҳбуби вай, Нодир пушту панохи вай аст... Оё дар кучост, Нодир?!

Дар ин дам Нодир дар хонаи дӯсти азизаш, шогирди падараш коргари заводи пахта —Сангинмурод менишаст. Хонаро печкаи чӯянӣ гарм мекард. Онҳо, ду рафиқ гирди мизи майда, рӯи курсиҳои чӯбин нишаста чой менӯшиданд.

— Гуноҳи ман ҳамин ки Латофатро, духтари ҳамсояамонро дӯст доштам, —мегуфт Нодир ба дӯсташ. — Аз дилу чон дӯст доштам. Лекин ба Латофат қассоб чашми ҳариси худашро дӯхта будааст. Ана ҳамаи гап ҳамин. Хайрият, ки мингбошӣ инсоф кард. Ба даъвои оқсаққолу амин аҳамият надод.

— Мингбошӣ одами бад не, —гуфт Сангинмурод. — Дар комитети мо ҳама ӯро таъриф мекунанд. Лекин амину оқсаққолҳояш бисёр нобобанд, бештар ӯро фиреб медиҳанд, ба роҳи бад ташвиқ мекунанд, пора доданӣ мешаванд; лекин вай пора намегирад. Даромадаш калон, замину боғ дорад, деҳқонҳои бисёре барои вай кор мекунанд.

— Рост, рост, —гуфт Нодир, —мингбошӣ одами бадавлат аст ва ҳам дасткушод. Ҳатто ба мани бандӣ ҳар шаб оши палав, кабоб, шӯрбоҳои сергӯшт оварда медоданд. Гоҳ-ногоҳ худаш омада аз ҳоли мо хабар мегирифт. Дар ҳабсхонаи вай одамро бисёр намедоранд ё озод мекунанд ё ба Қӯқанд мефиристанд. Намедонам

ситораи ман ба вай маъқул шуд магар ки маро зуд озод ҳам накарду ба Қуқанд ҳам нафиристод.

— Дар ҳаққи ту аз мо омада пурсиданд, —гуфт Сангинмурод, —мо гуфтем, ки Нодир ҷавони ҳалолу покиза аст, дар ҳаққи вай тӯҳмат карданд. Мингбошӣ ба гуфтаи мо бовар кард. Лекин туро озод ҳам карда наметавонист, душманонат бақувват буданд. Акнун ки инқилоб ва ғалабаи болшевиконро фаҳмид, туро озод кард. Дигар, душманонат ба Қӯқанду Тошканд муроҷиат карда наметавонанд. Худи губернаторҳо ҳам дар ҷояшон ковок нишастаанд. Намедонанд, ки чанд рӯзи дигар умрашон мондааст.

— Хайр, дар мо кай инқилоб мешавад?

— Сабр карда ист, вақт кам монд.

— Ман бе Латофат зиндагӣ карда наметавонам. Маслиҳат деҳ, чӣ кунам? Рафта вайро гирифта гурезам? Ё қассобро буғӣ карда кушам?

Сангинмурод хандид.

— Ту девонагӣ накун! —гуфт. —Худат аз ҳабс базӯр халос шудӣ, боз мехоҳӣ, ки ба дасти душманонат дастак қаппонда диҳию гашта ҳабс шавӣ?!

Нодир гап назад. Вай намедонист чӣ кунад, чӣ кор карда Латофатро аз банд наҷот диҳад. Аз касе фаҳмида буд, ки имрӯзҳо Латофат ба марги падараш азо гирифта рӯи ҳеҷ касро намедидааст. Агар зудтар ӯро халос накунад, бемор шуданаш, худо накарда ба фалокат дучор шуданаш мумкин. Чӣ кор кунад, чӣ кор кунад! Ягон чора ҷустан лозим...

— Ба фикри ман, —гуфт Сангинмурод ба хомӯшӣ халал дода, — дар ин бора рафта бо худи мингбошӣ маслиҳат кун. Гӯй, ки қассоб маҳбубаи маро зӯран гирифта, дар хона қаба карда мондааст. Духтар гуфтааст, ки агар ба ман даст расонӣ худамро мекушам.

— Ин маслиҳати ту боаклона аст, —гуфт хурсанд шуда Нодир. — Мингбошӣ аз воқеа хабар дорад, бояд ба ман маслиҳати хуб диҳад...

Дар ин муддат хабаркашҳои мингбошӣ хабар доданд, ки Латофат дар хонаи қассоб рӯи касро намедидааст, худро куштанӣ будааст. Ба ғайр аз Нодир ба каси дигар намерасам мегуфтааст. Қассоби пир ҳам ҳеҷ коре наметавонистааст... Ин хабарҳоро шунида мингбошӣ ҳайрон шуд, намедонист, ки ба чӣ роҳ ба Латофати мазлума ёрӣ расонад. Охир, ҳар чӣ ҳам бошад, вай зани никоҳии қассоб аст. Агар мингбошӣ мудохилае кунад, мардуми

мусулмон, эшону муллоҳо ба шӯр омаданашон мумкин. Вай дар кабинети худ роҳ гашта истода фикр мекард, ки ё худи қассобро ҷеғ зада воқеаро пурсад, аз ҳоли Латофат ҷӯё шавад, ӯро —қассобро ба инсофу мурувват ҷеғ занад. Албатта, қассоб дурӯғ мегӯяд, Латофат зани ман гашта хушбахт шуд, мехӯрдагиаш дар пешаш, намехӯрдагиаш дар пасаш мегӯяд... Не, қассоби пир ки харoҷоти бисёре карда Латофатро гирифтааст, ба осонӣ ӯро аз даст намедиҳад... Пас чӣ бояд кард?...

Дар ҳамин дам Нодир омада аз вай иҷозати қабул хост. Мингбошӣ хурсандона ӯро қабул карда, аҳволпурсӣ намуд.

— Хӯш, аҳвол чӣ тавр? Ба шикор рафтӣ?

— Не, ба шикор дасту дилам намеравад, хӯҷаин, — гуфт Нодир. —Худатон медонед, ки модарам пири барҷомонда шудагӣ, дастёр надорад, Шабу рӯз зан гир гуфта безор карда аст...

— Хайр, зан гир охир! —гуфт мингбошӣ. — Дар маҳаллаатон духтарҳои муносиб ёфт мешудагист.

— Духтар бисёр, —гуфт Нодир. —Лекин ман ба ғайр аз Латофат дигареро гирифтан намехоҳам.

— Латофат шӯ кард-ку!

— Вай намехост, зӯран ба шавҳар доданд, ҳоло ӯ ба ҳеҷ касе сар нафуроварда, худашро зинда дар гӯр кардааст.

— Ман медонам.

— Агар донед, ба ҳоли мо раҳм кунед, маслиҳат диҳед. Чӣ мегӯед, агар ба ҳавлии қассоб дароям Латофатро гирифта барорам?

— Ҷазо медиҳам! —гуфт мингбошӣ ба таври қатъӣ. —Зани никоҳии як мусулмонро гирифтан, гурезондан гуноҳ аст!

— Хайр, чӣ кор кунам, хӯҷаин, ба додам расед!

— Ман хам ҳайрон, —гуфт Мингбошӣ ва ба хаёл фурӯ рафт.

— Як роҳаш ҳаст, —гуфт ниҳоят вай сар бардошта. — Ба хушӣ қассобро ба роҳ меандозӣ ва мегӯӣ, ки Латофат дар дунё ба ту сар намефарорад, зиндагиатро талх мекунад. Беҳтар ки ӯро талоқ те. Агар вай талоқ диҳад, баъд ту Латофатро ба худат никоҳ мекунӣ.

— Хушӣ ба хушӣ розӣ нашавад чӣ?

— Розӣ мешудагист. Назар ба шунидам қассоб ба ҷонаш расидааст, чӣ кор карданашро намедонистааст.

Пул хоҳад, майлаш, ман ёрӣ медиҳам, дӯстонат ёрӣ медиҳанд.

— Саломат бошед, хӯҷаин! Барои маслиҳати оқилонаатон сад раҳмат. Лекин шумо дар ҳамин кор ба тарафи ман истода бошед, албатта ба муродам мерасам.

— Қоре кун, ки ҷанҷол нашавад. Ман дар тарафи ту!

Барф меборид, барфи калон-калони лаклакӣ. Рӯз пеш аз вақт торик шуда буд. Дар кӯчаҳо одамон кам монда буданд. Мардум кайҳо хона ба хона шуда, дар гирди сандалиҳо лампа гиронда менишастанд. Дар маркази маҳалла, ки майдоне буду чойхонаи машҳури Ҷӯрахон дар он ҷо воқеъ гашта, одам намонда буд. Ҷӯрахон ва шогирдаш —Аҳмад лампаи даврапилтаи сиюмро равшан кардаанд, аз ду самовори калон якеашро ҷӯшонда, мунтазири чойхӯрон менишастанд.

Ҷӯрахон марде буд миёнсин, чил-чилуяксола, миёнақад, бо рӯи на чандон дарози базеб, бо риши кулӯтаи сиёҳ, бо чашмони калон-калони мешӣ. Дасту бозувонаш пурзӯр, маълум буд, ки баданаш дар меҳнат обутоб ёфта ва боқувват гаштааст. Лабу даҳонаш ҳамеша пуртабассум, хушгап, овозаш ғафси равғанӣ буд.

Аммо Аҳмад ҷавони ҳаждаҳсола, қадбаланд, лоғарандом, бо чеҳраи кушод ва зебо ва бо феълу хӯи хушу нарм.

Ҳарду бо ҳам меҳрубон ва қадрдон буданд. Аксари фурсати умрашон дар чойхона мегузашт. Ҳоло даруни чойхона аз буғи самовор ва ҳарорати лампаи калон чандон хунук набуд. Лекин чӣ шуда буд, ки ин бегоҳ чойхӯрон набуданд.

Дар рӯ ба рӯи чойхона дӯкони қассобии Неъмат қассоб ҳам кушода буд.

— Аҳмад, —гуфт Ҷӯрахон ба шогирдаш. —Неъматқассоб гӯшташро фурӯхта натавонист магар, ки ҳанӯз дӯконашро набастааст.

— Ҳа, —гуфт Аҳмад, —имрӯз се-чаҳор гӯсфанд кушта овард, лекин харидораш кам буд.

— Ему хошок имсол кам шуд-дия, —гуфт Ҷӯрахон, —қассоб намехоҳад, ки гӯсфандҳо хароб шаванд, зудтар пул карда гирифтан мехоҳад.

Устою шогирд дар ҳамин гап буданд, ки дари чойхона кушода шуду ҷомаю телпакашро аз барф афшон-

Инро гуфту қассобро пеш андохта аз чойхона баромада рафт.

Имом ба Ҷӯрахон мурочиат кард:

— Худаш чӣ гап, Ҷӯрахон? Мо нафаҳмидем-ку?

— Фармони мингбошӣ шудааст! — гуфт Ҷӯрахон. — Қассоб, ки духтари раҳматӣ Аҳмадҷонро зӯран ба ҳисоби қарзи додагеш гирифта буд, нодуруст шуморидаанд. Духтар худашро куштанӣ шудааст. Ба ғайр аз Нодир ба каси дигар намерасам мегуфтааст. Ана, барои ҳамин қассоб занашро се талоқ карду Нодир рафт, ки духтарро гирифта биёрад. То шумо намози хуфтанро адо мекунед, Нодиру Латофат ба ин ҷо меоянд. Мо шоҳид мешавем, шумо ақди никоҳ хонда ду ҷавонро ба ҳамдигар мерасонед. Албатта хизматонааш калон мешавад. Лекин аз ҳар дуи шумо хоҳиш ҳамин ки дар масҷид ҳоло ин гапро паҳн накунед! Агар мингбошӣ шунавида монанд, ки шумо пеш аз маҳал овоза кардед, хафа мешаванд.

— Не, не, —гуфт имом. —Мо ақламонро нахӯрдаем. Фармони ҳоким, фармони худост!

— Бале, бале, —гуфт сӯфи ҳам. —Ман рафта азони хуфтанро гӯям.

— Ҳа, ҳа, ман ҳам бо шумо меравам! — гуфт имом ҳам аз ҷо бархоста.

Вақте ки онҳо, имому сӯфӣ аз масҷид баргашта ба чойхона омаданд, дар як кунҷ Нодиру зани фаранҷӣ бар саре менишаст, Нодир ба по рост истода онҳоро пешвоз гирифт. Ҷӯрахон ва шогирдаш дар қарибии занак менишастанд.

—Марҳамат, марҳамат! —гуфт Нодир. —Мо мунтазир.

— Падарвакил пурсидед? — суол дод имом.

— Ҳо, тақсир! — гуфт Ҷӯрахон. —Мо шоҳид ва гувоҳем.

— Набошад, як коса об биёред! —фармуд имом.

Як коса об оварда ба миён гузоштанд. Имом ба таври расмӣ гувоҳҳоро пурсиду баъд хутбаи никоҳро хонду омин кард. Ҳозирон, Нодиру Ҷӯрахону шогирдаш аз косаи об як култ-як култ нӯшиданд ва бо ҳамин қоидаи ақди никоҳ ба ҷо оваронида шуд. Сӯфию имом муздди корашонро аз муқаррарӣ зиёдтар гирифта, ба ҳаққи арӯсу домод дуои хайр карданду баромада рафтанд. Пас, Нодир ба Ҷӯрахон мурочиат кард:

— Пагоҳ фурсат ёфта ба ҳавлии мо биёед, худамон як нишаст мекунем.

— Хуб писарам! —гуфт Ҷӯрахон. —Ҳозир мо шуморо то ба ҳавлиатон гусел мекунем.

Ҳар чаҳор аз чойхона баромада дари онро бастанд. Барф меборид, роҳҳо сафед шуда буданд.

Моҳи январ хунукӣ ба дараҷаи ниҳоят баланд расид. Оби ҷӯйҳо ва ҳавзҳо ях баста буд. Барф ба рӯи замин кӯрпа шуда мехобид. Таи по лағжонак шуда буд. Дар кӯча мардум дониста, бо эҳтиёт ва оҳиста қадам монда мерафтанд. Дар Қонибодом зимистони қаҳратун ҳукм меронд.

Рӯзи даҳуми январ Нодир хаста ба хона баргашт. Дарвозаи ҳавлӣ аз дарун маҳкам буд. Пас аз хеле тақ-тақ задан Латофат баромаду аввал «кист?» гуфт. Пас аз овози шавҳарашро шунидан дарвозаро кушоду гиря карда худро ба оғӯши ӯ партофт.

— Ҳа, ҳа, чӣ шуд? —пурсид Нодир. —Кадом ноинсоф ту, маликаи маро ранҷонид?

Латофат сар ҷунбониду чизе гуфта натавонист, гиря гулӯгираш карда буд. Нодир ӯро бардошта ба ҳавлӣ даровард. Ба рӯи суфа гузошта оби чашмонашро бо рӯмоли худаш пок кард.

— Гап зан, азизам! — гуфт.

— Ман, —гуфт Латофат оҳи сарде кашида, —дар ошхона камтар пиёз пора карда, барои шумо пиёба пухтанӣ будам, ки дарвоза тақ-тақ шуд. Ман шумо гуфтагӣ барин доим дарвозаро занҷир карда мешинам. Гумон кардам, ки шумо омадагиед. Бо вуҷуди он кист гуфта пурсидаму аз таркиши дарвоза нигоҳ карда дидам, ки як мардаки ришдарози бегона.

— Кушоед, ман ба Нодирҷон кор дорам! —гуфт. Ман накушодам, гуфтам, ки Нодирҷон нестанд, аз кор ҳанӯз барнагаштаанд. Баъд вай фикр карда истоду аввал ғуррос зада ҳақорат дод, баъд гуфт, ки Нодирҷонатба гӯй, ки аз умраш кам мондааст. Корашро дониста кунад, моро маҷбур накунад, ки аз даму соаташ пештар ба ҳалқи вай корд монем. Баъд рафту ғоиб шуд. Ман тарсидам. Хостам, ки рафта шуморо огоҳ кунам. Хайрият, ки омадед.

— Натарс, азизам, —гуфт Нодир. —Биё ба хона дароем, ҳаво хунук. Ба сандалӣ ангишт андохтӣ?

— Ангишт.... ангишти хока андохтам, охираш...

— Ҳеҷ боке не, ҳолӣ рафта аз хӯҷаин боз як линга ангишт металабам. Не намегӯяд.

Зану шӯ ба хона даромаданд, ба гирди сандалӣ, дар як кодок, ба ҳамдигар зич нишастанд, аз ҳарорати ҳамдигар, аз муҳаббати ҳамдигар гарм шуданд. Нодир занашро хуб навозиш кард, бӯсид ва тасаллӣ дод.

— Аз дӯғу пӯписаи душманҳо натарс, ҷонам —гуфт вай. —Ба ман ҳеҷ коре карда наметавонанд. Хӯҷаин медонад, ки душманҳои ман ором намегарданд, бинобарон ба ман ана ин таппончаи шаштираро дод. Мерган ва тирзан будани маро худат медонӣ. Боз дар хона милтиқи шикорӣ дорем, тираш мерасад.

Нодир аз кисабағалаш таппончаи нави майдаро бароварда нишон дод.

— Ҳамин таппончаяк шаш тир дорад? —пурсид Латофат.

— Шаш тир, —гуфт Нодир. —Даруни дастааш тирдонаш.

— Ба ман ҳам тирзаниро омӯзед.

— Ба ту чӣ даркор, вақте ки мерган шавҳари туст!

— Худо накарда даркор шуданаш мумкин аст.

Нодир аввал ҳайрон монд, баъд ба дурандешии занаш қоил шуд.

— Майлаш, —гуфт таппончаро ба даст гирифта. — Ана, ин мехро зер кунӣ тирҳо мерезанд. Ана, дидӣ?

Ҳамин тавр, Нодир ҳамаи майда — чуйдаҳои таппончаро нишон дод. Баъд чӣ хел нишон гирифтан, чӣ хел парронданашро гуфта дод. Пас милтиқи шикориро, ки дар мехи хона овезон буд, гирифта нишон дод ва чӣ хел нишон гирифтан ва чӣ хел парронданашро фаҳмонд.

— Ягон рӯз, ҳаво гарм шавад, аз хӯҷаин рухсат гирифта беруни шаҳр меравем, тирпарронӣ мекунем. Акнун рафтем ба ошхона, дукаса ягон дами гарм пухта хӯрем.

Ду ҷавон бо сахтию нимсеру нимгурусна зиндагӣ кунанд ҳам, хушбахт буданд. Ҷавонӣ, ишқи сӯзон ҳамаи мушкилиро дар назди онҳо осон мекард. Бале, мешавад, ки мо қадри ҷавонӣ, бӯзбалагӣ ва баҳори умрро намедонем. Он ҳарорат, он шавқу ҳавас, он қувваи мушкилосонро бедарак, ба ҷоҳои нодаркор сарф мекунем, исроф мекунем. Он мояи ҳаётро бераҳмона нобуд ме-

кунем, гумон мекунем ,ки ин хазина, ин бойигарии ҷавонӣ охир надорад, бо сарф кардан тамом намешавад. Намедонем, ки дар паси ин ҳама диловариҳо, дар ақиби ин пардаи тунуки ҷавонӣ тортанаки пирӣ, камҳавасагӣ ва нотавонӣ руст шуда аст...

Охирҳои моҳи феврали соли 1918 дар Қонибодом баҳор омад, баҳори нозанин! Барфҳо об шуданд, офтоби хуррам бо меҳр ба ин шаҳри қадима назар мекард. Рӯзҳо дарозтар, шабҳо кӯтоҳтар шуда буданд. Дарахтҳо муғҷа бастанд, дар канори ҷӯйборҳо сабза дамид, гулҳои аввалини баҳорӣ дар офтобрӯяҳои теппаҳо пайдо шуданд. Бӯи баҳор димоғҳоро муаттар кардан гирифт.

Ҳамроҳи баҳор ҳокимияти шӯроӣ омад. Дар ҳавлии мингбошии собиқ ки вай ба ихтиёри худаш онро ба ҳукумати нав тақдим карда буд, аввалин комитети иҷроияи районӣ ташкил ёфт. Дар болои дарвозаи ин ҳавлии бошукӯҳ байрақи сурхи инқилобӣ ҷилвагар гардид. Мингбошӣ, ки тарафдори ҳукумати нав, тарафдори ҳукумати шӯроӣ шуда буд ва худаш ёрӣ дода васиқа, санадҳо ва ҳамаи коғазҳои даркорӣ, балки ҳамаи асбоби мирхонаро ба комитети иҷроия супурда буд, дар ҳавлии дарун истиқомат мекард ва ҳокимияти нав ба ӯ кордор нашуд. Ҳатто гоҳ-гоҳ ӯро чеғ зада маслиҳат мепурсиданд ва корҳои ташкилиро пеш мебурданд. Писарони мингбошӣ, ки хондагӣ ва навфикр буданд, дар идораҳои ҳукумат ба кор даромаданд. Нодир ҳанӯз хизмати мингбоширо мекард. Мингбошӣ ба вай мисли падар шуда буд. Гоҳо ҳамроҳ ба шикор мерафтанд. Мурғи титав, мурғобӣ, баъзан харгӯш шикор карда меомаданд.

Он рӯзе ки мо дар садади тасвири он ҳастем, офтобӣ ва хуррам буд. Ҳаво форам, аз ҷониби шарқ шамоли форам мевазид. Аз тарафи саҳро бӯи баҳор, бӯи алаф ва бӯи гули наргис меомад. Мурғакони бисёре нағмасароӣ мекарданд. Нодир ба кӯча баромада нафаси чуқуре кашиду дилаш фараҳ ёфт. Ба худ гуфт, ки ба хӯҷаин мегӯям, агар хайр гӯяд, дукаса ба шикор меравем...

Лекин мингбошӣ узр гуфт.

— Имрӯз андак вазнин шуда аз хоб хестам. Сарам дард мекунад, ба шикор рафта наметавонам. Худат рав, лекин дур нарав. Замонаҳо нобоб, дӯст ҳаст, душман ҳаст.

— Хуб, —гуфт Нодир ва каме мулоҳиза карда исто-

да пурсид: — Латофатро ҳамроҳ барам чӣ мешуда бошад? Ҳавои саҳро хӯрда камтар фараҳ ёфта биёяд.

— Мешавад, —гуфт мингбошӣ. —Албатта ҳамроҳат гир! Шикор кардан, милтиқ парронданро омӯз.

— Ман андак-андак омӯзондам, —гуфт Нодир. — Таппонча парронда метавонад, милтиқро ҳам. Латофат духтари далер ва ҳушёр баромад.

— Бисёр кори хуб кардӣ, —гуфт мингбошӣ. — Акнун замона дигар шуд, мебинӣ, ки занҳо ҳам баробари мардон кор мекардагӣ, босаводу далер мешаванд.

— Занҳои рус барин-а?

— Ҳа, зани русу зани мусулмон чӣ фарқ дорад? Лекин занҳои рус бефаранҷӣ, баробари мардон кор мекунанд, хату савод доранд. Занҳои мусулмон хонашин, бесавод, мазлума...

— Занҳои мусулмон ҳам бефаранҷӣ ба кӯча мебароянд гӯед? —ҳайрон шуда пурсид Нодир.

— Эҳтимол, —гуфт бо табассум мингбошӣ. — Лекин ҳолӣ не. Ба ин корҳо фурсат лозим мешавад. Ҳоли ҳукумати нав қоматашро дурусттар рост кунад, душманонашро барҳам дода ҳамаи халқро ба тарафи худаш гирад, ана баъд оҳиста-оҳиста...

— Хайр, то ба ҳамон вақт расем! —гуфт орзу карда Нодир.

— Бале, бале —гуфт мингбошӣ, —насиб бошад, шумо мерасед. Лекин ту ба Латофати худат, ки далеру нотарс аст, шикор карданро омӯхтан гир!

— Хуб, хӯҷаин.

— Акнун маро хӯҷаин нагӯй, дадо гӯй ё амак гӯй! Ту мисли писарони ман ҳастӣ.

— Раҳмат, амакҷон! —гуфт Нодир ва аз назди мингбошӣ баромада ба сӯи ҳавлии худ равон гашт. Дар роҳ шогирди Ҷӯраҳои чойхоначиро диду саломуалек ва пурсупос кард.

— Ҳа, ба куҷо ин қадар саросема?

— Ба ҳавлии Неъматқассоб, —гуфт писарак, —мегӯянд ки ҷонканон аст, эҳтимол гузашта бошад. Усто маро фиристоданд, ки хабар гирифта биёям. Шумо албатта намерафтагиед?

— Агар гузашта бошад, ба фотеҳа меравам. Лекин вай ба зудӣ ҷон намедиҳад.

— Хайр, шумо ба чойхона рафта як пиёла чой хӯрда шинед, ман хабар гирифта омада мегӯям.

— Не, додарам, ман қасд кардагӣ, ки имрӯз ба шикор равам. Аз қасдам намегардам.

— Хайр набошад, —гуфт писарак, —шикоратон барор гирад!

Шогирди Ҷӯрахон ба сӯи ҳавлии қассоб ва Нодир ба сӯи ҳавлии худ шитофтанд. Ҳамаи ин сӯҳбат дар қарибии ҳавлии оқсаққол шуд.

Нодир хурраму шод ба ҳавлӣ, ба назди Латофат расиду гуфт:

— Латофатҷони ширин! Зуд камзӯлатро пӯшида, сарбанди шолатро ба сару гарданат печонида банд.

— Барои чӣ?

— Ба шикор меравем, ҳардуямон ба шикор меравем. Мингбошӣ амакам гуфтанд, ки он кас саҳл нотоб шудаанд, ба ҷои ман Латофатро гирифта бар, шикор карданро омӯз.

Латофат, ки дар ошхона косаю чойнику пиёлаҳоро тоза карда мешуст, аз ин даъвати шавҳараш хурсанд гашта аз ҷо бархост.

— Рост мегӯед, ё ҳазил?...

— Наход, ки дурӯғ гӯям!

— Чӣ хел мешавад, ки зан ба шикор равад? Бо фаранҷию чашмбанд?

— Фаранҷию чашмбандро мепартой-да.

— Мардум чӣ мегӯянд?

— Дар кӯҳу дашт мардум чӣ кор мекунанд?

— То ба ҳамон ҷо расидан фаранҷию чашмбанд бояд гирам?

— Хайр, то аз шаҳр баромадан фаранҷӣ гир!

— Пиёда меравем?

— Ҳа, ба шикор кӣ сувора рафтааст?! Мо дур намеравем. Дар ҳамин қарибӣ, дар пушти теппаи баланд шикоргоҳи нағз ҳаст. Мурғи титав аз зери по мепарад, харгӯш ҳам ёфт мешавад. Агар шикор барор гирад, рӯбоҳ ҳам баромаданаш мумкин.

Ҳамин тавр маслиҳат пухт ва пас аз ним соат зану шӯ пасу дунбол аз ҳавлӣ баромаданд. Латофат бо фаранҷӣ аз паси Нодир, ки дар китфаш милтиқи шикорӣ буд, тез-тез қадам монда мерафт.

Вақт чоштгоҳ шуда буд. Офтоб хуррамона нур мепошид. Барфҳои зимистон ду-сэ рӯз пеш об шуда, замин ҳамвор ва хушк шуда буд. Дар беруни шаҳр, ки шамолравтар буд, аз барфу намӣ нишона набуд. Онҳо аз роҳ бероҳа шуда, аввал ба воситаи дашти холӣ як-ду ки-

лометр роҳ гаштанд, баъд аз пеш теппаю кӯталҳо пайдо шуданд. Вақто ки кӯтали якумро гузаштанд, Латофат фаранҷиро аз сар гирифт.

— Уфф ... Хаста шудам! — гуфт вай ва фаранҷиро таҳ карда ба рӯи як баландии суфамонанд партофту аввал нишаст ва баъд рӯяшро ба осмон карда дароз кашид. Нодир ба гирду атроф бо диққат нигоҳ кард. Дар он ҷоҳо аз ҷинси одам касе набуд. Домани теппаю кӯталҳо сабзгун гашта, аз зери хок ҳар гуна гулу гиёҳҳо неш зада мебаромаданд. Дар фазо чаковакон парвоз карда чаҳ-чаҳ мезаданд. Дар ин фасли сол чаҳ-чаҳи ин ҷонвараки майда, ки дар ишқи ёри худ парвозкунон месароид, аз хониши булбул ҳам хуштар ба гӯш мерасид. Чаковак ёрашро медид ё на, маълум набуд, лекин ёри вай, ёри Нодир дар ҳамин ҷо рӯи суфачаи хокӣ мисли парии сармаст дароз кашидааст ва дар лабонаш табассуми мамнуният ва хушбахтӣ гул кардааст. Нодир милтиқро аз китф гирифта ба замин гузошту ба назди ёраш рафт ва хам шуда аз рӯи лолагуни вай бӯсае гирифт.

— Шаби дароз бӯсидед, сер нашудед-чӣ?

— Не, не, —гуфт Нодир бо шавқ, —аз ту, аз бӯсаи лабу рӯи ту серӣ нест!

— Ягон кас омада монад, чӣ мегӯяд? Айб не ки дар саҳро . . .

— Ин кайфи дигар дорад.

— Хайр, аз ин ҷо шинед, ман чӣ мегӯям!

Нодир дар паҳлӯи занаш нишаст.

— Ана вай мурғакро дидед, боло парвоз карда, дар як ҷо канот зада меистаду чаҳ-чаҳ мезанад?

— Ҳа, мурғаки хушхон...

— Вай барои занаш ашӯла мехонад. Ҳозир занаш ман барин. Дар қарибӣ чӯҷа мебарорад. Шумо бошед...

— Ман чӣ? Ман чӣ? Ман ҳам ашӯла мехонам.

Инро гуфту Нодир аз сараш телпакашро гирифта, мисли табақча, ё ки доира ба рӯяш наздик оварда — дур карда, ба сурудан сар кард:

> Гар дилам дар ишқи ту девона шуд, айбаш макун,
> *Бадр бенуқсону зар беайбу гул бехор нест,*
> Дӯстон гӯянд, Нодир, хайма дар гулзор зан,
> Ман гулеро дӯст медорам, ки дар гулзор нест.

Овози вай ки форам ва равғанӣ буд, ба кӯҳу саҳро танинандоз гашт.

— Саломат бошед, Нодирчон, — гуфт аз чо бархоста нишаста Латофат. —Овозатон чарангос мезанад. Ҳофизи ғазалхон мешудед, ҳамаро қоил мекардед.

— Гапат рост, —гуфт Нодир ба таври ҷиддӣ. — Ашӯла гуфтанро дӯст медорам. Ҳар вақт, ки танҳо худам ба шикор мебароям, дар ҳамин дашту кӯҳсорҳо яккафарёд мекашам. Овози маро мурғакон, ҷонваракони дашту кӯҳсор дӯст медоранд.

— Ҷӯраҳо, шарикҳоятон чӣ? —пурсид Латофат.

— Ҷӯраҳо ҳам дӯст медоранд. Чандин бор дар тӯйҳо бо ҳофизони номӣ тараф шуда будам.

— Хайр, барои чӣ ҳофиз нашудед?

— Аз ҳофизӣ дида шикору аспсаворӣ, диловариро бештар дӯст медорам. Акнун туро дӯст медорам. Баъд аз чанд моҳи дигар писарча ё духтарчаи туро дӯст медорам!

— Хайр, набошад ба ман ҳам шикор кардан, таппончаю милтиқ парронданро дурусттар омӯзед. Ман ҳам мехоҳам, ки дар ҳар кор шарики шумо бошам.

— Балота гирам, Латофат! —гуфт Нодир ва занашро сахт дар оғӯш карда бӯсиду аз бағалаш таппончаро бароварда ба дасти вай гузошт. — Гир, канӣ дар дашт чӣ тавр мезанӣ!

Латофат таппончаро гирифту пурсид:

— Чиро нишон гирам?

— Ху, ҳамон сангеро ки дар он баландӣ намуда истодааст!

Латофат аз чо бархосту ба як зону нишаст ва оринҷи дасташро ба зонуи қаткардааш гузошта, таппончаро рӯбарӯи чашмаш бардошта, аввал хуб нишон гирифт, баъд парронд.

— Задам! — гуфт хурсанд шуда.

— Мебинем, — гуфт Нодир, — Ман рафта сангро гирифта биёрам.

Нодир аз чо бархосту тохта рафта ба сари теғаи теппа баромад ва мехост ки сангро аз ҷояш канда гирад, нохост аз қафо овози тири милтиқ баланд шуду вай китфи худро дошта ба он тарафи теппа ғелида рафт. Латофат якбора чир зад:

— Нодир! Нодир! —мехост, ки аз паси Нодир давида равад, дар сари теғаи теппа оқсаққол, дар даст милтиқи шикорӣ пайдо шуд ва қоҳ-қоҳ хандида гуфт:

— Нодират ба ҷаҳаннам рафт, акнун ту, меваи ширин насиби коми ман шудӣ!

— Не, не! —гуфт Латофат. —Ту, худат ба ҷаҳаннам меравӣ!

Ва нишон гирифта куланги таппончаро пахш кард. Тири таппонча бехато рафта дили сиёҳи оқсақолро сӯрох карду ҷасади берӯҳи ӯ ғелида ба зери пои Латофат афтод.

Ин аввалин мурдае буд, ки вай медид ва мурдае ки аз тири таппончаи ӯ беҷон гаштааст. Ҳамаи ин ҳодисаҳои фавқулодда, ин ҳодисаҳои пурдаҳшат дар бадали чанд дақиқа рӯй дод, ки Латофатро ба худ ларзонид, рангаш канд, нафасаш набаромада, вай ҳам гурсос зада ба замин афтод...

Вақте ки ба рӯяш оби хунук пошидаанду сарашро ҷунбонданд, чашм кушод. Дид ки се-чаҳор нафар одамони ношинос дар гирди вай пайдо шудаанд ва ӯро аз замин бардоштаанд.

— Ин чӣ моҷаро? Худаш чӣ гап? — пурсид марди ришу мӯйлабдоре ки ӯро ба рӯи зонуяш дошта меистод.

— Нодир! —гуфт ба зӯр Латофат ва тарафи паси теппаро нишон доду боз чашм пӯшид. Лекин аз хуш нарафта буд. Шунид, ки марди мӯйлабдор ба яке аз шариконаш фармон дод:

— Тозед, рафта аз он тараф хабар гиред! Нодир мегӯяд, кадом Нодир бошад?

Ба рӯи Латофат боз оби хунук расид ва ин дафъа тамоман ба хуш омада сар бардошта нишаст. Омадагон савора буданд. Аспони онҳо дар қарибӣ меистоданд. Марди мӯйлабдор, ки дар либоси ҳарбии аскарони сурх буд, ба танаш нимтанаи пашмин, ба сараш телпаки баррагӣ, дар миёнаш таппончаи мавзир овезон буд, мурдаи оқсақолро нишон дода пурсид:

— Инро кӣ парронда кушт?

— Ман, —гуфт Латофат. — Ман куштам. Ана бо ин таппонча.

— Барои чӣ

— Вай Нодирро парронд. Наход ... Наход, ки...

— Нодират кӣ? Ҳамон ҷавоне ки дар хизмати Ёрмуҳаммад мингбошист?

— Бале, бале, худи худаш...

— Ту ба вай кӣ мешавӣ? Ҳоҳараш ё занаш?

— Занаш! Зани бадбахти сиёҳрӯзии вай мешавам. Наход ки аз тири милтиқи ин лаънатӣ ҷон дода бошад?

— Не, — гуфт марди мӯйлабдор, —ана ба пои худаш омада истодааст.

Дар ҳақиқат Нодир бо дастгирии ду нафар ҷавон аз паси теппа намоён гашт, ки бо пои худаш роҳ гашта меомад. Латофат инро диду якбора ҷон гирифт, аз ҷо давида бархосту ба пешвози шавҳараш тохт...

Латофат берун баромад. Нодир ба рӯи кӯрпача дар зери тиреза нишаста фикр мекард, ки Латофатро аз воқеаи Работ чӣ тавр огоҳ кунад ва чӣ тавр азми худро ба вай гӯяд. Дар даҳ-ёздаҳ рӯзи набудани вай Латофат ба рангу рӯ хеле тағйир ёфтааст, чашмонаш аз камхобӣ чӯкидаанд. Гӯё шикамаш андаке бардошта шудааст. Ман дуҷон гуфта буд. Пас, бо кадом дил ҳамин тавр зани меҳрубон, ҳамин тавр зани маҳбуб ва дуҷонашро партофта ба Работ, барои қассосгирӣ меравад? Агар дуҷон намешуд, Латофатро ҳам бо худаш мегирифт. Лекин нарафта ҳам наметавонад. Хоҳар ва ҷиянҳояш чӣ шуданд. Агар ба ҳоли занаш раҳм карда наравад, қасосро дигарҳо мегиранд гӯяд, духтур, Абдуҷаббор-амак ва дигар одамони дар палата будагӣ чӣ мегӯянд? Лофу газоф зада рафту домани занашро дошта дар хона нишаст, намегӯянд! Албатта, масхара карда механданд.

Латофат дар даст косаи шӯрбо ба хона даромад. Нодир дастархон паҳн кард. Дукаса аз ҳар боб суханҳои дилхушкунак гуфта мурғшӯрборо хӯрданд. Баъд Латофат чой дам карда овард ва ба пиёла кашида ба шавҳараш дод.

— Шумо шунидед, —гуфт Латофат ба шавҳараш хитоб карда. —Босмачиҳо пайдо шудаанд, ба қишлоқҳо зер карда даромада хонаҳои мардумро талаю толон мекардаанд?

— Шунидам, Латофат, шунидам! —гуфт андешамандона Нодир — Як сабаби имрӯз ба хона омадани ман ҳамин хабар аст.

— Чӣ? Чӣ? — гуфт ҳайрон шуда Латофат. — Чӣ хабар?

Нодир зуд ҷавоб надод. Каме фикр карда, воқеаи қишлоқи Работ ва аз ронаш тир хӯрдани қудояшон — Абдуҷаббор-амакро гуфта доду илова намуд: — Ин воқеаро фаҳмида ба духтур гуфтам, ки ба ман иҷозат диҳад, аз ҳоли хоҳар ва ҷиянҳоям хабар гирифта биёям.

— Чӣ, бо ҳамин ҳол дуруст сиҳат нашуда ба Работ меравед? — боз сахттар карда пурсид Латофат. —Дар роҳ душман воҳӯрад, чӣ кор мекунед?

— Ҷанг мекунам!

— Бо кадом қувват? Шумо ҳанӯз дуруст сиҳат нашудед-ку!

— Истода наметавонам, ҷонакам! Ту мефаҳмӣ, истода наметавонам. Ду рӯзи дигар бе ман бош. Ман рафта, аз ҳоли бачаҳо хабар гирифта, онҳоро осуда карда бармегардам. Бо худам ду милтиқ ва тири бисёр мегирам.

— Пиёда, ду милтиқ ва тири бисёр ба гардан меравед? Шумо ақлатонро хӯрдаед. Ман зинда бошам рафта наметавонед!

Нодир дудила шуд. Вай хислати занашро нағз медонист. Агар ба як чиз ва ё ба як кор розӣ набошад, ҳеҷ илоҷ нест, ӯро розӣ кардан амри муҳол аст Пас фикр карда истода гуфт:

— Намепурсӣ, ки як милтиқ доред, милтиқи дуюмро аз куҷо мегиред? Тири бисёрро аз куҷо меёбед?

Латофат ҷавоб надод. Нодир ба гапаш давом дод:

— Ман ҳозир ба ҳавлии мингбошӣ меравам ва аз он кас милтиқ, тир ва як асп пурсида мегирам.

— Мингбошӣ ақл дорад, —гуфт Латофат. —Девона нашудааст, ки ба шумои бемор ду милтиқу тиру асп диҳад.

— Хайр, рафта маслиҳат мекунам.

— Равед, маслиҳат кунед! —гуфт Латофат розӣ шуда. —Лекин ман ин милтиқу таппончаро гирифтан намемонам!

— Майлаш, агар мингбошӣ гуфтаи маро қабул карда, аспу милтиқ диҳад, баъд омада аз хона ин милтиқро ҳам мегирам ва бо ту хайру хуш карда меравам.

— Майлатон!

Нодир Латофатро *дар оғӯш* карда бӯсиданӣ шуд, лекин Латофат ғамгинона рӯ тофт. Нодир аз ҷо бархоста аз хона баромад. Латофат нағз медонист, ки мингбошӣ тафси щавҳарашро паст мекунад ва ҳеҷ гоҳ рухсат намедиҳад ки бо ин ҳоли табоҳ, яккаю танҳо ба қишлоқи Работи дур равад.

Қариб ҳамин тавр ҳам шуд.

Мингбошӣ писархонди худро нағз қабул карда ва сиҳат шуда баромаданашро муборакбод намуд ва дар охир пурсид:

— Иван Фёдорович гуфта буд, ки туро дар охирҳои ҳафта ҷавоб медиҳад, чӣ шуд ки зуд баромадӣ?

Нодир воқеаи қишлоқи Работ ва аҳволи Абдуҷаббор-амакро гуфта қариб буд, ки гиря кунад...

— Аз босмачиҳои хунхӯр қасос гирифтан мехоҳам. Ҷон амаки мулло, ба ман якто милтиқи нағз, камтар тир ва як аспи давандатонро диҳед, кифоя. Ман қишлоқи Работро нағз медонам, бо баландию пастиҳои он ошно ҳастам. Дар як ҷои теппа шинак гирифта шинам, садтои босмачиро қир карда мепартоям. Ба ман халқи маҳаллӣ ёрӣ мерасонанд.

Мингбошии мудаббир ва донистакор суханони ҷавони боғайратро гӯш карда истоду сар ҷунбонид.

— Аспу милтиқ аз ман расад, —гуфт вай. —Ба ғайрат ва ҳимматат офарин! Кошкӣ ҳамаи ҷавонҳои мо ту барин бошанд. Дар ҳақиқат бар зидди тороҷгарон, хӯнхӯрони бераҳм ҷангидан лозим. Халқро аз даҳшат ва фалокати босмачӣ мудофиа кардан лозим. Лекин ин корро ту танҳо карда наметавонӣ.

— Ман мерган ҳастам, ман шинак мешинам....

— Медонам, медонам, ту мерган ҳастӣ, лекин танҳо ба муқобили дусад-сесад кас истодагарӣ карда наметавонӣ. Босмачӣ ҳам роҳи ҷангро медонад. Ту хаёл накун, ки онҳо қатор шуда меоянду ту якто-якто онҳоро задан мегирӣ! Бо онҳо танҳо ҷангидан осон не, писарам.

— Хайр, ман чӣ кунам, охир?

— Чӣ кор карданатонро ман мегӯям. Ҳозир Ҳамдам Хоҷӣ ба ин ҷо меояд. Вай дастаи фидоиёнро ҷамъ карда гаштааст. Ба ту ҳам маслиҳат медиҳам, ки ба хизмати вай даро. Ҳамдам Хоҷӣ сарлашкари зӯр аст, ту бо Ҳамдам Хоҷӣ ҳамдаст шуда ба мақсад расида метавонӣ. Дигар роҳ нест.

— Ҳамдам Хоҷӣ ба Работ мерафта бошад?

— Албатта, меравад. Маслиҳат мекунед, нақша мекашед, кор мекунед.

Дере нагузашта Ҳамдам Хоҷӣ омад. Вай марди қадбаланд, танумандн рӯйдароз, бо ришу мӯйлаби андак ва бо салобат буд. Бо мингбошии собиқ бародарвор вохӯрдӣ ва пурсупос намуда, ба Нодир ҳам салом дода нишаст.

— Корҳоятон чӣ тавр? Ҷанговарони бисёр ҷамъ кардед? —пурсид мингбошӣ.

— Ҷамъ кардем ҳисоб! — гуфт Ҳамдам Хоҷӣ. —Ле-

кин ба ҳама асп наёфта истодаем. Яроқу тир аз Қӯқанд бисёр гирифтем. Ҳамин ки ҳамаро сувор кардем, ду-се рӯз машқ карда ба ҷанг меравем.

— Ана ман ба шумо Нодир паҳлавони машҳурро тавсия мекунам, — гуфт мингбошӣ ба сӯи Нодир ишора карда. — Ин худаш фидоӣ ва ҷангҷӯ шуда омадааст. Аз босмачиҳо қасос гирифтан мехоҳад. Аспу милтиқашро ман медиҳам. Тир ҳам аз ман. Лекин машқи ҷангу қасосгириро омӯхтан аз шумо.

— Бисёр нағз, бисёр нағз, — гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. — Набошад ҳамин рӯз, баъд аз пешин ба қароргоҳ биёед. Медонед, дар сарои пахтаи Набиҷонбой, як маҷлисча мекунем, нақша мекашем.

— Ҷонам катӣ! —гуфт хурсанд шуда Нодир ва аз ҷо бархост, ки берун равад ва ба сӯҳбати онҳо халал надиҳад.

— Аз ҳавлӣ чою дастурхон барор! —гуфт мингбошӣ. — Баъд ман милтиқу аспатро медиҳам, сувор шуда ба ҳавлӣ меравӣ!

— Хуб, амак! —гуфт Нодир ва аз хона баромад.

Он рӯз аз аввали пагоҳ борон борид ва баъд ба барф мубаддал гашт. Аз осмон резаҳои барф чунон бисёр мерехтанд, ки дар як дам замину замон бо пардаи сафеди барф пӯшида шуд. Ин барфро деҳқонҳо мунтазир буданд. Ин барфи охирини зимистон буд. Гоҳо дар моҳи Ҳут нохост ҳаво сахт хунук мешавад. Долу дарахтҳоро хунук мезанад. Мевазорҳо, хусусан дарахти бодом бесамар мемонад. Аммо ин барф мисли кӯрпаи пари қу замину дарахтҳоро аз хунукӣ эмин медорад.

Лекин имрӯз боридани барф ба Ҳамдам Ҳоҷӣ ва шарикони ӯ нафорид. Зеро онҳо қарор дода буданд, ки ба юруш раванд, аз паси босмачиҳо сур карда қишлоқҳои Работ, Сарипул, Деҳаи болои талро озод кунанд то имконият пайдо шавад, ки мардум кору бори деҳқонӣ, кишту кори баҳории худро бемалол ба анҷом расонанд.

Нодир ва Латофат саҳари барвақт бедор шуданд. Нодир ба зери айвон, ба назди аспи даванди мингбошӣ додагӣ рафт, ки онро қашаву ҷоруб кунад, зин занад ва ба сафар муҳайё созад. Латофат ба ошхона рафт, ки барои шавҳараш ширчой тайёр кунад. Барф чаппу чилеб меборид. Дили Латофат ё аз сардии ҳаво, ё аз фироқи ёраш сард гашта, баданаш меларзид. Дар пеши оташдон диккак нишаста дастонаш ва баданашро

ба оташ метофт, ки гарм кунад. Аммо хаёлҳои сард намегузоштанд, ки ба танаш гармӣ давад.

Дар сари дастархон зан ҳам, шӯ ҳам аввал хомӯш буданд. Ба косаҳо нон пора мекарданд, лекин гумонашон набуд, ки он аз гулӯ гузарад.

— Гиред, гарм-гарм хӯред, — гуфт Латофат ба шавҳараш. — Ширчой ба кас гармӣ мебахшад. Имрӯз дар болои асп мегардед, худо медонад кай хӯрок мехӯред. Баръакси кор ин барф!..

— Ҳеҷ боке нест,— гуфт Нодир худро ба даст гирифта. —Барф аз як ҷиҳат нағз, ки ҳар сиёҳиро кас аз дур пайхас меравад. Баъд душман гумон намекунад, ки дар ин тавр ҳаво мо ба ҷанг меравем ва ӯро дар ғафлат гирифтан мумкин мешавад.

— Дар ин хел ҳаво ба дашту кӯҳҳо асп давонда гаштан осон аст магар?! Душманро ба ғафлат мегирем гуфта касал мешавед. Беҳтар, ки ба сардоратон маслиҳат диҳед, барф монад, баъд ба роҳ бароед.

— Хуб, маслиҳат мекунем, —гуфт Нодир ва косаи ширчойро ба даст гирифту камтар аз нонаш хӯрд ва баъд ҳамаи онро дам кашид. —Ту чаро намехӯрӣ?...

— Мехӯрам... Ҳозир... — гуфт Латофат косаро ба даст гигифта, лекин нон аз гулӯяш намегузашт. Маҷбуран оби ширчойро дам кашиду косаро ба рӯи дастурхон гузошт.

— Аз мо асло парво накун! —гуфт Нодир ба занаш дилдорӣ дода. —Командири мо одами пухта, ҷанг кардагӣ, амалиёти ҷангро нағз медонад. Вай ба мо гуфт, ки агар аз рӯи гуфтаю фармонаш рафтор кунем, ба мо офате намерасад. Чанд рӯз машқ кардем, медонем, насиб бошад, пас аз се-чаҳор рӯз сиҳат-саломат аз душман қасос гирифта бармегардем. Ман таппончаи пур аз тирро монда меравам. Шабҳо ба ҳавлии хӯҷаин рафта хоб кун! Худашон гуфтанд. Рӯзонаҳо дарро маҳкам карда шин, дарзу дӯзатро кун, дугонаҳоятро чеғ зада биёр, дойранавозӣ, сурудхонӣ кунед. Асло ғамгин ва хафа нашав. Ту зани қаҳрамон ҳастӣ, аллакай як душмани ҷони худ ва душмани маро ба он дунё равон кардӣ. Инро бадхоҳони мо медонанд ва дигар ҷуръат карда ба ту чаққа намешаванд.

— Ман аз худам наметарсам, — гуфт Латофат. — Ман садқаи якtора мӯятон!

— Ин тавр нагӯй! — гуфт Нодир аз рӯи занаш бӯсида. —Ман садқаи ту шавам! Ту акнун танҳо нестӣ,

бо писарат ё духтарат ҳамроҳ ҳастӣ! Насиб бошад, кӯшапиру аёлманд мешавем.

— Қошкӣ, кошкӣ...

Нодир аз ҷо бархост, аз мех милтиқи панҷтираи Ермуҳаммад мингбошӣ додагиро гирифт, қаторвазнаро ба миён баст ва нимтанаи пахтадори ғафсро пӯшида, ба сар телпаки пашминро гузошта берун баромад. Латофат ҳам камзӯл пӯшида, сарбанди шолашро ба сару гарданаш печонида, фаранҷию чашмбандашро ба даст гирифта аз паси шавҳараш баромад.

Дар сарои калони пахта, ки соҳиби пештарааш Набиҷонбой буд, дастаи фидоиёни Ҳамдам Ҳоҷӣ ҷамъомада буданд. Ҷавонони бисёре дар тараддуд ва кор буданд. Касе зину лаҷоми аспи худро дуруст мекард, касе милтиқашро равған мекард, касе аз дасти занаш нону маска гирифта мехӯрд...

Нодиру Латофат ҳам ба он ҷамъият ҳамроҳ шуданд. Фурсате аз миён гузашта Ҳамдам Ҳоҷӣ саропо мусаллаҳ, дар китф милтиқи панҷтира, дар миён шамшеру таппончаи мавзер ва қаторвазна аз ҳуҷра бароමаду фармон дод, ки ҷавонҳо тайёр шаванд. Қасе ба назди ӯ аспашро овард. Пеш аз ҳама худаш ба асп савор шуда бо овози равғании ғафс боз фармон дод, ки ҳама савор шаванд. Ҳама савор шуданд. Онҳо қариб ҳаштод нафар буданд.

— Дутой қатор шуда, аз паси ман ронед! —фармон дод командир ва аспашро ба сӯи дарвозаи сарой ҳай кард. Аз паси ӯ ҷавонҳо ду қатора асп ронданд. Занҳо, бачаҳо аз паси онҳо баромаданд. Латофат, ки аз чашмонаш ашк ҷорӣ буд, рикоби аспи шавҳарашро дошта тез-тез қадам мемонд. Мехост, то ҳарҷӣ тавонаш ҳаст аз вай ҷудо нашавад. Лекин Нодир аз болои асп хам шуда илтимос кард:

— Ҷонакам, маро дар назди рафиқонам шарманда накун! Рав, ба хона рав, ман бача нестам-ку!

Латофат базӯр даст аз рикоб канда қафо монд. Ҷавонҳо бо фармони сардорашон ба аспҳо тозиёна зада тез ронданд ва ба хамгашти кӯча расида, аз назар пинҳон шуданд.

Латофат вақто ки ба сӯи ҳавлии худ мерафт, пешпеши ӯ ду мардак мерафтанд, ки яке ба мулло монандӣ дошт, дигарӣ ба дӯкондор. Ҳарду ҳам ҷомаҳои қабат ба қабат пӯшида, аз рӯи ҷомаҳояшон чакман доштанд,

то ки нами барф ба танашон нагузарад. Латофат шунид, ки онҳо дар байни худ чунин суҳбат доштанд:

— Мулломир, ин Ҳамдам Ҳоҷӣ ба ҳамин ҳавои бад ҷавонҳояшро ба куҷо мебурда бошад?

— Ба куҷо мебурд, ба кофтукови қӯрбошиҳо-дия.

— Наход, ки лашкари исломро ҳамин як мушт бачаҳои нодон зада қир кунанд?

— Шумо маст ё ҳушёр! Лашкари ислом, хусусан одамҳои Шерматқӯрбоширо зада қир кардан, магар мумкин аст? Аввалаш ин ки онҳоро худо нигаҳбон аст, сониян ин ки яроқу аслиҳаи онҳо инглисӣ ва амрикоист. Ба дорандаи чунин яроқҳо зӯри ҳеҷ кас намерасад. Насиб бошад, пас аз ду ё се рӯз торумор шудани ин кофирбачаҳоро мешунавед!

— Насиб, насиб!

— Ҳу забонатон бурида бод! —гуфт аз паси мардҳо тезтар қадам монда Латофат. —Худи шумо торумор мешавед! Худи шумо несту нобуд мешавед! Ман ҳамин гапҳои шуморо ҳозир ба милицияхона рафта мегӯям, сабр карда истед!

— Э, астағфируллоҳ! — гуфт марди муллоталъат. — Мо ҳеҷ гап назадем. Ту, гесубурида, аз паси мо ҷосусӣ мекунӣ!

— Ба роҳат сиҳат саломат рав, ки набошад... —гуфт дӯкондор забон хоида. Ҳамин дам аз паскӯча як одами шалворпӯш, ки одами ҳукумати нав буд, баромад. Он ду зуд қадам монда ба кӯчаи дигар тоб хӯрда, ғайб заданд.

Латофат дару дарчаҳоро аз дарун сахт занҷир карда баст ва баъд ба ҷогаҳ даромада дароз кашид. Базудӣ хобаш набурд. Дар берун шамоли сахт бархоста буд. Шамол нӯла мекашид, шохи дарахтҳоро ба фарёд меовард, аз тарқишҳои дару тирезаҳо ҳурросзанон ба хона медаромад, ба дили Латофат воҳимаро меафзуд ва хобро аз чашмонаш рабуда буд.

Дар ин шаби торик, дар ин шамоли сахт аскарбачаҳо дар куҷо бошанд, аҳволи Нодир чӣ тавр бошад? Илоҳӣ дар ягон қишлоқ манзил карда бошанд. Илоҳӣ аз офату балоҳо дар амон бошанд. Нодирҷон дар сафар, ба кӯҳу ҳомунгардӣ омӯхта, шикорчӣ, ба сахтӣ одат кардагӣ, лекин ба ҳар ҳол дар паноғоҳ бошанд, бехтар аст. Агар ҳоло дар шафати ӯ, дар оғӯши ӯ мебуд, Латофат аз дунё парвое надошт; шамолу барфу борон дунёро рӯфта мебурд ҳам, дар оғӯши гар-

ми Нодир роҳат мехобид. Аммо ҳоло Нодир ҳам дар сафар, дар ғарибӣ, вай ҳам яккаю танҳо, дар ҷогаҳи сард... Дар вақти баромаданаш ба Нодир гарданпечу чакманашро дода буд, нагирифт. Қамзӯли чармини ҳукуматдодагиро пӯшиду рафтан гирифт. Хайрият ки аз зери камзӯл гупичаи пахтадор пӯшид. Ба ҳар ҳол сари дилашро аз шамоли хунук нигаҳ медорад. Нодир гуфта буд, ки шабҳо ба ҳавлии хӯҷаин рав. Аммо вай бо дугонаҳояш саргарм шуда, фаромӯш кард. Беҳтар мебуд, ба назди Холабибӣ рафта мехобид. Онҳо одамони нағз, ӯро дӯст медоранд.

Нохост касе ё ҳайвоне дари даҳлезро, ки аз дарун сахт баста шуда буд, шараққос зада кашид. Латофат ҷаҳида аз ҷо бархосту аз тоқ таппончаи пур аз тирро ба даст гирифт ва гӯш ба дар ниҳод. Нохалаф боз сахттар кашида ғурунгос зад. Ба гумон мустаҳкам баста шудани дари даҳлезро донista ба дари поёни хона омаду онро сахт-сахт кашидан гирифта буд, ки занҷир аз зулфин баромад ва дар кушода шуд. Латофат аз паси тиреза дид, ки ду сояи тира дар беруни дар истодаанд. Яке аз онҳо мехост, ки бо оҳани дар дасташ будагӣ тирезаро зада шиканад. Латофат сояи он касро нишон гирифта парронд. Аз берун овози нолаи марде шунида шуду қадоме ба замин афтод. Сояи ростмонда ҷасад ё танаи афтодаро бардошта ба қафо гашт ва аз назар пинҳон шуд. Ин дафъа шишаи тиреза майда нашавад гуфта табақаи онро кушоду боз ду тир холӣ кард. Лекин дигар овозе шунида нашуд. Пас аз чанд дақиқа ба ҳавлӣ милиционер ва ҳамсояҳо рехта омаданд.

— Чӣ шуд? Кӣ тир парронд?

— Чӣ ҳодиса?

— Чӣ воқиа?

Ҳама пурсиданд. Латофат лампаро даргиронд, дари даҳлезро кушод. Милицияҳо ба хона даромаданд. Латофат воқеаро гуфта дода буд, ки онҳо ба тафтиш ва кофтуков даромаданд ва паи хунро гирифта дар таги девори боғ писари оқсаққоли мурдагиро ёфтанд, ки аз зону боло тир хӯрда буд.

Гуфта будам чу биёӣ ғами дил бо ту бигӯям,
Чӣ бигӯям, ки ғам аз дил биравад чун ту биёӣ.

Забони ҳоли Латофат ҳаминро талқин мекард, вақте ки шавҳараш сиҳат ва саломат аз дар даромада омад ва ӯро оғӯш карда, аз лабонаш сахт-сахт бӯсид.

Он рӯз арӯси замон — баҳори нозанин бо ҳама зебоиҳои худ ҷилвагарӣ мекард. Офтоби хуррам бедареғ нур мепошид. Ҳаво соф ва осмони лоҷувардӣ ба назар беинтиҳо менамуд. Дарахтони зардолу, шафтолу ва гелос гул карда, ҳавлиро аз бӯи гул ва рангу латофати худ оро дода буданд.

— Хайрият, хайрият, —мегуфт Латофат, —сиҳат саломат ба сари мо расида омадед.

— Ба сари шумо? — нафаҳмида пурсид Нодир.

— Ҳа, ба сари мо, —гуфт таъкид намуда Латофат. —Ҳоло мо ду касем-ку! Фаромӯш кардед, магар?

— Э, рост! — гуфт Нодир хурсандона. —Ман ин нозанин, ана ин ҷонаки дар ин ҷо калон шуда истодагиро фаромӯш кардаам.

Бо дасташ шиками ҳоло на чандон калони Латофатро сила кард.

Рӯз аз ним гузашта буд. Латофат зуд дасту остин барзада, самовор монд, дар хона ба назди шавҳараш дастурхон кушод: кулчаҳои равғанин ва фатири бозбурдаи бомаззаеро, ки аз ҳавлии мингбошӣ оварда буд, шикаста монд, мавизу чормағз рехт ва чой дам карда овард.

— Ман ҳозир сабзию пиёз реза мекунам, худатон як оши палави дастӣ пазед, —гуфт Латофат.

— Майлаш, лекин... —сухани Нодир тамом нашуда касе бо овози баланд аз берун ҷеғ зад.

— Ҳой келин, ҳой келин!

— Ин кӣ бошад? —гуфт Нодир ба занаш бо назари суол нигоҳ карда. — Ба тамоми маҳалла овозаш рафт.

— Надонам, —гуфт аз ҷо бархоста Латофат. —Овозаш ношинос.

— Шин, ман мебароям.

— Нодир ба беруни дарвоза баромада, дид, ки милиционер рост истодааст.

— Ба кӣ кор доред? —пурсид Нодир.

— Дар ҳамин ҳавлӣ Латофат ном зан зиндагӣ мекунад? —пурсид милиционер.

— Ҳа, зиндагӣ мекунад, зани ман!

— Набошад, гӯед фаранҷию чашмбанд карда бароянд, ба идора меравем.

— Барои чӣ?

— Наход ки намедонед? —ҳайрон шудагӣ барин пурсид милиционер. — Занатон Ғафурҷонро аз таппон-

ча ларронда қариб кушта буд-ку. Ғафурҷон ҳоло дар касалхона ...

— Ғафурҷонаш кӣ? Зани ман барои чӣ ӯро мекуштааст?

— Ғафурҷон писари оқсаққоли пештара, ки чанд вақт пеш ҳамин зани шумо ӯро ларронда буд. Акнун писарашро...

Дар ин дам аз паси дарвоза овози Латофат баланд шуд:

— Барои қасди падараш ними шаб ба куштани ман биёяд, ман хап шинам?

— Наход ки ба ту қасд карда ба ҳавлии мо омад? —пурсид Нодир.

— Ҳа, ҳама медонанд, —гуфт Латофат аз дарун. — Ҳамсояҳо, худи милицияҳо...

— Хайр, ман намедонам, —гуфт милиционер. — Ба ман супориш шуд, ки келинро гирифта ба идора барам. Ана, худатон ҳам биёед, бо началник гуфтугӯ кунед.

— Майлаш, шумо рафтан гиред, мо аз пасатон расида меравем.

Милиционер рафт. Нодир ба ҳавлӣ даромад, аз паси вай Латофат ба хона даромада, воқеаи шудагиро ба тафсил гуфта илова намуд:

— Ман агар намепаррондам, тирезаро шикаста даромаданӣ ва маро куштанӣ буданд. Акнун ба ҷои ӯро ба ҷавобгарӣ кашидан, маро чеғ зада истодаанд.

— Қоида ҳамин ки сардори милиция ё ки муфаттиш, бояд албатта воқеаро аз худат фаҳмад, —гуфт Нодир. —Зарар надорад, биё либосатро пӯш, рафтем.

— Либосам пӯшидагӣ, —гуфт Латофат, —фаранҷӣ гирифта рафтан мегирам.

Сардори милиция мардаки мӯйлабдарози ғафс онҳоро нохушнудона, бо қавоқҳои гирифта пешвоз гирифт.

— Латофатхони тирзан шумо ҳастед? —пурсид вай ба сӯи занак бо ғазаб нигоҳ карда.

— Тирзан шавад ганда-мӣ? —пурсид Нодир. Номашро бесарзаниш пурсед, намешавад!

— Шумо худатон кӣ мешавед? —ба сӯи Нодир ало нигоҳ карда пурсид сардор. — Ман аз шумо гап напурсидаам!

— Ман шавҳари Латофат мешавам! Ман ба ҷанги босмачиҳо рафта будам. Ба ҷои зани маро аз бадқасдон мудофиа кардан, ӯро овора карда, боз дӯғ ҳам мезанед!

— Зани шумо оқсаққолро кушт, —гуфт сардор даъвогарона. —Ин бас набуд, ки акнун писари ӯро парронд. Мамлакат беҳоким, ҳар касро кушта партофтан мегирад-мӣ?

— Латофат агар ба мудофиаи худаш тир парронда оқсаққолро намекушт, оқсаққол ӯро мекушт. Писараш ҳам шабона дар вақти набудани ман ба қасди Латофат ба ҳавлӣ омада, тирезаро шикаста даромаданӣ шудааст. Занак албатта худашро мудофиа мекунад.

— Ғафурҷон барои узрхоҳӣ омада будааст, —гуфт сардор. — Зани шумо мақсади ӯро нафаҳмида паррондааст. Вай шоҳид дорад.

— Ман ҳам панҷ шоҳид дорам! —гуфт Латофат аз зери чашмбанд. —Ними шаб ба ҳавлии зани танҳо омада тирезаро шикастан чӣ маънӣ дорад?

Сардор гап назаду аз рӯи миз коғазеро ба даст гирифта хонд ва баъд гуфт:

— Ба шумо таппончаро кӣ дод?

— Ман додам! —гуфт Нодир. —Пеш аз сафар таппончаро монда рафтам, ки агар бадкасде биёяд, худашро мудофиа кунад.

— Ба зан таппончаи давлатро додан мумкин не!

— Кӣ гуфтааст? —паст наомад Нодир.

— Қонун, қонун мегӯяд! — гуфт дӯғ зада сардор.

— Ин хел қонун нест ва набудааст!

Дар ин вақт дар кушода шуда ба хона командир Ҳамдам Ҳоҷӣ дар либосҳои ҳарбӣ даромада омад. Сардори милиция ӯро дида аз ҷо ҷаҳида бархосту саломи низомӣ дод.

— Рафиқ началник, —гуфт вай. —Ман моҷарои тир хӯрдани Ғафурҷон, писари оқсаққолро тафтиш карда истодаам.

— Ин чӣ хел тафтиш? —гуфт бо овози ғафси равғании худ дӯғ зада Ҳамдам Ҳоҷӣ. — Ба ҷои дузди гунаҳгору шабраву одамкушро тафтиш кардан, одамони бегуноҳ ва ҷабрдидаро тафтиш мекунед?

— Ман ҳақиқатро..., —гуфтанӣ буд ки Ҳамдам Ҳоҷӣ сухани ӯро бурид.

— Ба шумо шоҳид лозим бошад, ана худи ман як шоҳид! Боз ҳар чӣ қадар хоҳед, ёфта медиҳам. Нодирмерган ҷони худаш ва ҷони занашро дареғ надошта ба муқобили босмачиҳо ба ҷанг рафт. Як ҳафта-даҳ рӯз хунук нагуфт, шамол нагуфт, босмачӣ бисёр нагуфт,

— Духтарчаи нозанин муборак бошад! —гуфт вай табассум карда. Нодир чй гуфтанашро намедонист.

— Саломат бошед, саломат бошед! —гуфт ва зуд ба хона даромад.

Латофат ба рӯи ҷогаҳ мехобид, ба болояш то ба сари сина кӯрпа буд. Аз паҳлӯяш овози бачаи навзод меомад, ки гоҳ фаш-фаш мекард, гоҳ дод мезад. Ранги рӯи Латофат камтар сафед гашта, вале чашмонаш ҳамон хел ки буданд барк мепошиданд.

— Латофатҷони азизам! — гуфт Нодир — Худо ба хайр овард. Меҳмони нав муборак!

— Ба шумо муборак! — гуфт оҳиста Латофат. Лабонаш парсинг зада буданд.

— Шир доред? — пурсид момодоя. — Ба зани зоида атолаи ширдор пухта додан лозим.

— Шир ҳаст, шир ҳаст! —гуфт Нодир саросемавор. — Дар ошхона, дар зери сабад ... Ман ҳозир ... Ман ҳо...

— Не, шумо дар ҳамин ҷо бошед, ман худам, —гуфт момодоя ва аз хона баромад.

— Номашро чӣ мемонем, —пурсид бо садои паст Латофат. —Духтарча ... Ман хостагӣ...

— Номашро Қумрӣ мемонем гуфта будӣ, —гуфт Нодир. —Духтарча бошад, Қумриҷон-дия!

— Илоҳӣ Қумриҷон барин шавад, —гуфт Латофат. — Хушрӯ, боақл, боҳунар...

— Мешавад! —гуфта монд Нодир...

Пас аз як моҳ, ки Латофат хеле тандуруст шуда буд ва ба корҳои хона машғул мешуд, як рӯз Нодир аз дар даромада ӯро ҷеғ зад.

— Очаи Қумрихон! —гуфт вай. —Чӣ кор карда гаштӣ, Қумрӣ канӣ?

— Ман ошхонаро ғундошта истодем, ҳаво хунук шуда монд, — гуфт Латофат — Қумрӣ дар гавҳора хобидааст.

Нодир ба ошхона рафт ва занашро дар бағал гирифт.

— Мо боз ба ҷанги босмачӣ меравем.

—Моро ба кӣ монда? —пурсид Латофат, бе ҳеҷ гуна ҳаяҷон ва ҳарос.

— Ба назди шумо Бибифотимаро монда меравам. — гуфт Нодир. — Ман бо вай гап задам, розӣ шуд.

— Илоҷи нарафтан нест магар?

— Ҳамдам Ҳоҷӣ бе ман наметавонад, чӣ кор кунам. Ғам нахӯр дар як ҳафта сиҳат-саломат бармегардем.

— Илоҳӣ! —гуфт сар хам карда Латофат. —Қумрӣ як-ду моҳ баъд механдидагӣ мешад, баъди як-ду моҳи дигар дада мегуфтагӣ мешад.

— Барои шунидани ҳамин нидо, албатта баргашта меоям! —гуфт Нодир ва занашро бӯса кард.

## ҚИСМИ ДУЮМ

Қумрӣ шашсола шуда буд. Дар ин шаш сол Нодир ва Латофат тамоми меҳру муҳаббат, диққат ва ишқи худро ба Қумрӣ бахшида буданд. Бино бар он буд, ки Қумрӣ ҳам нозпарварду ҳам бо тарбият ва бо одоб калон мешуд. Қумрӣ зебо, паричеҳра, хандон ва ғазалхон буд. Намемонд, ки падару модараш хафа бошанд, шӯхӣ мекард, ғазал мехонд ва онҳоро механдонд. Нодир ва Латофат хурсанду хушбахт буданд. Зиндагиашон хеле хуб шуда, ҳукумат ба онҳо ҳавлии нағз, нафақа ва таъминоти хуб дода, имконият пайдо карда буд, ки Нодир дар аснои сафарҳояш, дар вақти аз паси боқимондаҳои босмачиҳо сур карда гаштанаш, дар бораи оила ва рӯзгораш фикре накунад.

Шаҳри Конибодом нисбатан ором буд. Аз як тараф таъсири он ки ҳаракати босмачигарӣ хеле шикаст хӯрда, гирду атрофи шаҳр осуда гашта буд. Мардум бемалол ба Маҳрам, Исфара ва Қӯқанд рафтуомад карда мегаштанд, роҳҳо ва деҳкадаҳо бехавф шуда буданд. Аз тарафи дигар таъсири сиёсати нави ҳокимияти шӯрой, таъсири «НЭП» хеле зиёд буд. Савдогар мардум ҳамин тавр ки худаш намехӯраду ёфтагиашро ба бозор мебарорад, аз дили санг равған мекашаду аз зери замин қанду асал мебарорад. Бино бар он бозорҳо калон ва серодам, магазин ва дӯконҳои бисёр дар Ӯрда ва атрофи он кушода шуда буданд. Бозори ордаллофӣ пур аз орду гандуму ҷаву ҷуворию чормағзу бодом буд. Қассобҳо гӯшти гов, гӯсфанд ва шутур мефурӯхтанд. Аз кучҳои тани гӯсфанд пурсед, аз ҳамон ҷо бурида медоданд. Барои тушбера —тушберабоб, барои палав —палавбоб, барои манту —мантубоб карда медоданд. Ҳатто аз шиносу ошноҳо пул намегирифтанд, фақат ба «хатчӯб» ишора карда мемонданд. Савдогарӣ то як

дарача ба авчаш бароmаду вақтҳои охир каму беш аз шаҳдаш мефуромад. Идораи молия сиёсати андозро сахт ва пурзӯр карда буд.

Дар гузарҳо ҳанӯз ҳам оқсақолҳо, имому сӯфиҳо буданд ва кор мекарданд. Мардум панч вақт намозро дар масчид адо мекарданд. Боре имоми гузар Нодирро дида гуфт:

— Мулло Нодир, монда нашавед!

— Саломат бошед, тақсир! — гуфт Нодир, ки хаста шуда аз кадом чои дур омада буд. Дар китфаш милтиқи панчтира, дар миёнаш шамшер ва таппонча, либосҳо, мӯзаҳо чанголуд.

— Чанд гоҳ шуд, ки шуморо диданӣ ва гап заданӣ будам... —гуфт имом бо мулоҳиза ва бо виқор, —аммо ҳеч вонамехӯрдам. Ба масчид-ку пою қадами шумо намерасад.

— Чӣ кор кунам, тақсир, кору бор бисёр, ин босмачиҳои лаънатиро гум карда натавониста истодаем...

— Босмачӣ тамом шуд, босмачӣ қир шуд, писарам, шумо беҳуда ташвиш мекашед. Ман ба қӯрбошии таслимшудагӣ сӯҳбат кардам, вай гуфт, ки ҳамаамон таслим шудем, мондагиҳо қир шуданд.

Нодир заҳрханд кард.

— Қир шуданду қир мешаванд! — гуфт. — Хӯш, ба ман чӣ гуфтанӣ будед?

— Ҳазрати Баҳоваддини балогардон гуфтаанд:

Ангушт макун ранча ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранч ба дар кӯфтанат мушт![1]

Шумо ҳам ин қадар одамкушӣ накунед, писарам! Ҳар кас, ки кушад, охир кушта мешавад. Беҳтар, ки ин яроқҳоро ғундошта монда, саллаю чома пӯшед, таҳорат карда ба масчид биёед, тавба кунед, худо лакбахш аст, аз гуноҳатон мегузарад.

— Ман одам накуштаам, — гуфт Нодир ба таври чиддӣ. —Ман гургу шағолу ҳайвоноти хунхорро мекушам. Халқи худро аз даҳшати онҳо начот медиҳам. Дар ин кашмакаш чони худро дареғ намедорам. Агар ман ва шариконам дар паноҳи халқ, дар як по истода, посбонӣ накунем, шумо ҳатто ба масчидатон бемалол раф-

[1]. Байт аз Рӯдакӣ, аммо дар ин чо имом онро қасдан ба Баҳоваддин нисбат медиҳад.

таю омада наметавонистед. Истед, ки ин гапҳоро ба шумо кӣ омӯхт?

— Ҳеҷ кас наомӯхтааст, — гуфт ба воҳима афтода имом. —Воллоҳ ки худам аз дилсӯзӣ ба шумо гуфтам.

— Не, тақсир, ин гапҳои шумо не! — гуфт сахт карда Нодир. — Шумо ба ин ҷуръат намекардед ва шумо ин хел байтро ҳам намедонед! Инро ба шумо гуфтаанд, одамони хеле пухта гуфтаанд.

— Не, астағфируллоҳ, астағфируллоҳ! — гуён гиребонашро дошт имом.

— Хайр, ман хаста шудагӣ, тақсир, баъд боз гап мезанем.

Нодир инро гуфту аз имом ҷудо шуда, ба ҳавлии нави худ рафта даромад. Дар баробари ба ҳавлӣ даромадан, пеш аз модараш Қумричаи зебо падарашро пешвоз гирифт. Вай дар зери айвон алвонҷ парида истода буд, ки Нодир ба ҳавлӣ даромад.

— Дадом омаданд, дадом омаданд! — гӯён Қумрӣ ба сӯи падараш давид. Нодир ҳам милтикашро ба девор муттако дода Қумриро ба оғӯши кушода дар бар гирифт.

— Ҷони додош, ширини додош, қандини додош! — мегуфт вай. — Нағзӣ, сиҳату саломатӣ? Очат нағзай?

— Ҳама нағз! Ба ман чӣ овардед? —аз рӯи падараш бусида пурсид Қумрӣ.

— Ба ту чӣ овардам? —Ҳайрон шуда пурсид Нодир за якбора ба хотираш овард. — Ба ту, ба ту медонӣ чӣ овардам?

— Не, намедонам!

— Ба ту қурут овардам, қурути туршак, қурути кори калон!

Инро гуфту аз кисаи шинелаш шаш-ҳафт дона қурут, ки аз чормағз калонтар буданд, бароварда ба дасти Қумрӣ дод.

— Мо қурут дорем, очам аз хонаи ҳамсоя оварда буд.

— Аммо ин қурут гапи дигар! Ин... аз шири модагози шохдор, аз шири модагови қишлоқи Боғистон сохта шудагӣ. Ҳар кас, ки ин қурутро макида-макида хӯрад, раққоса мешавад, ғазалхон мешавад, калону боақл мешавад.

— Инту бошад, макида, макида мехӯрам, —гуфт Қумрӣ ва қурутҳоро гирифтанӣ шуда, якчандтоашро ба замин афтонд. Падару духтар қурутчинӣ карда ис-

тода буданд, ки Латофат аз ошхона баромада омад. Вай зани занон шуда буд. Чеҳраи зебояш кушод, қадаш мавзун, сари синааш баланд, дасту бозуяш тавоно, чашмонаш калон-калони сиёҳ, мижгонҳояш сояафкан шуда буданд.

— Хайрият, роҳи ҳавлиро фаромӯш накардаед! — гуфт вай ба шавҳараш наздик шуда. —Чашмонам аз раҳпоӣ ба дард омаданд.

Нодир аз ҷо бархоста занашро дар оғӯш гирифт ва аз рӯяш бӯсид. Қумрӣ, ки ба қурутчинӣ ва қурут макидан овора буд, бӯсобӯси падару модарро надид, набошад дод мезад, ки очаам аз они ман, очаам аз они ман, аҳо кунед!

Ба хона даромаданд. Нодир либосҳои рӯяшро кашида, ба даҳлез баромад, ки дасту рӯяшро шӯяд. Латофат мехост, ки рафта ба дасти шавҳараш об резад, Қумрӣ давида омад; «ман, ман об мерезам» гуфт ва офтобаро аз дасти падараш гирифта об рехтан гирифт. Нодир хурсанду шод буд, ки Қумрӣ дастёр шудааст, Қумрӣ мададгори модараш гаштааст.

— Бале, духтарам, бале! —мегуфт вай дасту рӯяшро бо сачоқе ки Қумрӣ дода буд, пок карда. —Духтарам калон шудааст, духтарам дастёр шудааст.

Дар сари дастурхон Нодир сӯҳбатеро, ки бо имоми масҷид шуда буд, гуфту илова намуд.

— Ин иғвои душманон аст. Медонам, ки ба имом кӣ ёд медиҳад.

— Кӣ ёд медиҳад? — пурсид Латофат.

— Ба фикрам иғвои Тошпӯлод Полвон барин...

— Тошпӯлодаш кӣ? — боз пурсид Латофат.

— Прокурор-дия, — гуфт Нодир.— Вай одами хондагӣ, мулло, шеърдон, лекин миллатчӣ, туркпараст ва иғвогар аст. Бо ёрии дӯстони болонишинаш ин вазифаро соҳиб шудааст. Дар Қӯқанду Тошканд пушту паноҳ дорад.

— Ман мегӯям, барои чӣ ба ман одам монда чеғ зада буд!

— Барои чӣ туро чеғ мезадаст? —хавосаш парешон шуда Нодир пурсид.

— Барои пурсу пос, —гуфт Латофат. — Ҳа, шавҳаратон бо Ҳамдам Ҳоҷӣ чӣ муносибат доштанд? Ҳудатон он касро аз кай боз медонед! Ҳамдам Ҳоҷӣ бо босмачиҳо чӣ муносибат дошт?! Бо Ислом қӯрбошӣ чӣ доду гирифт мекард ва боз ким-чиҳо...

— Хайр, —гуфт ба андеша фурӯ рафта Нодир. — Акнун ба Ҳамдам Ҳоҷӣ часпидаанд-чӣ? О ту нагуфтӣ, ки Ҳамдам Ҳоҷӣ умри ҷавонаша бо босмачиҳо дастбагиребон шуда гузаронид! Ислом қӯрбоширо асир карда гирифта, рӯзи бозор дар Ейпан ба хари луч чаппа савор карда, ба рӯяш сиёҳии дег молида гардонда гашт. Қам монда буд, ки ба дор овехта кушад...

— Гуфтам, —гуфт Латофат. —Аз ман гап мемонад?! Прокурорро соз карда мондам. Гуфтам, ки ба Ҳамдам Ҳоҷию ба Нодир чаққа нашавед, ки лухи патаки шумо барин прокурорро мебароранд. Вақто ки онҳо бо душман, бо босмачиҳо, ҷонашонро дареғ надошта, ҷанг карда мегаштанд, шумо дар тарбияи Усмон-авнӣ барин туркҳо ва Муфтӣ Зокир барин аксулинқилобчиҳо хонда мегаштед!

— Соз кардӣ! Вай чӣ гуфт?

— Чӣ мегуфт, ба ман дӯғ зад, тӯҳматчӣ гуфта қаба мекунам гуфт. Гуфтам, ки дастат кӯтоҳӣ мекунад, бача! Ва рост ба пеши Иванов, ба Чека рафта ҳамаша гуфтам.

— Офарин! Иванов чӣ гуфт?

— Гуфт, ки парво накун, мо намемонем, ки ба пои Нодир ва Ҳамдам Ҳоҷӣ хоре халад. Натарсида гаштан гир!

Сӯҳбати аввалини зану шӯ, баъд аз фироқи дуру дароз ҳамин тавр сар шуд. Чунки замона ҳамин тавр буд. Ҳанӯз оромӣ тамоман барқарор нагашта буд. Аммо ҳаёт буд, зиндагӣ буд, мубориза буд... Дар ҳақиқат ҳам як қисм одамоне пайдо шуда буданд, ки ба Ҳамдам Ҳоҷӣ барин ҷонфидоёни халқ тӯҳмат мекарданд. Бале, онҳое, ки рӯирост, бо тиру туфанг ӯро аз миён бардошта натавониста буданд, акнун бо тӯҳмат, бо иғво сиёҳ кардан мехостанд.

Тошпӯлод Полвонов аз Қӯқанд буд. Падараш яке аз даҳанкалонҳои шаҳр, гӯё ҷадид ва тараққипарвар буд, гоҳ тарафдори ҳокимияти Шӯроӣ мешуд, гоҳ мухторияти Қӯқандро ҷонибдорӣ мекард, бо пул ва чизу чора ёрӣ мерасонид. Писаронашро (Тошпӯлод ва бародарашро) аввал ба мактаби кӯҳна, баъд ба мактаби «нав», ки дар он туркони усмонӣ дарс медоданд, хононд. Лекин пас аз барҳам хӯрдани мухторияти Қӯқанд, дере нагузашта падари Тошпӯлод вафот кард. Писаронаш ҳатто ба мурдаи падар ҳозир нашуданд. Яке аз онҳо дар Қаршӣ, дигараш (Тошпӯлод) дар Тошканд кор

карда, хонда мегаштанд. Онҳо гӯё аз падарашон даст кашида, ӯро падар ҳисоб намекарданд. Тошпӯлод ҳатто ба фирқаи коммунистӣ (иштирокиюн) доҳил мешавад ва пас аз хатми техникуми ҳуқуқшиносӣ ӯро ба Қонибодом прокурор карда мефиристанд.

Ҳамин Тошпӯлод Полвонов аз қафои Ҳамдам Ҳоҷӣ ва одамони вай материал ғундошта мегашт, ният дошт, ки аввал Ҳамдам Ҳоҷиро сиёҳ кунад ва пас аз он Нодиру дигаронро. Бо ҳамин қасоси падараш ва дигар ҳамфикронашро гирифтанӣ, ба худаш ва шариконаш роҳи васеъ ва калон кушоданӣ мешуд. Шубҳа нест, ки Тошпӯлод танҳо набуд. Пушту паноҳ ва шариконаш буданд.

Вақто ки диловарию нотарсии Латофатро дид, аз баҳри таъқиби вай гузашт. Шавҳаратон биёяд, сӯҳбат мекунем, гуфт.

Сӯҳбати ногувори зану шӯро Қумрӣ омада ба дигар сӯ тофт:

— Дадо, ман ашӯла хонда тиям, ашӯлаи нав?

— Қу, ку шунавем!

Қумрӣ давида рафта аз токи хона дойрачаи худро гирифту бо овози чарангосӣ шӯхона, гӯё ва аҷоиб ба сурудан сар кард:

Эй мурғи даштӣ, эй мурғи даштӣ,
Аз кӯҳ гузаштӣ, аз кӯҳ гузаштӣ.
Додома дидӣ, отама дидӣ,
Додом саломат, кераш аломат!
Кай меояд вай, ёд кардаем мо,
Ёд карда ҳастем, зудтар биёяд!

Падару модар ҳайрон монданд, на аз он ки Қумрӣ далерона, бурро ва гӯё ашӯла мехонад, балки аз он ки вай ба ин суруди халқӣ ду мисраъ аз худаш бофта ҳиссу андешаашро илова кардааст.

— Қумриҷони мо шоира ҳам шудааст-ку, — гуфт Нодир.

— Ҳа, дадош, —гуфт Латофат, —духтаратон ҳам шоира, ҳам сароянда, ҳам раққоса шудагӣ!

Падару модар ягонаи худро навозиш карданд, бӯсиданд. Дар ҳамин вақт дарвоза тақ-тақ шуд. Нодир баромада дид, ки яке аз одамонаш ба суроғи ӯ омадааст.

— Командири калон, Ҳамдам Ҳоҷӣ шуморо чеғ мезананд.

— Ман навакак дар наздашон будам-ку, —гуфт Нодир норозиёна. —Боз чӣ кор баромад?

— Кори зарур барин, зуд гирифта биё, гуфтанд.

Нодир ба ҳавлӣ даромада, ба занаш гуфт, ки хӯрокро тайёр кардан гирад, вай зуд бармегардад.

— Дадо, ман ҳам ҳамроҳатон равам? —гуфта эркагӣ кард Қумрӣ.

— Не, духтарам, —гуфт Нодир, —дар сарой асп бисёр, мабодо ягонтааш бо думаш туро занад, баъд ман чӣ кор мекунам?

— Думи аспро қайчӣ мекунед-дия!

Аз ҳозирҷавобии духтараш Нодир завқ карда, ӯро баробари қадаш бардошта бӯсид.

— Хайр, ман аввал рафта, думи аспи гандаро қайчӣ кунам, баъд ҳамроҳ меравем.

— Хайр, тезтар биёед! —рухсат дод Қумрӣ.

Нодир ба сарой, ба бошишгоҳи дастаи фидоиён рафт, ки Ҳамдам Ҳоҷӣ бо чанд нафар сардорони дастаҳо сӯҳбат дошт.

— Нағз омадӣ, —гуфт Нодирро дида Ҳамдам Ҳоҷӣ, —ҳозир аз Тошканду Қӯқанд як қарордоди муҳим омад. Аввал ҳамонро ба шумо гӯям.

— Марҳамат, марҳамат! —гуфтанд нишастагон.

Ҳамдам Ҳоҷӣ аз даруни лифофаи калон коғазҳои чорқатро ба даст гирифта гуфт:

— Ман мазмуни ин қарорҳоро мегӯям. Қарордоди комиссияи кумитаи марказии иҷроия ва шӯрои ҳарбии инқилобии Туркфронт![1]. Дар ин қарор гуфта мешавад, ки ҳаракати босмачигарӣ дар баробари корҳои ҳарбӣ, инчунин дар байни аҳолӣ корҳои сиёсии ҷиддӣ бурданро металабад. Ҳаракати босмачигарӣ, ҳаракати умумихалқӣ нест. Сардорони хунхори босмачиён ба воситаи эшон ва намояндагони шариат ва дин дар байни аҳолӣ ташвиқот бурда, иддаи муайяни ақибмондаи халқро ба тарафи худашон кашиданд. Бино бар он ҳамаи босмачиёнро зидди халқ ва зидди ҳаёти нав пиндоштан нодуруст аст. Коре кардан лозим, ки халқи меҳнаткаши фиребхӯрда хатои худро фаҳманд ва ба тарафи ҳокимияти шӯрой гузаранд, ярокашонро супоранд. Ин тавр фиребхӯрдагон кам нестанд. Бадро аз нағз, сиёҳро аз сафед фарқ карда тавонистан лозим. Ҳокимияти Шӯ-

[1]. Ин қарор 15 августи соли 1921 баромадааст. Дар ин чо солаш каме тағйир ёфтааст. *Муаллиф*

ӯ авфи умумӣ эълон кардааст. Ҳар босмачӣ, ҳатто ҳар қӯрбошие ки холисан ва беғараз омада таслим мешавад ва яроқашро месупорад, аз гуноҳи вай гузаштан, ба вай шароити зиндагӣ муҳайё кардан ё ки тамоми дастаро ба сафи фидоиён қабул кардан лозим аст.

Ҳамдам Ҳоҷӣ андак хомӯш истоду баъд ба ҳама муроҷиат карда пурсид:

— Фаҳмидед?

— Фаҳмидем, фаҳмидем! —гуфтанд сардорони дастаҳо.

— Назар ба шунидам, —гуфт Нодир, —ду қӯрбошӣ — бародарони Акбар ва Маҳкам нияти таслим шудан доштаанд.

— Ту аз куҷо фаҳмидӣ?

— Ман дар байни онҳо одам дорам, —гуфт Нодир. — Боре Акбар ба назди Маҳкам омада гуфтааст, ки ҷангу ҷидол ба дилаш задааст. Аскарони Сурхро мағлуб кардан мумкин нест, гуфтааст.

— Ин тавр бошад, бисёр нағз, — гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Аввалин иҷрои қарори болой ҳамин мешавад, ки ту —Нодир, ба ака укаҳо гапзанон карда, онҳоро таслим мекунонӣ. Агар хоҳанд, ба тарафи мо гузашта бо Ислом қӯрбошӣ меҷанганд. Чунки Ислом таслим шудани онҳоро шунида хап намешинад, ба қассоси ҷони онҳо меафтад. Не, агар ҷанг кардан нахоҳанд, ҳукумат ба онҳо ёрӣ медиҳад, ба кору бори деҳқониашон машғул мешаванд.

— Хуб шудааст!

— Ба Акбару Маҳкам бо имзои ману имзои худат хат навишта фиристон, шарту шароитро муайян кун!

— Бисёр хуб, —гуфт Нодир ва рухсат гирифту берун баромада ба мирзохона рафт.

Он рӯз дар беруни шаҳр, дар боғоти гирду атрофи шаҳр сайри калоне барпо гашта буд. Дорбозҳо омада буданд. Онҳо дори баланди худро рост карда, арғамчинҳоро таранг кашида, бо нақораю сурнайнавозӣ мардумро ба сӯи худ, ба тамошои дорбозӣ даъват мекарданд. Дар як сӯ гӯштигирӣ мешуд. Паҳлавонон ҷамъ шуда буданд. Бозориҳо дӯкони матоъҳои худро бардошта омада буданд. Ҳалво, қандалот ва ширинӣ мефурӯхтанд. Бозичаҳо, хушпулакҳои сафолин, тағалҳои рангин ва дигар чизҳоро қатор чида буданд...

Дар он маърака Нодир ҳам буд. Қумричаи шашунимсоларо аз дасташ гирифта ба сайргоҳ оварда буд.

Қумрича хурсанду шод буд, беист суол медод, беист чилдирросзанон гап мезад.

— Дадо, дорбоз чиба чӯби дарозро дошта мегардад?

— Чӯби дароз лангараш-дия.

—Лангараш чӣ?

— Лангараш ҳамин ки... —Чӣ гуфтанашро надонист Нодир, аммо Қумрӣ ором намешуд.

— Лангараш чӣ? Гӯед, дадо!

— Аз арғамчини борик наафтам, гуфта ба дасташ чӯб —лангар медорад. Агар ҳамин чӯб набошад, нохост ба як тараф хам шуда, афтоданаш мумкин.

— Ба як тараф хам нашавад-дия.

— Албатта вай ҳаракат мекунад, ки хам нашавад, лекин нохост хамида монданаш мумкин.

— Ман ҳам ба рӯи арғамчин роҳ гашта метавонам?

— Ҳа, агар машқ кунӣ, роҳ гаштан мегирӣ.

— Биёед, ҳамин рӯз дар ҳавлиамон ҳамин барин дор сохта, машқ кунем...

— Имрӯз корамон бисёр, ягон рӯзи дигар.

— Чӣ кор дорем?

— Аввал сайлро тамошо мекунем, баъд ба ҳавлӣ рафта ба очаат ёрӣ медиҳем, ки якта оши палав пазад. Баъд меҳмон омаданаш мумкин.

— Хайр, майлаш, рӯзи дигар, — ниҳоят Қумрӣ ором шуд.

Онҳо ба давраи гӯштигирҳо рафта хеле тамошо карданд. Баъд Нодир барои Қумрӣ якто тагалчаи рангин харид, ки агар аз даҳонаш пуф кунед, ҳуштак мезад. Баъд камтар ҳалвои акколӣ хариду шарбати қандин нӯшид. Падару духтар хурсанду шод тамошо карда гашта буданд, ки ногоҳ шамоли сахте вазиду чангу хокро ба ҳаво бардошт. Ин тавр шамолҳо, хусусан баҳорон, дар Конибодом тез-тез мевазад. Баъзан чунон сахт мевазад, ки дарахтҳоро ба замин хам мекунад. Ин шамол дар як дам кайфияти тамошоро барҳам зад. Фурӯшандаҳо зуд «дӯконашонро» ба халтаҳо андохта рафтанд. Дорбозӣ тамом шуд. Фақат гӯштигирон ба шамолу тира шудани ҳаво аҳамият надода, ба қувваозмоӣ давом мекарданд. Нодиру Қумрӣ ҳам ба тарафи ҳавлиашон равона шуда, дар роҳ ба Акбар вохӯрданд, ки бо як дӯсташ буд.

— Салом, Нодир, —гуфт Акбар. —Бо Қумриҷон ба сайру тамошо омада будед-дия.

— Ҳа, бародари азиз, —ҷавоб дод Нодир, —Ин ша-

моли ногаҳонӣ кайфи ҳардуямонро паронд. Аҳвол чи тавр? Шаҳбозҳо машқ карда истодаанд? Қамнамо шудед?

— Чанд рӯз нотоб шуда будам, Ҳамдам Ҳоҷӣ духтур фиристоданд, дору дод, ҳарчӣ сиҳат шудам. Имрӯз мо ҳам камтар сайру гашт кунем гуфта,баромада будем... Аз пагоҳ, боз қисми моро ба тарафи Ейпан фиристодан мехоҳанд.

— Боз кор! —гуфт табассум карда Нодир. — Ин тур бошад ҳозир биёед, ҳавлии мо наздик. Очаи Қумрӣ оши палав мепазам гуфта буд. Ҳамроҳ хӯрему чорта чақ-чақ кунем.

— Мо ду кас ба ризқи дигарон шарик шавем, хуб намешудагист, лекин майлаш камтар сӯҳбат кунем. Боз кӣ медонад, ҳамдигарро кай мебинем.

— Рост, рост, —гуфт Нодир ва меҳмонҳоро сар карда, ба ҳавлиаш роҳнамун гашт. Ҳамин ки аз дарвоза даромаданд, Қумрӣ бо овози баланд гуфт:

— Оча, оча, ҳо очаҷон! Мо меҳмон гирифта овардем.

Латофат дартоз аз хона баромада, бо рӯи кушод меҳмонҳоро пешвоз гирифт.

— Биёед, марҳамат ба хона! Аз ҷабри шамол дарҳоро пӯшида монда будам, хайрият ки овози Қумриҷони мо ҷарангосӣ, аз омаданатон хабар дод.

— Салом, келин! — гуфт Акбар, боз омадем, ки як пиёла чои шуморо нӯшем.

— Марҳамат, марҳамат! —Чой дам кардагӣ, дастурхон паҳн истодааст.

Ҳама ба хона даромаданд.

Дар берун суръати шамол хеле суст шуда буд. Лекин абрҳои ғафс, ки шамол оварда буд, рӯи офтобро пӯшида, ҳаворо тираю торик карда буданд. Пардаи тирезаҳоро бардоштанд, хона андак равшан шуд. Дар рӯи дастурхон нон, мавиз, ғӯлунг ва қанд буд. Чой дар чойники калон гарму ҷӯш меистод.

— Ку, аз нон марҳамат, даҳон ширин кунетон! —гуфт Нодир ба меҳмонҳояш.

— Ҳа, гиред, амакӣ, дар хонаи мо шарм накунед, — гуфт Қумрӣ.

Қалонҳо хандиданд.

— Маиу дадот ака-уко шудагӣ, — гуфт Акбар. —Мо аз ҳамдигар ҳеҷ мулоҳиза намекунем. Ин дӯсти ман Қаробой, шумо мешиносед, дар вақти таслим шудан вай дар хизмати Ислом курбошӣ буд. Ба ин тараф гу-

заштани моро шунида, ҳамроҳи худаш се нафарро гирифта, омада таслим шудааст. Ҳоло истироҳат карда гард, лозим шавӣ ҷеғ мезанем, гуфтанд.

— Дар куҷо хуфту хоб доред? —пурсид Нодир аз Қаробой.

— Дар хобгоҳи Акбарҷон! — гуфт Қаробой. — Ба қишлоқ равам, одамони *Ислом хабар ёфта, парронда намонанд*, мегӯям.

— Мумкин, —гуфт Нодир. — Як ду-се рӯз дам гиред, командирҳо маслиҳат карда, аслу анҷоматонро медиҳанд ва ба ягон қисм таъин мекунанд. Акбарҷону одамхояш ҳам аз тафтиш гузашта буданд. Баъд, ки ҳамроҳ шудем, ҷӯраи ҷонӣ гаштем. Ҳамроҳ ба ҷангҳои бисёре корнамоӣ нишон додем. Ҳоло ному овозаи Акбар командир ба ҳама ҷо паҳн шудааст. Ин кас, фарзанди ҳақиқии халқи меҳнаткаш будани худро дар амал исбот карданд. Як маротиба не, даҳҳо маротиба аз ҷонашон гузашта маро аз марг халос кардагӣ.

Пас аз ин хотирагӯӣ сар шуда рафт.

Боре дар қарибии қишлоқи Равот босмачиҳои дастаи Адҳам қӯрбошӣ ҳуҷумро зӯр карда, ба мурдани худ аҳамият надода, ба болои шинакнишастагони дастаи Нодир худро заданд. Ҷанги тан ба тан сар шуд. Йигитҳои Адҳам бисёр буданд, вале азбаски ба ҷанги тан ба тан одат надоштанд ва машқ накарда буданд, бисёр кир мешуданд. Нодир бо найзаю милтиқаш бераҳмона мезад. Вай занозанӣ карда пеш мерафт ва як босмачии девталъат аз пасаш расида мехост, ки бо ханҷари хуношомаш ба тахтапушти Нодир занад, аз куҷое Акбар пайдо шуду бо шамшераш дасти босмачиро аз тан ҷудо кард. Баъд ки фаҳмиданд, девталъат худи Адҳам қӯрбошӣ будааст. Босмачиёни вай, ба замин афтодани сардорашонро дида роҳи гурезро пеш гирифтанд. Дастаи Нодир ва Акбар бо ғалаба ба Конибодом баргаштанд. Акбар аз тарафи роҳбарият бо шамшери дастааш нуқра мукофотонида шуд.

Боре дар кӯҳистон ҷанг мерафт, Акбар аз баландӣ фуромаданӣ буд. Ҳарду дасташ ба теғаи кӯҳ банд, милтиқаш дар китф, поҳояш ба сӯрохии байни сангҳо гузоштагӣ ... Дар ҳамин ҳолат ӯро аз боло як босмачӣ нишон гирифт. Инро аз дур бошад ҳам Нодир дид, зуд нишон гирифта босмачиро бо тир зад ва ҷони Акбарро аз марги яқин халос намуд.

Ҳамин тавр дӯстон аз воқеа ва ҳодисаҳои ҷангии худ

сӯҳбат карда, чой нӯшида менишастанд, ки дарвозаи ҳавлиро касе бемуҳобо сахт кӯфт. Латофат дарвозаро кушод. Аз берун ду милиционер бо як нафар сардорашон ба ҳавлӣ даромаданд.

— Хуш, хизмат? —гуфта Латофат пурсид.

— Акбар ва шарикаш дар хонаи шумост? —пурсиданд омадагон.

— Ҳа, меҳмони мо, —гуфт Латофат. — Чӣ кор баромад?

— Кори зарур, —гуфт сардор ва ба сӯи хона бетаклиф қадам гузошт.

Хонабудагон, ки аз паси тиреза омадагонро медиданд ва овози баланди онҳоро мешуниданд, ҳар се якбора аз ҷо бархостанд ва Нодир давида ба пешвози омадагон баромад.

— Худаш чӣ гап? —пурсид вай аз сардори милиция.

— Мо барои гирифта бурдани Акбар қӯрбошӣ омадем! —гуфт сардор. —Фармон дорем.

— Акбар-қурбошӣ кайҳо нест шудагӣ, — гуфт сахт карда Нодир. —Дар ин ҷо рафиқ ва ҳамдами ман Акбар-командир истодааст.

— Инашро сардорҳо медонанд! — гуфт сардори омадагон. — Мо маҷбурем, ки рафиқи шуморо бо шарикаш гирифта барем.

— Ман ба ин кор роҳ намедиҳам! —гуфт Нодир. — Ман ҳамроҳи шумо меравам, чӣ будани гапро мефаҳмам. Дар ин ҷо ягон саҳве шудагист.

— Моро ба ташвиш намонед, Нодир-командир! Наход, ки мо дидаю дониста, қасдан ба ҳавлии шумо омада, ҷӯраатонро барем? Худи мо ҳам ҳайрон шудем.

— Ҳамдам Ҳоҷӣ дар куҷо? Наход ки беиҷозати вай?

— Ҳамдам Ҳоҷиро надидем.

— Набошад, биёед аввал Ҳамдам Ҳоҷиро бинем.

— Намешавад!

Дар ин ҷо худи Акбар пеш омад.

— Ташвиш накашед, ҷӯра! —гуфт ба Нодир. —Мо худамон меравем, чӣ будани гапро мефаҳмем.

— Набошад, ман ҳам бо шумо меравам.

Нодир инро гуфту ба хона даромад ва ҷомаашро пӯшида баромад. Латофат ва Қумрӣ, ки ҳайрон шуда дар он қарибӣ меистоданд, пеш омаданд.

— Монед, ақаллан ошро хӯранд! —гуфт Латофат.

— Дадо, ошатонро хӯрда равед! —гуфт Қумрӣ зорикунон.

Лекин Нодир ба онҳо ҷавобе надода, ҳамроҳи омадагон ва меҳмонҳояшон аз ҳавлӣ баромад.

Дар идораи милиция сардори калони милиция ба суолҳо ва эътирозҳои Нодир хунсардона нигариста истода гуфт:

— Бисёр ташвиш накашед, Нодирҷон! Мо бе ҳеҷ асос коре намекунем. Ба мо аз Қӯқанд фармон шуд. Барои ба ҳабс гирифтани қӯрбошиҳои таслимшуда прокурор ҳам розигӣ додагӣ. Мо маҷбурем, ки фармонро иҷро кунем.

— Набошад то ҳал шудани масъала инҳорю ба кафолати ман диҳед. Ман худи ҳозир ба Қӯқанд меравам. Дар ин ҷо ягон сахве, хатое ҳаст.

— Ман ин корро карда наметавонам! —гуфт сардор ва фармон дод, ки Акбару шарикашро ба ҳабсхона баранд.

— Не, ман намемонам, ки инҳоро ҳабс кунед! —гуфт Нодир ва пеши роҳи милиционерҳоро дошт. — Инҳо ҷони маро на якбор аз марги яқин халос кардагӣ, инҳо ба ҳукумати шӯрой содиқ ва фидокоранд.

— Ба ин тараф гузаред, монед, ки мо кори худро кунем.

— Не, намемонам! —гуфт Нодир бо ҳар ду дасташ пеши роҳи милиционерҳоро дошта. Вай аз ғазаб меларзид.

Дар ин дам боз худи Акбар пеш омаду ба китфи Нодир даст гузошт.

— Нодирҷон, ҷӯраи ба ҷон баробарам, —гуфт вай. —Бедарак ташвиш накаш! Модом ки аз боло фармон шудааст, дигар илоҷ нест. Аз номи ҳукумат хиёнат мекардагиҳо будагиянд.

— Худи ҳамин гапат як гуноҳ! —гуфт сардор ба Акбар ва ба милиция фармон дод: —Гирифта баред!

— Вай гуноҳ надорад! —гуфт Нодир. —Ман ин корро ҳамин тавр намемонам! —ва ба Акбар хитоб кард: —Ту хотирҷамъ бош, ҷӯра! Дар пасат ман ва дӯстони ман ҳастанд. Намемонем, ки ноҳаққӣ шавад. Ман худи ҳозир назди прокуррор меравам.

Инро гуфту аз дар берун баромад. Борон меборид, ҳаво торик буд. Нодир ба ҳеҷ чиз аҳамият надода, рост ба идораи прокурор рафт. Хайрият ки прокурори шаҳр дар идорааш будааст.

— Ин чӣ гап? —гуфта вай ба кабинети прокурор даромад. — Ин чӣ ҳодиса?!Имрӯз Акбар-командир ва

рафиқи ӯро аз ҳавлии ман гирифта бурданд ва ҳабс карданд. Мегӯянд, ки аз Қӯқанд фармон шудааст, шумо ҳам розигӣ додаед. Охир, натиҷаи ин корро медонед, чӣ мешавад?! Мо бо чӣ азоб босмачиҳои фиребхӯрдаро таслим мекунем, шумо пас аз чанд гоҳ, фидокорӣ ва садоқати онҳоро дидаю дониста, боз гирифта ҳабс мекунед! Ҳамаи таслимшудагон боз гашта бо яроқи худамон бар зидди мо сар намебардоранд?!

— Ин аз эҳтимол дур нест! —гуфт прокурор дар ҷавоб. — Лекин чӣ илоҷ, фармон аз боло, аз худи Маскав шудааст. Бо имзои Троцкий қоғаз омадааст, ки ҳамаи қӯрбошӣ ва босмачиҳои таслимшударо дошта, ҳабс кунем ва ба трибунал супорем.

— Наход, ки Троцкий барин одам душмани ҳукумат, душмани халқ бошад?!

— Ин тавр нагӯед, Нодирҷон, хуб не! —гуфт прокурори тарсончак. —Сардорони ҳукумат ягон чизро медонистагиянд!

— Не, дар ин ҷо ягон саҳве, ғалате ҳаст.

— Ман намедонам.

— Ман маҷбурам, ки ба Қӯқанд равам, —гуфт ва аз идораи прокуроор баромада, аз борон тар шуда бошад ҳам аҳамият надода, ба сарои Насриддинбой, ба сӯи идораи Ҳамдам Ҳоҷӣ равон шуд. Дар роҳ фикр мекард, ки ба ин хиёнат ва ҷиноят Ҳамдам Ҳоҷӣ чӣ мегуфта бошад. Наход, ки вай ҳам тарафдори боз гирифта шудани босмачиҳои таслимшуда бошад? Охир ин кор, ҳукуматро дар назди халқ беобрӯ мекунад, дурӯғгӯ, фиребгар карда нишон медиҳад. Ман намегӯям, ки ҳама босмачӣ ва қӯрбошиҳоро авф карда аз гуноҳашон гузарем; дар байни онҳо Ислом-қӯрбошӣ барин хунхӯрон кам нестанд. Охир, Ислом-қӯрбошӣ пештар командири аскарони сурх буд, нону намаки халқро, нону намаки ҳукумати шӯроиро хӯрда калон шуд ва рафтарафта ба ҳукумат, ба халқ хиёнат кард. Ҳамдам Ҳоҷиро, маро ва дӯстони маро дар Ейпан асир карда гирифт... Ҳамдам Ҳоҷиро ба хари луч чаппа шинонда, ба рӯяш сиёҳии дег молида рӯзи бозор дар байни мардум гардонид. Агар ман намегурехтам, албатта маро тирборон мекард. Хайрият, ки Ҳамдам Ҳоҷиро аскарони мо халос карда гирифтанд! Ислом қӯрбошӣ агар омада пои сардорони моро лесад ва ҳазор қасам хӯрад, ки дигар хиёнат намекунад, ман бовар намекунам, албатта ба вай

ҳукми паррон мебарорам. Лекин Акбару Маҳкам барин ҷавонҳои фиребхӯрда босмачӣ шудагӣ гапи дигар, инҳо дар амал садоқати худро нишон доданд. Ҳамаро ба ҳован андохта кӯбед гуфтан, албатта хатост! На ин ки хато, балки ҷиноят аст. Бигзор, ин фармон — фармони Троцкий бошад!

Ҳамдам Ҳоҷӣ ва якчанд командир дар ҳуҷраи сарой, ки идора, штаби аскарони сурх буд, ҷамъ шуда, дар бораи чӣ коре маслиҳат доштанд. Ҳамдам Ҳоҷӣ хеле хафа ва димоғсӯхта ба назар менамуд. Маълум буд, ки вай аз чизе дар хавотир; аз чизе ба андеша афтодааст. Бо дидани Нодир, ҳайрон ба рӯи ӯ нигоҳ карда гуфт:

— Имшаб мо туро чеғ назада будем.

— Худам омадам! —гуфт Нодир ва бо ҳама вохӯрдӣ карда аз поён нишаст.

— Хӯш, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ, — бо чӣ хабар омадӣ?

— Акбар бо як рафиқаш, —гӯён, Нодир воқеаро баён карду дар охир илова намуд. —Мехоҳам, ки худи ҳозир ба Қӯқанд рафта, аз Чека ва дигар ҷоҳо ҳақиқати гапро фаҳмам. Агар пеши ин корро нагирем, ҳабс карда шудани Акбарро шунида, дигарон боз гурехта босмачӣ мешаванд.

— Аллакай гурехта рафтанд.

— Наход? Кӣ гурехт.

— Маҳкам бо худаш шаст-ҳафтод нафар йигиташро гирифта, бо милтиқ, яроқ ва аспу анҷоми мо додагӣ гурехта рафтааст. Намедонам ба вай кӣ хабар додааст. Назар ба шунидам, бисёрии таслимшудагонро дар хонаю ҷояшон наёфтаанд. Боз ба сари мо як даста бало пайдо шуд.

— Набошад, —гуфт Нодир. —Худи шумо чаро ба ин кор роҳ додед?

— Магар аз ман маслиҳат пурсиданд?! —гуфт маъюсона Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Ману ту фармонбардорем, фармондеҳ дигаронанд.

— Фармондеҳон дидаю дониста ба пои мо теша мезананд, девори мо болокардаро зада вайрон мекунанд?

— Мекунанд, мекунанд! Агар табъашон хоҳад, ману туро ҳам тӯҳмат карда ба ҳабс гирифта метавонанд.

— Не, — гуфт ба таври қатъӣ Нодир. — Ман худи ҳозир ба Қӯқанд рафта ҳақиқатро мефаҳмам.

— Нарав, фоида надорад, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. —

Ман гап зада дидам, фармон аз Маскав, аз худи Троцкий омадааст. Чека ҳам ҳайрон, илоҷе надоранд.

— Пас мо чӣ мекунем?

— Вазифаи худро адо карда мегардем. Ана, ҳозир хабар расид, ки Ислом-қурбошӣ ба Чоркӯҳи Исфара омадааст, бедодгарӣ карда истодааст. Мо бояд саҳар қатӣ ба роҳ бароем, Исломро нест кардан лозим.

— Як худи мо аз ӯҳдаи ин кор намебароем! —гуфт як командири ҷавон.

— Худи мо не, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Аз Қӯқанд ва Хӯҷанд ҳам қисмҳои аскарони сурх омада мерасанд. Мо бояд то расидани онҳо ба Исфара расида равем. Бинобарон ба ҳама хабар расонед, дар соати чори саҳар ба роҳ мебароем.

Нодир бо сад фикру хаёл ба хонааш баргашт. Қумрича ҳанӯз нахобида буд. Ба хона омадани падарашро дида якбора хурсанд шуд.

— Хайрият омадед, — гуфт вай ба гардани Нодир часпида. — Мо хафа будем. Ош нахӯрда рафтед, очаам оши бомаза пухта буд.

— Ту хӯрдӣ? Ҳамаи табақатро холӣ кардӣ?

— Не, шумо рафтед, баъд хӯрданам наомад. Ҳозир мехӯрем?

— Майлаш, агар бошад мехӯрем.

Латофат дастархон кушод, табақи оши печонда мондагиашро оварда, ҳар се ош хӯрданд. Баъд Қумричаро ба ҷогаҳаш бурданд. Пас аз хобидани Қумрӣ зану шӯ асбоби сафари Нодирро муҳайё карданд ва то нимишаб оҳиста-оҳиста гап зада, бо ҳам дарди дил карданд.

Тобистони 1925 буд.

Нодир аз сафари навбатӣ, аз юрише ки бар зидди боқимондаҳои босмачиён сар карда буд, мансуру музаффар баргашта омаду зану духтарашро сиҳату саломат ёфт. Қумрӣ калонакак, ба чашм намоёнакак шуда буд. Акнун боақлона гапҳо зада падару модарашро ҳурсанду шод мекард. Ин дафъа ҳам падарашро пешвоз гирифта, ба гарданаш часпид, бӯсид ва гуфт: — Хайрият ки омадед, бувам роҳи шуморо пойида истода мегирист.

— Барои чӣ мегирист? Ман, шукр, сиҳату саломатку!

— Надонам, ёд мекардагист. Бе шумо ҳавлиамон ҷӯл барин.

Аз ин гапи Қумрӣ падару модар мамнунона ва хурсандона хандиданд. Ҳатто дар чашмони Латофат ашк пайдо гашт.

— Ин ана ҳамин хел, —гуфт модар духтарашро нишон дода, —мандонам шудагӣ.

— *Медонам-дия! —гуфт Қумрӣ.*

Пас аз хӯрдани хӯрок ва нӯшидани чой, дар вақти истироҳат карда нишастани Нодир, Қумриро ба ҳавлии ҳамсоя, ба пеши дугонааш фиристода Латофат дар зимни сӯҳбат гуфт:

— Хабарҳои навро фаҳмидагиед?

— Не, чӣ хабари нав? —аз ҷо бархоста нишаста — пурсид Нодир.

— Ҳамдам Ҳоҷиро гирифта қаба карданд.

— Чӣ? Чӣ? Ҳамдам Ҳоҷиро? Командири моро ҳабс карданд?

— Ҳо, Ҳамдам Ҳоҷиро ду рӯз пеш ҳабс карданд, гӯё ба Қӯқанд фиристоданӣ ...

— Бо фармони кӣ? *Кадом душман ин корро кардааст?*

— Надонам, гӯё ки прокурор Полвонов аз худи марказ фармон гирифтааст.

— Боз Полвонов! —муштонашро гиреҳ карда ба зонуяш зад Нодир. —Не, *ман ин* корро ҳамин тавр намемонам. Имрӯз Ҳамдам Ҳоҷиро гирифта бошанд, пагоҳ маро мегиранд, пасфардо ҳукумати шӯроиро зада нест кардан мехоҳанд, ин бадбахтон! Ҷои арзпурсиро медонам, то ба худи Маскав рафта дод мезанам.

Ранги рӯи Нодир тағйир ёфт, чашмонаш аз косахона баромада буданд, лабонаш дир-дир меларзиданд. Ин ҳолати ӯро дида Латофат тарсид, сад пушаймон шуд, ки ин хабари шумро ба вай расонид. Лекин ногуфта ҳам намешуд. Гуфтаи Нодир рост аст, ки имрӯз Ҳамдам Ҳоҷиро гирифта бошанд, пагоҳ Нодирро ҳам гирифта ҳабс карданашон мумкин. Ҳамдам Ҳоҷӣ барин шахси ҷонфидо, қаҳрамон ва яке аз барқароркунандагони ҳокимияти шӯроӣ дар ин гирду атроф, командири дивизияи мусулмонон, одами маълуму машҳурро ҳабс кунанд, Нодир дар пеши вай ҳеҷ аст. Аммо ҳар ҳол ба шавҳараш тасаллӣ доданӣ шуд.

— Хайр, бисёр хафа нашавед, худатонро ба даст гиред, илоҷи корро бо маслиҳат кардан лозим.

— Маслиҳатгӯи ман, ягона пушту паноҳи ман Ҳамдам

Ҳоҷӣ буд, — гуфт Нодир маъюсона. — Акнун бо кӣ маслиҳат мекунам?

— Бо амакатон, бо Ёрмуҳаммад-мингбошӣ!

— Амакам чӣ мегӯянд? Худашон бемор, пир шудагӣ... Хайр, ҳозир вақт ҳаст, худам рафта аз ин Полвонови худобехабар пурсам-чӣ, худаш чӣ гап, баъд маслиҳат мекунем.

— Не, дадош, — гуфт Латофат, — ба пеши вай саг наравед, авзотон беҷо, ягон ҳодиса шуда монад...

— Ҳеҷ ҳодиса намешавад, —гуфт Нодир. —Ман ақл дорам, дониста гап мезанам. Фақат асли воқеаро фаҳмидан мехоҳам, баъд ба ҳамон нигоҳ карда кор мекунам. Ту аз ман хавотир нашав!

Нодир занашро ба таҳлука гузошта, аз хона баромада рафт. Латофат ба хавотир кашидан, ба таҳлука мондан ҳақ дошт. Нодир қаҳрамон, Нодир диловар, Нодир нотарс ва ҷасур... Бо душманон рӯйрост, бо дуздон, бо босмачиён ва монанди онҳо касон мубориза бурда метавонанд. Аммо бо Полвонов барин душмани пинҳонӣ, ки ба рӯяшон ниқоби сурх кашидаанд ва ба сари дилашон зада, гӯё барои ҳокимияти шӯроӣ мубориза мебаранд, даст ба гиребон шудан осон нест. Онҳо дар боло, дар марказ ҳам пушту паноҳ доранд. Агар не бо кадом ҷуръат Ҳамдам Ҳоҷиро гирифта ҳабс мекунанд? Э худое, мегуфт Латофат ба дилаш, ин задухӯрд, ин кашмакаш интиҳо дошта бошад?

Нодир ба идораи прокурор рафта даромад, ки Полвонов дар кабинеташ будааст. Аввал саломy алеку пурсуҷӯ карданд. Нодир қаҳру ғазаб ва ҳаяҷонро фушурда, бо табассуми сохта сухан мекард.

— Хӯш, —гуфт ниҳоят Полвонов, —хизмат?

— Ҳеҷ, ҳамин тавр як салом дода гузарам, гуфтам, —гуфт Нодир ва нафас гирифта илова намуд: — шунидам, ки Ҳамдам Ҳоҷиро ҳабс кардаанд. Ба ин хабари шум бовар накардаму гуфтам, ки аз Тошпӯлодҷон рафта пурсам, хабари пухтаро худаш ба ман мегӯяд.

— Ҳамдам Ҳоҷӣ, —гӯён ба рӯи Нодир нигарон каме хомӯш монд Тошпӯлод. Пас илова намуд. —Ҳамдам Ҳоҷиро ба ҳабс гирифтем, дигар илоҷ набуд. Маълум шуд ки вай бо Ислом-қӯрбошӣ шарик будааст. Инро худи Ислом дар допрос иқрор шуда гуфтааст.

— Гуфтаи душмани ашаддии Ҳамдам Ҳоҷӣ —Ислом-қӯрбошӣ ба шумо дастак шуд?! — сахт карда пурсид Нодир. —Душман ҳар чӣ гуфтан мегирад, ҳамаро ба

чел кашидан мегиред! Наход, ки ҳамин ҳақиқати равшанро надонед?!

— Ба ман омӯхтани шумо шарт не! Наход ки мо фақат ба иқрор шудани як дузди лаънатӣ, Ҳамдам Ҳоҷӣ барин одамро душман ҳисобида ба ҳабс гирем?! Мо дар дасти худ санадҳои раднашаванда дорем.

— Чӣ хел санад? Қу ман шунавам!

— Ин кори худи мост, ба шумо ҳисобот додани мо шарт нест.

— Ман сардори дастаи мудофиёни шаҳр ҳастам. Ман ба пурсидан ҳақ дорам. Бо босмачӣ ман мубориза мебарам, мардуми шаҳрро бо отряди худ ман мудофиа мекунам, дар он қатор шуморо ҳам! Ҳамдам Ҳоҷӣ бошад, командири калони аскарони сурхи округ аст.

— Бале, ин ҳамаро мо медонем! Ҳамдам Ҳоҷиро берозигии идораҳои дахлдори болоӣ мо гирифта ҳабс карда наметавонистем, Шумо, бародар бо ман калло-балло накунед, монед кори худамонро кунем.

— Ҳоло коратонро кардед! Аз ин зиёдаш маро ҳам гирифта ҳабс кардан монд. Лекин инро донед, ки ман ором ва хомӯш намегардам. Ман ба ҳар ҷое ки лозим аст, меравам. Ҳақиқати корро мефаҳмам ва Ҳамдам Ҳоҷиро аз дасти шумо халос мекунам. Як фақат шумо ҳукумати шӯроӣ нестед!

— Ихтиёратон!

— Бале, ихтиёр аз мо, аз меҳнаткашон аст! Шумо барин бойбачаҳо, то ба кай ба сари мо чормағз мешиканед!

Инро гуфту Нодир дари кабинетро сахт пӯшида рафт. Прокурор аз қафои вай фарёд кард:

— Даҳонатро пӯш, лаин! Навбати ту ҳам қариб расид.

Аммо инро Нодир нафаҳмид. Вай ба кӯча баромада рост ба хонаи Ёрмуҳаммад-мингбошӣ рафт.

Мингбошии пир ва дардманд дар меҳмонхонаи худ бо писари калонаш сӯҳбат карда менишаст. Ӯро дар вақти шаҳрро зер кардани босмачиҳо Ислом-кӯрбошӣ гирифта бурда буд ва чанд гоҳ дар сахтию уқубат нигоҳ дошта, аз фарзандонаш маблағи калон ва яроқу аслиҳа мепурсид, ки оварда дода, падарашонро гирифта баранд. Лекин писарони мингбошӣ талаби онҳоро ба ҷо оварда наметавонистанд. Ниҳоят одамони Чека бо ҳилаю тадбир Ӯро аз дасти босмачиён халос карда гирифтанд. Ҳоло вай хонашин ва дардманд шуда буд.

Аз дар даромадани Нодирро дида падару писар хурсанд шуданд. Ҳолу аҳвол пурсиданд. Нодир воқеаи ҳабс шудани Ҳамдам Ҳоҷиро гуфт. Маълум шуд, ки мингбошӣ хабар доштааст.

— Ман ҳайрону гаранг мондам, —гуфт вай. —Вактҳои охир одамони ҳукумат корҳое карда истодаанд, ки ҳеҷ душман намекунад. Онҳо ба пои худ табар зада истоданашонро намедонанд магар?

— Тошпӯлод Полвонов одами ҳукумати шӯроӣ не! —гуфт Нодир. — Вай ба пои худаш не, ба пои ҳукумати шӯроӣ табар зада истодааст.

— Ба ҳар ҳол вай прокурор аст, прокурори ҳукумат!

— Ин бойбачаи кӯқандиро кӣ прокурор карда бошад, намедонам!

— Гап дар сари писари бой будани вай ҳам не, — гуфт писари калонии мингбошӣ. —Бойбачахое ҳастанд, ки ҷону молашонро аз ҳукумати нав, аз ҳукумати шӯроӣ дареғ надоштанд ва дареғ намедоранд. Масалан Файзулло Хоҷа аз Бухоро ва боз касони дигарро медонам, ки авлоди бой, мулло бошанд ҳам фидокорона кор мекунанд. Гап дар худи Полвонов аст, ки хеле баланд рафта истодааст.

— Ман чӣ кор кунам, падар? —гуфт Нодир, —Ба куҷо равам? Ба кӣ арз кунам,.ки Ҳамдам Ҳоҷиро халос кунад?

Мингбошӣ фикр карда истода буд, ки писараш ҷавоб дод:

— Ба Қӯқанд, ба Чека рафтан бад намешавад.

— Хайр, якбор аз Чека хабар гирӣ бад намешавад,— гуфт мингбошӣ. —Агар онҳо ёрӣ дода натавонанд, ба Самарқанд, ба марказ, ба назди Охунбобоев рафтан лозим. Ҳамдам Ҳоҷӣ бо Юлдошбой дӯстии мустаҳкам дошт. Агар вай фаҳмад, ки Ҳамдам Ҳоҷиро ҳабс кардаанд, албатта чораи халосии ӯро меёбад.

— Барои маслиҳат раҳмат, падар! —гуфт Нодир. — Ҳозир ба Қӯқанд меравам, ку бинам, илоҷи корро карда метавонанд ё не. Нашавад, маҷбур, ки ба Самарқанд сафар кунам.

— Бале, ҳамин тавр кун! —гуфт мингбошӣ.

Нодир ба хонааш омада, ба занаш воқеаро гуфт.

— Ҳозир бо ду нафар одамам ба Қӯқанд меравам. Агар нашавад, аз ҳамон ҷо рост ба Самарқанд метозам. Албатта, ба шумо хабар мерасонам.

— Аз худатон хушёр бошед! —гуфт занаш.

— Ман хушёр —гуфт Нодир, —ба ман чӣ мешавад! Ҳамдам Ҳоҷӣ ...

— Ҳамдам Ҳоҷӣ аз шумо хушёртар буд, — гуфта сухани шавҳарашро бурид Латофат. —Замона нобоб шуд.

— Ин гапат ҳам ҷон дорад. Лекин душмани Ҳамдам Ҳоҷӣ бисёр, ӯро дида наметавонистагиҳо, ба вай ҳасад мебурдагиҳо кам нестанд. Ман одами муқаррарӣ, ҷою мансаби ман ба кӣ даркор.

— Ин тавр нагӯед, душмани шумо ҳам кам не!

— Хуб, ман хушёр мешавам, лекин ту ҳам аз худат бохабар бош, Қумриҷонро эҳтиёт кун, таппончаро ҳамеша тайёр нигаҳ дор!

— Хуб, аз мо хотирҷамъ бошед!

Қумрӣ дар хона набуд, дар ҳавлии ҳамсоя бо дугонаҳо бозӣ карда мегашт. Нодир аз фурсат истифода карда, занашро ба бағал гирифт ва аз рӯю лаби ӯ бӯсид, хайру хуш кард ва ба кӯча баромад. Дар кӯча ду нафар одамаш аспи ӯро нигоҳ дошта меистоданд. Вай ба аспи худ савор шуду одамонаш аз қафояш ба аспони худ савор шуда ба роҳ даромаданд.

Дар роҳ Нодир ба хаёлу андеша фурӯ рафта буд. Шариконаш ҳам сухан накарда, асп меронданд, ба андешаҳои командирашон халал додан намехостанд. Нодирро чандин ҳодисаҳои ғайри мунтазира ҳайрон карда буд. Барои чӣ ҳукумат аввал авфи умумӣ эълон карда, ба таслим шудани босмачиёни фиребхӯрда замина ҳозир карду баъд боз онҳоро гирифта ҳабс кард? Барои чӣ ба одамони ҷонфидои худ бовар накарда, ба Тошпӯлод барин шахсони бадзот имконияти калон додааст? Наход ки дар сари ҳукумат ҳам душманҳо нишаста бошанд? Афсӯс, ки Ленин нест, Ленин вафот кард. Шояд аз набудани вай истифода карда, баъзе душманҳояш бар акси гуфтаҳои вай амал мекунанд? Ҳамдам Ҳоҷӣ ба ман Ленинро таъриф карда гуфта буд, ки вай ба халқи меҳнаткаш ғамхор ва роҳбар аст...

Дар Чекаи вилоятӣ сардор дар ҷояш набуд, ба назди муовини раис даромад. Вай як мардаки қоқинаи каддароз ва айнакӣ буд. Нодирро бо кибру калонгирона қабул карду мақсад пурсид.

— Ман аз Қонибодом, сардори мудофиёни шаҳр ҳастам, —гуфт Нодир. —Бо отряди худам ба тарафи Чоркӯҳи Исфара рафта будам; баргашта биёям Ҳамдам Ҳоҷиро гирифта ҳабс кардаанд. Ҳамдам Ҳоҷӣ одами...

— Медонам, медонам, —гуфт каддарози айнакӣ. — Ҳамдам Ҳоҷӣ командир, сардори полки аскарони маҳаллӣ. Хӯш, Ҳамдам Ҳоҷӣ чӣ шудааст?

— Гуфтам-ку, Ҳамдам Ҳоҷиро ҳабс кардаанд.

— Кӣ ҳабс кардааст?

— Кӣ ҳабс мекард, шӯъбаи шумо, албатта.

— Мо бехабар, ман намедонам! —Муовини раис ҳайрон шуда аз ҷояш бархост. —Ту ҳамин ҷо бош, ман фаҳмам канӣ.

Муовини раис аз кабинеташ баромад, Нодир тамом гаранг шуд. Ин чӣ хел Чека, ки муовини раис шуда истода аз ҳабс шудани Ҳамдам Ҳоҷӣ барин одам бехабар бошад?! Дар натиҷаи ҳамин тавр бехабарӣ ва фориғболӣ душманҳои давлати шӯроӣ кори худро бемалол пеш бурда истодаанд.

Муовини раис омаду ба ҷои худ нишаст.

— Ман фаҳмидам, — гуфт вай —Ҳамдам Ҳоҷиро бо фармони маркази ҷумҳурият гирифтаанд. Бино бар он мо ҳеҷ коре карда наметавонем. Бояд тафтиш шавад, бояд дониста гиранд!

— Хайр, ман чӣ кор кунам, рафта ба кӣ арз кунам, ки Ҳамдам Ҳоҷӣ ҳеҷ гуноҳе надорад? Вай содиқ ва ҷонфидои ҳукумати шӯроӣ аст. Умраш дар задухӯрд бо душманони ҳукумат гузашт!

— Мо медонем, мо медонем Ҳамдам Ҳоҷиро ... Аммо ҷорае надорем. Сабр бояд кард!

Нодир дид, ки дар ин даргоҳ касе дасти ёрӣ дароз карда наметавонад, хайрухуш карда баромад.

Нодир ба кӯча баромада одамони худро ёфт, ки дар чойхонаи рубарӯи Чека чой нӯшида нишастаанд. Рӯз ба охир мерасид, дар кӯчаю чойхона одам кам монда буд.

— Хӯш, —гуфтанд онҳо, —шер ё рӯбоҳ?

— Дар ин рӯзҳо, — гуфт Нодир, —шер рӯбоҳ мешавадy рӯбоҳ шер! Ҳеҷ боке не, як дара баста бошад, сад дари дигар кушода! Ман ба Самарқанд меравам. Ту, Алиҷон, истанса рафта хабар гир, поезди Самарқанд кай мешуда бошад.

— Хуб шудааст, хӯҷаин! —гуфта Алиҷон ба сӯи вокзал рафт. Нодир бо шарики дигараш нишаста нону чой хӯрд.

— Поезд ба Самарқанд дар соати дуи шаб мешудааст, — гуфт Алиҷон аз вокзал баргашта.

— Ба ягон ошхона рафта шикам сер кунем, —гуфт шарики дигараш.

— Ошхона чӣ даркор, — гуфт ҷавоне ки аз онҳо дуртар менишаст ва сабзӣ пора мекард. — Биёед ба мо шарик шавед, ош карда истодаем.

— Майлаш, — гуфт Нодир, —мо шарик!

— Пас аз як соат ош тайёр мешавад, —гуфт ҷавон ва сабзиҳои наргисишударо бо табақаш бардошта ба сӯи ошхона бурд.

Нодир аз дил гузаронид, ки ҳамин расму одати халқи мо хуб аст. Дар чойхона ҳамаи шароити ошпазӣ муҳайёст. Ҳар кас ё ҳар гурӯҳе ош пухта хӯрдан хоҳад, марҳамат, як не ҳашт —нӯҳ оташдон, дегу табақу дигар чизҳо ба хизматашон! Албатта оши палави «дастӣ» аз оши палави ошхона беҳтар ва покизатар ва хушхӯртар аст. Як соат зуд мегузарад, камтар дар гирду атроф қадам задан лозим.

Онҳо аз сайру гашт баргашта омада буданд, ки ошпаз ду табақи калон оши хушбӯро оварда ба миён гузошт, шаш нафар давра гирифта, бо иштиҳо хӯрданд. Баъд чой нӯшида, ҳисобро баробар карда омин гӯён аз ҷо бархостанд. Соат аз дувоздаҳ гузашта буд, ки ба вокзал омаданд. Дар вокзал дар назди касса одам бисёр буд. Он вақтҳо поездҳо кам мегаштанд, дар қатор вагон бисёр набуд, локомотивҳо камқувват буданд. Бино бар он ҳар кас дар вақти дилхоҳаш бо поезд сафар карда наметавонист.

Нодир ва рафиқонаш ҳайрон, дар гирди гурӯҳи мардум, ки даричаи билетфурӯширо печонида гирифта буданд, камтар гаштанду намедонистанд, ки чӣ кор кунанд. Дар ҳамин вақт як коргари роҳи оҳан, ки шапкаи сурх ба сар монда, ба бозуяш латтаи сурх баста буд, аз кӯчо пайдо шуду Нодирро дида хуррамона хитоб намуд!

— Нодир-ака, ин шумоед?!

Нодир диққат карда дид, ки бародари яке аз коргарони заводи пахта —Ибодҷон дар баробараш рост истодааст.

— Э, Ибодҷон-ку, —гуфт хурсанд шуда Нодир. —Салом, додари азизам!

— Салом, салом! —гуфт Ибодҷон. —Хӯш, аз шумо пурсем, Дар ин ҷо гаштед?

— Ҳа, ба Самарқанд сафар карданӣ ҳастам, лекин ба дари касса наздик шудан мумкин намешудагӣ барин.

— Ҳа, одам бисёр, лекин ҳоло вақт ҳаст, ман чанд бор ба ин мардум гуфтам, ки ба дари қасса тӯб шуда наистанд. Пеш аз соати яки шаб билет намефурӯшанд,

чунки ҳанӯз маълум нест, ки чандто ҷой ҳаст. Аммо навбат аз даст наравад гуфта, дур намераванд.

— Ба мо билет мерасида бошад? —пурсид Нодир.

— Ба шумо? — бо ханда гуфт Ибодҷон. — Мебинемдия. Биёед, ба ҷои кори ман, маълумот, ки расид, худам билет гирифта медиҳам.

Кабинети навбатчии вокзал ҳам дар ҳамон толор буд. Нодир ба шариконашрӯ оварда гуфт:

— Акнун ба шумо, йигитҳо, ҷавоб! Ба чойхона рафта хоб кунеду саҳар аспҳоро зин карда, ба Қонибодом ҳай кунед. Пеш аз ҳама ба ҳавлии мо рафта, ба янгаатон гӯед, ки ман ба Самарканд рафтам, Ибодҷон муттасадӣ шуд, ки ба ман билет гирифта медиҳад.

Йигитҳо хайру хуш карда рафтанд. Нодир бо Ибодҷон ба кабинет даромада, ба курсиҳо нишастанд ва чой нӯшида истода ба сӯҳбат сар карданд. Нодир боиси Самарқанд рафтанашро гуфт.

— Имрӯз як қатори махсуси ҳабсиҳоро гусел кардем, — гуфт Ибодҷон. —Аз тарафи Андиҷон, Марғилон ва аз худи Қӯқанд ва тарафҳои Исфараю Қонибодом одамми бисёрро ба вагонҳои сурх бор карда, намедонам ба куҷо бурданд. Ба бечораҳо раҳми кас меояд. Кӣ медонад, ин одамони пиру нотавон чӣ гунохе доранд.

— Магар пиру нотавонҳоро ҳам ҳабс кардаанд?

— Пиру нотавонҳо ҳам буданд, ҷавону миёнсолҳо ҳам буданд. Аз симои бисёриашон намуда меистод, ки гунаҳкор нестанд. Одамони меҳнатӣ—деҳқон, косиб. Ин чӣ моҷаро бошад?

— Ман ҳам ҳайрон, —гуфт Нодир ғамгинона. —Худат инсоф кун, Ҳамдам Ҳоҷӣ барин одамро ҳабс карданд, ин куҷоя гапаш?! Бовар дорам, ки ин корҳоро душманони ҳукумат, душманони халқи меҳнаткаш карда истодаанд. Имрӯз не, пагоҳ худи хукумат мефаҳмад ва ҳақро ба хақдор мерасонад.

— Кошкӣ ҳамин тавр шавад, — гуфт Ибодҷон ва дастаи телефонро бардошта ба куҷое занг зада пурсид:

— Маълумот расид? Ҷой бисёр? Хайр...

Нодир бо назари суол ба Ибодҷон нигоҳ кард. Вай бошад аз ҷо бархосту гуфт:

— Шумо баҳузур чой нӯшида шинед, ман ба сари касса рафта, одамҳоро ба навбат монда, ба шумо билет гирифта мебиёрам.

— Саломат бош, додарам! — гуфт Нодир. — Ана ин пули билет.

Нодир ҳанӯз ду пиёла чой нанӯшида, Ибодҷон баргашта омаду ба ӯ билетро дод ва гуфт:

— Баъд аз ним соат поезд мерасад, худам шуморо ба вагон бароварда савор мекунам.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Нодир ба вагоне баромад, ки ҳуҷраҳояш алоҳида буд. Ӯро ба ҳуҷраи аввал, ба кати поён ҷо доданд. Ибод хайру хуш карда рафт, поезд ҳам ба роҳ даромад. Дар рӯбарӯи кати Нодир як ҷавони хушқаду қомат ва озода ҷо гирифта буд. Ба назар муаллим ё коргари сардори ягон идора барин менамуд. Маълум буд, ки вай ҳам аз Қӯқанд, ҳамин ҳоло ба вагон баромадааст. Костюмашро кашида монду ба ҷогаҳаш дурустар нишаста ба Нодир назар кард.

— Сафар ба хайр?

— Ба Самарқанд.

— Ҳамроҳ будем-дия, ман ҳам ба Самарқанд.

— Худатон аз Самарқанд?

— Не, ман аз Хуҷанд, — гуфт он марди ҷавон. —Дар Самарқанд кор мекунам. Ман ёрдамчии Юлдош Охунбобоев ҳастам, номам Раҳимҷон.

— Бисёр нағз, —гуфт хурсанд шуда Нодир. — Ман аз Конибодом, номам Нодир, ба назди Охунбобоев ба арз рафта истодаам. Ина бинед, ки толеам мадад карду бо шумо ҳамдам шудам.

— Худатон чӣ кора? Ба Ота чӣ арз доред, агар мумкин бошад, фаҳмам.

Нодир худашро шиносонида, мақсадашро мухтасар баён кард.

— Ҳамдам Ҳоҷиро ман нағз мешиносам, — гуфт Раҳимҷон. — Он кас ба Ота дӯсти обногузар ҳастанд. Бовар дорам, ки Юлдош-ака ин воқеаро фаҳмад, дарҳол дасти ёрӣ дароз мекунад. Ман ба ин амин ҳастам. Охир, Юлдош-ака одами андак-мундак не, ҷони одам! Ҳақиқатан оқсаққоли мамлакат!

— Ман ҳам таърифи он касро бисёр шунидам. Меҳнаткаши ҳақиқӣ, ғамхори халқ, раҳмдил, одамдӯст мегӯянд.

— Бо ҳама баробар, кибру ғururро намедонад. Агар ба қишлоқ равад, хурду калон ба атрофаш ҷамъ мешаванд. Ҳар кас дарди дилашро гуфтан мехоҳад, ҳар кас аз оқсаққоли мамлакат дастгирӣ мехоҳад. Вай ҳам меҳру муҳаббати худро аз халқ дареғ намедорад, ҳамаро

гӯш мекунад, ёрӣ медиҳад. Ман бо Ота кор карда чизи бисёре омӯхтам. Ҳарчанд ки саводи казой надорад, лекин аз одамони босавод ва зиёи зиёдтар медонад ва мефаҳмад. Ҳар чизеро, ки надонад, мепурсад, аз пурсида фаҳмидан ор надорад.

— Халқ ҳам он касро дӯст медорад. Ҳаминро донista ман роҳи Самарқандро пеш гирифтам.

— Нағз кардед, пагоҳ худам шуморо ба пеши Ота медарорам.

— Саломат бошед, —гуфт Нодир.

Пас ҳар ду ҳам сар ба болишт гузошта хобиданд.

Ба Самарқанд саҳар расиданд. Нодир бо Раҳимҷон ба як фойтуни дуаспа сӯвор шуда ба маркази шаҳр расиданд. Раҳимҷон гуфт, ки шумо шаҳрро камтар чарх зада, ношто карда, баъд ба кумитаи иҷроияи марказӣ биёед. Дар соати нӯҳ ман шуморо дар дами дар мунтазир мешавам.

Нодир Самарқандро бори аввал медид, лекин таърифашро бисёр шунида буд. Самарқанд сайқали рӯи замин аст, мегуфтанд ба вай. Дар ҳақиқат ҳам дар он саҳари пурфайзи тобистон Самарқанд ба назари вай чун ҷаннат намуд. Кӯчаҳои васеъ аз ду тараф бо дарахтҳо иҳота, ҷӯйҳои пури оби равон, иморатҳо ҳам аврупой, аксарият дуқабата, якқабата бошанд ҳам базеб, бо тирезаҳои васеъ, бо дару дарвозаҳои кандакорӣ ва нақшин, дӯконҳо, мағозаҳои бисёре — ҳама барои вай нав ва ғалатӣ буданд. Вақто ки вай аз касе дараки чойхонаро пурсид, гуфт, ки дар дами дари боғи маданият чойхона ва ошхонаи бисёре ҳаст. Ба ин боғ бо кӯчаи Ленин рафтан гиред, аз пешатон мебарояд. Нодир ба ошхонаи қашқариҳо рафта даромад, лағмони хуб ва мантуи бомаза хӯрд. Аз болои он чой нӯшида истода, аз соҳибони ошхона пурсид, ки шаҳри кӯҳнаи Самарқанд куҷост? Онҳо дарак дода гуфтанд, ки дар шаҳри кӯҳна ободиҳои қадима: Гӯри мир, Регистон, Шоҳи зинда ва масҷиди Бибихонимро тамошо карда метавонад. Дар шаҳри кӯҳна бозор, чойхона ва ошхонаҳои бисёре ҳаст. Яке аз бақавулон гуфт:

— Дар худи «Растаи нав» ки аз кӯчабоғи Абрамов (ҳоло булвари М. Горкий) то ба Регистон кашол ёфтааст, ду тарафи роҳ панҷ-шаш чойхонаи калон ҳаст, ки ҳар шаб дар онҳо ҳофизони номӣ базм мероянд ва

Раста аз шуълаи фанарҳои бодӣ ва фонусҳои калон чун рӯз равшан мешавад. Самарқанд бисёр обод шуд, аз бозе, ки марказ ба ин ҷо кӯчида омад.

Соат нимҳ нӯҳ шуда буд, ки Нодир аз ҷо бархост. Маълум гашт, ки кумитаи иҷроия аз он ҷо чандон дур набудааст. Ҳатто боғи истироҳат ба бинои иҷроия ҷафс будааст. Соат нӯҳ шуда буд, ки Нодир аз дари бинои иҷроияи марказӣ ба дарун даромад. Дар пеши'дар милиционерҳо истода буданд. Онҳо аз вай рухсатнома пурсида истода буданд, ки аз даруни бино Раҳимҷон баромад ва Нодирро ба дарун даъват кард.

Кабинети Охунбобоев васеъ, бо мизу курсиҳо, бо китобмонак ва сандуқи оҳанин муҷаҳазонида шуда буд. Дар болои сари вай ба девор расми Ленин буд. Вақто ки Нодир бо мушойиати Раҳимҷон ба кабинет дохил шуд, Охунбобоев дар сари мизи корӣ коғазеро аз назар мегузаронид. Даромадани онҳоро дида коғазро ба рӯи миз гузошту бо симои кушод ба рӯяшон назар кард. Вай марде буд чилу панч-панҷоҳсола, бо рӯи андак дароз, бо ришу мӯйлаби базеб, бо чашмони калон-калони банур, бо лабу даҳони пур аз табассум.

— Салом, салом! —гуфт вай ба ҷавоби саломи Нодир. —Биё, писарам, биё! Аз ин ҷо, аз сари миз гузашта шин. Хуш омадӣ!

Ин тавр муомиларо дида Нодир ҳам гарангу ҳайрон шуд ва ҳам аз хурсандӣ ба пӯсташ намеғунҷид. Охир, Охунбобоев одами хурд ва андак-мундак набуд. Вай раис ва сардори ҳукумати шӯрои ҷумҳурияти Ӯзбекистон, падари меҳнаткашони мамлакат, аъзои ҳукумати Иттифоқи шӯроҳо, аъзои президиуми кумитаи марказии партияи коммунистии Ӯзбекистон ва ғайра ва ҳоказо буд. Бо ҳамин қадар бузургмансабӣ бо Нодир барин як ҷавони оддӣ мисли падару писар, мисли рафиқ муомила мекунад. Нодир ба хушмуомилагии Ота фақат:

— Саломат бошед, падар! —гуфт.

— Хӯш, чӣ ҳоҷат туро ба ин ҷо овард? Мулоҳиза накарда, мақсадатро баён кун, писар!

— Ман шогирд ва дастпарварди ака Ҳамдам Ҳоҷӣ мешавам, —гуфт Нодир.

— Бисёр нағз, —гуфт дарҳол Оҳунбобоев. — Ман Ҳамдам Ҳоҷиро нағз мешиносам. Мо бо ҳам дӯст ва наздик ҳастем... Ҳозир аҳволи ҷӯраам чӣ тавр? Сиҳат ва саломатанд?

Нодир як нафас гап зада натавонист. Баъд оби даҳонашро фурӯ бурду гуфт:

— Ҳамдам Ҳоҷӣ ... Саломат буданд, лекин чанд рӯз шуд, ки он касро ба ҳабс гирифтанд.

— Ҳамдам Ҳоҷиро ба ҳабс гирифтанд? Барои чӣ?

— Дуруст нафаҳмидам, гӯё ки вай бо босмачиҳо шарик будааст.

— Ё тавба! —гуфт оташин шуда Охунбобоев. —Ҳамдам Ҳоҷӣ қаҳрамон, муборизи зидди душманони ҳукумати шӯроӣ, ҷонфидо ва яке аз одамони ҳақиқии ҳамин замона шуда бо босмачӣ шарик будааст?! Инро ба ту кӣ гуфт?

— Инро аввал прокурори Қонибодом, баъд одамони Чекаи Қӯқанд гуфтанд.

— Ин кори душманони ҳукумати шӯроӣ аст! —гуфт Охунбобоев ва дастаки телефонро гирифта занг заду гуфт, ки раиси Чекаи Ӯзбекистонро ба вай пайванд кунанд

— Салом, раис, —гуфт вай бо телефон. —Ҳа ман Юлдошбой акетон! Саломат хастед? Корҳо чӣ тавр? Не, он қадар хуб не барин! Чунки назар ба шунидам сардори дивизияи аскарони мусулмони Қӯқанду Қонибодом —Ҳамдам Ҳоҷиро ба ҳабс гирифтаанд. Медонед? Донista истода ҳамин корро мекунед?! Медонам, ин фармони шумо не. Пас фармони кист? Прокурор? Шоҳидҳо? Ҳама дурӯғ, ҳама бӯҳтон, ҳама кори душманони ҳукумати шӯроӣ аст. Ман Ҳамдам Ҳоҷиро нағз медонам. Вай аз ман фарқе надорад. Набошад, имрӯз не, пагоҳ маро ҳам ба ҳабс гирифтанашон мумкин мешудагист? Чаро ин тавр нагӯям? Ҳамдам Ҳоҷию ман фарқ надорем. Бале, бале, ман кафил ҳастам, ман зомин ҳастам, ки вай гуноҳе надорад. Зуд тафтиш карда, гунаҳгоронро ҷазои сахт диҳед. Худи пагоҳ ба ман маълум кунед! Ман ҳозир ба рафиқ Акмал Икромов ҳам ин ҷанҷолро мегӯям. Бояд чораи фирқавӣ ҳам бинанд. Хушёр будан лозим. Дар байни мо душманони ба рӯяшон ниқоб кашидагӣ кам нестанд. Хуб.

Охунбобоев дастаки телефонро ба ҷояш гузошту даме хомӯш, ба нуқтаи номаълуме нигарон монд. Баъд ба Нодир рӯ оварда гуфт:

— Шоҳидҳо шаҳодат додаанд? Тавба! Агар душман хоҳад даҳто-бисто ҳам шоҳид мёбад, шоҳидҳои дурӯғӣ! Муфаттишу прокурор бояд дилу ҷон қатӣ фаҳмад, ҳис

кунад, ки чӣ корро пеш бурда истодааст? Киро айбдор мекунад, бо чӣ далел? Прокурори шумо кист?

— Тошпӯлод Полвонов ном як кас, — гуфт Нодир. —Писари бойи Қӯқанд, қасоси падару хешу таборонашро гирифтан мехоҳад.

— Маълум! —гуфт Охунбобоев ва ба Раҳимҷон, ки то ҳол хомӯш буд, мурочиат намуд: —Шумо ин йигитро ба меҳмонхона ҷойгир кунед. Имрӯз дам гирифта, шаҳрро тамошо кунад. Пагоҳ ҳамин вақт ба назди ман биёред, ҷавоби арзашро мегӯям. Баъд ба поезд билет гирифта дода, ба шаҳраш гусел мекунед.

— Хуб шудааст, ота! — гуфт Раҳимҷон ва онҳо аз кабинет берун шуданд.

Нодир пас аз ду рӯз, бегоҳӣ ба Қонибодом расиду рост ба ҳавлиаш равон шуд. Латофат хурсанд дарвозаро кушод. Аз паси вай Қумриҷон давида омаду ба гардани падараш часпид.

— Омадед, омадед! — мегуфт вай — Ман пас аз ин шумоя ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонам. Бас, бас, бас! Пазмон шудам.

Ҳар се ба хона даромаданд. Аз ҳамдигар аҳволпурсӣ намуданд. Нодир саргузашти се-чаҳоррӯзаи худро гуфту илова намуд:

— Хайрият дар дунё одамҳои ҳақиқӣ, одамҳои олиҷаноб ҳастанд, набошад ин полвонҳо зиндагиро тангу тор мекунанд.

Инро шунида Латофат сар ҷунбониду гуфт:

— Рост мегӯед! Аллакай фармони Охунбобоевро иҷро карданд. Ҳамдам Ҳоҷӣ озод шуд ва Полвоновро аз кор дур карданд. Овоза ҳаст, ки аз фирқа ҳам хат мезананд.

— Хайрият, хайрият! —гуфт Нодир хурсандона, — О ин хушхабарро барвақттар намегӯӣ! Чӣ кунам ба хонаи Ҳамдам Ҳоҷӣ рафта муборакбод кунам?

— Шабона хуб намешавад. Аз ҳабс баромаданашба як рӯз шуд. Монед, вай ҳам камтар дам гирад, шумо ҳам дам гиред, бо духтаратон бозию ашӯлахонӣ кунед! Дигар ғам нест.

— Дигар ғам нест, дигар ғам нест! —гӯён Қумрӣ худро ба оғӯши падараш партофт. —Биёед, ман ашӯла хонда, дойра занам, шумо рақс кунед!

— Ман рақс карда наметавонам.

— Ракс карда метавонед, ман дидам. Дар бозори шаб ракс кардед.

— Кадом бозори шаб?

— Ҳу, якбор шуда буд-ку, босмачиҳоро нест кардан баъд. Дар ўрда кунда гиронданд, карнай навохтанд.

— Ҳа, ҳа, ба ёдам расид. Дар он ҷо маро маҷбур карда буданд.

— Дар ин ҷо ҳам маҷбур мекунем. Дар ин ҷо ҳам мо —ману очаҷонам маҷбур мекунем!

Қумрӣ инро гуфта аз ҷо бархост ва давида дойрачаи худро гирифта задан гирифт ва ба ҳавои он ашўлаҳои нав ба нави худро ки аз дугонаҳояш ёд гирифта буд, ба хондан сар кард.

Ман меравам ба бозор,
Ангуру себи бисёр,
Мехараму мехарам,
Барои додоҷонам!

Нодир ва Латофат ҳайрон шуданд, ки Қумрии онҳо, Қумриҷони ҳафтсолаи онҳо ин кадар гап, ин кадар санъатро аз куҷо омўхта бошад. Охир, ин шеър бофтаи худи Қумрист, ҳарчанд ки ба ин маком духтарони ҳамсоя дигар шеърҳоро мехонанд. Худо аз чашми бад нигаҳ дорад, азизаки моро, шоираи моро, ғазалхони моро! Чунин буд ҳоло фикру зикри Нодир ва Латофат. Дар авлоди онҳо ғазалхону гапдон гузашта бошад ё не, ман намедонам, мегуфт ба худ Нодир, ин аз кӣ мерос гирифта бошад? Ё шояд аз модараш омўхтааст? Аммо модараш ки ҳарчанд зани доно, ҷасур ва гапдон аст, лекин ғазалхонию раксро чандон наметавонад. Ин ҳунарҳо ба Қумрӣ худодод аст, худодод!

Латофат хаёл мекард, ки Қумриҷони вай калон шавад, аз он Қумрии фарғонагӣ сад маротиба зўртар мешавад. Аз ҳоло ки овозаш ин кадар форам, ишкаш ба суруду ғазал ин кадар баланд, аклаш ба шеъру тарона ин кадар тез аст, бояд нодираи даврон шавад. Худоё, умракаша дароз кун, сараш аз санг шавад, ба муроду максадаш расад!

— Ҳа, хезед, ба ашўлаи ман ракс кунед, охир! — гуфт Қумрӣ ба падараш хитоб карда ва боз дойра задан гирифт. Нодир маҷбур шуд, ки аз ҷо бархезад ва дасту по ҷунбонда ба рўи хона гардад ва як навъ ракс кунад. Латофат чапак мезад ва механдид. Лекин хандаи ўро овози ҷарангосии Қумрӣ боз зер кард:

— Ман меравам ба Қӯқанд,
Ҳалвои лавзу гулқанд,
Мехараму меорам,
Барои додочонам!

Ман меравам ба полиз,
Як харбуза, ду тарбуз.
Мегираму меорам,
Барои додочонам!

— Чон, чон, чон! —гуфт бо овози баланд Латофат. —Ғазалхон духтарама гардам, мақомдон духтарамба садқа шавам!

Бале, хушбахту хуррам буданд онҳо —падар, модар ва духтар! Ин соату дақиқаҳо яке аз беҳтарин фурсати зиндагии он оила буд. Гузашта, рӯзҳои гузаштаи умрашон чандон хуррам набуд. Сахтӣ буд, маҳрумият буд, мубориза буд, занозанӣ буд. Аз нон сер набуданд, аз пӯшок таъмин набуданд, осудагӣ ва беғамӣ набуд. Гоҳо босмачӣ метохт, гоҳо хунукӣ, гоҳо гуруснагӣ ... Онҳо ба ҳамаи он машаққатҳо тоб оварданд. Задаю кӯфта рӯз гузарониданд ва ҳоло, гӯё ба беғамӣ расиданд ва бо овози баланд мегӯянд, ки дигар ғам нест. Кошкӣ дигар ғам нашавад, кошкӣ дигар хурсандию фараҳмандӣ бошад, суруд бошад, ғазал бошад, ракс бошад! Фарзанд ба падару модараш, бо волидайнаш хушбахту шод аст. Агар ба сари фарзанд падару модари ғамхор ва меҳрубон, падару модари тавоно ва ӯҳдабаро, падару модари бо ақлу бо тадбир бошанд, фарзанди худро нағзу дилсӯзона тарбия кунанд, он гоҳ аз он фарзанд умеди бисёр кардан мумкин мешавад. Гоҳо мешавад, ки фарзандро ба дунёи пуршӯр оварда, ӯро дуруст тарбия накарда, падару модар аз миён меравонд, фарзандонашон бепарастор мемонанд, аз тарбияи дилсӯзона маҳрум мешаванд, бо роҳгумзадагон мепайванданд ва бадбахту сиёҳрӯз мегарданд. Лекин гоҳо ҳамин тавр бепадару бемодарон шаттаи рӯзгорро хӯрда, машаққат ва азоби зиндагиро аз сар гузаронида, аломати даҳр мегарданд, доно ва боақл мешаванд, ба мардум, ба чамъият одами даркорӣ, одами зарурӣ мешаванд.

Бошад, ки Қумрии мо, Қумрии ғазалхони мо аз падару модари меҳрубонаш маҳрум нагардад; бошад ки вай дар осудагию фароғат тарбия ёфта калон шавад ва ба чамъият одами даркорӣ гардад! Кӣ медонад, тақдири

вай ба чӣ меанҷомад. Мо аз пайи зиндагии вай мешавем, ҳар чӣ пеш ояд, ба қалам мегирем.

Ҳамон шаб ин оила дар бистари фароғат осуда хобиданд. Шаби тобистон, ҳаво гарм буд, дар осмони беабр ситораҳои бисёре чашмак мезаданд, гӯё ба рӯи замин нигоҳ карда, дар бораи кору бори мардуми олам ба ҳамдигар сӯҳбат менамуданд. Дар ин шаби хомӯш ва ороми тобистон, кӣ дар хоб аст, кӣ бедор, кӣ дар фароғат ва осудагист, кӣ дар таҳлука ва нотинҷӣ бедор нишаста аст; дар кадом хонадон саломатӣ ва фароғат; дар кадом хонадон дарду ранҷ; кӣ хобҳои ширин ва беғамона мебинад, кӣ дар фикру хаёли хиёнат ва ҷиноят аст...

Хайрият, ки ситораҳо аксарияти мардуми шаҳри Конибодомро дар тинҷӣ ва осудагӣ, дар фароғат ва хоби ноз мебинанд. Фақат дар он хонадонҳое ки дарду ранҷ ва беморӣ меҳмон гашта аст, шамъи тира месӯзад. Инчунин дар он хонадонҳое ки одамони бадхоҳи мардум, дуздон ва ҷинояткорон хастанд, тараддуд ва ҷунбуҷӯл аст. Дигар хомӯшӣ аст. Яке аз ин тавр хонадонҳо хавлии прокурори маъзулгашта ва хиёнаташ фош шуда, ҳавлии Тошпӯлод Полвонов аст, ки дар он бедорӣ ҳукм меронад. Меҳмонхонаи ин ҳавлӣ бо лампаи бистуми даврапилта равшан аст, дар он соҳиби хона ва се-чор нафар одамони дағал ва ҷуссакалон, ки ришу мӯйлабҳо нотарошида ва либосҳои ғайримаъмулӣ: дар сар телпакҳо ва тоқиҳои чиркин, дар тан ҷомаҳои васеъ, сари дилҳо бараҳна, дар по мӯзаҳо доштанд, нишаста сӯҳбат мекарданд. Яке аз онҳо ба Полвонов хитоб карда мегуфт:

—Мансаби ба мо даркориро дошта натавонистед, хӯҷаин! Ҳамаи нақшаю тарҳи кори мо вайрон шуд. Акнун Ҳамдам Ҳоҷӣ шуморо тинҷ осуда намемонад.

— Ҳамдам Ҳоҷӣ он тараф истад, —мегуфт дигарӣ. —Худи Чека паи шумо меафтад. Албатта, бо супориши калонҳо ба тафтиш сар мекунанд.

Полвонов, ки хеле маъюс ва нотинҷ менамуд, ба ин суханҳо ба зудӣ ҷавоб надод. Вай, ки ба пушту паноҳони худ эътимод ва боварӣ дошт, вай, ки мавқеъи худро хеле мустаҳкам ва пурзӯр медонист, ҳеҷ гумон надошт, ки ба ин зудӣ ва ба ин осонӣ корномааш ифшо гардаду ҳатто ӯро аз кор гирифта, ба ҷояш яке аз душманони ашаддиаш собиқ коргари заводи равғанкашӣ Сангинмуродро прокурор таъин кунанд. Ин Сангинмурод рафиқ ва

дусти Нодир аст, Нодир бошад дастпарвард ва шогирди Ҳамдам Ҳоҷӣ мебошад. Душман болои душман!

— Медонам, корҳо якбора ва ғайри мунтазира расво шуд! — гуфт ниҳоят вай. —Сарам гиҷ, худам намедонам, ки чӣ кор кунам, ба куҷо равам, ба кӣ арзу додамро гӯям.

— Акнун ба арзу доди шумо ин ҷо касе гӯш намекунад, —гуфт боз ҳамон марди аввала. — Арзи доди шуморо дар кӯҳистони Ворух мешунавидагиҳо ҳастанду бас!

— Не, не! —гуфт якбора тарсидагӣ барин Полвонов. — Ман намегурезам, ман бояд пеш аз ҳама қасос гирам, аввал Нодир ва баъд ҳар чӣ ки шавад аз тақдирам.

— Шумо, ҳамин шумояк, бо ҳамин дастони нозукатон одамкушӣ мекунед?! —хандид, мардаки аввала, дигарон ҳам ба вай пайравӣ карданд. —Не, шумо хӯҷаин роҳбарӣ кунед, ин корро бо андешаю тарҳу нақшаи хуб мо анҷом медиҳем.

— Ман чӣ хел роҳбарӣ кунаму шумо чи хел иҷро мекунед? Намефаҳмам.

— Ба фикри мо ҳамин ки шумо ҳар чӣ зудтар аз ин ҷо дур шавед, ба кӯҳистон паноҳ баред! Дар он ҷо ҳам роҳбарӣ мекардагӣ одам намондааст. Акнун худатон ба ҷои қӯрбошӣ мешавед. Ана баъд фикру андеша карда аз душманонатон ниқор мегиред.

— Ин ҷо, корҳои шаҳрӣ чӣ мешавад? Сардорҳои худамон дар Кӯқанду Самарқанд чӣ мегӯянд?

— Сардор! Кадом сардор?! —лаб кушод марди сеюм. — Ба гумонам, сардорҳо ҳам ҳозир як мушхонаро ба чилтанга кироя кардагӣ! Умуман бо ҳукумат даст ба гиребон шудан, ба Ҳамдам Ҳоҷӣ ва Нодир барин касон чаққа шудан лозим набуд. Ба худо шукр карда, сиҳат ва саломат, оромакак кор карда гаштан лозим буд.

— Аввал нақшаю плони ман ҳамин тавр буд, —гуфт Полвонов. — Баъд аз он ки дасти душманони падарону аҷдоди мо баланд шуд, ман нахостам, ки ба ҷанг дароям ва фитнаю фасод хезонам. Худам тинҷу осуда бошам, як лаб нонамро ёфта хӯрам бас буд. Лекин дӯстҳоям, сардорҳо ба ҳолу ҷонам намонданд, маро ба фирқа аъзо кунонданд, ба ин шаҳр прокурор таъйин кунонданд ва ҳар замон супоришҳои нобоб додан гирифтанд. Мани аҳмақ, ки ба онҳо бовар доштам ва худамро фил барин бақувват мепиндоштам, ба дойраи онҳо

бозӣ кардан гирифтам. Дидам, ки корҳо бад не, мардум аз ман метарсидагӣ шуданд, ҳукми ман ичро шудан гирифт, нотарсида кор кардан гирифтам. Дар натича ба худам душманҳои нобоб, душманҳои зӯр пайдо кардам ва акнун аз ин роҳ гаштан намешавад, дер шуд. Ё онҳо маро нест мекунанд, ё ман онҳоро!

— Агар дар ин чо монед, албатта онҳо шуморо нест мекунанд! —гуфт ҳамон мардаки сеюм.

— Хайр, мо меғардем, —гуфт марди аввала. —Агар хоҳед, ба мо рашоед.

— Ҳозир не, саҳар катӣ, —гуфт Полвонов. —Ин тараф-он тарафамро бинам, ба зану бачаҳоям пул монам ва гӯям, ки ман ба Самарқанд, ба арз рафтам. Баъд аз паси шумо расида меравам. Агар тавонед, дар Чоркӯҳ маро мунтазир шавед.

— Майлаш, —гуфтанд меҳмонҳо ва аз чо бархостанд.

Шаби тобистон, ҳанӯз ситораҳо дар осмон чашмак мезаданд. Ситораи Ҳафтдодарон, ки аввали шаб дар болои сар метофт, ҳоло хеле поён, ба тарафи ғарб рафта буд. Тарозу наменамуд, лекин ситораи саҳарӣ дар болои сар равшан чилвагарӣ мекард.

Аввали рӯз Нодир ношто карда, омин гуфту аз чо бархост. Ба нигоҳи суоломези занаш гуфт:

— Як ба сарой рафта, Ҳамдам Ҳочиро бинаму муборакбод кунам, баъд ба кор равам.

— Ош пухта монам, Ҳамдам Ҳочиро гирифта биёредчӣ?

— Мебинам.

Ҳамдам Ҳочӣ дар чояш, дар ҳучраи кораш буд. Дӯстонаш, рафиқони кораш омада буданд, ки аз ҳабси ноҳоҳонӣ озод шуданашро табрик кунанд. Нодир салом дода аз дар даромаду бо устодаш, бо командираш оғӯш кушода вохӯрдӣ намуд ва хост ки дастонашро бӯсад, Ҳамдам Ҳочӣ нагузошт.

— Шаб боз роҳатро мепоям, — гуфт Ҳамдам Ҳочӣ. —Гуфтанд, ки Самарқанд рафтагӣ, ҳарчӣ сиҳату саломат омадӣ?

— Шукр, шукр, —гуфт Нодир. —Саломатии ман аз шумо, агар шумо саломат бошед, мо ҳама сиҳату саломат мешавем.

— Саломат бош, писарам, —хурсанд шуд командир.

—Фаҳмидам, ки барои ман шуда назди Охунбобоев арз рафтӣ?

— Чӣ кор кунам, дигар илоҷам набуд.

— Нағз кардӣ! Ба ин корат фақат барои озод шудани ман не, балки ба хонаи мору каждумҳо оташ задӣ. Акнун медонанд, ки мамлакат бе ҳоким не!

— Хайрият шуд, хайрият шуд, —гуфтанд дигарон ҳам.

— Хайрият шуду дӯстонам, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ, — лекин бепарво ҳам нашавед. Душмани пинҳонӣ аз босмачӣ ҳам бадтар аст.

— Рост, рост!

— Воқеан дишаб аз комсомол омада буданд, аз ман ёрӣ хостанд, ки ба ташкили театр ба онҳо кӯмак расонем.

— Театр, театраш чӣ? —гуфта яке аз рафиқон пурсид.

— Театр, —гуфту Ҳамдам Ҳоҷӣ ҳам аввал чӣ гуфтанашро надонист. —Театр —бозӣ, як навъ бозӣ, ки артистҳо ба саҳна баромада ягон воқеаро худаш барин карда нишон медиҳанд. Ман дар Қӯқанд дида будам, дар он ҷо як клуби калон ҳаст, дар он клуб саҳна ҳаст, саҳна аввал бо парда пӯшида меистад. Одамҳо, ки ҷамъ шуданд, парда кушода мешавад ва артистҳо, яъне бозигарон баромада ваъз мегӯянд, шеър мехонанд, бозӣ мекунанд. Муллоҳои нодон, бойҳои хасис, фитнагаронро тақлид карда нишон медиҳанд. Театр бисёр қизиқ, бисёр чизи даркорӣ.

— Дар Қонибодоми мо театр бисёр зарур! —гуфт Нодир. —Ман ҳам тараддуд карда гаштани ҷавонҳоро фаҳмидам. Аз кумитаи иҷроия ба онҳо анбори калони Чорсӯ будагиро, ки ҳоло холӣ истодааст, додаанд. Худатон тоза кунед, худатон шикасту рехташро дуруст кунед, гуфтаанд.

— Ба онҳо ёрӣ додан лозим, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ.

— Ман пагоҳ ба Қӯқанд меравам. Ҳамроҳи ман якду кас аз комитети комсомол мераванд. Қоре карда ба онҳо созҳои мусиқӣ ёфта медиҳем. Навозанд, хурсандӣ кунанд ҷавонҳо.

— Ман устою мардикор ёфта медиҳам, —гуфт як рафиқи дигар —Мувофиқи табъ кор карда, клуб месозем.

— Офарин! — гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Ёрӣ додан лозим. Ҳа, боз як мушкилот пайдо шудааст. Барои дар саҳна тақлиди занро кардан, яъне зан шуда баромадан

як ҷавони хушрӯяку овозаш борик даркор будааст. Ба ин кор Султон ном ҷавони исфарагиро ёфтаанд, лекин дар вақташ ӯро босмачиҳо зӯран гирифта бурда будаанд. Акнун милицияи ту —Нодир ӯро ба тафтишу пурсупос кашидааст. Султон мегиристаасту таклифи комсомолҳоро қабул намекардааст. Ба ин гап чӣ мегӯӣ?

— Ман мефаҳмам, — гуфт Нодир. — Султон ҳоло дар куҷо *бошад?*

— Дар Конибодом, —гуфт яке аз нишастагон. —Дар ин ҷо амакаш ҳаст. Мехонам гуфта омадааст.

— Худи ҳозир рафта мефаҳмам, —гуфт Нодир.

Онҳо хеле сӯҳбат карда нишастанд, чой нӯшиданд ва нақшаи корҳоиояндаашонро кашида аз ҷо бархостанд. Дар вақти аз ҳуҷра баромадан Нодир ба Ҳамдам Ҳоҷӣ муроҷиат карда, таклифи Латофатро ёдоварӣ кард. Ҳамдам Ҳоҷӣ розӣ шуд, бегоҳ меравам гуфт.

Нодир ба идораи милиция омада, пеш аз ҳама дар бораи Султонхон пурсид. Маълум шуд, ки як кас аз шаҳри Конибодом аз болои вай шикоят карда гуфтааст, ки дар вақти ба Конибодом зер карда омадани босмачиҳо Султонхонро дар болои аспи ҷиран дидааст, ки дар кӯчаҳои шаҳр мегардад ва ду нафар босмачӣ аз паси ӯ посбонӣ мекунанд. Бино бар он муфаттиши корҳои махсус ба тафтиш сар кардааст. Нодир дараки ҳавлии амаки Султонхонро пурсида, ба кӯча баромад. Офтоби моҳи август ҳаворо тафсонда, одамҳоро ба сояҳо ва растаҳои болопӯшида ронда буд. Лекин ҳаёти шаҳр баравнақ буд, чойхонаҳо пур аз чойхӯрон, растаҳо пур аз харидорон, дӯконҳои мевафурӯшӣ пур аз ангуру шафтолую себ ...

Султонхон дар рӯи ҳавлии амакаш рӯфту рӯб карда мегашт. Аз дарвоза намоён шуда омадани Нодирро, ки дар либоси расмии милиция буд, дида дар даст ҷорӯб, ҳайрон нигарон монд.

— Султонхон шумо ҳастед! —пурсид Нодир.

— Ҳа, ман, —гуфт вай, — чӣ кор доред?

— Ҳеҷ, камтар сӯҳбат кунам, шумо розӣ ҳастед?

— Боз дар хусуси босмачиҳо будагист. Ман ба муфаттиш ҳамаи гапҳоро гуфтам-ку!

— Ман сардори милиция, номам Нодир. Фаҳмидам, ки шуморо бедарак ташвиш додаанд, мебахшед. Ман дар хусуси дигар чиз. Шумо аъзои комсомол ҳастед?

—Ҳа, ман аъзои комсомол, —гуфт Султонхон ва ҷорӯбро ба замин гузошта, меҳмонро ба хона таклиф

кард. Нодир ба меҳмонхона даромада нишасту пурсид:

— Ба шумо таклиф карданд, ки ба театр омада кор кунед?

— Ҳа, таклиф карданд, лекин одамони шумо ба ман чун босмачӣ нигоҳ мекунанд, ман чӣ тавр ...

Нодир гуфт, ки вай аз саргузашти Султон ва зӯран гирифта бурда шудани ӯ хабардор аст. Хайрият, ки худи Султон пас аз ду рӯз аз бошишгоҳи босмачиён гурехта омадааст. Набошад, мумкин буд ҳаёти вай дар хатар мемонд. Акнун аз ҳеҷ чиз парво накарда, ба идораи комсомолон равад ва ба театр иштирок кунад. Ҳар кас, ки ба ӯ таҳдид кунад, Нодир ҷазои ӯро медиҳад. Султонхон хурсанд шуду ваъда дод, ки албатта рафта, ба театр иштирок мекунад ва дар курсҳои шабона мехонад.

Дар Конибодом театр ташкил ёфт. Комсомолон бо ёрии Нодир ва Ҳамдам Ҳоҷӣ клуб сохтанд, саҳна сохтанд ва ба машқ пардохтанд. Мазмуни песаи аввалини онҳо ҳамин буд: Ҷамилахон бо шавҳараш хушу хуррам зиндагӣ мекард. Лекин бойи қишлоқ ба Ҷамила хушдор мешавад. Шавҳари Ҷамиларо ба воситаи одамони худаш дасту по баста аз хона дур мекунад ва баъд худаш ба пеши Ҷамила омада изҳори ишқ мекунад. Ҷамила бо ҳилла мӯҳлат металабад ва дар косаи шарбат заҳр андохта аввал бойро мехӯронад ва баъд худаш мехӯрад ... Дар ин песа нақши занро Султон бозӣ мекард. Бозии ӯро дида Нодир ҳайрон монд, ки мардак шуда истода чи тавр худи занак барин гап мезанаду ҳаракат мекунад. Шаби расми кушоди театр клуб одам намебурд. Мардуми гузарҳои атроф овози мусиқиро шунида ҷамъ омада буданд. Даромадан ба клуб бепул буд. Пеш аз сар шудани тамошо котиби комсомолон ба пеши саҳна баромада нутқи муфассале кард ва мардумро ташвиқ кард, ки ба театр омада ибрат гиранд.

Дар шашуми моҳи майи соли 1926 ҳаво на гарм, на хунук, дарахтҳо аз гул фаромада сабзу хуррам шудагӣ, боғҳо, дашту саҳро дилрабо ва фараҳфизо шудагӣ буд, ки ногоҳ шамоли сахте бархосту абрҳои сиёҳи борониро ҳай карда оварду рӯзи равшани офтобӣ дар як дам тира гашт, рӯи офтобро абр гирифт. Ин дигаргунии табиат ба мардуми Конибодом нафорид. Баногоҳ борони сахт борид, аз новаҳо ба кӯча шаррос зада об

мерехт. Дар чунин фурсат занг зада шуду Қумрӣ аз дарси охирин баромад. Ҳарчанд ки муаллимҳо бачаҳоро аз мактаб баромадан намонданд, ки дар борон тар мешавед, лекин Қумрии дилтанг чашми муаллимро хато карда, давида ба кӯча баромаду дар зери борони сахт давон-давон ба сӯи ҳавлиашон рафт.

Латофат дар ошхона хӯрок мепухт ва аз дил мегузаронид, ки илоҳӣ, дар ин борони шар-шар Қумриҷон ба кӯча набаромада дар синфаш бозӣ карда шинад. Ин хаёл аз майнааш дур нарафта, дарвоза кушода шуду Қумрӣ сар то по тар ба ҳавлӣ даромад. Ӯро ба ин ҳол дида ҳуш аз сари Латофат париду тохта рафта духтарашро бардошт ва ба ошхона, ба пеши оташдони пур аз оташ бурд.

Латофат ба рӯи ҳавлӣ баромад, ки борон хеле суст шуда, ҳаво равшан гашта буд. Дар ошхона, ба деги ҷӯшони шӯрбо шалғаму сабзӣ андохту аз оташдон қисми оташро кашид, то ки шӯрбо сахт наҷӯшад. Дар ҳамин дам аз кӯча Нодир даромада омад.

— Ҳа, онекаш, —гуфт вай, —духтарат аз мактаб наомад?

— Омад, —гуфт Латофат, —сар то по тар, шип-шилта шуда омад. Либосҳои гарм пӯшонда хобонидам.

— Чӣ хел муаллимҳо, ки ба ҳамин ҳаво бачаро ба кӯча сар медиҳанд!

— Духтари шуморо доштан осон?

— Илоҳӣ касал нашавад.

— Зӯран як пиёла чойи гарм нӯшондам.

— Шӯрбо пухта, бошӣ нағз, як ним коса шӯрбои гарм хӯрад гузашта меравад.

Аммо гузашта нарафт. Пас аз ягон соат ҳарорати Қумрӣ баланд шуд. Дар хобаш талвоса кардан гирифт, дандон мехоиду менолид.

Аз гулӯи падару модар хӯрок нагузашт. Латофат бо рӯмоли патдору пашмин сари Қумриро сахт баст, ба пешонааш латтаи тар мондан гирифт. Ин тадбирҳои модари мушфиқ Қумриро хеле осуда кард ва боз хобаш бурд. Он рӯз ба Нодир ҳам омад накард. Ду хабари бад дилашро ғаш кунонида буд. Аз қишлоқи Равот хабар омад, ки як рӯз пеш як дастаи хурди ғоратгарон омада ду-се хонадонро талаю тороҷ карда, ба кӯҳ гурехта рафтаанд. Боз аз идораи ГПУ ӯро ҷеғ зада, ба таври ма[illegible]адӣ гуфтанд, ки гӯё дар байни милиционерҳои ша[illegible]аб мегуфтанд[illegible]баъд ғаму ду нафар аз собиқ босмачиён ҳаст. Ба ин[illegible]. Мардум ба-

бовар накард, ман ҳамаи отряди худамро нағз медонам, одами бегона дар байнашон нест, гуфт. Лекин дар ГПУ ба гуфтаашон истодагарӣ карданд, аз Хуҷанд. аз ГПУ-и округ рафта дурусташро фаҳмидан мумкин гуфтанд. Нодир ҳамаи ин хабарҳоро ба занаш гуфт.

— Боз як бори дигар одамҳоятонро дурусттар тафтиш кунед, —гуфта маслиҳат дод Латофат. —Кӣ медонад, шояд якто-дутоҳоро бо пул, бо ваъда ва ё таҳдид ба тарафи худашон кашида бошанд. Зудбовар нашавед, дадош! Ба ман ҳамин аспбони шумо он қадар маъқул не.?

— Аспбон? —пурсид Нодир. —Норкӯзиро мегӯӣ? Не, вай одами бад не, фақат камгап. Зану бача дорад, одами камбағал.

— Аз ҳамин хел одамони камгап тарсед, дадош! Инхо хап истода корҳое мекунанд, ки дигарон ҳайрон мешаванд.

— Ин гапат ҳам рост; хайр пагоҳ ба ҳар ҳол ба Хуҷанд меравам, тахти гапро фаҳмида, маслиҳат пурсида меоям.

— Қумриҷон нотоб, —гуфт Латофат.

— Ҳеҷ гап не, пагоҳ насиб бошад, асп барин шуда аз ҷо мехезад.

— Илоҳӣ гуфтаатон шавад.

Онҳо дергоҳ хобида натавонистанд. Ғами фарзанду зиндагӣ ва ҷангу ҷидол аз чашми онҳо хобро рабуда буд. Қариби саҳар хоби Нодир бурда бошад ҳам, осуда нагашт; хобҳои парешон ва ваҳмангез ӯро азоб доданд. Аввали пагоҳ аз хоб бедор шуда дид, ки занаш бедор шуда дар сари болини Қумрӣ нишастааст.

— Чӣ тавр, табаш ҳаст ё не?

— Табаш не барин, лекин нафаскашиаш хуб не.

— Ман ду...тур мебиёрам! —гуфт Нодир, либосҳояшро пӯши... ...да. —Ку, духтур гӯш карда бинад, лозим бо... ...медиҳад, сӯзан мекунад.

...ид, гӯш кард, набзашро, ҳароратшро

... шамол хӯрдааст, шушаш тоза, фа... ...ар иллат дорад. Дору медиҳам, ...ешавад. Лекин имрӯзу пагоҳ аз ...наш лозим.

...ле осуда шуданд. Худи Қумрӣ ...рашро тасалло мёдод.

як...
гунии...
борони са...

— Ман касал не, —мегуфт вай. —Андак шамол хӯрдагӣ. Ширчойи равғанӣ хӯрам, нағз мешавам.

Нодир ба идорааш рафта аз як-ду нафар одамони эътимоднокаш дар бораи Норқӯзӣ гап пурсид. Онҳо гуфтанд, ки Норқӯзӣ одами бад не, бечора, андак тарсончак, гапдаро. Дигар айб надорад.

— Ва киҳо рафту омад мекунад? Ҷӯра ва одамони наздикашро намедонед? —пурсид Нодир.

— Ба гумонам ҷӯрабоз не, —гуфтанд. —Азбаски ҳавлиаш дар канортари шаҳр аст, мо дуруст намедонем, ки ба хонаи вай кӣ меояду кӣ меравад.

— Набошад ба ҳар дуи шумо вазифа! —гуфт Нодир. —Ман имрӯз ба Хуҷанд меравам, бо поезд. Ба Норқӯзӣ ҷавоб медиҳам, ки ба ҳавлиаш рафта дам гирад. Лекин шумо нафаҳмонида аз қафояш меравед ва то ними шаб аз ҳавлии вай бохабар меистед, канӣ касе меояд ё не.

Ба толеи Нодир, ҳанӯз рӯз ним нашуда, аз тарафи Қӯқанд поезд омаду вай ба он билет гирифта, ба як вагони камодам нишаст ва аз тирезаи вагон ба дашту саҳро чашм дӯхта, ба хаёл фурӯ рафт.

Осудагию беғамӣ ба мо муяссар мешуда бошад? Подшоҳ буд, зиндон буд, Сибир буд, зулму тааддӣ буд... Хайрият ки ҳамааш нест шуд. Босмачӣ буд, талаю торочгарӣ буд, ҷангу ҷидол буд, бехобию хавфу хатар буд... Нест кардем гуфтем, акнун осуда нафас мегирем гуфтем, бехабар аз он ки душман дар паҳлӯи худамон, ҳатто дар болои сарамон ба рӯяш ниқоб кашидааст! Бехабар аз он ки душмани хонагӣ корҳое мекунад, ки ҳеҷ қӯрбошӣ аз ӯҳдаи он баромада наметавонад. Боз хоби роҳат нашуд, боз чашмонамон мош барин кушода шуд; боз ҷангу ҷидол ва кашмакаш! Ин талвоса, ин ноҳатӣ, ин кашмакаш кай ба охир мерасида бошад? Ба гумон охир надорад, охир надорад, охир надорад! Росташ, ки бе ин кору ҳаракат ва бе ин даводавӣ зиндагӣ намешавад. Душмани давлат, душмани халқро аз миён бардорем, боз ҳасудон пайдо мешаванд, боз арақхӯрон ва разилон ва корбезорон пайдо мешаванд, ки ба молу ҷони мардум қасд мекунанд, боз дастбагиребонӣ, боз ташвиши зиндагӣ... Хайр, боке не; ташвиш бошад, лекин зиндагӣ бошад, ҳаёт бошад, аҳлу аёл бошад, ёру дӯст бошад, ҳамгузар, ҳамкасб ва ҳамроҳатон бошад! Рафта-рафта мардум босавод мешаванд, илму адаб меомӯзанд, зиндагии серию пурӣ ба миён меояд. Баъд ғаму ташвиши мардум ҳам ранги дигар мегирад. Мардум ба-

рои раванқи зиндагӣ, барои гул кардани ҳаёт, барои ишқ, барои ҳунар ва санъат, барои илму маданият талош мекардагӣ мешаванд. Кӣ медонад, мо ба он рӯз расида метавонем ё не! Майлаш, ман нарасам, Латофат нарасад, лекин Қумриҷон мерасад. Қумриҷони мо, булбули ғазалхони мо ба он рӯзҳои неки зиндагӣ мерасад, аз обу ҳавои босафои он айём баҳра мебарад! Хушбахту фирӯз мегардад! Агар кӯшиш ва ҷандалаи имрӯзаи мо, талош ва кашмакаши имрӯзаи мо ба он ояндаи дурахшон замина тайёр мекарда бошад, ман розӣ, ман сад розӣ, ки осуда набошем, умрамонро барои ҳамон рӯзҳои нек фидо кунем!

— Билети шумо! —ин овоз Нодирро ба хуш овард. Вай баргашта ниғоҳ карду дид, ки нозири роҳи оҳан, марди қоматбаланди паҳлавончусса дар рӯбарӯи вай истодааст.

— Марҳамат! —гуфт вай, билети худро ба он мард дароз карда ва бо табассуми мамнунона илова намуд: —Э, акаи Одил, шумоед?

— Ҳа Нодирҷон!—гуфт он мард, ки Одил ном гирифт. — Саломат ҳастед? Боз чӣ шуд, ки аспи давандро ба вагони серодам иваз кардед?

— Қори зарур баромад, зуд ба Хуҷанд рафта омадан лозим.

— Нағз кардед. Поезд сувор шуда, ёру дӯстро мебинед, аз ҳоли мардум огоҳ мешавед.

— Корҳо чӣ тавр? Поезд, стансияҳо дуруст?

— Э, чӣ мепурсед! —гуфт Одил-амак оҳ кашида. — Поездҳо дар вақташ намегарданд, ҳамеша дер мемонанд, вагонҳо шалақ шудагӣ, ба болои ҳамаи ин duзду кисабури бисёре пайдо шудааст, ки пасаҷирҳо, хусусан ӯзбеку тоҷикҳо азоб мекашанд.

— Наход? Охир милицияи роҳи оҳан чора намебинад?

— Ба кадомаш чора бинад? Ин беспризорникҳо (сағираҳои бекас), ин дуздҳои шигарф чунон бисёр шудагӣ, ки аз чашматон сурмаро мезананд. Ҳамин рӯз дар стансияи Қӯқанд хӯрҷини як бечораро аз китфаш кашида гирифта гурехтанд. Одами ГПУ аз пасаш давида, маҷбур шуд, ки парронад. Дӯтеша ҷо ба ҷо паронда кушт. Лекин ин сабақ намешавад. Ин сағираҳоро ҷамъ карда гирифтан, онҳоро парвариш кардан лозим.

— Рост мегӯед, —гуфт Нодир, —ҳукумат ба ин кор сар кардагӣ. Ба мо ҳам супориш омад, дар шаҳрамон

сағирхона, мактаб-интэрнат кушода шуд. Мо ҳамаи сағирбачаҳои дар шаҳр бударо ғундошта ба он сағирхона додем.

— Ба кори хайр сар кардед, худо ба шумо барори кор диҳад. Хайр, сиҳат саломат рафта биёед: —Нодир аз гуфтаҳои ӯ мутаассир шуду задухӯрдҳои зиндагӣ ӯро боз ба ташвиш андохт. Бале, вай шунида буд, ки дар стансияҳои роҳи оҳан мардуми раванда ва мусофиронро талаю тороҷ мекунанд. Дуздҳо, дастаҳои калони ғоратгарон пайдо шудаанд. Аз паси одамон ба поезд мебароянд, чизу чораҳои мардумро гирифта мегурезанд. Ҳатто баъзе мусофирони серпулро то хеле манзил дунболагир мекунанд. Агар то ҳудуди муайян дуздида натавонанд, он шахси пулдорро ба дуздони дигар, ба дуздони он тарафи сарҳади худ мефурӯхтаанд... Милицияи роҳи оҳан суст аст, ҳушёр не, сахт мубориза намебарад. Бо фикру андэша, бо плон ва нақша кор карда, ҳамаи саркардагон ва дуздонро чида гирифтан, онҳоро сахт ҷазо додан лозим. То ки онҳо сағирбачаҳоро вайрон накунанд. Пас сағирбачаҳоро ҷамъ карда ба мактаб-интернатҳо додан лозим буд. Хайр, бояд ин корҳо шаванд, ҳукумати шӯроӣ албатта чора мебинад...

Дар Хуҷанд рост ба идораи ГПУ рафта даромаду бо сардор воҳӯрда мақсадашро баён намуд.

— Назар ба шуниди ман, —гуфт, —кадом як босмачӣ ба шумо хабар додааст, ки гӯё дар байни милицияҳои шаҳри Қонибодом фурӯхташудагон ё ки одамони босмачиён будаанд?

— Ҳа, ин гуфтаи босмачӣ беасос не, —гуфт сардор, —дар Ворух ва кӯҳҳои тарафи шумо ҳанӯз дастаҳои хурди босмачиён ҳастанд. Ба гумон мехоҳанд, ки тобистон, пас аз кушода шудани роҳҳои кӯҳӣ ба тарафи ҷануб, ба Ғарму Қалъаи хум рафта, аз сарҳад гузаранд, сардорашон Полвонов будааст.

— Прокурори пештараи мо, —гуфт Нодир.

— Бале, —гуфт сардор. — Вай одами хеле бадкирдор, хеле ҳилагар ва хеле доно будааст. Ӯро доштан ва мардумро аз шарри ӯ раҳонидан душвор менамояд. Чунон рафтор мекунад, ки мардуми деҳаҳои он атроф, кӯҳистониён ӯро ҳурмат мекунанд ва ҳимоя менамоянд, лозим шавад руст мекунанд. Азбаски дастаҳои калон надорад, азбаски ҳилагар аст, зуд мегурезад ва пинҳон мешавад. Медонад, ки бо ҷанги рӯйрост коре карда наметавонад, пинҳонкорӣ мекунад. Одамкушон ва дуз-

донро ҷамъ карда гирифтааст, ба онҳо либос, фӯрмаҳои милиция ва аскарони сурхро пӯшонида мефиристад ва аз номи ҳукумат тороҷгарӣ мекунад. Бино бар он ба шумо хабар додем, ки ҳушёр бошед!

— Чӣ кор кунем?

— Ба халқ фаҳмонед, ки аз босмачиёни фӯрмапӯшидагӣ эҳтиёт кунанд, дар куҷое ки онҳо пайдо шуда ғоратгарӣ кунанд, зуд ба шумо хабар диҳанд. Шумо ҳам дар гирду атроф ва деҳаҳои кӯҳистон одам монед, одамони ҳушёр ва бафаҳмро. Ҳамин ки якто-дуто фӯрмапӯшро ба даст гирифтед, зуд ба мо хабар диҳед. Аз Марказ ба мо хабар доданд, ки ҳамин шабу рӯз ба тарафи Ворух як экспедицияи ҳарбӣ, иборат аз чанд баталион, бо тӯпҳои сабуки кӯҳгард фиристода мешавад. Бояд ин Полвонов ба даст афтад. То ӯро нест накунем, осудагӣ нест.

— Фаҳмидам, рафиқ сардор! —гуфт Нодир. —Ман баъзе чораҳоро дидам, боз рафта бо одамони худам кор мебарам.

— Ғайрат кунед, ҳушёр бошед, сир нигаҳ доред!

Нодир аз назди сардор берун шуд. Дар чоршанбебозор ба як чойхона даромада нону чой хӯрду баъд якчанд мағоза ва дӯконҳоро чарх зада ба духтараш як куртаи шоҳии зебанда ва як ҷуфт туфлии хушрӯ харида, ба сӯи стансия равон гашт.

Одамони Нодир, ки аз паси Норқӯзӣ поида рафта буданд, то ними шаб дар гирди ҳавлии ӯ гаштанду ҳеҷ касро надиданд ва худи Норқӯзӣ ҳам аз ҳавлиаш набаромад. Пас хотирҷамъ шуда, баргашта рафтанд. Лекин душман аз онҳо ҳушёртар ва аз онҳо ҳилагартар буд. Ҳанӯз вақто ки Норқӯзӣ ба ҳавлии худ бармегашт ва аз қафои ӯ поида одамони Нодир меомаданд, фиристодагони Полвонов аз рӯи фармуди вай амал карда, дар сари роҳ, паси дарахтҳо поида меистоданд. Онҳо донистанд, ки ин ду кас бояд аз паси Норқӯзӣ омада бошанд ва бино бар он мунтазир истоданд, то ки одамони Нодир баргашта рафтанд, пас бо камоли эҳтиёт аз паси ҳавлии Норқӯзӣ омада даромаданд ва дар оғилхонаи вай нишаста ба гап сар карданд.

— Мо ба шумо ҳеҷ як кори хавфнок намефармоем, — гуфтанд онҳо. —Шумо фақат вақту соати аз ҳавлӣ баромадан ва асп суроғ кардани Нодирро ба мо хабар

диҳед, шуд. Ба ин коратон идораи мо ба шумо даҳ червон медиҳад.

Норқӯзӣ сад пушаймон буд, ки ба ин одамон вохӯрд, ӯ ошно шуду ба домашон афтод. Аввал онҳо аз хеши дури ӯ саломи савғо оварданд. Баъд ҳар сари чанд гоҳ бо пешкашу савғо ба ҳавлии ӯ меомадагӣ шуданд. Вақто ки аз вай гап мепурсидагӣ шуданд, Норқӯзӣ даҳон баст ва гуфт, ки вай дар хизмати идораи милиция аст, ба ҳар касу нокас хабарҳои идораро гуфтан намегирад. Он гоҳ онҳо таҳдид карданд, ӯро тарсонданд ва гуфтанд, ки агар дар бораи онҳо ва муносибати онҳо ба касе чизе гӯяд, авлоду асҳобаш катӣ қир мекунанд. Аввал бачаҳояш ва занашро дар пеши назараш сар мезананд, баъд худашро пора-пора мекунанд. Норқӯзӣ беҳазл тарсид ва бовар кард, ки аз дасти ин одамҳо ҳар кор меояд. Бино бар он илтимос кард, ки ба вай раҳм кунанд, аз вай гап напурсанд, вай қавл додагӣ, қасам хӯрдагӣ. Онҳо ҳам розӣ шуданд, дигар гап намепурсем гуфтанд. Лекин ана имрӯз омада боз чиҳое пурсида истодаанд...

— Ба ман червон даркор не, —гуфт Норқӯзӣ. —Ман намедонам, ки Нодир кай аз ҳавлӣ мебарояд ва кадом вакт ба вай асп лозим мешавад.

— Хайр, набошад, —гуфтанд онҳо. —ҳамин ҳафта дар қарибии идораи милицияи шумо, дар дӯкони баққолии гузар як одами саллакабуд нишаста чой мехӯрад. Кадом вақт, ки Нодир асп сӯроғ карду шумо ба хизмати вай меравед, ба ҳамон мардаки саллакабуд як сар чунбонда монед, мешавад.

— Ба Нодир чӣ хусумат доред?

— Ҳеч хусумат надорем, баръакс мехоҳем ки агар вай шабона ба ягон ҷо рафтанӣ шавад, ӯро аз қасди бади бадхоҳон муҳофизат кунем. Инро мо ба худаш нафаҳмонда мекунем, ки хавотир нашавад.

— Шуморо ба ин кор кӣ водор кард?

— Мо одамони Чека ҳастем. Лекин ин асрор дар байни худамон монад, ба ҳеч кас лаб накушоед!

Норқӯзии содда ба ин гап бовар кард.

Он шаб ҳаво дим буд. Тобистони Конибодом «ҳунари» худро нишон медод. Рӯи осмонро ғубор ва абрҳои сафеди баландпарвоз фаро гирифта буданд. На моҳ менамуд, на ягон ситора. Мардум хонаҳои худро тарк

карда, ба рӯи ҳавлӣ ба шабгаҳҳо баромада буданд. Оилаи Нодир ҳам ба рӯи суфа нишаста, хӯроки шом хӯрданд ва баъд Латофат ҷогаҳи хобашонро андохт.

Қумрӣ як бор модарашро оғӯш кард, як бор падарашро. Вай механдид, эркагӣ мекард ва аз падараш хоҳиш менамуд, ки афсона гӯяд.

— Афсонаҳои маро ту бисёр шунидӣ, —мегуфт Нодир. —Акнун имшаб очат афсона гӯяд.

— Имшаб шумо гӯед, вақто ки шумо набошед, очам мегӯяд.

— Очат афсонаҳои ғалатӣ дорад, гӯяд, ман ҳам мешунавам.

— Худи ман афсона! —мегуфт Латофат. —Ба афсонаҳоятон маро ҳам ҳамроҳ карда гуфтан гиред!

Нодир хандиду гуфт:

— Тую Қумриҷон ҳар дуятон дилу ҷони манед. Афсона гуфтан бошад, майлаш аз ман расад.

Пас Қумрӣ ба ҷогаҳи худ ба фароғат дароз кашиду ба афсона гуфтани падараш гӯш дод.

— Будаст, набудаст, —гуён Нодир ба афсона сар кард. — Дар лаби дарё, дар як ҷои аз чашми мардум пинҳон рӯбоҳе зиндагӣ мекардааст. Хонаи вай дар байни пахтазорҳои канори дарё будааст. Рӯбоҳ гоҳ сер, гоҳ гушна будааст. Дар ҳамсоягии вай як мӯрчаи серғайрат ва серкор ҳам зиндагӣ мекардааст. Як рӯз рӯбоҳи гушна кор карда гаштани мӯрчаро дида, ба худ гуфтааст, ки ҳамин мӯрчаи бағайратро кор фармуда, баъд фиреб дода давлаташро аз худ кардан бад намешавад. Бо ҳамин мақсад ба назди мӯрча рафта гуфтааст:

— Салом, ҳамсояҷони боғайрат! Аҳволат чӣ тавр? Зиндагӣ хуб аст?

— Бад не, —гуфтааст мӯрча. —Ҳар рӯз даву този бисёр карда, ба худ ва ба аҳлу аёлам ризқу рӯзӣ ёфта гаштаам.

— Ҳа, мебинам, ки аз пайи як лаб нон даву този бисёр мекунӣ. Исто, ки агар мо ҳарду даст ба ҳам дода, дар ана ҳамон майдончаи боло, ки аз ин ҷо як қадам аст, гандум корем ва ҳосил бардошта, бо ҳузуру ҳаловат зиндагӣ кунем, чӣ мешавад?

— Мешавад, лекин ман ҳунари деҳқонӣ надорам.

— Ман меомӯзонам, —мегӯяд рӯбоҳи фиребгар. — Ману ту ғайрат кунем, ҳосили мӯл мегирем.

— Хуб, ман розӣ, —мегӯяд мӯрча ва ба кор сар мекунанд. Аввал рӯбоҳ камтар кор карда, бештар мӯрчаро

кор мефармояд. Баъд бо ҳар хел баҳона аз кор мегурезад. Имрӯз миёнам дард кард, мегӯяд, пагоҳ дандонам дард кард, хобам набурд мегӯяд. Лекин мӯрча ба обу арақ ҷӯлида кор мекунад, гандум мекорад, об медиҳад, хишова мекунад ва ниҳоят гандум пухта тайёр мешавад. Дар он ҳол рӯбоҳи фиребгар ба мӯрча мегӯяд!

— Ҷӯраҷон, вақти ғундоштани ҳосил расид. Лекин агар ин гандумро ду тақсим кунем, барои зимистон кифоя намекунад. Бино бар он яке аз мо бояд ба ин гандум соҳиб шавад.

— Чӣ тавр? —мепурсад мӯрча.

— Ана ҳамин тавр, —мегӯяд рӯбоҳ. —Ману ту гарав мебандем. Ҳар кас, ки гараврo барад, гандум азони вай мешавад.

— Чӣ хел гарав?

— Ҳар ду метозем, ҳар кас ки ба сари гандум аввал расад, гандум азони вай мешавад.

Мӯрча фикрэ карда ба гарав розӣ мешавад. Рӯбоҳ думашро таранг карда, ба тарафи гандумзор чашм дӯхта медавад. Мӯрча бошад, як хез карда ба думи рӯбоҳ мечаспад. Вақте ки рӯбоҳ давон-давон омада ба сари замин мерасад ва аз мондашавию гармии ҳаво думашу баданашро меафшонад, мӯрча парида ба миёни гандумзор меафтад ва аз ҷои афтодагиаш овоз мебарорад:

— Ҳа,рӯбоҳи лаванд? Охир омада расидӣ?

— Э, —мегӯяд рӯбоҳ овози мӯрчаро шунида, —ту кай расидӣ?

— Ман кайҳо омада расида будам, —мегӯяд мӯрча. —Дар сояи пояи гандум дам гирифта хобидаам. Ту гараврo бой додӣ!

Рӯбоҳи маккор маъюс шуда бармегардад, мӯрчаи меҳнаткаш бошад, гандумро даравида ба хонааш мекашонад ва бо бачаҳояш кайф карда, серу пур зимистонро мегузаронад ...

Афсонаро ба охир расонида Нодир ба Қумрӣ хитоб мекунад:

— Қумриҷони ман ҳамин тавр, мӯрча барин боғайрат ва серкор мешавад.

Қумрӣ, ки қариб хобаш мебурд, нимғурма «ҳа» гуфт. Лекин модараш ба Нодир бо даст ишора кард, ки хомӯш бошад. Пас аз роҳат-роҳат нафас кашида хобидани Қумрӣ, Нодир ба Латофат ишора карда ба сӯи хона рафт, дар он ҷо гуфт:

— Ҷони ман, имшаб таппончаро ба зери болишт монда хоб кун!

— Барои чӣ?

— Чунки ман ҳозир меравам, бачаҳо ба ман мунтазир ба тарафи Ворух рафтан лозим.

— Аскарони Сурх меравaнд, гуфта будед-ку?

— Аскарҳо аллакай рафтагӣ, аз ин сӯ мо ҳам меравем.

Инро гуфту Нодир сару либоси ҳарбии худро ба бар кард ва Латофатро бӯсиду таппончаро аз тоқча гирифта ба дасташ дод.

— Хайр, ман рӯзи дигар, насиб бошад, бо ғалаба бармегардам. Ту ҳушёр хоб кун!

Нодир аз дарвоза баромада дид, ки ламоми як аспи дигарро (вай аспи худашро дар торикӣ ҳам мешинохт) Норқӯзӣ нею каси дигаре дар либоси милиционерон дошта истодааст. Нодир мехост, ки аз вай Норқӯзиро пурсад, каси дигаре аз қафо омада бо ханҷар ба зери шонаи чапи вай зад. Нодир воҳ гуён ба замин афтод. Ин «воҳ»-и ӯро Латофат, ки аз қафои шавҳараш барои бастани дарвоза омада истода буд, шуниду таппончаро ба паррондан ҳозир дошта давида аз дарвоза баромад, дид ки ки Нодир ба замин дароз хобидааст ва ду кас ба болои ҷасади ӯ хамидаанд. Латофат нишон гирифта парронд. Яке аз он ду кас ғелида афтод. Боз парронд дуюмаш бозуи худро дошта гурехт ва ба асп савор шуда рафт. Латофат аз паси вай ду тир холӣ кард, лекин ба ҳадаф нарасид.

Овози таппончаро шунавида ҳамсояҳо давида баромаданд ва аз кӯча ду-се милиционери аспакӣ расида омаданд. Латофат, ки худро ба болои ҷасади шавҳараш партофта, ӯро бардоштанӣ буд, хабар надошт, ки ба болои сараш издиҳом омадааст...

Дасти қотил кори худро кард. Нодири паҳлавон, Нодири мерган, Нодири қаҳрамон ҷон дода буд. Нодире ки дар роҳи озодии халқ, барои зиндагии осудаҳолонаи халқ, барои кори хайру кори ҳақ мекӯшид, аз ҷаҳон чашм пӯшида, дар пеши дарвозаи ҳавлии худ ба хун ҷӯлида мехобид. Чаро дунё ҳамин тавр сохта шудааст?! Чаро мардум хуни ҳамдигарро мерезанд, ба ҷони ҳамдигар қасд мекунанд, зиндагии ҳамдигарро дида наметавонанд?! Магар рӯи замин ба онҳо тангӣ мекунад? Магар ризқу рӯзӣ намерасад? Магар Нодир ба ғайр аз кори нек гунохе карда буд? Вай ҳатто Полвоновро озор-

надода буд. Ва ҳол ин ки мэтавонист дар як шаб ҷаҳонро аз шарри вай наҷот диҳад ва худаш ҳам ҷувонимарг нашавад! Бале, бале дар байни мардум Полвонов барин касон, разилон, бадхоҳони инсоният, хунхорон ва нобакорон ҳастанд; дунёро ифлос ва заминро бо хуни бегуноҳон олуда мекардагиҳо ҳастанд! Буданд ва дергоҳ хоҳанд буд. Искандари Макдунӣ, Чингизхон, Темури Ланг, Наполеон, Гитлер, Сталин, Берия барин касонро чаро модарон зоида, ба воя расонидаанд? Ин зотҳо сабаб шуданд, ки рӯйи дунёро хуни бегуноҳон рангин кунад. Амирон, шоҳон, ҳукмдорон, фармондеҳони беинсоф барои дурӯза кайфу сафои худ одамонро ба ҳамдигар шӯронданд, бо дасти бародар бародарро, бо дасти писар падаронро ба хоки сияҳ яксон карданд. Гоҳо ҳамаи ин ноҳаққӣ ва хунрезиҳоро ба адолат, ба инсонпарварӣ, барои ҳаққоният ба қалам доданд. Мардуми фиребхӯрда бовар карданд, эътиқод бастанд ва ҳар чӣ золим гуфт, бо ҷону дил гӯш карданд... Роҳбарони разолатпеша ва ҳукуматдорони беинсоф роҳи «манкуртизм»-ро пеш гирифтанд. Онҳо як идда, як тӯдаи хурдро не, халқҳоро ба ҳамдигар ҷанг андохтанд, фармуданд, ки гӯшти ҳамдигарро хӯранд.

Афсӯс, сад афсӯс, ки бо ҳамин қадар бадбахтиҳо, бо ҳамин қадар фиребхӯрданҳо сари одамон ба девор сахттар намехӯрад. Агар боз шароите фароҳам ояд, боз мардум фиреб мехӯранд, боз ба сари ҳамдигар теғ мебардоранд. Хайрият, дар дунё одамоне ҳастанд, ҷамъиятҳое ҳастанд, ки ҳамеша пеши роҳи ин нобакоронро дошта меистанд, ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҷанг нашавад, хуни бегуноҳон нарезад! Вагарна аз дунё осоре намемонад.

Нодир ҷони ҷавонашро барои осудагии халқ, барои пойдорӣ ва барқарории ҳокимияти меҳнаткашон фидо кард, мо хушбахтем, ки Нодир баринҳо дар дунё кам нестанд ва дар сояи давлати онҳо инсоният пойдор ва зинда аст.

Кушандагони Нодирро фаҳмиданд, ки одамони Полвон будаанд. Он яке ки ба асп сувор шуда гурехт, дар баромади шаҳр ба даст афтод ва ба ҳама кирдори худ иқрор гашт. Маълум шуд, ки он ду нафар дар роҳ Норкӯзиро ҳам кушта партофта будаанд, вале аспи Нодирро дошта натавониста, ба ҳоли худаш мондаанд. Ҳамин аспи бесоҳиб ба милисахона рафта боиси ба по бархостани милисаҳо шудааст.

Рӯзи дафни Нодир шаҳри Конибодом ва мардуми он, гӯё ҳама либоси мотам дар бар карда буданд. Охир, Нодирро хурду калон мешинохтанд ва ҷонфидоиҳои ӯро медонистанд, бино бар он ба мурдани он, ҳама ғамгин буданд. Аҳли хонаводаи мингбошии собиқ, аҳли хонаводаи Ҳамдам Ҳоҷӣ ва аҳли хонаводаи Ҷӯрахони чойхоначӣ ҳама дар ҳавлии Нодир ҷамъ омада буданд. Мардон ва ҷавонони ин хонадонҳо ҷома пӯшида, миён баста, ба даст асо гирифта буданд. Дар Ӯрда, дар майдони марказии шаҳр митинги мотам ташкил шуд. Майдон ва гирду атроф аз одам пур буд. Минбар сохта буданд ва дар поёни минбар тобути Нодирро гузошта буданд, ки Латофати мотамзада ва Қумрии гирёну нолон ва боз занону духтарони дигар тобутро халқавор печонида гирифта буданд. Митингро Ҳамдам Ҳоҷӣ кушод.

— Рафиқон, дӯстони азиз! —гуфт вай. —Мо ба сари тобути касе ҷамъ омадаем, ки аз дасти нобакорон, аз дасти душманони инсоният, аз дасти босмачиёни хунхор кушта шуд. Имрӯз мо ба касе хайру хӯш мекунем ва ӯро ба роҳи охирин гусел мекунем, ки ҷони ҷавонашро барои мо ва шумо фидо кард, то қатраи охирини хунаш барои хайрияти мардум, бо душманони мардум даст ба гиребон шуд. Қаҳрамониҳои ӯро, диловариҳои ӯро, фидокориҳои ӯро ман то ба охир шуморида наметавонам. Ӯро ҳамаи мардуми шаҳри мо мешинохтанд ва аз кору зиндагии оличанобонаи ӯ бохабар буданд. Душманони ҳокимияти шӯроиро, босмачиёни нобакорро зада торумор кард ва мехост, ки бо думравони онҳо, бо Полвонов барин разилон ҷанг карда, несту нобуд кунад. Вале номардона, хоинона, аз паси девор истода ба дили ӯ ханҷар заданд. Бале, онҳо ҷуръат надоштанд, ки бо вай мардона ҷанг кунанд. Душманони ҳокимияти шӯрой гумон мекунанд, ки бо куштани Нодир барин қаҳрамон ба мурoду мақсадашон мерасанд. Не, онҳо ҳато мекунанд! Як Нодир фидо гашта бошад, даҳҳо, садҳо Нодир барин ҷавонони далер, ҷавонони фидокор ҳастанд, ки даст аз шамшер барнадоштаанд. То ки душман ҳаст, онҳо ба ҳифзи мамлакат, ба ҳифзи мардум хушёрона ба по рост истодаанд. Мо ба ҳар қатраи хуни ба замин рехтаи Нодир сари даҳҳо душманони халқро аз тан ҷудо мекунем! Хуп ба хун!

Пас, касе аз кумитаи партияи шаҳрӣ, касе аз кумитаи иҷроия, аз комсомол ва аз хайати милицияи шаҳр ба сухан баромад. Қабри Нодир дар қабристони шаҳр,

дар ҷои намоён канда шуд ва ба болои он дастагулҳои тару тоза гузошта шуд. Пас аз дафн Қумрӣ ва Латофат ба зудӣ аз сари қабр барнахестанд. Хусусан Қумрӣ аз зӯри гиря ва нолидан овозгир шуда буд. Мӯҳои сиёҳаш парешон, ранги рӯи гулгунаш заъфарон ва холаш табоҳ буд. Модараш, ки куртаи кабуди мотамӣ дар бар карда, ба сар сарбанди сиёҳ баста буд, дар зери фаранҷӣ ва чашмбанд рӯяш пинҳон буд ва ба рӯи қабр хамида менишаст. Ин модару духтар ба ҳамаи анъана ва урфу одати қадима, ки мефармуд: занон аз паси тобут ба қабристон нараванд, пушти по зада ба қабристон омада буданд ва ба сари қабри азизи худ нолида менишастанд. Ин вайрон карда шудани урфу одатро касе таъна назад, касе нагуфт, ки чаро занхо дар рӯзи дафн ба сари қабр омадаанд. Ҳама ки мотамзада буданд, ҳама ки ба вафоти Нодири ҷавон месӯхтанд, ин вайрон шудани урфу одатро пай набурданд.

Ҳама рафтанд, ниҳоят мингбошии пир ва Ҳамдам Ҳоҷӣ бо панду насиҳати бисёре ва бо ваъдаи он ки пагоҳ саҳар боз омадан мумкин аст, Латофату Қумриро хезонда ба хона бурданд.

Дар хона боз азодорӣ....

Ман, нависандаи ин сатрҳо, тасвири азо ва мотамро, тасвири кушокушӣ ва қатлу ғоратро дӯст намедорам, дастам меларзад, диламро пардаи сиёҳ мефишорад ва гоҳо мегирям. Ман хуб медонам ки ин тасвирҳо, ин саҳифаҳои мотам ва азодорӣ ба хонандаи мӯҳтарам низ дилхоҳ нест. Лекин чӣ илоҷ, ки дар аввали баҳор гоҳ сел мешавад, гоҳ жола меборад, гоҳ барф... Дар баҳори ҳаёти Қумрии ҳаштсола ногоҳ, ба ғайри чашмдошт сел борид, жола борид, ҳама ҷо торик гашт ва яхбандӣ шуд. Вай аз падари меҳрубон, аз падари ғамхор, аз падари қахрамонаш маҳрум гашт ва ин маҳрумиятро дасти қотил, дасти ваҳшиёнаи хунхор ба амал овард. Қумрӣ ҳама чизро мефаҳмид , Қумрӣ аз синни кӯдакӣ, аз синни бачагӣ баромада истода буд. Мактаб мехонд, алифбо меомӯхт. Ҳиҷҷа карда китоб мехондагӣ шуда буд. Дидани ҷасади ба хун олудаи падар ӯро сахт такон дод ва ӯ дар мижа задан аз олами хушбахтии кӯдакӣ, аз олами ширин ва беғами бачагӣ ба олами дарду ғам, ба олами ятимӣ, бепадарӣ ва афсурдагӣ афтод. Чаро падари ӯро куштанд? Магар ӯ падари онҳоро кушта буд? Чаро ӯро бепадар ва ятим карданд? Акнун чӣ мешавад, мурдагон баргашта зинда намешаванд, ба гӯр ки рафтанд, бозname-

оянд! Э воҳ, э дод! Чӣ илоҷ? Чӣ чора? Қош вай ҳам, Қумрӣ ҳам ҷон диҳад... раваду ба оғӯши падараш дар гӯр хоб кунад!

Бо ҳамин фикру хаёлҳо, бо ҳамин дарду аламҳо Қумрии навниҳол бемор шуд. Дар шаби ҳафти вафоти падар ӯро ба бемористон бурданд. Сардухтур Иван Фёдорович Лавров аз воқеаи кушта шудани Нодир хабар дошт, ва қариб беҳушу сафсатагӯён оварда шудани Қумрӣ — духтари Нодир ӯро хеле ғамгин кард ва ҳамаи корҳояшро ба як сӯ гузошта, аз паи дармони Қумрӣ шуд. Вай медонист, ки ин беморӣ дар натиҷаи ғаму андӯҳи зиёд, дар натиҷаи фушурда шудани дил ва аз гулӯ нагузаштани хӯрок ба амал омадааст. Бино бар он пеш аз ҳама ба духтарча сӯзандоруи таскинбахш кард, ки табашро фурорад ва дар байни ду-се рӯз Қумриро хеле сиҳат карда ба насиҳат пардохт:

— Духтарам, ту акнун бачаи беақл нестӣ, медонӣ ва мефаҳмӣ ки агар одам мурад, гашта зинда намешавад. Ҳазор гиря кунӣ, ҳазор ғам хӯрӣ, ҳатто ҷонатро фидо кунӣ, одами рафтагӣ барнамегардад. Пас чӣ кор кардан лозим? Вазнин шудан, худро ба даст гирифтан, кори падарро пеш бурдан, рӯҳи ӯро шод кардан лозим. Ман медонам, ки ту духтари ҳунарманд ҳастӣ , овози хуб дорӣ, санъатро дӯст медорӣ... Мактаб хондан, мулло шудан меҳоҳӣ. Агар ба ҳамин корҳоят давом додан гирӣ, арвоҳи падарат аз ту розӣ мешавад ва ҳама хурсанд мешаванд,ки хайрият Нодир ҳамин тавр духтари боақлу ҳушро ба воя расонида будааст. Акнун Қумрӣ кори падарашро ба ҷо меорад. Ҳамин тавр не?

— Ҳамин тавр, —гуфт ба зӯр Қумрӣ. —Ман хона меравам. Оҷам бе ман чӣ кор кард!

— Боз ду-се рӯз табобат кунем, боқувват шуда ба хона бармегардӣ.

— Боз ду-се рӯз? Ман зиқ мешавам.

— Не, туро зиқ шудан намемонем. Ҳоло муаллимҳоят, ҳамсинфҳоят меоянд, бо онҳо дарс тайёр мекунӣ. Оҷат хӯрокҳои бамазза пухта оварданӣ шуд.

— Хайр, майлаш! — гуфт Қумрӣ.

Латофат хоб дид, ки бо шавҳараш дар дашт сайр карда гаштааст.Ҳаво на гарм, на хунук, дар осмон абрпораҳо мегарданд. Аз дур овози милтиқпарронӣ... Нодир механдад, лекин Латофат хафа, дилаш сиёҳ. Илоҳӣ

ягон тири дайду омада ба шумо нарасад, мегӯяд, ба шавҳараш. Нодир механдад ва мегӯяд, ки хайр, агар ман мурам, ту қасос мегирӣ. Дар хотир дорӣ, оқсаққолро нарронда будӣ, акнун Полвоновро мепаронӣ ... Инро мегӯяду Нодир чаппа шуда меафтад ва ҷон медиҳад...

Латофат тарсида бедор мешавад. Рӯз шуда, офтоб баромадааст. Дар хона ба ғайр аз худаш касе нест. Дар зери болишт таппончаи пур аз тир истодааст. Рост, таппончаро ҳамеша ба паррондан тайёр нигоҳ доштан лозим. Аммо Нодир ба ман чӣ гуфт, агар ман мурам, ту касос мегирӣ, гуфт. Бале, бояд ман қасос гирам. Бояд ман қасос гирам! То қасос нагирам, то авлоду асҳоби Полвоновро несту нобуд накунам, Латофат набошам!

Инро ба худ гуфту аз ҷо бархост. Пеш аз ҳама андак наҳорӣ карду барои духтараш Қумриҷон ширбиринҷ пухт, ба як коса андохта ба даст гирифт, ба сар фаранҷию чашмбанд партофта, аз ҳавлӣ баромад, аз нонвой дуто нони серкунҷит харида ба касалхона рафт. Қумриҷон хеле тандуруст шуда, ҷон гирифта буд. Ба рӯи модараш андаке табассум намуд ва аз ширбиринҷ камтар хӯрда, даст пок кард.

— Дилам дуруст хӯрок наметалабад, —гуфт вай. — Духтур дору дода, зӯран мехӯронад. Дар вақти хӯрок хӯрданам дадом ба ёдам меоянд, гулӯям баста мешавад.

Модару духтар ба чашмонашон об гирифтанд. Лекин Латофат зуд худро ба даст гирифта гуфт.

— Ин тавр накун, духтарам, арвоҳи дадот хафа мешавад. Ту бояд тандуруст шуда ба мактаб равӣ, нағз хонӣ, одами калон шавӣ, ана он вақт мебинӣ, ки рӯҳи дадот аз ту хурсанд аст ва орзуи падарат ҳосил шудааст.

— Хуб, бува! —гуфт Қумрӣ ва андаке фикр карда пурсид: —Қасоси дадома намегиранд? Полвоновро тирборон намекунанд?

— Тирборон мекунанд, —гуфт Латофат. —Ту хотирҷамъ бош! Худам ҳозир ба Чека меравам, ба Горком меравам, талаб мекунам. То қасоси дадота нагирам, ором намешинам.

— Дуруст мекунӣ, бува! Аз ман бепарво бош, ман сиҳат шудам, пагоҳ ба хона меравам, ба мактаб меравам, ту бошӣ, аз пайи қасоси дадом шав!

Дар ин дам духтур Иван Фёдорович ба хона даромад, модару духтарро навозиш кард.

— Дидед, —гуфт вай ба Латофат хитоб карда, —духтарам хеле сиҳат шуд, ба гапҳои ман гӯш карда, не на-

гуфта дору мехӯрад, хӯрок мехӯрад, бо ман ва дигарон сӯҳбат мекунад, оҳиста-оҳиста машқи бадан карда, дасту пояшро ҳаракат медиҳад. Насиб бошад, пас аз як-ду рӯз ба хона меравад.

— Як-ду рӯз не, —гуфт Қумрӣ, —пагоҳ ба хона меравам.

— Мебинем, —гуфт Иван Фёдорович. — Ин ба рафтор ва кирдори худи ту вобаста аст.

— Очам қасоси дадомро мегирад, ман тирборон шудани Полвоновро тамошо мекунам, баъд хотирҷамъ мешавам.

Иван Фёдорович бо назари суол ба сӯи Латофат нигарист. Латофат табассум намуду гуфт:

— Ҳа, рост мегӯяд, духтаратон, мо қасоси дадошро мегирем, албатта.

— Ҳа, ҳа, —гӯён сар ҷунбонид духтур.— Қасосгирӣ бо роҳи худаш. Ҳоло бояд ту сиҳат шавӣ, дар бораи ин чизҳо фикр накунӣ! Ман як мошинаи ғазал дорам, имрӯз ба ин ҷо оварда ба ту ашӯлаҳои мулло Тӯйчӣ Ҳофиз, Содирхон ҳофизро мешунавонам. Ашӯлаҳои урусӣ ҳам дорам. Мешунавӣ?

— Кошкӣ, кошкӣ, —гуфта монд Қумрӣ.

Сардори Чека —Соболев Латофатро қабул карда ҳолу аҳвол пурсид (Латофат бефаранҷӣ менишаст).

— Аҳвол бад не, —гуфт Латофат. —Лекин як чиз на ман ва на духтарамро осуда мемонад. Мо то қасоси ҷону ҷигарамонро нагирем, аз гулӯямон дуруст хӯрок намегузарад.

— Як қасоси ҷону ҷигари шумо —Нодир паҳлавон не, —гуфт Соболев, —қасоси халқи меҳнаткаш, қасоси давлати шӯроиро ситондан лозим. Инро мо медонем!

— Чӣ хел мекунед? —пурсид Латофат. —Босмачиёни имрӯза, аз босмачиёни дирӯза фарқи калон доранд. Инҳо ҳилагар ва пухтатаранд.

— Мо ҳамроҳи Кӯқанду Хӯҷанд плону нақшаи калон дорем. Дар қарибӣ аз Хуҷанд як чанд баталён бо тӯпҳои кӯҳгард ба тарафи Ворух мераванд. Аз ин ҷо мо дастаҳои худамонро мефиристем. Ҳар чӣ кор карда шайкаи Полвоновро торумор мекунем.

— Бисёр нағз, —гуфт Латофат. —Набошад, аз шумо як хоҳиш: ба ҷои шавҳарам маро ба дастаи милисаҳои шаҳр сардор таъин кунед! Ман роҳу равиши ҷангро аз

шавҳарам омӯхтагӣ, мехоҳам ки худам никори Нодирро ситонам.

Соболев табассум кард.

— Шумо? —гуфта пурсид ва илова намуд. — Вақто ки мо ҳастем, мо вазифадорем, шумо чӣ лозим? Шумо хоҳарам осуда нишаста, духтари Нодирро тарбия кунед!

Ин гап ба Латофат сахт расид.

— Шумо маро зани хонашин гумон мекунед? —гуфт вай сахт карда. —Ман аз ҳамин рӯз сар карда фаранҷию чашмбандро мепартоям, ман ба миён таппонча овехта мегардам, ман либоси мардона мепӯшам, фаҳмидед?!

— Ҳар чӣ кор кунед, ихтиёр доред, лекин ман шуморо ба вазифаи милиционерӣ таъин карда наметавонам.

— Метавонед! Метавонед! — гуфт овоз баланд карда Латофат. — Ҳукумати шӯроӣ, фирқаи коммунистӣ зану мардро баробарҳуқуқ кардагӣ. Ман мехоҳам худам қасоси Нодирро гирам, тамом ва салом!

— Шумо, аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонед, хоҳарам! Аввалаш ин ки шумо зан ҳастед, қуту мадоратон намерасад. Баъд ин ки бо босмачӣ ҷанг кардан кори осон не.

— Ман гуфтам-ку ҷанг карда метавонам! Агар шумо таъин карда натавонед, одамоне ҳастанд , ки таъин карда метавонанд.

Латофат оташин шуда аз назди сардори Чека баромаду дарро сахт пӯшонида рафт. Пас аз дақиқае ба назди Соболев муовини қадрдон ва ботаҷрибаи Нодир — Фатхуллин даромад.

— Мебахшед, сардор! —гуфт, вай ки одами бошукӯҳ ва овозғафс буд, —аз назди шумо бо ҷаҳл баромада рафтани Латофат —зани Нодир паҳлавонро дида омадам . . .

— Чӣ аз кафои вай поида мегардед?!

— Бале, аз худ қарор додам, ки чанд гоҳ ӯро танҳо намонам, замона ҳодис...

— Аз чӣ сабаб ба ин қарор омадед? Магар ягон шубҳа доред? Ба фикратон . . .

— Душмани ин зан аз душмани Нодир ҳам зиёдтар аст. Латофат зани ҷасур ва зани ботадбиру боақл аст. Аллакай ду сӯиқасдро аз худаш зада дафъ кард. Медонам, ки душманони Нодир аз қасос гирифтани ин зан мурданивор метарсанд ва кӣ медонад, ҳодисае, рӯй надиҳад.

— Ин андешаи шумо бечиз нест! —гуфт сардори Чека.

— Агар махфӣ набошад, донам, ки Латофат ба назди шумо бо чӣ хоҳише омада буд?

Сардор гуфт ва илова намуд:

— Чи тавр мешавад, ки зани тоҷик якбора фаранҷӣ партояду либоси милисанериро пӯшида, ба ҷанги босмачӣ равад?

— Шумо аз ман беҳтар медонед-ку, лекин ба фикри ман зан аз ӯҳдаи ҳар кор мебарояд. Ин зани солҳои бист не, ин зани солҳои чил-чилу панҷ аст! Дар ҳақиқат ҳам пас аз даҳ дувоздаҳ сол занҳои тоҷик ҳам мисли занҳои русу тотор ба сари кори давлату ҷамъият мебароянд, корҳое мекунанд, ки мардон карда наметавонанд!

— Шумо шоир! —гуфт сардори Чека табассумкунон. — Лекин зиндагӣ бераҳм аст, сахт аст. Ман ба ҷони ин зани ҷавон кафил шуда наметавонам.

— Агар ба ман мешуд, кафил шуда метавонистам.

— Беҳтар ки ҳоло рафта хабар гиред, ки он зан ба куҷо рафт ва аз қарордоди худ барнагардед. Метавонед, равед!

Фатҳуллин чун аскари боинтизом аз ҷо бархосту таъзим карда рафт.

Дар ин дам Латофат дар назди котиби кумитаи фирқаи шаҳр менишаст.

— Ба ман як ҳафта мӯҳлат дода санҷед, —мегуфт вай, —агар аз беҳтарин милиса ҳам ба машқи ҳарбӣ, ҳам ба машқи тирзанӣ авлотар набошам, қабул накунед.

— Ман ба қобилият ва ҷасорати шумо бовар дорам! —мегуфт котиб. —Лекин ба шумо чӣ зарур, ки кори мардҳоро кунед! Имрӯз не, пагоҳ душманони Нодир ба даст меафтанд ва ҷазои сазоворашонро мебинанд. Ба ин бовар кунед!

—Ман худам, ана бо ҳамин дастонам қасос гирифтан мехоҳам, ба решаю бунёдашон оташ задан мехоҳам!

— Фаранҷӣ партофтани шумо, худаш дар байни мардум як валвала меандозад, боз болокорӣ милиса шуда, таппонча овехта гаштани шумо чӣ мешавад?

— Ҳеҷ чиз намешавад.

Қотиб мӯйлабашро сила карду ба фикр фурӯ рафт. Вай чӣ гуфтан ва чӣ ҷавоб додани худро намедонист. Охир, ҳанӯз занҳо ба фаранҷипартоӣ сар накардаанд,

фақат акнун ташвиқот шуда истодааст. Аммо ин зан мехоҳад, ки ҳам фаранҷӣ партояду ҳам яроқ ба даст гирад... Ин чӣ хел мешавад?

Бале, роҳбарони онвақта ҳамин тавр буданд, ҷасорати қатъӣ надоштанд, бе нишондоди болоиҳо коре карда наметавонистанд. Бино бар он котиб аз андеша сар бардошту гуфт:

— Хуб майлаш, ман бо роҳбарон маслиҳат карда мебинам, агар лозим донанд, ман шахсан муқобил нестам, балки фахр мекунам, ки дар шаҳри мо ҳамин тавр зани ҷасур ва қаҳрамон ҳаст.

— Кай ҷавоб мешавад? —ба таври қатъӣ пурсид Латофат.

— Пас аз ду рӯз, —гуфт котиб. —Агар масъала дуруст ҳал шавад, мо қарор бароварда шуморо ба милиса мефиристонем, дар он ҷо ба ягон вазифа таъин мекунанд.

— Ин тавр не, —гуфт норозиёна Латофат. —Ба ягон вазифа не, ман бояд командир бошам, ба ҷои шавҳарам бошам!

— Мебинем! —гуфт котиб.

Ду рӯз нею пас аз як ҳафта, баъди чандин маротиба дар кӯфтани Латофат ва аз бемористон ба хона омадани Қумрӣ, талаби Латофат қабул шуд. Ба вай сару либоси милисагӣ доданд. Ярок (таппонча, милтиқ ва тайра) доданд ва ба вазифаи сардори як даста таъин намуданд.

Акнун Латофат бо сару либоси милисанерӣ, ҳеҷ шарм накарда, далерона қадам монда, дар кӯча мегашт ва ба идораи милиса рафта меомад. Ба вай даҳ нафар одам доданд. Одамхоро худаш интихоб карда гирифт. Ҳама ҷавонҳои бағайрат ва нотарс буданд. Латофат бо онҳо ҳар рӯз машқ мекард, ба онҳо меомӯхт ва худаш ҳам меомӯхт.

Он рӯзҳо дар шаҳр ҳақиқатан валвала шуд. Дар ҳавлиҳо, дар гузарҳо, дар бозорҳо, дар масҷидҳо ва маъракаҳо гапи зани бефаранҷӣ, гапи зани милиса паҳн шуда рафт:

— Фаҳмидед, Латофат ном занак фаранҷӣ партофта либоси милисагӣ пӯшида, ба миёнаш таппонча овехта мегаштааст.

— Кадом Латофат? Чӣ хел зан будааст вай?

— Мегӯянд, ки зани Нодир командир будааст. Қасди шӯяшро гирифтанӣ шуда, милиса шудааст.

— Зани беҳаё ва бедин фаранҷӣ мепартояд, наузанбиллоҳ, вай ба роҳи куфр даромадааст. Алҳаёю валимон! Ба вай тақлид кардагон ҳам аз имон ҷудо мешаванд.

— Аҷаб кардааст, ки Латофатхон фаранҷӣ партофта ба миён таппонча овехтааст! Мо занҳо ҳам ҳаққу ҳуқуқ дорем!

— Зап кори нағз кардааст, ин зани нотарс! Бовар мекунам, ки қасоси шавҳарашро мегирад.

Ва ғайраҳо ва ҳоказо ...

Аммо ин валвала ва ин гуфтугӯҳо ба Латофат таъсире надошт. Натарсида, далерона ба кораш давом кардан гирифт. Дар идораи милиция сардор Фатҳуллин буд. Вай, чун падар ҳамеша аз кору бор ва рафтори Латофат хабар гирифта меистад, кор меомӯхт, дастаи ӯро ҷамъ карда лексия мехонд ва насиҳат мекард. Латофат аз вай хоҳиш мекард, ки иҷозат диҳад, бо дастаи худаш ба ҷустуҷӯи босмачиёни каммонда, ба ҷустуҷӯи дастаи Полвонов ба кӯҳҳо баромада равад. Лекин Фатҳуллин иҷозат намедод, мегуфт, ки ҳоло аскарҳо аз қафои он дастаи босмачиён баромадагӣ, агар лозим шавад, ба мо хабар медиҳанд ва аз ин ҷо мо ҳам мебароем. Пас, Латофат хост, ки аввал думу решаҳои дар шаҳр ва гирду атрофи шаҳр будаи Полвоновро нест кунад. Барои ин ба ҳар ҷо одам фиристода, хабаркашҳо таъин карда, маълумот ғундошт. Донист, ки Полвонов зану бачаҳои худашро ба Қӯқанд, ба назди хешу таборонаш фиристода будааст. Дар Конибодом ягон каси ӯ набудааст; лекин ёру ҷӯраҳояш, ҳамтабаққҳояш будаанд. Яке аз онҳо —раиси собиқи суди шаҳрӣ —Валиҷон Неъматов будааст. Ин хабарро ба вай оҳиста, дар хонаи танҳоӣ раиси ҳозираи суди шаҳрӣ гуфта доду илова намуд:

— Ман худам ӯро ба ҷавобгарӣ мекашидам, лекин дар дастам санадҳои пухта надорам. Азбаски вай одами шайтону ҳушёр ва закундон (қонундон) аст, метарсам, ки аз банди ман зуд раҳо шавад. Аммо шумо метавонед ӯро ҷеғ зада, истинтоқ карда гап гиред. Бояд вай бисёр чизҳоро донад.

— Барои маслиҳат раҳмат! —гуфт Латофат. —Ман чора меҷӯям, лекин хоҳиш мекунам, ки ҳоло ин сӯҳбати моро аз даҳон набаролед, ба ҳеҷ кас ҳеҷ чизе нагӯед!

Хабаркаш ваъда дод. Латофат ба фикру андеша аф-

тод! Раиси суд, ки қонунро варақ-варақ медонаду об карда хӯрдагӣ ва нозукиҳои ба даст гирифтани одамонро медонад, аз ин Валиҷон кебида ба ҳабс гирифта натавонад, вай, Латофат, ки ақаллан сардори милиса ҳам нест, чӣ тавр карда истинтоқ кунад?! Фақат ҳаминаш хурсандиовар аст, ки нӯги калоба ёфт шудагӣ барин. Модом ки дар вақти прокурории Полвонов, вай яъне Валиҷон раиси суд будааст, албатта бо вай ҳамкор ва дӯст бояд бошад, албатта сирру асрори ӯро донад, даркор, албатта ёру дӯстони дигарашро ном бурда метавонад. Агар ҳамин калобаро кушода партофта, якто-якто ба тухму табақаи Полвонов оташ занад, ба муроду мақсадаш мерасад, арвоҳи Нодирҷон ҳам аз вай хурсанд мешавад. Ё толеъ мадад ё дили беқарор сангин шав, бераҳм шав, қасос гир!

Латофат боре дар сӯҳбат бо Фатҳуллин нӯги гапро кушода, фаҳмиданӣ шуд, ки вай чӣ мегӯяд.

— Падар, —гуфт вай, —ман мехоҳам ки пеш аз ҳама ба тухму решаи дар шаҳрамон будаи Полвонов оташ занам.

— Умуман ин нияти ту бад не, —гуфт Фатҳуллин. —Ба тухму решаи душман оташ задан лозим, лекин ба ин кор ҳушёр будан, аз рӯи қонуну қоида кор кардан лозим аст. Майлаш ту маълумот ҷамъ кун, баъд маслиҳат мекунем. Мабодо худат ғазабу кинаатро кор фармуда ҳаракати беҷое накун, ки ҳам ту ва ҳам ман ҷавобгар шавем.

— Кӯшиш мекунам, — гуфт Латофат.

Пас аз ду рӯзи дигар Фатҳуллинро ба Хуҷанд, ба управленияи вилоятӣ ҷеғ заданд. Фатхуллин ки ба ғайрат ва донишмандии Латофат, ба обрӯю эътибори вай бовар дошт, ӯро ба ҷои худ ба ду-се рӯз ҷонишин таъин кард.

— Як-ду кори таъҷилӣ ва дурӯза семинария будааст,— гуфт Фатҳуллин. — Ман рӯзи саввум аз Хуҷанд бармегардам. Ту духтарам аз хати ман кашидагӣ берун намебароӣ! Саҳарӣ ба кор биё, аз ҳамаи постҳо хабар гир, милисаҳоро ҳар рӯз санҷида бин, бояд ҳама дар сари вақт ба кор оянд, бетартибӣ накунанд. Ба онҳо фаҳмонда ист, ки халқ онҳоро ба худ пушту паноҳ медонад. Моли халқ — моли давлат, ҳаёти шаҳр дар дасти онҳост. Худат ҳам ҳушёр бош! Воқеае шавад, зуд ба ГПУ хабар расон, ба ман телеграмма фиристон. Гап ҳамин!

Латофат ваъдаи қатъӣ дод. Устодашро ба хурсандӣ

гусел кард. Рӯзи дигар мувофики фармоиши Фатҳуллин аз ҳайати милиса хабар гирифт, корҳои ҷориро дид, бо чандин дуздон ва авбошон сӯҳбат кард ва кори онҳоро ба муфаттишҳо супорид. Пас худаш дар кабинети сардори милиса танҳо нишаста ба хаёл афтод. Чӣ хел карда раиси собиқи судро ба ҳабс гирифтан мумкин аст? Аз болои вай материали дуруст ғундоштан лозим. Чӣ тавр? Вай медонист, ки бо ҳукми ҳамон раиси суд, се-чаҳор кас ҳоло дар ҳабсхонаи шаҳрӣ нишастаанд. Суд ба онҳо барои савдогарӣ ва авбошиашон яксолӣ —дусолӣ ҳукм баровард буд. Шояд ҳамонҳо барои ба даст гирифтани Валиҷон ягон санаде медиҳанд... Бале, бале, ин фикри дуруст аст. Бояд онҳоро чеғ зада гап пурсид...

Ба ин хаёл занг заду милисаи навбатдорро чеғ зад ва фармуд:

— *Ҳозир бо ду кас рафта аз ҳабсхонаи* шаҳрӣ Нӯъмон Карим ном бандиро гирифта биёр! Ана ин фармон!

Навбатчӣ итоат карда баромада рафт, вале рост ба ҳабсхона нарафт. Аввал ба назди муовини сардори милиса —Малик Ҳамдам рафта даромад. Ба вай аз фармони Латофат хабар дод. Малик ҳайрон шуд. Вай марди он қадар софдил набуд, тоза набуд. Хусусан бо Латофат муносибати хуб надошт ва хафа буд, ки чаро Фатҳуллин ӯро ба ҷои худ намонда, Латофатро мондааст. Бино бар он ба рафтор ва кирдори Латофат бо шубҳа нигоҳ мекард ва аз ҳар кори вай айб ёфтан мехост. Ҳамин Малик ба навбатдорон гуфта буд, ки ягон фармони Латофатро ба вай ногуфта иҷро накунанд. Милисаҳои онвақта ки бештарашон аз зан дида ба мард эътиқод ва бовар доштанд, ин фармони ӯро ба ҷон қабул карданд.

— Барои чӣ ин бандӣ ба Латофат лозим будааст? — пурсид Малик.

— Ман чи донам, —гуфт навбатдор.

— Хайр, фармонро иҷро кун, лекин дар вақти допрос гӯш андохта ист ва сӯҳбаташонро ба ман омада гӯй!

— Хуб! —гуфт навбатдор ва барои иҷрои фармон шитофт.

Нӯмон Карим бо савдогарӣ ба даст афтода буд. Вай аз Исфара ғӯлунги арзон харида ба Тошканд мебурд ва аз он ҷо ҳар хел молҳо —калӯш, рӯймоли шол, шишаи лампа ва ғайра оварда дар бозори Конибодом мефурӯхт. Одамони Фатҳуллин аз паи ӯ афтода ба даст гирифтанд ва пас аз тафтиш корашро ба суд доданд. Суд дар му-

рофиа гуноҳашро ба гарданаш дайн карда ба вай ба муддати ду сол ҳукми ҳабс баровард ва молу амволашро мусодира кард. Ҳоло вай қариб як сол ин тараф дар ҳабсхона буд. Вакто ки бо Латофат рӯбарӯ омада нишаст, худро мусичаи бегуноҳ нишон медод.

— . . . Ҳамин тавр, —мегуфт ба суоли Латофат. — Ман як одами камбағал ва ба кори бечорагии худам овора будам. Як рӯз прокурори гурехта рафтагӣ, яъне Полвонов маро дар кӯча дида гуфт, ки ба идораи вай равам. Рафтам. Гуфт, ки ана ин панҷоҳ сӯм пулро гирифта ба Исфара рав, қокҳои арзонро харида ба Тошканд бурда фурӯш, ба пулаш ба ману раиси суд калӯшу маҳсӣ, арақу конияк харида биёр. Агар накунӣ, гирифта ҳабс мекунам. Ман маҷбур шуда, кори фармудагиашро кардам, албатта барои худам ҳам андак қоқ бурда баъзе латта-путта харидам. Ана, чӣ мегӯед, ки дар вақти дувумбор рафтанам...

— Боз бо фармони раиси суд ва Полвонов?

— Бале, бале, бо фармони ҳамонҳо ... рафтам ва дар бозгашт ба дасти милисаҳо афтодам. Раиси суд ба ман гуфт, ки парво накун, муддати ҳабсатро худам кам мекунам.

— Бисёр хуб, —гуфт Латофат, —котиб ҳамаи гапҳои ҳозир ба ман гуфтаатро навишта гирифт, акнун ту ба зери ҳамин коғазҳо даст мон. Ман коратро аз нав ба тафтиш месупорам ва илоҷе карда туро озод мекунам.

— Илоҳӣ саломат бошед, началник! —гуфт савдогар ва ба коғаз даст монда рафт.

Латофат ба котибаш таъкид кард, ки ин сӯҳбатро ба ҳеҷ кас нагӯяд ва даҳон накушояд.

Бандии дигар барои шӯрапуштӣ ва ҷангу ҷидол ду сол ҳукм гирифта буд, низ бо тарғиби Латофат аз болои раиси суди собиқ айби росту дурӯғи бисёреро рехт. Латофат аз ин кораш хурсанд шуда «санадҳо»-и ба даст даровардаашро ба сандуқи оҳанин гузошта қулф кард, баъд ба назди прокурори шаҳр рафт.

— Валиҷон Неъматовро мешиносед? —пурсид вай. —Дӯсти наздики Полвонов.

— Ҳамроҳ кор карда буданд...

— Яке аз кӯшандаҳои Нодир ҳамин Неъматов будааст.

— Чи хел? Аз куҷо медонед?

— Медонам. Модом ки дӯсти Полвонов аст, ба ҳар кораш шарик буд.

— *Инро исбот кардан лозим.* Фақат бо тахмину гапи холӣ касеро айбдор кардан мумкин нест.

— Хайр, агар ман санадҳои даркориро ба даст дарорам, баъд.

— Баъд мебинем, —гуфт прокурор ва бо табассум илова намуд. —Латофатхон, медонам, ки шумо қасоси Нодирро аз кушандагонаш гирифтан мехоҳед. Ин корро мо кардем ва боз карда истодаем. Ҳамон ду нафар ки бевосита ба вай корд заданд, бо ҳукми суд парронда шуданд. Яктоашон аз тири таппончаи шумо ҷон дод. Хабар ҳаст, ки Полвонов ва шайкаи вай ҳам дар иҳотаи аскарон мондаанд. Бояд ҳамин рӯз ё пагоҳ ба даст афтанд. Полвонов агар дар ҷанг намурад, ба ҳукми трибунал парронда мешавад. Боз чӣ?

— Ман ба тухму решаи Полвонов оташ задан мехоҳам.

— Мо ҳам мехоҳем, аммо ба ҳар кас тӯҳмат зада, тудуми Полвонов гуфтан ҳам мумкин нест.

Латофат фикр кард, ки ин прокурор одами хеле суст ва камкор аст. Намехоҳад, ки сари худашро гаранг карда, ҳаракат карда тухми решаи Полвоновро ёфта гирад. Беҳтар, ки бе ин прокурор худаш корро давом медиҳад ва бо ҳар роҳ тарафдорони Полвоновро ёфта қир мекунад.

Бо ҳамин хаёл ба идораи милиса рафт, ки муовинаш ӯро пешвоз гирифт.

— Рафиқ Фатҳуллин нохост бемор шуда, ба бемористон афтодааст. Бино бар он боз се-чаҳор рӯз дертар меомадааст. То омадани он кас шумо корашонро давом додан гиред, будааст.

— Э, бечора Фатҳуллин, —гуфт Латофат. —Ба вай чӣ шуда бошад?

— Одами ҷавон не, синнаш ба як ҷо рафтагӣ, дилаш, шушаш, ягон ҷои баданаш дард кардагист. Илоҳӣ зудтар сиҳат шаваду биёяд.

— Сиҳат мешавад! —гуфт худбоварона Латофат. — Шаҳрро чарх зада баромадед? Бозорҳо, маҳаллаҳо тинҷ?

— Хотирҷамъӣ, —гуфт муовин. —Ҳозир ман Исфара рафта истодаам. Хабар омад, ки имшаб ду-се ҳавлиро дуздҳо ғорат кардаанд.

— Ором намеистанд ин босмачиҳо! —гуфт дандон хоида Латофат. —Зуд рафта хабар гиред, бо худатон се-чор кас ҳамроҳ баред. Бачаҳои ҳушёру бофаҳмро!

— Хуб, — гуфт муовин ва ба кабинеташ даромад, ки тайёр шуда бароянд.

Латофат ба кабинети худаш даромада фикр мекард, ки илоҷе карда, дар вақти набудани Фатҳуллин Валиҷонро ба ҳабс гирад ва ҳар навъ карда аз вай номи дигар дӯстони Полвоновро пурсад. Баъд ба худаш ва шариконаш айбу тӯҳматҳои даркориро монда ба суд диҳад.

Вай дар ҳамин фикру андешаҳо буд, ки дарро тақ-тақ зада ба хона як одами Чека даромада омад. Латофат ӯро мешинохт, номаш Иванов буд, лекин ҳама ба ӯ лақаби «Воҳно»-ро дода буданд. Маънои «Воҳно» воҳимачию нобовар буда, ба хислати Иванов сахт мечаспид. Вай бисёрии роҳбарон ва мардуми маҳаллиро чашми дидан надошт. Салладорро бинад, босмачӣ мегуфт, зиёӣ ва одами либоси замонавӣ пӯшидаро бинад, миллатчӣ мегуфт, як қисм русҳои синнашон калон ва дар дойран пештара коркардаро бинад, «белогвардеест» мегуфт. Ҳамин хел нобовар, воҳимачӣ, вале ба ҳокимияти шӯрой ҷонсупор ва нотарсу далер буд. Дар Чека дар корҳои паст кор мекард ва роҳбарон доим аз «лаҷом»-и ӯ дошта меистоданд.

Вай ба назди Латофат омада буд, ки аз корҳояш хабар гирад ва агар чизе, маслиҳате лозим бошад, бидиҳад.

— Ҳа, салом, салом! —гуфт ба пешвози вай аз ҷо бархоста Латофат. —Биёед, биёед, марҳамат, камнамо шуда рафтед.

— Ҳа, —гуфт «Воҳно» —контрреволюционерҳоро ҳеҷ тамом накарда истодаем. Ҳамин қадар мегирем, мепарронем, бадарға мекунем, намедонем боз аз куҷо пайдо мешаванд. Хайр, корҳои худатон чи тавр? Шаҳр тинҷ, осуда?

— Шаҳр тинҷ? —гуфт Латофат. —Лекин дар Исфара боз ду-се ҳавлиро ғорат кардаанд.

— Ман фаҳмидам, —гуфт Иванов. —Хостам, ки худам рафта ба тухмашон қир резам, лекин роҳбарҳо намонданд. Дар ин ҷо ҳам кор бисёр гуфтанд, ҳушёр гаштан лозим гуфтанд.

— Дуруст гуфтаанд, — гуфт Латофат. — Ман ба ҳама маслиҳатҳоямон ҳар рӯз ҳамин гапро мегӯям, ҳушёр гаштан лозим мегӯям. Рафиқ Иванов, аз шумо як маслиҳат.

— Марҳамат, пурсед!

— Маслиҳат ҳамин ки ман мехоҳам тухму решаи

Полвоноврo кофта ёфта оташ занам ва қасоси шавҳарамро гирам.

— Бисёр нағз мекунӣ, хоҳарам! Натарс, далер бош, дар қафоят ман ҳастам!

— Ба ман гуфтанд, ки раиси пештараи суд —Валиҷон бо Полвонов дӯсти наздик ва ҳамкоса будааст. Ман аз болои вай санад ҳам ёфтам. Ду нафар одаме ки вай қариб бегуноҳ ҳабс карда будааст, гуфтанд. Лекин бовар дорам, ки бо ин коғазҳо прокурор ба ҳабси вай розӣ намешавад. Чӣ кор кунам.

— Э, ба ту прокурор чӣ лозим? Аввал вай хоинро ба даст гирифта ба гуноҳаш иқрор кун, баъд прокурор санксия медиҳад.

— Ана ин гапатон дуруст. Ҳамин тавр мекунам.

Ҳамин тавр ҳам кард. Ними шаб бо чаҳор нафар милиса ба ҳавлии Валиҷон Неъматов тақ-тақ зада рафт. Ҳамаи аҳли хонадони ӯро ба воҳима андохта, хонаашро кофтуков карда, коғазҳо, санадҳо ва як чанд китобҳои дастнависро акт монда гирифт ва ба худаш гуфт ӯро ҳабс мекунад. Аммо Валиҷон ки қонунро медонист, аз вай ризоияти прокурорро пурсид.

— Санкция худи ман! —гуфт Латофат. —Ман хуни шавҳари қурбоншудаамро аз шумоён то наситонам, хобам намебарад.

— Бе санксияи прокурор ба ҳабс кардани ман ҳақ надоред!

— Ҳақ ана ин! —гӯён таппончаи наганро ба фуки вай бурда нишон дод Латофат ва фармуд, ки дастони ӯро ба қафояш баста аз хона бароранд. Милисаҳо фармонро иҷро карданд. Зану бачаҳои Валиҷон гиряю ноларо баланд карданд. Валиҷон дар дами дар ба занаш гуфт:

— Гиря накун, рӯз сафед шавад, ба прокурор рафта арз кун, ба Чека рав!

— Ба куҷо, ки равӣ, рафтан гир! —гуфт Латофат ва бандиро ба фойтун бор карда, ба ҳабсхонаи милиса бурда партофт ва баъд осуда ба хонааш рафт.

Дар хона Қумрӣ танҳо гиря карда менишаст.

— Ман тарсидам, —гуфт вай ба суоли модараш, — дер мондӣ, гумон кардам, туро ҳам куштанд...

— Мана мекуштагӣ ҳанӯз аз модар зоида нашудааст! —гуфт фахр карда Латофат. —Ман то қасоси дадота нагирам, намемурам! То туро калон карда хушбахт накунам, поямро аз замин канда намекунам, бараҷонам! Хоб кун, роҳат кун!

Модару духтар ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, роҳат хобиданд. Дар хобашон ҳам парешоние надиданд, гул диданд, оби равон диданд, баҳор диданд. Рӯзи дигар аввали пагоҳ Қумрӣ пас аз ношто дафтару китобҳояшро ба ҷузвгир андохта ба мактаб рафт, Латофат ба идораи милиса. Дар дами дар ба вай хабар доданд, ки Фатхуллин ва Ҳамдам Ҳоҷӣ дар кабинети вай мунтазир нишастаанд. Латофат ҳайрон шуд. Фатҳуллин бемор буд, чаро табобат накарда омада бошад? Ҳамдам Ҳоҷӣ чӣ кор дошта бошад? Магар боз дар ягон ҷо воқеаи баде рӯй дода бошад? Боз Полвонов ғорат карда бошад?

Дар кабинет ба саломи вай Фатҳуллин ҷавоб надод. Лекин Ҳамдам Ҳоҷӣ бо рӯи кушод ӯро пешвоз гирифт, ҳолу аҳвол пурсид. Фатҳуллин бо рӯи пажмурда ва ранги сафедканда, ба паси столи худаш, ки дирӯз дар он Латофат нишаста буд, менишаст ва чӣ як коғазеро мехонд. Латофат ба рӯ ба рӯи Ҳамдам Ҳоҷӣ ба курсӣ нишаста пурсид:

— Сиҳат омадед, ота? Чаро бақуввату бардам нашуда омадед?

— Аз дасти шумо ба сиҳат шудан ҳам фурсат намерасад! — гуфт Фатҳуллин. — Ин чӣ аҳмақии кардагиат? Чаро Валиҷонро ҳабс кардӣ? Хонаашро кофтуков кардӣ? Ба ту кӣ иҷозат дод?

— Ба ман виҷдонам иҷозат дод! —гуфт нотарсона Латофат. — Хоинро озод мондан мумкин нест!

— Аз куҷо донистӣ, ки вай хоин?

— Ман санад дорам, шоҳид дорам!

Фатҳуллин хандид.

— Ҳамин ду ҷинояткор, ки ба ту навишта додаанд ва худро шоҳид кардаанд?

— Саросемагӣ кардӣ, духтарам? —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ вазнинона. —Акнун чаправӣ кардӣ! Дар мамлакати мо одам аз ҳама чиз азиз, аз ҳама бақадртар аст! Барои аз ҳуқуқ маҳрум кардани як кас, барои ҳабс кардани як кас далелу ҳуҷҷатҳои раднашаванда лозим. Ман ҳисси туро мефаҳмам, ту барои шавҳарат қасос гирифтан мехоҳӣ, лекин бо ин роҳе ки ту гирифтай, қасос гирифта намешавад, баракс ба худат ва ба милиция гап мерасад.

— Худи дирӯз бегоҳи управленияи вилоятӣ маро аз касалхона ҷеғ зада ин хабарро расонда. Истода натавонистам, шабошаб ба роҳ баромадам. Хайрият ки рафиқ Ҳамдам Ҳоҷӣ ҳам ин пагоҳ аз моҷаро огоҳӣ ёфта омаданд.

Латофат ҳайрон шуд, ки дирӯз ҳанӯз Валиҷонро нагирифта, ин хабар чӣ тавр ба Хуҷанд, ба управленияи вилоятӣ расидааст. Наход ки дар идораи милиса ягон каси дигар ҳам аз ин кор хабардор буд? Наход ки дар байни одамони ин идора хабаркашҳо, ҷосусҳо ҳастанд? Модом ки хабар додаанд, маълум, ки ҳастанд. Аммо ин мӯсафедҳо сустӣ мекунанд, қонун мегӯянд, далелу ҳуҷҷат мегӯянд... Нодирро бедалелу ҳуҷҷат куштанд. Милиса бошад, мунтазири далелу ҳуҷҷат шуда истодааст.

— Ҳеҷ моҷаро нашудааст, — гуфт Латофат. — Ман кори дуруст кардам ва ин корамро бо рафиқони Чека маслиҳат кардем, онҳо розигӣ доданд.

— Кӣ розигӣ дод? Чека аз кори ту ҳайрон!

— Рафиқ Ваҳно омада буд, пурсидам, гуфтанд дуруст мекунӣ, хоинҳоро нест кардан лозим.

Ҳамдам Ҳоҷӣ табассум карду пурсид:

— Ваҳнои гуфтагет, кист?

— Мебахшед, —гуфт Латофат, —рафиқ Ивановро бачаҳо Ваҳно мегӯянд. Ҳамон кас одами ҳушёр, ба душманҳо беамон!

— Ҳамон Иванов, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ, —маро ҳам ҳабс карда буд. Бедарак ба вай одами воҳимачию нобовар лақаб надодааст. Хайрият, ки имрӯз фармон баромадааст, ӯро аз Чека рондаанд.

— Аз Чека рондаанд?

— Бале, азбаски бисёр корҳои ғайриқонунӣ карда, одамҳои бегуноҳро ҳабс кардааст, корашро фаҳмида аз Чека ронданд. Шояд ба ҷавобгарӣ ҳам кашанд. Ана ин ба ту бояд сабақ шавад!

Пас аз ин гапи Ҳамдам Ҳоҷӣ, Латофат аз аспи ҷаҳл фуромаду суст шуд. Маълум ки вай, Латофат ҳам саросемагӣ кардааст.

— Бо фармони управления, —гуфт Фатҳуллин, —мо туро аз вазифаат озод мекунем, лекин аз милиса ҷавоб намедиҳем. Ба ту имкон медиҳем, ки кор омӯзӣ, дар ҷангҳо ва задухӯрдҳо пухтатар шавӣ, баъд боз боло мебардорем.

Латофат сар хам карду дигар гап назад.

— Ман ба ту хабари хушро расонам, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ ба Латофат. —Қушандаи Нодир, Тошпӯлод Полвонов дар ҷанг кушта шуд, дастаи хурди вай торумор гардид ва аз ҷониби ту қасос як бар сад гирифта шуд.

Латофат якбора ҷон гирифт.

— Худоё шукр! —гуфт ва беихтиёр гиря кард.

Тобистон. Меваҳои шаҳдбори Қонибодом ба пухтан сар карданд. Зардолу, шафтолу, себ, гелос, ангури халилӣ, чиллагӣ ва ғайра сари дастархони шаҳриёнро оро медоданд. Дар шаҳр бинокорӣ сар шуда буд. Пеш аз ҳама мактаб, клуб ва идора месохтанд. Бозорҳо обод, савдою хариду фурӯхт дар авҷ буд. Ҳар пагоҳ аз қишлоқҳои гирду атроф деҳқонҳо дар аробаҳо, аспу харҳо қатор шуда ба бозор меваҷот, ғалла ва сабзавот меоварданд. Ҳаёт ҷӯш мезад.

Босмачӣ ва ғоратгарони гирду атрофи Қонибодом қариб тамом шуда буданд. Фақат гоҳ-гоҳ се нафар-чаҳор нафар аз боқимондагони дуздони ғоратгар баъзе хонаҳоро тала мекарданд ва гурехта ба кӯҳсорон мерафтанд: Милисаи шаҳр аз паси онҳо рафта, аксар вақт дуруст, пай мегирифт ва ғоратгаронро нест карда бармегашт. Латофатро ҳоло ба ин юришҳо намегирифтанд, дар шаҳр, ба баъзе ҷоҳо навбатдор карда мефиристоданд. Ҳоло чанд гоҳ аст, ки ӯро дар сарои калон ва анборҳои кооператив ки он вақтҳо «Центрсоюз» мегуфтанд, ба қаровулӣ монда буданд. Инрӯз навбати ӯ шабона буд. Аз ин рӯ аввали рӯз ба бозор рафту камтар гӯшт, сабзию пиёз ва меваҷот харида ба хона баргашт. Дар хона танҳо бекор истода наметавонист. Ҳар як чиз, тамоми дару девори хона ва ҳавлӣ ёд аз Нодир-паҳлавон мекарданд ва ӯ паҳлавонро ёд карда мегирист, тамоми рӯз авзояш ноҷӯр мегашт. Агар Қумрӣ дар хона набошад, зуд аз ҷо бармехосту ба худ кор меёфт. Ё хонарӯбӣ мекард, ё ҷомашӯӣ мекард, ё хӯроки сертараддуд мепухт, коре карда худро саргардон мекард.

Он рӯз низ аз бозор омада дид, ки Қумрӣ ҳанӯз аз мактаб наомадааст, бино бар он масолеҳи овардаашро дар ошхона монду ба хона даромад ва сар кард ба хонарӯбию хонағундорӣ. Ҳамаи тоқу тоқчаҳоро бо латта аз чанг тоза кард, кампал ва рӯҷоҳоро бароварда афшонд. Баъд ба ошхона рафта сабзию пиёз пора кард, ба самовор оташ монда, биринҷ тоза карду боз ба фикру хаёл ғӯтта зад. Дасту чашмаш кор мекарданд, вале дар майнааш чизҳои дигар буд: чаро Қумрӣ дер кард. Чанд рӯз аст, ки аз серкорӣ ба мактаби вай нарафтааст, аз муаллимҳо хабар нагирифтааст. Қумрӣ нағз намехонад, ақлаш ба ашӯлаю рақсу бозӣ. Чӣ бояд кард? Бо муаллимаш машварат кардан лозим. Муаллимаш ҳам мардаки ҳатӯл, ба гумон хату саводи дуруст надорад. Мегӯянд, ки пештар дар Исфара имомӣ мекардааст, баъд дар кадом

як курси кӯтоҳмуддат хонда муаллим шудааст. Аз ин хел муаллимҳо фоида камтар аст. Беҳтар, ки ба назди мингбошӣ рафта, маслиҳат карда, ба ягон мактаби дигар гузаронад. Гӯё дар мадрасаи Муҳаммад Раҷаб-додхоҳ, ки «Дорултадрис» буд, интернот кушода шудааст. Лекин агар ба интернот монад, худаш танҳо мемонад...

Аз дар даромада омадани Қумрӣ хаёлҳои ӯро парронд.

— Ҳа, омадӣ, духтарам, —гуфт вай ба пешвози азизаш аз ошхона баромада, —чашмам ба роҳат чаҳор шуд, чува ин қадар дер омадӣ?

— Пас аз дарс бозӣ кардем, —гуфт Қумрӣ ҷузъгир ва китобҳояшро аз тирезаи кушод ба рӯи хона ғӯронда. — Медонӣ, бува, мо артистбозӣ кардем.

— Артистбозӣ чӣ?

— Бозии ғалатӣ, ба одамҳои калон тақлид мекунем, масхара мекунем. Қаландар мешавем, ашӯла мехонем...

— Майлаш, бозӣ кунеду дарсро ҳам тайёр кунед.

— Ман дарсро нағз намебинам. Муаллим ба ҷои дарс, ба ҷои «шаркӣ» ёд додан, намозхонӣ, таҳорат карданро ёд медиҳад.

— Хайр, ин кори бад не, —гуфт Латофат, ки ба дин боварӣ дошт. —Мусулмониро ҳам ёд гирифтан лозим.

— Ёд гирифта чӣ мекунам? Домуллоимом мешавам, чӣ?

— Домулоимом нашавед ҳам, мусулмониро омӯхтан лозим.

— Худат медонӣ?

— Ман худоро ёд мекунам,—гуфт Латофат, ки ягон бор намоз нахондааст, — дар дил дорам.

— Ман ҳам дар дилам ёд мекунам, бас-дия. Дар мактаб хату савод ёд гирам.

— Майлаш, ман ба мудири мактаб мегӯям, ки ба шумо ягон муаллими дурусттар ёфта диҳад.

— Хушовоз бошад, шаркиҳои нағз донад.

— Майлаш, —гуфта табассум кард Латофат. —Рав ба хона дарс тайёр кун, китоб хон, хат навис. Ман як оши палави бомазза пазам, оча-бача хӯрему ба сарой, ба қаровулӣ равем.

— Имшаб навбати ту?

— Ҳа, навбати ман, —гуфт Латофат ва фикр карда, илова намуд: —Дирӯз ба анбор молҳои қиматбаҳо овар-

данд. Эҳтиёт кардан лозим. Аз ин рӯ барвақттар меравем.

— Майлаш, —гуфт Қумрӣ ва ба сӯи хона рафт.

Сарои матлубот ё ки центрсоюзи шаҳри Қонибодом дар он ноҳия яке аз анборҳои калонтарини ин ташкилот ба шумор мерафт. Аз ин сарой ба Исфара, ба қишлоқҳои атрофи он, ба Маҳрам ва дигар ҷоҳо мол мерафт, мол меомад. Гирду атрофи саройро бо деворҳои баланди сангин бардошта, аз болои девор симхор кашида, дарвозаи оҳанин монда буданд. Ба посбонҳо, ҳатто як пулемёти дастӣ ҳам дода буданд. Дар айвон телефон буд (дар он вақтҳо, ки телефон дар Қонибодом мӯъҷиза ба шумор мерафт). Дар рӯи ҳавлӣ гулзорчае тартиб дода буданд. Дар пеши гулзор суфа, дар рӯи суфа бӯрё ва шол партофта, як-ду кӯрпача ва болишт ҳам гузошта буданд.

Латофату Қумрӣ вақто ба сарой омаданд, ки офтоб фурӯ мерафт ва посбони навбатдор либосҳояшро пӯшида ба онҳо мунтазир меистод. Посбонҳо ҳама қулфҳо, дарҳои анборҳо ва гирду атроф, паси деворҳоро дида баромада, навбатро ба ҳамдигар супориданд. Баъд мардак рафту занак дари оҳанинро пӯшида, ғалақаҳояшро гузаронида, қулфи вазнинро овехта, қулф карда, калидашро ба кисаи дилаш андохт.

— Қорҳоят тамом шуд? — пурсид Қумрӣ аз болои суфа. —Биё, ман чой дам кардам.

— Дастат дард накунад! —гуфт Латофат ба болои суфа, аз паҳлӯи духтараш нишаста, як оҳи сабуке кашид. — Имшаб ҳаво гарм, барги дарахтон намеҷунбад. Телефон занг зад, Қумрӣ давида хеста ба назди телефон рафту дастакашро бардошт.

— Ҳа, кӣ гап мезанад? Ман Қумрӣ, ҳа духтар ... Ҳа, чӣ кор доред? Хуб. Бува туя чеғ мезананд, амаки Фатҳуллин.

Фатҳуллин ҳолу аҳвол пурсид, гуфт, ки эҳтиёт ва ҳушёр бошед, молҳои қимат ки овардаанд, талабгоронаш ҳам бисёр мешаванд.

— Пулемёти ман лаббай гуфта истодааст, —гуфт Латофат. —Ягонта дайду сар халонда бинад, зинда намеравад.

— Майлаш, гуфт Фатҳуллин. —Ман имшаб дар идора. Гапе шавад занг занед!

Модару духтар сӯҳбаткунон, хандакунон нишастанд

ва баъд Қумрӣ хоб кард. Латофат аз ҷо бархоста гирду атрофи саройро давр зада баромад. Дар дасташ таппончаи наган тайёр меистод. Гирду атроф тинҷӣ, хотирҷамъӣ буд. Аз беруни девор низ овозе шунида намешуд. Пас осуда шуда, ба рӯи суфа баргашту поҳояшро ёзонда рӯ ба боло дароз кашид.

Осмон пурситора, маҳтоб шомхӯрда, ҳанӯз аз уфуқ сар набардоштааст. Ситораҳо хеле равшан ва калон-калон ба назар менамоянд. «Ҳафт додарон» ба болои сар омада буданд, ситораи Яғлоғуи бевазан дар кунҷи осмон буд. Дигар ситораҳои бисёре ба вай чашмак зада кимчиҳое мегуфтанд. Ин кори онҳо (ситораҳо) хаёлҳои Латофатро ба ҳаракат оварданд. Вай шабҳое ки дар рӯи суфаи ҳавлиашон ҳамроҳи Нодир дар як бистар мехобиду ду каса ситорашуморӣ мекарданд, ба ёд овард. Оҳ, чӣ шабҳои нек, чӣ шабҳои хушбахтӣ буд ин шабҳо! Камбағал будем, дуруст сару либос надоштем, аз нон шикамҳо дуруст сер намешуд, лекин парвое надоштем, ба осмони беғамӣ парвоз карда мегаштем. Нодир! Нодир! Нодир! Кошкӣ намемурдӣ! Кошкӣ душманонатро мекуштанд!...

Якбора тарақ-тарақ кӯбида шудани дари оҳанин хаёлҳои ӯро пароканда карданд. Вай давида аз ҷо хесту кист, гуфт.

— Мо аз Чека,—гуфтанд дарзанандаҳо аз берун. — Дарро кушо!

— Ҳозир, ҳозир! — гуфт Латофат бо овози нарм ва оҳиста ба гӯши Қумрӣ ки вай ҳам аз ҷо бархоста буд, пичирос зад: —Зуд ба Фатхуллин-амак телефон кун, гӯй, ки дуздхо омаданд.

Қумрӣ давида ба сӯи айвон рафт, Латофат пулемёти дастиро бардошта ба таи дарвоза бурд. Дар ин муддат берунгиҳо дарро беист мезаданд, фарёд мекарданд, ки дарро кушоянд. Латофат пулемётро ба зери дарвоза, ки аз замин як-ду ваҷаб болотар буд, бардошта монда пурсид:

—Шумо кистед?

— Мо аз Чека!

— Номи шабро гӯед баъд мекушоям.

— Ман Иванов, парол худам!

— Ман Ивановро намешиносам!

Аз берун ҳақорат доданду гуфтанд:

— Агар аз ҷонат умед дошта бошӣ, кушо, набошад худамон аз болои дарвоза баромада мекушоем!

— Қу, баромада бинед, тамошо мекунем! —гуфт Латофат бо овози баланд.

Аз берун тир паррониданд. Латофат ҳам по ба шикамии аспҳоро ки каме аз поёни дарвоза менамуд, нишон гирифта, силсила тир парронд. Шиҳаи ҷонхароши асп ба гӯш расид, баъд гурсос зада афтодани он ва нолаи касе.

Дар ин байн Фатҳуллин бо як даста милисаҳои суворa асптозон ба сарой наздик шуд. Ғоратгарон ки тақрибан чаҳор нафар буданд, қафо гаштанд, гурехта рафтанд. Фатҳуллин бо саворонаш омада дид, ки дар пеши дарвозаи сарой як асп мурда афтодааст ва савораш нимбеҳуш як пояш зери асп дароз хобидааст.

Рӯзи дигар дар ҷамъомади милисаҳои шаҳр ба Латофат офарин хонда, ӯро боз ба даҳбошигӣ таъин карданд.

Тирамоҳи шаҳри Конибодом ҳам хуб аст. Меваҳо ҳама пухтагӣ сари дастурхонҳо пури нозу неъмат, деҳқонҳо хурраму шод, аз он ки ғалладонаро аз саҳро ғундошта гирифтаанд, молҳо —гову гӯсфандҳо фарбеҳ, ширу қаймоқдор, ҳамаи хавлиҳо сероб ... Фақат гоҳ-гоҳ шамолҳои сахт бархоста ҳаворо тира мекунанд ва рӯи офтобро абрҳои сиёҳ пӯшонида, ҳатто андак-андак борон ҳам мебарад. Бале, шамолҳои ин гирду атроф хеле сахт ва тунду тезанд. Аз зӯрии шамол бисёрии дарахтони ин ҷо ба сӯи ғарб, ба сӯи ҷануб хамидаанд.

Он рӯз ҳам шамоли сахт буд. Лекин мардум ба бозор бисёр омада буданд. Рӯзҳои бозор дар Конибодом мисли сайл мешуд. Аз ҳар тараф харандаю фурӯшандагон меомаданд. Ба майдони Ӯрда ва бозорҳо ҷои сӯзанпартой намемонд. Чойхонаҳо, ошхонаҳо обод, шаҳр серғавғо ва хеле зинда мегашт.

Ҳамдам Ҳоҷӣ дар чойхонаи калони Ӯрда чой хӯрда менишаст, ки як бачаи даҳ-дувоздаҳ сола аз қафо омада ба орунҷаш даст расониду гуфт:

— Амакҷон, амакҷон!

Ҳамдам Ҳоҷӣ пиёлаи чойро гузошта ба сӯи бача ҳам шуда нигоҳ кард.

— Ҳа, писарам, чӣ кор дорӣ?

— Қумрихон ва шариконашро милиса гирифта бурд..

— Қадом Қумрихон? Барои чӣ милиса гирифт?

— Қумрихон-дия, духтари милисаҳолем... Мо қаландарбозӣ ...

Ҳамдам Ҳоҷӣ табассум карду зуд аз ҷо бархост.

— Ку, биё ба милисахона равем. Пурсем канӣ духтари милисахоларо барои чӣ гирифтаанд.

— Мо қаландарбозӣ мекардем... — гӯён бача аз паси Ҳамдам Ҳоҷӣ давида чиҳое мегуфт, вале Ҳамдам Ҳоҷӣ ба гапҳои вай дуруст сарфаҳм намерафт. Зеро ки рӯзи бозор, дар ҳар қадам одамони шинос во мехӯрданд ва саломуалеку пурсупос мекарданд. Ниҳоят ба идораи милиса расиданд. Дар он ҷо ба ғайр аз ду-се нафар милиса ва навбатдор дигар касе набуд. Ҳамдам Ҳоҷӣ аз навбатдор, ки ба ҳурмати ӯ аз ҷо бархоста, ба вазъияти салом истода буд, пурсид:

— Аз калонҳо кӣ ҳаст?

— Ёр-командир дар кабинети худашон, бо бачаҳои дошта шуда гап зада истодаанд.

Қабинети Ёр-командир—яке аз муовинҳои Фатҳуллин дар рӯи ҳавлӣ буд. Ҳамдам Ҳоҷӣ дарро тақ-тақ зада даромад, ки Ёр-командир марди миёнсин, ғафсмӯйлаб ва қадбаланд бо се нафар писарбача ва Қумрии шӯх ба таври ҷиддӣ гап зада менишаст. Қумрӣ ва ҳамаи бачаҳо дар сару либоси каландарӣ —кулоҳҳои калон-калони ака ва падаронашон, рӯйҳо ранг кардагӣ, дар як кунҷи кабинет хомӯш менишастанд.

Ҳамдам Ҳоҷиро дида Ёр-командир аз ҷо бархост, салом доду гуфт:

— Рафиқ командир, рухсат диҳед арз кунам, ки ин бачаҳоро аз бозор дошта оварданд. Инҳо масхарагӣ карда, қаландар шуда гаштанд. Сардорашон ана ҳамин духтарча!

Ҳамдам Ҳоҷӣ табассум карда, ба рӯи Қумрӣ нигоҳ карда буд, ки вай ду қадам пеш баромада, салом дод.

—Салом амакҷон, мо қаландарбозӣ кардем.

— Дар куҷо? —қасдан пурсид Ҳамдам Ҳоҷӣ.

— Дар бозор, —гуфт Қумрӣ ва бо овози паст илова намуд:— Охир, каландарҳо дар бозор мегарданд-ку?

— Дар бозор бозӣ намекунанд! —гуфт ба таври ҷиддӣ Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Дар бозор савдою сотиқ мекунанд, хариду фурӯш мекунанд. Шумо бошед, қаландарбозӣ карда ба одамҳо халал додед. Нағз накардед!

— Хайр, дар куҷо бозӣ кунем?

— Баъд аз дарс дар мактаб, дар ҳавлии мактаб.

— Муаллимҳо намемонанд.

— Агар муаллим намонад, бозӣ кардан даркор не. Исто ки дарс хондед?

— . . .

— Маълум, бувам нест, соҳибам нест, мактабгурезӣ кардам! Ҳамин тавр?

— . . .

— Гап намезанӣ? Чӣ ҳам мегуфтӣ?

— Бувам бошанд ҳам, бозӣ мекунам!

— Нағз не. Биё рафтем! Рафиқ Ёр, ин дафъа аз гуноҳи инҳо гузаред! Бори дигар ин кор такрор намешавад.

— Итоат! —гуфт Ёр-командир ва ба бачаҳо ишорат кард, ки берун раванд.

Ҳамдам Ҳоҷӣ аз дасти Қумрӣ дошта, рост ба ҳавлии Ёрмуҳаммад мингбошӣ рафт. Мингбошии собиқ ки хеле пир ва барҷомонда шуда буд, дар меҳмонхона китоб хонда менишаст. Ҳамроҳи Қумрӣ аз дар даромадани Ҳамдам Ҳоҷиро дида, ҳам хурсанд шуду ҳам ҳайрон.

— Марҳамат, биёед азиз ва мӯҳтарам Ҳамдам Ҳоҷӣ! Ин артистро аз куҷо ёфтед?

— Ба ростӣ артист, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ бо дӯсташ вохӯрӣ карда. — Ин артистро милиса гирифта будааст, халос карда овардам.

— Ту мактаб рафтӣ? —аз Қумрӣ пурсид мингбошӣ. — Саҳар дафтару китобҳоятро бардошта рафта будӣ-ку!

— Ман дигар ба он мактаб намеравам.

— Мактаб нарафта бошӣ, дар куҷо будӣ?

— Қаландарбозӣ карда дар бозорҳо гаштааст, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ аз ҷониби Қумрӣ.

— Ҳай-хая, айб не! —гуфт мингбошии собиқ. —Буват ба мо супорида рафта буд, акнун ба вай мо чӣ ҷавоб медиҳем?

— Ман худам ҷавоб медиҳам!

— Чӣ ҷавоб медиҳӣ?

— Ба он мактаб нарафтам, бозӣ карда гаштам мегӯям.

Ҳамдам Ҳоҷӣ ва Ёрмуҳаммад мингбошӣ ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карда табассум карданд, баъд мингбошӣ гуфт:

— Хайр, ба ҳавлӣ рав, ба очат гӯй, ки туро шустушӯ кунад, оббозӣ дорад, либосҳои тоза пӯшонад.

Қумрӣ гап нозада аз хона баромад.

— Ин насақа ба ин кӣ ёд дода бошад? —гуфт мингбошӣ ҳайрон шуда.

— Ба ин тараф омада истода будем, ки, —гуфт Ҳамдам Ҳоҷӣ. —Чанд кас маро бо Қумрӣ дида хуб таъриф карданд. Гуфтанд, ки ғазалхонӣ ва гирудораш аз қа-

ландарҳо монданӣ накардааст. Ин ҳунари тақлидро ба вай гӯё худо додааст. Лекин ӯро ин тавр бесар мондан хуб нест.

— Ман чӣ кор кунам, —гуфт оҷизона марди пир. Аз паси вай гашта натавонам, кампир ҳам оҷиз аст. Ба мактаб наравад, дар хона шин гӯям, аввалаш, ки қабул намекунад, баъд модараш чӣ мегӯяд! Ман ҳайрон!

— Набошад, аз пагоҳ ӯро ба мактаби интернат, ки дар мадрасаи Муҳаммадраҷаб Додхоҳ кушода шудааст, бурда мемонем. Дар он ҷо ҳам хабар мешаванд. Мураббиҳои нағз ҳамеша нигоҳубин карда меистанд. Дар ин ҷо ҳақиқатан ба шумо мушкил.

— Модараш чӣ мегуфта бошад?

— Модараш бояд хурсанд шавад.

Аз рӯзи дигар Қумрӣ ба мактаб-интернат рафта даромад, ки тамом аз табъи дилаш буд. Дар он ҷо ҳам илм мегирифт, ҳам дар хобгоҳ мехобид ва дугонаҳою ҷӯраҳои нағз пайдо кард.

## ҚИСМИ СЕЮМ

Ман гадои кӯчаҳои Конибодомат шавам,
Ман адои духтарони чашмбодомат шавам.
*Шайх Бобо Тойибӣ*

Дар соли 1932 шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан) яке аз музофотҳои вилояти Хӯҷанд ба шумор мерафт. Он вакт шаҳр ба ҳамон намуд буд, ки пеш аз инқилоб. Растаҳои болопӯшида, дӯконҳои бисёре, саройҳои ғалла, пилла, мавизу дона, чойхонаҳои мунаққаши ҳавлиҳо, маҳаллаҳо, масҷиду мадрасаҳо ҳама побарҷо буданд. Аммо инқилоб рафтору кирдор ва ақидаи мардумро хеле тағйир дода буд. Дар баробари масҷидҳо ва мадрасаҳо, мактабҳои нави шӯроӣ, техникум ва донишкадаҳои нав, дар биноҳои навсохт кор мекарданд. Дар маҳаллаҳо ба ҷои оқсаққолҳои пештара комитетҳои маҳалла ташкил шуда буд. Идораи суд ва милиция, комитетҳои партия ва комсомол ва комиҷроияҳо лаҷоми кор ва давлатро ба даст гирифта буданд. Дар ҳайати комитетҳо ҷавонҳои боғайрат бисёр буданд; вале зану духтарони маҳаллӣ ҳанӯз ба кор кашида нашуда буданд. Дар идораҳо занҳо буданд, лекин занҳои рус, тотор ва бошандагони шаҳрҳои дигар, ба мисли Хуҷанд, Тошканд ва Самарқанд кор мекарданд. Дар кӯчаҳо занҳо бо фаранҷӣ мегаштанд. Духтарҳо дар мактаби духтарона, аз писарбачаҳо ҷудо мехонданд. Дар шаҳр ҳанӯз ягон муассисаи саноат набуд. Шаҳр—шаҳри савдо ва кишоварзӣ буд.

Лекин шаҳри дилкаш ва обод буд Ӯротеппа! Агар аз баландии теппаи *Муғон баромада нигоҳ кунед, медидед,* ки байни шаҳр сойи пуроб мегузарад, шаҳру атрофи шаҳр аз дарахту токзорҳо пӯшида шудаанд. Мардуми шаҳр меҳнатӣ, ҳунарманд (алоҷабоф, чӯбтарош, кордсоз, ҷелонгар ва ғайра), меҳмондӯст ва маданӣ буданд. Ҷавонҳо мувофиқи анъанаи ҳазорсола калонсолонро ҳурмат мекарданд. Бадахлоқӣ ва шӯрапуштӣ хеле кам буд. Комитети шаҳрии комсомол ҷавонҳои боғайрати бисёреро дарбар гирифта, бо онҳо корҳои тарғиб ва ташвиқотро ба роҳ монда буд.

Он рӯзе ки ҳикояти мо сар мешуд, котиби якуми комитети комсомолии шаҳр —Азиз Ҳамроҳзода, пас аз маҷлиси дуру дароз аз идора баромада ба сӯи хонааш равона буд. Вай ҷавоне буд қадбаланд, газгӯшт, рӯдароз ва чашму абрӯ сиёҳ. Ҳоло аз симояш намуда меистод, ки аз маҷлис хеле хаста шуда ва то як дараҷа хафа ва ғамнок баромадааст. Рафиқонаш пеш аз вай ба кӯча баромада, хона ба хона шуда буданд. Вай танҳо мерафт ва ҳушу хаёлаш ҳанӯз дар он маҷлис банд буд, ки ҳамин ҳоло гузаронидааст.

Дар маҷлис масъалаи дар шаҳр ташкил додани дастаи ҳаводорони санъат ва ташкили театр монда шуда буд. Намояндаи комитети ҳизби шаҳр ваъз гуфт, Азиз ва ҳамроҳонашро сахт танқид кард. Дар шаҳрҳои Хӯҷанду Конибодом, Исфараю Қӯканд дастаи ҳаваскорони санъат ва театрҳои халқӣ кайҳост, ки кор мекунанд; клубҳо ва чойхонаҳо пур аз тамошобин гашта, корҳои ташвиқот ва тарғибот нағз аст. Дар он шаҳрҳо ҳатто зану духтарони маҳаллӣ ба театр иштирок карда, бозӣ мекунанд... Аммо дар шаҳри мо, ки яке аз шаҳрҳои калон ва ободи Тоҷикистон аст; яке аз шаҳрҳои, гуфта мешавад, маданимост, ҳанӯз театр нест. Лоақал ягон тӯдаи ҳаваскорони санъат ҳам нест. Ин нишон медиҳад, ки комитети комсомолии шаҳри мо сусткор шудааст, рафиқон Азиз Ҳамроҳзода ва Набӣ Латиф ва дигарон дуруст кор намекунанд; дар ин бора дуруст фикру андеша нарондаанд, плоне, нақшае ҳам надоранд...

Ин гуфтаҳои намояндаи комитети ҳизбии шаҳр ба дусе мандонам ва калонгапҳои комсомол роҳ кушод ва онҳо дасту остин барзада, гапҳои бисёреро дар ҳаққи вай — Азиз ва рафиқонаш гуфтанд, онҳоро ба танпарварӣ ва танбалӣ айбдор карданд ва ҳатто гуфтанд, ки аслан ба ташкили театр Азиз чандон рағбат надорад ва бинобарон паи ин кор намешаванд ва ҳоло ин ки дар мо ҷавонони хаваскор бисёранд ва ғайра ва ҳоказо...

Азиз аз гуфтаҳои ин мандонамҳо ҳайрон мешуд. «Ҷавонони ҳаваскор бисёр» мегӯянд, ку? Онҳо дар куҷо ҳунари худро нишон додаанд? Ташкили театр кори осон магар. Ба ин кор аввалаш одами ботаҷриба, режиссур ва ташкилотчӣ лозим аст. Дар Ӯротеппа мо режиссурро аз куҷо меёбем! Имому сӯфӣ ёфт мешавад, лекин режиссур нест. Мӯсафедони мо театр, саҳнаю бозиро дӯст намедоранд. Хусусан ки дар он ягон духтар бозӣ кунад! Пас Азиз аз маҷлис хоҳиш кард, ки агар мумкин бошад,

ӯро барои якчанд рӯз ба Қонибодом фиристонанд, дар он ҷо як рафиқ ва дӯсти хуби вай дар театр кор мекунад ва ҳамаи нозукиҳои кори ташкили театрро медонад. Азиз ҳам аз вай маслиҳат мепурсад, ҳам агар имкон шавад, ягон режиссур, ё ки ташкилотчии он театрро бо худ гирифта меорад ва бо ёрии ӯ дар Ӯротеппа театр ташкил мекунад. Ин таклифи Азиз ба ҳама маъқул шуд ва инак рӯзи дигар бояд вай ба Қонибодом равад. Лекин дар ин ҷо модараш танҳост. Намедонад ки вай бо модараш киро монда равад. Хайр, ба хона рафта аз худи модараш маслиҳат мепурсад.

Ҳаво торик шуда буд, ки Азиз ба ҳавлиашон рафта расид. Модараш «кист» гуфта, пурсида дарвозаро кушод.

— Ин қадар дер кардӣ, писарам? —гуфт кампир, ки синнаш аз шаст гузашта буд. —Ҳар рӯз барвақт меомадӣ.

— Маҷлис доштем, —гуфт Азиз ва бо мушоияти модараш ба хона даромад. Хонаро лампаи ҳафтум хира равшан мекард. Модари зор тухмбарак пухта, ба рӯи хонтахта гузошта болои табакро бо сачоқ пӯшида монда буд. Дастурхону чойнику чои кабуд ҳам муҳайё буд.

— Шин, як тухмбараки бомазаи худат нағз медидагиро пухта мондам,—гуфт модар. —Бо иштиҳо хӯр, ки андак сард будани ин таом боз ҳам нағзтар аст. Ана, чой, нон, ҳарчӣ хоҳӣ дар ҳамин ҷо.

— Саломат бошед, бува! — гуфт Азиз. —Иштиҳо қозгир шудагӣ!

Ва ним табақ тухмбаракро хӯрду даст пок кард, баъд як пиёла чой рехта ба даст гирифту гуфт:

— Бува, медонӣ чӣ, ман пагоҳ саҳар катӣ ду-се рӯза ба Қонибодом рафтанӣ.... Лекин ҳайронам, ки дар пеши ту кӣ мемистад.

— Барои ҳамин ҳар рӯз мегӯям, ки келин кунам, ту бошӣ.

— Ҳа, келин мешуд, бемалол рафтан мегирифтам; ҳозир ки вай нест, ман ҳайрон! Хоҳарам Матлуба бо шавҳару бачаҳояш Душанбе рафт, агар мешуданд, оварда мемондам.

— Мешуду лекин бачаҳояш бисёр шӯх, ба ҷони кас мерасонанд. Майлаш, ту рафтан гир, ман келиншавандаро ҷеғ зада мебиёрам.

Азиз табассум карду ба рӯи модар нигарон монд. Дар ҳақиқат модараш ду-се моҳ ин тараф духтари ҳамсоя — Гулшанро ба худаш келин карданӣ шуда, бо модари

вай гапро пухта буд. Мегуфт, ки писарашро розӣ карда, насиб бошад дар тирамоҳ тӯй мекунанд . Дар ин боб чанд бор бо Азиз гуфтушунид ҳам карду Азиз қариб розӣ ҳам шуд. Лекин ҳозир аз гуфтаи модараш ҳайрон, ба рӯи ӯ нигарон монд. Наход ки ҳамаи гапҳо пухта, гуфтушунидҳо қатъӣ шуда бошанд. Азиз бо Гулшан дуруст суҳбат накарда, дили ӯро намедонад, ки ба кӣ кашол аст. Наход ки котиби комсомоли шаҳр шуда, ба таври кӯҳна, бо хоҳиш ва иродаи падару модарон зан гирад! Зан, ҳамсари кас бояд мувофиқи табъ бошад, вай ӯро дӯст дорад, ӯ вайро дӯст дорад. Ана баъд зану шӯ шудан осон аст. Аммо модараш Гулшанро аллакай арӯс меҳисобад. Хайр бошад, то рафта баргаштани вай Гулшан аз модараш бохабар истад, баъд маълум мешавад.

— Ихтиёрат, —гуфт ниҳоят Азиз. —Лекин Гулшан буваша монда меомада бошад.

— Ҳа, омадан мегирад, —гуфт модар, —буваш танҳо не-ку, боз ду-се то дорад.

— Ин тавр бошад, нағз, ман хотирҷамъ меравам.

— Ҳа, хотирҷамъ бош, аз ман парво накун!

Рӯзи дигар, пас аз ноштo Азиз бо модараш хайру хуш кард.

— Хайр, зиқ нашуда истед, — гуфт вай.

— Исто, ки —гуфт модар, —ба Қонибодом рафта ба кучо мефуроӣ? Ҷои истиқомат дорӣ?

— Ҳа, дӯстам Аминҷон ҳаст-ку!

— Э, ҳа, Аминҷон, ҷӯраи бачагӣ ва ҳамсинфат... Бисёр нағз, исто, ман барои очаш як савғо фиристам.

Модар инро гуфту ба нею нестони Азиз аҳамият надода, сандуқашро кушод, аз он як сарбанди шоҳӣ гирифту ба як коғаз як қуттӣ набот печонида, ба сарбанд баст ва ба дасти писараш дод.

— Аз ман ба дугонаам салом расон!

Азиз ба Қонибодом, ба автобус нишаста, баъд аз пешин расид Қонибодом сердарахт бошад ҳам, аз Ӯроттеппа тармтар буд. Аз тарфи Кӯқанд шамоли гарм мевазид. Лекин меваҳо пухта, бозор хеле обод шуда буд. Азиз аз бозор камтар себу шафтолу ва гелос харида ба ҳавлии ҷӯрааш —Аминҷон рафт. Хуштолеии ӯро бинед, ки ҷӯрааш дар ҳавлӣ будааст. Азизро дида як ҷаҳон хурсанд шуд ва бо оғӯши кушод ҷӯраашро пешвоз гирифт.

Бале, ҷӯра будан, дӯсти ҳамдигар будан кори нек аст. Дар бораи дӯстӣ аз қадим ҳамаи бузургон, ҳамаи классикони мо чизҳои бисёре гуфтаанд. Дар ҳақиқат

баъзе дӯстҳое мешаванд, ки ҷони худро аз ту дареғ намедоранд. Онҳо аз сад хешу табор афзунтаранд. Бедарак нагуфтаанд;

Мардум гӯянд биҳишт хоҳӣ ё дӯст,
Эй бехабарон, биҳишт бо дӯст накӯст!

Албатта, дӯст ҳам ҳар гуна мешавад. Дӯсти ҷонӣ, дӯсти молӣ, дӯсти забонӣ ва ҳоказо...

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.

Дӯстро аз дӯст фарқ карда тавонистан лозим аст. Дӯстони забонӣ ва молӣ ҳам бисёр мешаванд. Вақто ки ту мансаб дорӣ, давлат дорӣ, ин тавр «дӯстон» ба гирду атрофат пашша мешаванд, лекин ҳамин ки аз мансаб ва аз мол ҷудо гаштӣ, он «дӯстҳо» ҳам аз ту ҷудо мешаванд. Аммо дӯсти ҷонӣ ҳаргиз туро фаромӯш намекунад.

Ҳар дил, ки асири меҳнати ӯст, хуш аст,
Ҳар сар, ки ғубори сари он кӯст, хуш аст.
Аз дӯст ба новаки ғам озурда машав,
Хуш бош, ки ҳарчӣ ояд аз дӯст, хуш аст.

Инак, Азиз ва Аминҷон бо ҳам дӯсти ҷонӣ буданд ва аз якдигар чизеро музоиқа намекарданд. Аминҷон дар хурдӣ бо падараш ба Ӯротеппа рафта, дар мактаб хонда ва бо Азиз ҷӯра шуда буд. Баъд падари ӯро боз ба Конибодом фиристоданд. Аминҷон ба Хуҷанд рафта техникуми педагогии он ҷоро хатм намуд ва баъд ба Қонибодом баргашта аввал муаллимӣ кард ва пас ба театри навташкил ба вазифаи таҳиягар кор сар кард. Вай режиссёри хуб ва ташкилотчӣ ҳам буд.

Модари Аминҷон ҳам аз омадани Азиз хурсанду шод гашт. Дарҳол дастурхон овард, чой овард ва намедонист, ки меҳмони азизашро ба куҷо шинонад. Зани Аминҷон дар театр ҳисобчӣ шуда кор мекард. Яктаю ягона писарчааш дар рӯи ҳавлӣ бозӣ карда мегашт.

Вақто ки чою нону мева хӯрданд, омин гуфтанд, модар барои ошпазӣ ба ошхона рафт, ҷӯраҳо ба суҳбат сар карданд.

— Омадани ман сабаб дорад, —гуфт Азиз. —Маро Кумитаи комсомоол рохи кард. Чавонхои мо мехоханд, ки дар Уротеппа хам театр бошад. Машшок, хонанда ва хофиз хаст, лекин театр нест. Ягон донишманди кори театр хам нест. Ман ба чавонхо ваъда додам ки ба Конибодом рафта, тачрибаашонро омухта, агар тавонам ягон донишманди кори театрро хамрохам гирифта бармегардам. Ин ваъдаро барои он додам, ки дар Конибодом Аминчон дорам, чураи чоние дорам, ки театр ташкил карда, ба чавонхо муаллимй карда, тамошо дода гаштааст....

Аминчон мамнунона табассум карду гуфт;

— Саломат бош, дустам. Дар хакикат чавонхоятон ният ва орзуи нек кардаанд. Дар Уротеппа барин чой набудани театр хуб нест. Мо дар Конибодом театр ташкил карда, ба корхои маданй ва маорифи районамон хеле фоидахо расонидем. Мардум аз театр ибрат гирифта, аз бисёр кирдорхои бад, урфу одатхои зарарноки кухна ва чахолат халос шуда истодаанд. Хусусан дар масъалаи озодии занон театр ёрии калон дод. Мо аз узбекй тарчума карда песаи «Лолахон»-ро ба сахна гузоштем, ана имшаб рафта тамошо мекунй. Дар накши асосии ин пьеса—накши Лолахон як артисткаи чавони мо бозй мекунад, ки дида хайрон мешавй. Ана овозу ана рафтору ана бозй! Номи духтар Кумрихон аст.

— Ха, —гуфт Азиз, —таъриф ва овозаи Кумрихон то ба шахрхои мо хам рафта расид. Мегуянд, ки духтари зебо, хушовоз ва хеле кобилиятнок будааст.

— Кобилиятнок гуфтан кам аст. Ин духтар гуё барои сахна, барои дили мардумро ба даст гирифтан, барои мардумро ба худ мафтун кардан зоида шудааст. Исто, ки чура, ту хануз зан нагирифтай? Не. Набошад хамин артисткаи мо —Кумрихонро ба занй гир!

— Кумрихон ман барин одами бекобилиятро писанд мекунад?

— Гап дар кобилияти артистй доштан не, гап дар дил аст! Кумрй ту барин чавони зебо, батамкин ва доноро аз кучо меёбад!

Чурахо хандиданд.

— Орзу дар чавонй айб не! —гуфт Азиз. —Кумрихон насиби ман шавад, хушбахт мешавам, албатта, лекин модар аллакай ба худашон келини мувофик ёфта мондаанд. Холо, вакто ки ман ба ин тараф меомадам, хамон

келиншавандаро ба ҳавлӣ чеғ зада оварда буданд. Духтари бад не. Ҳамсояамон.

— Хайр, ин тавр бошад, дар қарибӣ ба тӯй хабар мекардагистӣ?

— Албатта. Бе ту ва бе ёрии ту ман тӯй карда метавонам?! —гуфт Азиз ва каме истода илова намуд: — Хайр исто, ки ба кори ман чӣ маслиҳат медиҳӣ?

— Маслиҳат ҳамин ки, —гуфт Аминҷон, —аввало имшаб рафта театрро бин, бо артистонамон ва бо роҳбарияти театр ошно шав, баъд ягон гап мешудагист. Наход ки аз ҳамон қадар роҳ хеста биёию ба ту ёрӣ нарасонем.

— Саломат бош, ҷӯра! —гуфт Азиз.

Модар табақи ошро аз дар гирифта даровард. Аминҷон аз таҳи пардаи тоқи хона як шишаи майи дастии оличанобро гирифт. Нӯшиданд, ош хӯрданд ва хурсандиҳо карданд.

Бале, майро—шаробро одамон хеле оқилона пайдо кардаанд. Май нӯшидан, оқилона, ҳакимона нӯшидан аз фоида холӣ нест. Одамҳо дар таҷрибаи зиндагии худ бисёр корҳои аҷоиб ва оличанобона кардаанд ва баъдтар касони беақл, ҷоҳил ва қадрношинос он корҳои хуби аҷдодони худро вайрон, расво ва зарарнок кардаанд. Май ҳам дар ҳамон қатор аст. Пештар ва ҳамеша ва дар ҳама ҷо майнӯшӣ айб ва кори бад ҳисоб намешуд. Майнӯшӣ мисли чойнӯшӣ, мисли шарбатнӯшӣ, мисли даво ба шумор мерафт. Лекин баъдтар ин корро чунон сӯъистеъмол карданд, чунон бемазагиҳо карданд, ки майнӯшӣ ба қатори корҳои зарарнок ва хавфнок омада расид. Бедарак нест, ки ҳоло дар ҷамъияти мо майнӯшӣ умуман кори бад ва кори зарарнок ба шумор меравад. Чунки мастӣ ба фоҷиаҳо, ба бадбахтиҳои зиёде оварда расонид. Аммо дар ин кор май гунаҳкор нест, майнӯшӣ гунаҳкор аст, ки сӯъи истеъмол мекунанд. Бедарак нест, ки Абӯалӣ ибни Сино — ҳакими доно ва файласуф, бузургтарин шоир ва донишманд гуфта аст:

Ғизои рӯҳ бувад бодаи раҳиқулҳақ,
Ки ранги ӯ кунад аз дур ранги гулро дақ.
Ба таъм талх, чу панди падар, валек муфид,
Ба пеши мубтила ботил, ба назди доно ҳақ!
Ҳалол гашта ба фатвои ақл бар доно,
Ҳаром гашта ба аҳкоми шаръ бар аҳмақ!
Шаробро чи гунаҳ, гар ки аблаҳе нӯшад,

Гаҳ *ба* теғ барад даст, гаҳ ба сӯи баҳақ.
Чу *Бӯалӣ ман ноб* ар хӯрӣ ҳакимона,
Ба ҳаққи ҳақ, *ки вуҷудат ба* ҳақ шавад мулҳақ!

Ана он рӯз Аминҷону Азиз ҳам ҳакимона нӯшиданд, хурсандиҳо карданд ва бо иштиҳо ош хӯрда «омин» гуфтанд.

Бегоҳӣ, вақто ки ҷӯраҳо —Аминҷону Азиз ба театр расиданд, маълум гардид, ки аз Тошканд Қодир —найчии машҳур, санъатгари мумтоз ва Ҳалимахон —артисткаи овозадори Ӯзбекистон якрӯза меҳмон шуда ба Қонибодом омадаанд ва ҳоло дар кабинети директор будаанд. Аминҷон ҷӯраашро зӯран ҳамроҳ гирифта ба кабинет даровард ва бо директору меҳмонҳо шиносонид.

— Ин кас котиби комитети шаҳрии комсомоли Ӯротеппа—Азиз Ҳамроҳзода мебошанд. Барои шиносоӣ бо театри мо омадаанд. Мехоҳанд, ки дар шаҳрашон театр созанд.

— Дар Ӯротеппа ҳанӯз театр ташкил нашудааст? — пурсид Ҳалимахон. —Ман гумон доштам, ки халқи санъатдӯсти Ӯротеппа кайҳо соҳиби театр аст.

— Мо одами роҳбарӣ мекардагӣ надоштем....

— Ӯротеппагиҳо камтар кӯҳнапараст ҳам ҳастанд, — гуфт Қодирнайчӣ. — Хусусан дар бораи озодии занон! Мардумаш бадрашк мегӯянд.

— Худатон бадрашку кӯҳнапараст! —гуфт Ҳалимахон шӯхӣ карда. —Мардуми Ӯротеппа хеле бамаънӣ, ҳамин тавр не?

Ҳозирон хандиданд, Азиз хиҷолатмандона сар хам карду гуфт:

— Ҳар хел одамҳо ҳастанд, лекин ҷавонҳо бо кӯҳнагӣ мубориза мебаранд. Ҷавонҳои боғайрат ва фаъол бисёранд.

— Мардҳо бадрашк бошанд, маълум ки занҳояшонро хеле дӯст медоранд, —гуфт Ҳалимахон. —Рашк ва ишқ ба ҳамдигар қарибанд. Одаме ки занашро аз дилу ҷон дӯст медорад, рашкин ҳам мешавад. Лекин мардҳои боидрок ва боақл бадараку бедарак рашк намекунанд.

— Албатта, ҷавонҳои хондагӣ ва баидрок ҳастанд, — гуфт директор ба гап ҳамроҳ шуда. —Зиндагии нав шароити нав ба вуҷуд овардагӣ ... Агар театр созанд, боз ҳам хубтар мешавад. Театр ақида ва шуури мардумро беҳтар ва равшантар мекунад.

— Шумо ёрӣ расонед, —гуфт Ҳалимахон, —театр ташкил мешавад, албатта.

— Дар Ӯротеппа машшоқҳои бомаҳорат бисёр, — гуфт Қодир-найчӣ.

Дар ин дам хабар доданд, ки вақти кушода шудани парда расид. Ҳама аз ҷо бархоста ба тамошогоҳ —ба толори тобистонаи театр даромаданд, ки аз одам пур буд. Ба меҳмонҳо аз қатори шашум ҷо нигоҳ дошта буданд. Азиз ҳам дар қатор нишаст. Парда кушода шуд ва песаи «Лолахон», ки дар бораи озодии занон буд, оғоз ёфт. Дар ин намоиш аз ҳама бештар диққати Азизро бозии Қумрихон ба худ кашид. Ин духтари ҷавон, барно ва соҳибҷамол, ки овози ҷарангосии форам дошт, саҳнаи театрро гул мекунонид. Ба гумон, бештарини ин тамошобинон, маҳз барои шунидани овози форам ва дилнишину бозии ҳунармандона ва ба худ хоси Қумрихон омада буданд. Азиз диққат карда дид, ки Ҳалимахон ва Қодир-найчӣ ҳам маҳву мот гашта буданд.

Пас аз ба охир расидани песа ва чапакзаниҳои бисёр Ҳалимахон ба пеши саҳна баромада, Қумрихонро дар оғӯш карда бӯсид ва ба мардум чунин хитоб кард:

— Рафиқони азиз! Шумо хушбахт ҳастед, ки ба чунин артисткаи бомаҳорат ва хушовоз, ба чунин духтари ҷавон ва сохибҷамол соҳиб ҳастед. Бовар дорам, ки Қумрихон бо маҳорат ва ҳунари худ театри шуморо машҳур мегардонад. Мо ҳамсоягони шумо, мо дӯстони шумо тайёрем ҳар ёрие, ки аз дастамон меояд, дареғ надорем...

Мардум боз чапак заданд, боз ғулғулаи шодиро баланд бардоштанд... Дар вақти бозгашт ба Азиз ҳам имкон шуд, ки бо Қумрихон рӯ ба рӯ шавад. Ин кор албатта ба воситаи Аминҷон воқеъ шуд. Аминҷон Азизро ба ақиби саҳна гирифта даровард. Аввал худаш Қумрихонро бо муваффақияташ табрик намуд, баъд ҷураашро шиносонид.

— Ин кас рафиқи ман, — гуфт, — аз Ӯротеппа махсус ба дидани шумо омадаанд. Шинос шавед, котиби комитети шаҳрии комсомоли Ӯротеппа —Азизҷон!

Қумрихон табассуми ширине карда ба Азиз даст дода, хуш омадед гуфт. Азиз намедонист, ки чӣ гӯяд, бо кадом забон ин марҳамати Қумрихонро ташаккур гӯяд. Гуфтор, кирдор ва ҳунари Қумрихон ӯро гарангу моту мабҳут карда буд.

— На танхо ман, —гуфт ниҳоят, —ҳар кас, ки ба театр омада ҳунар ва маҳорати шуморо бинад, албат-

та мафтун мешавад. Мардуми Ўротеппа хаёл ҳам карда наметавонанд, ки шумо барин булбули ширинбаён дошта бошанд. Саломат бошед, Қумрихон!

— Маро бисёр таъриф накунед, ки аз худ меравам, —гуфт бо табассуми ширин Қумрӣ.—Ин хунар агар ҳунар бошад, аз устодҳоям ба ман расид. Дар Ўротеппа ҳам духтарҳое ҳастанд, ки ман ба дасташон об рехта наметавонам. Шикасти нафс накунед, ака Азиз!

— Шикасти нафс не, —гуфт Азиз, —ман ҳақиқатро мегўям. Шумо на ин ки дар Қонибодом, балки дар вилояти Хўҷанд ягонаед!

— Аз ман бохабар бошед, Аминҷон-ака, —гуфт хандида Қумрӣ. —Агар ягона бошам, мабодо гирифта натурезанд!

— Ман худамро аз даст медиҳаму шуморо не! —гуфт Аминҷон. —То ба хона гусел кунем?

— Не, саломат бошед, —гуфт Қумрӣ, —бувам ҳаст. Ҷое ки бувам бошад, каси дигар лозим намешавад. Хайр, хоби нағз бинед!

Онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Ду ҷўра—Аминҷону Азиз, дар бозгашт ба хона факат дар хусуси Қумрӣ гуфтугў доштанд.

— Қумрихон мана гарангу мот кард,—гуфт Азиз,— одам ҳам ин қадар дилкаш, ин қадар раъно, ин қадар зебо мешудааст!

Сухани Азизро шунида, Аминҷон дер зери лаб табассум карду ба худаш мегуфт, ки Қумрии бало аз дилу ҷони ҷўрем сахт часпида гирифтааст. Ба ростӣ, акнун бовар кардам, ки кас бо як дидан ошиқи беқарор шуда метавонистааст. Кош, ки Азиз ҳам ба Қумрӣ маъқул шуда бошад!

— Ман гуфтам-ку, —гуфт Аминҷон, —ба ту ана ҳамин тавр як зан лозим. Агар хайр гўй, худам миёнрав мешавам?

— Ба ман наханд, ҷўра!—гуфт аз сидқи дил Азиз.— Рост мегўям, ки Қумрихон барин духтарро аввалин бор мебинам. Ба гумонам мисли ман ҳазорҳо ҷавонҳо ба як табассуми ин духтар қурбон шудан мехоҳанд. Ту мегўӣ, ки миёнарав шавам! Ман куҷою Қумрихон куҷо! Вай маро писанд ҳам намекунад.

— Ин тавр нагўй, ҷўраҷон! Ба ту чӣ шудааст? Ту, ҳам дар ҳусну ҷамол, ҳам дар ақлу камолот ва ҳам

дар феълу рафтор ҳамто надорӣ. Қумрӣ ҳам аз ту зиёдатарашро ёфта наметавонад. Ту гӯш кун, ман саргузашти ин духтари якторо ба ту нақл кунам!

Аввалин мактаби интернат дар Конибодом дар бинои мадрасаи Муҳаммадраҷаб—додхоҳ кушода шуда буд. Дар ин мактаб бачаҳоро ҳукумат ба зиммаи худ гирифта буд. Модари Қумрӣ, ки дар идораи милиция кор мекард, аксаран бо корҳои оперативӣ ба гирду атрофи шаҳр, ба қишлокҳои дур мерафт. Қумриро дар ҳавлии Ёрмуҳаммад мингбошии собиқ монда мерафт. Мингбошии пир ва бемор аз ҳоли Қумрӣ дуруст огоҳӣ карда наметавонист. Қумрии шӯх бисёр вақт аз мактаб баромада, дар кӯчаю бозорҳо бо дугона ва рафиқонаш бозӣ карда мегашт. Аз хурдӣ ғазал хондан, ашӯла ва рақсу тақлидро дӯст медошт. Қаландар мешуд, ҳофиз мешуд, масхарабоз мешуд ва ҳоказо... Бинобарон ӯро ба мактаби интернат монданд, ки ҳам хонаду ҳам дуруст тарбия гирад. Қумрӣ дар ин мактаб нағз тарбия ёфт, зуд хату савод баровард, китобхон шуд ва аз ҳама хубтараш ин буд, ки дар сурудхонӣ аз дигарон пешдастӣ мекард. Дар вақти дарси шарқӣ чунон мехонд, ки роҳгузарони кӯча шунида, аз роҳашон боз меистоданд ва ба овози ҷарангосии Қумрӣ гӯш медоданд...

Дар солҳои охир, вақто ки дар Конибодом театр ташкил шуд, бо тавсияи муаллимон ӯро ба театр ба кор гирифтанд ва дар ин ҷо бо роҳбарии режиссёрон ва муаллимони санъат рӯз то рӯз пеш рафт ва ному овоза баровард.

— Ман сурудхонии Қумриро шунида ҳайрон шуда будам, —гуфт ба ҳикояташ давом дода Аминҷон.—Овозаш агар ба истилоҳи театрӣ гӯем, лирикии сапрона, чандон баланд набошад ҳам, бисёр форам ва дилнавоз аст. Истеъдодаш хуб, як гапро як бор ки гуфтед, тамом! Дигар бор айни гуфтаи шуморо ба ҷо меорад. Феълаш хуб, малоика барин. Хандон, шӯх ва ҳозирҷавоб.

— Синну солаш чандон зиёд не барин? —пурсид Азиз.

— Не. Шонздаҳ—ҳабдаҳсола шудагӣ. Лекин қаду қомат дорад, дар намуд ҳаждаҳсола барин. Пас аз ба театр ба кор даромадан ва овоза бардоштан, ба ҳусну ҷамол ва ҳунари вай мафтун шудагон сону адад надоштанд. Бойбачаҳо ба вай тиллою оллою марвориду гав-

хар ҳадя доданӣ мешуданд, лекин вай аз касе чизе намегирифт. Ҷавонҳо аз тарси модари вай, ки дар ҷасорат ва нотарсӣ овоза бароварда буд, ҷуръат намекарданд, ки пеши роҳи ӯро гиранд. Модараш ҳам ҳамеша ҳамроҳи ӯст. Ба театр оварда мебарад.

Боре яке аз калонҳои ноҳияаамон, мудири шӯъбаи молияи исполком ба Қумрӣ гӯё ошиқ шуда, аз қафояш мегаштагӣ шуд. Хар шаб ба театр меомад, ба Қумрӣ гулдастаҳо медод, лекин Қумрӣ ӯро писанд намекард. Ба ростӣ, ки Қумрии мо хеле ғурур ҳам дорад. Қадри худаш ва қадри дигаронро медонад. Аммо мудири шӯъбаи молия аз Қумрӣ даст намекашид. Боре гуфтааст, ки вай ошиқи беқарор аст, мехоҳад ки Қумриро ба занӣ гирад, сартопо ба тилло меғӯтонад ... Қумрӣ ба ҷавоб гуфтааст, ки вай зани сеюм шудан намехоҳад, агар мудири молия боз чаҳор зани дигар гирад, дар он ҳол Қумрӣ зани ҳафтум шуда ба ҳавлии ӯ рафтанаш мумкин то ки дар як ҳафта якбор навбаташ расаду дигар шаш рӯз дидори ӯро набинад! Аз ин гуфтори Қумрӣ мудири молия оташин мешавад, таҳдид карда меравад. Як шаб, пас аз спектакл бо ду нафар одамаш пеши роҳи Қумриро медорад. Вале модари Қумрӣ ки ҳамроҳаш будааст, таппончаашро бароварда ба ҳаво ду тир холӣ мекунад. Номардони буздил тарсида мегурезанд. Рӯзи дигар мудири молияро аз партия холӣ карда, аз кор ҳай мекунанд. Вай маҷбур мешавад, ки аз Конибодом саргурез шуда равад...

Ҳамин тавр, сӯҳбаткунон ду рафиқ ба ҳавлӣ мерасанд. Модари Аминҷон дар рӯи ҳавлӣ, дар болои кат ҷой тайёр кардааст. Нишаста роҳат мекунанд, таом мехӯранд, баъд Аминҷон ба хона меравад, Азиз сар ба болин мемонад.

Сар ба болин мемонад, лекин ба чашмаш хоб намеояд. Ҳамин байт гӯё забони ҳоли ӯ буд:

Ба даври дидаи худ хорбасте аз мижа кардам,
Ки на хаёли ту берун равад, на хоб дарояд.

Дар пеши назараш симои зебои Қумрӣ ҷилвагар мешавад, овозаш дар гӯшҳояш садо медиҳад, дилаш беқарор мезанад. Бале, мегӯяд вай, кас зан дошта бошад, ҳамин тавр зан дошта бошад. Қаду қомат, рафтор ва гуфтор, ширинзабонӣ, лутфу марҳамат ... Наход ки аз дидани Азиз, аз нигоҳҳои ошиконаи вай ба дили Қумрӣ

ҳам ҳарорате пайдо шуда бошад? Не, не, Қумрӣ ӯро писанд намекунад. Қумрӣ артистка, сурудхон, санъаткор, духтари озод. Вай ҳеҷ гоҳ зан шуда, ба хонаи Азиз, ба хонаи коркуни комсомол, ба хонаи бечораҳолонаи вай намеравад. Азиз метавонад дар толори театр нишаста, аз дур ғазал хондан ва бозӣ кардани ӯро бинаду бас! Не, не, боз метавонад бо хаёли ӯ ишқбозӣ кунад.

Бархезаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Ин буд забони ҳоли Азиз дар он шаби тобистон! То ба ин дам Азиз чунин ҳолатро дар худ ҳис накарда буд. Ин чи маъно дошта бошад? Ба худ суол медод вай. Наход ки ин ишқ бошад? Наход ки бо як дидан, бо як сӯҳбат кас ошиқ шавад? Пас агар ишқ набошад, ин чист?

Рӯзи дигар, пас аз ношто ду ҷӯра боз ба театр рафтанд. Дар роҳрави биной театр бо Қумрӣ рӯ ба рӯ омаданд. Вай дар бар куртаи шоҳии гулобиранг дошт, ки ба танаш зебида буд. Мӯҳои сиёҳу ғулӣ дуто карда бофта, яке ба қафо, дигарӣ ба сари сина партофта шуда буд. Рӯмоли ҳарири зарбофти сараш шинам буд. Баробари дидани Азиз ва Аминҷон дар лабони ӯ табассуми ширине пайдо шуду аз роҳ истод.

— Биёед, меҳмон, биёед! —гуфт. —Қонибодоми мо аз файзи шумо боринҳо ободтар мешавад.

— Аз дидани шумо, аз марҳамати шумо ба кору бори мо файз мерасад! —гуфт Азиз ҳам пас наомада.

— Агар ин тавр бошад, —гуфт *хандида Қумрӣ*, —*ман* ҳар рӯз чандин бор ба пешвози шумо мебароям.

— Ман аз худо дигар чизе намехоҳам! —гуфт Азиз.

Қумрихон ба рӯи Азиз бо илтифот як нигоҳ карду сар хам намуд. Вай ҳам ҳис кард, ки гуфтор ва кирдори ин ҷавони барно ба дилаш нишаст. Ин тавр ҳолат дар Қумрӣ ҳеҷ гоҳ рӯй надода буд. Ӯ, ки аз хушомад ва таъриф безор шуда буд, ба сухани хушомадгӯёнаи Азиз ҷавобе ёфта натавониста, хайр саломат бошед, гуфта ба роҳаш давом кард.

Азизу Аминҷон ба кабинети директори театр даромаданд.

Директор дар ҷояш буд ва бо телефон гап мезад. Аз дар даромадани меҳмон ва Аминҷонро дида, дастаки телефонро ба ҷо гузошт ва бо омадагон салому алайк ва ҳолу аҳволпурсӣ намуд.

— Дарди кампир ғӯза, гуфтаанд, —гуфт Азиз. —Омадам, ки дар ташкил кардани театр ба мо дасти ёрӣ дароз кунед.

—Театр ташкил кардан осон, —гуфт директор, —лекин, бойимҷон арзон аст харҷакҳо дорад, гуфтагӣ барин, барои ташкили театр аввало ягон ташкилоти зӯр падарӣ кунад, яъне ки пул диҳад. Барои режиссёр, барои артистон моҳона лозим. Барои харҷу хароҷоти бисёри театр, ба монанди либос, пойафзол, ороиш ва ғайра пул лозим. Комсомоли шумо ин пулро надорад! Бинобарон шумо ба ман гӯед, ки дар Ӯротеппа ташкилоти ҳамёнаш калон ва ин корро мегирифтагӣ ҳаст?

— Ҳа, ҳаст —гуфт Азиз. —Комитети иҷроия ҳамаи хароҷотро ба зимма гирифта, ба мо комсомолҳо ҷиҳати ташкил, кадр ва одам ёфтанро супорид.

— Пас ба шумо касе лозим, ки одамҳои даркориро ёфта гирад?

— Бале, ҳам ташкилотчӣ, ҳам муаллим ва ҳам режиссёр бошад.

Директор ба нуктаи номаълум чашм дӯхта, даме хомӯш монд. Дар ин дам аз дар Қумрӣ даромада омаду узр хост, ки ба сӯҳбат халал додааст ва баргашта рафтанӣ шуд.

—Шумо ҳеҷ гоҳ ба сӯҳбати мо халал намерасонед!— гуфт Аминҷон. —Шумо ёрӣ мерасонед.

— Меҳмон моро ба ҳолати ногувор мононд, — гуфт директор. — Ба ин кас одаме лозим ки ҳам ташкилотчӣ бошад, ҳам муаллим бошад, ҳам режиссёр! Ин тавр одамро аз куҷо меёбем?

— Аз худи ҳамин хона? —гуфт бо овози ҷарангосии худ Қумрӣ. —Ҳамаи ин хислатҳои гуфтагии шумо дар муаллим Аминҷон ҷамъ шудагӣ.

— Аминҷон! — гуфт хитоб карда директор. — Аминҷон ба худамон аз ҳаво ҳам лозимтаранд.

— Як сол бе ҳаво истем, боке не! —гуфт Қумрӣ. — Ман аз Исфара аз Чоркӯҳ шамоли форамро ҳай карда мебиёрам.

— Мегӯед-дия!

— Набошад аз Тошканд ҷеғ мезадам. Ҳалима-апа гапи маро ду намекунад.

— Бо шумо гапгузаронак кардан мушкил, — гуфт директор. — Аминҷон мегӯед, хайр худи Аминҷон чӣ мегӯяд?

Аминҷон ҳайрон ба рӯи директор ва Қумрӣ нигариста гуфт:

— Аввал шумо рафиқ директор ба ҳолати ногувор монда бошед, акнун ман мондам. Не намеравам гӯям, ин тараф Азизҷон, чӯраи қадрдони ман, бо умед хеста омадааст. Хуб гуфта ба Ӯротеппа равам, кори ин ҷо чӣ мешавад? Аз рӯи плони корамон пас аз ду моҳ ман ба кор сар карда, песаи «Ду коммунист»-и Яшинро тайёр бояд кунам.

— «Ду коммунист» ашӯла надорад, — гуфт Қумрӣ, — ман иштирок намекунам. Ман, ки иштирок накардам, ба саҳна гузоштани ҳар песа осон мешавад. Агар ман иштирок мекардам, будани шумо зарур буд. Чунки бо мани инҷиқ ҳар режиссёр кор карда наметавонад.

Ҳозирон хандиданд.

— Хайр, —гуфт директор, — ин масъаларо маслиҳат карда мебинем. Агар имкон шаваду Аминҷон ба Ӯротеппа раванд, бовар дорам, ки дар се-чаҳор моҳ театр ба кор медарояд.

— Он вакт, — гуфт Азиз, — Қумрихон ҳам ба шаҳри мо рафта, дар театри мо ягон нақшро бозӣ карда, омаданашон мумкин!

—Ҳа, албатта, —гуфт Қумрии шӯх. —Ман рафта ба ягон песаи ашӯланок иштирок карда метавонам. Лекин, аввал театрро ташкил кунед...

— Бисёр хуб! — гуфт Азиз.

Имрӯз қадри панди азизон шинохтам,
Ё раб, равони носеҳи мо аз ту шод бод!

Пас аз машқи рӯзона, Қумрӣ аз театр баромада, ба сӯи ҳавлии худашон равон шуд. Ҳаво гарм буд. Дар кӯчаҳо раванда кам буд. Аз Ӯрда гузашта, ба кӯчаи дарози ба сӯи ҳавлиашон мебурдагӣ даромада буд, ки як мардаки қадбаланд, сиёҳчеҳра ва дарозриш аз қафояш андал шуд. Мардак саллаю ҷомаи фаҳӯл дошт, аз афташ, имом ё сӯфии кадом гузар барин менамуд.

— Ҳо, пошшохони хушовоз! —мегуфт вай ба Қумрӣ хитоб карда. —Ман раҳматӣ қиблагоҳи шаҳиди шуморо мешиносам. Падарам шуморо барои ман аз қиблагоҳатон пурсида буданд, ки номзад карда монанд. Қиблагоҳатон розӣ буданд. Вале афсӯс ки ин нияти хайрро расмӣ карда натавониста, он кас шаҳид шуданд.

Қумрӣ бо нафрат ба сӯи мардак як назар карду гуфт:

— Агар хоҳӣ ки ту ҳам аз паси қиблагоҳи ман рафта шаҳид шавӣ, гап задан гир! Дар сари ана он кӯча бувам таппонча рост карда истодааст.

— Ҳай, ҳай, ҳай, пошшохон! Ин тавр нагӯед! —гуфт мардак.—Ман қадрдони шумо, ман то як дараҷа номзади шумо ҳастам.

Қумрӣ ҷавобе надоду зуд-зуд қадам гузошт.

— Медонам, ки талабгоронат бисёранд, —ба гапаш давом дод мардак. —Лекин онҳо ҳама авбош, ҷавонҳои беақл ,арақхӯр ва бадмастҳоянд. Ман алҳамдулиллоҳ мусулмони комил ҳастам. Шуморо ба болои кафи дастам медорам. Сар то поятонро ба тиллою зару зевар мепӯшонам.

— Дафъ шав, деви ҷаҳаннам! —гуфт тоқат накарда Қумрӣ. —Ҳозир милисаро чеғ мезанам!

— Ман аз милиса наметарсам!Ба гапи ман ҷавоб те, ки коратро бад мекунам!

— Номаъқул кардӣ, ифлос! Бува, ҳо бува! Маро аз ин беномус халос кун!

Бо овози баланд инро гуфта буд ки мардак роҳи гурезро пеш гирифт ва ҳамоно аз паскӯча модари Қумрихон баромада омад.

— Ҳа, ҳа, ҳа! — гуфт он зани мардсифат.—Кадом ифлос ба ту чақа шуд?

— Э, ана ҳамин дев! —гуфт Қумрӣ мардаки сиёҳчеҳраро нишон дода,

Латофатхон командири собиқи милиция аз кисаи камзӯлчааш таппончаи майдаро баровarда фарёд кард:

—Аз ҷонат гузар кардӣ магар, ки ба духтари ман чаққа мешавӣ. Исто, нагурез! Исто, нагурез, ки мепарронам!

Мардак ба қафо нигоҳ накарда чунон гурехт, ки аспи бодпой он тавр давида наметавонад. Модару духтар аз қафои вай хандиданду ба роҳашон давом карданд.

— Хайрият ки дар ҳамин қарибиҳо будай! —гуфт Қумрӣ. —Ин разил қариб аз худи Ӯрда думгирак шуд. Қиблагоҳи шаҳидатон шуморо ба ман номзад карда буданд, гуфта варсокӣ мехонад.

— Бар падараш лаънат, ин худобехабарро! —гуфт модар. —Ба назарам шинос барин намуд, дар куҷое дидагӣ барин.....

— Ба домулло имом монанд.

— Э ҳа, имоми гузари маддоҳон буд ин лаънатӣ. Одами бадахлоқ ва разил буданаш маълум шуду қавмҳо ӯро аз имоматӣ ҳай карда фиристоданд.

— Хайрият ки ту дар ҳамин қарибиҳо будаӣ, набошад ба ман таҳдид ҳам кард.

— Ман ба ҳавлии дугонаам —Хайрияхон омада будам. Нағз ки зуд аз ҷо хеста ба кӯча баромадам, овозатро шунида дилам кафид. Рӯзи рӯзона-а?

— Ҳая, рӯзу рӯзона! —гуфт Қумрӣ. —Ман чӣ донам, ки дар шаҳри мо ин хел ифлосҳо ҳастанд. Набошад Аминҷон акем, ба хона бурда монам гуфта буданд. Ман не гуфтам.

— Ин хел одамҳо пештар ҳам буданд, ҳозир ҳам ҳастанд ва ба ин зудиҳо нест намешаванд. Чӣ қадари инҳо аз дасти ман гузаштанд, ҷазо гирифтанд, бадарға шуданд, ҳатто бадтаринашонро суд ба паррондан ҳукм баровард. Лекин боз пайдо мешаванд. Одамизод шири хом хӯрда мегӯянд, рост аст. Аз як тараф нигоҳ карда истӣ дар дунё чунон одамоне ҳастанд, ки ба пояшон саҷда кунӣ меарзанд. Ободии дунё, зебу зинати дунё онҳоянд; ризқу рӯзии мардумро онҳо пайдо мекунанд; халқро тарбия мекунанд, барои оянда одам месозанд; зиндагиро равнақ медиҳанд.. Хайрият ки ин хелҳо бисёранд! Аз тарафи дигар нигоҳ кунӣ, одамоне ҳастанд ки садқаи номи одамӣ шаванд! Ҳайвони безабон, сагу шағол аз онҳо беҳтаранд. Намедонам ин хелҳоро кадом модар мезояд. Кадом падар тарбия мекунад; дар кадом лойқа ҷӯлида қомат рост мекунанд! Ана ин домуллобашараи аз паси ту омадагӣ ҳам аз ҳамин қабилҳост. Бинобарон ҳамеша ҳушёр бош аз инҳо!

Модару духтар ба ҳавлии худ расиданд, диданд, ки дар дами дар Малика ном зани яке аз милисаҳо, ки дар вақташ бо Нодир кор мекард, роҳи онҳоро поида нишастааст.

—Ҳа, Маликаҷон, — гуфт Латофат, — дар ин ҷо истодӣ? Ба мо нигарон ҳастӣ магар?

— Ҳа, —гуфт Малика, —ба шумо интизор будам. Ба ғайр аз даргоҳи шумо ба куҷо мерафтам.

— Марҳамат, марҳамат!—гуфтанд модару духтар.

Ҳар се ба ҳавлӣ даромада, ба рӯи кати поёни суфа, дар сояги дарахти зардолу нишастанд.

— Хуш омадӣ, Маликаҷон! —гуфт Латофат. —Аҳволат чӣ тавр?

— Ман ба шумо, ки командири шавҳарам ҳастед, ба

— Ана, ҳамин тавр, ба болонишинон ҳам сад фоиз бовар кардан намешавад. Даҳ кас дуруст бошад, як кас бемаза мебарояд. Дар идораҳо бо тамаллуқ, бо пора додан, бо ёру ошноӣ ғиёсн олус барин нокасон сардор шуда мегиранд. Ту хушёр бош духтарам, ба ҳар касу нокас бовар накун!

— Ман ба ҳукумат ва партия бовар дорам, —гуфт Қумрӣ. —Аз хурдӣ ба ман худат омӯхтӣ, баъд муаллимҳоям ёд доданд, ки ба ҳукумат ва партия бовар кунам.

Латофат табассум карду гуфт:

— Ин фикрат дуруст, ба ҳукумат ва партия бовар кун, ҳар чӣ ки онҳо фармоянд, аз дилу ҷон ба ҷо биёр, лекин аз як қисм мансабдорон боҳабар бош! Ту ҷавон ҳастӣ, зебо ҳастӣ, ҳунар дорӣ, ба ту хушомад мезананд, фиреб доданӣ мешаванд, лекин ту ҳушёр бош! Насиб бошад ман худам ба ту як шавҳар ёбам, ки ғуломат шавад.

— Ҳоло ба ман шавҳар лозим не, —гуфт Қумрӣ бо табассуми ширин. — Мон ки камтар давр ронам, хуб кор кунам, ҳунар омӯзам, баъд шавҳар ёфт шудан мегирад.

— Дурӯғ мегӯӣ, —гуфт Латофат хандида. —Ман дар синну соли ту аллакай бачанок будам. Наход ки дар саҳна бозӣ карда, ашӯлаҳои ишқӣ хонда, дилат ба шавҳар кардан наравад?

— Дар саҳна дурӯғчикин ошиқу маъшуқ мешавемдия, —гуфт Қумрӣ соддалавҳона. —Лекин дар вақти суруд хондан аз таҳти дил мехонам.

— Исто, ки ба ман росташро гӯй! То ба ҳамин рӯз ягон мард ба ту маъқул нашуд? Ягон мард хушомад накард?

— Не, не, —гуфт Қумрӣ бардурӯғ. —Ҳеҷ кас хушомад накардааст. Лекин режиссёрамон, директорамон гапҳои нағз мезананд, эрка мекунанд, бо дили бад не.

Қумрӣ ба модараш, ки ба болои вай «ҳафтларз» буд, нагуфт, ки чандин касон ба миёна одам монда, ба ӯ толиб будани худро гуфта буданд. Аз раиси шаҳр, ки зану бача дорад, то мудири маориф ва сардори милисаи шаҳр ба вай ошиқи шайдо будани худро гуфта буданд. Аммо Қумрии доно ва ҳушёр ҳар қадоми онҳоро бо гап, бо ҷавоби пухта ба ҷояшон шинонда монда буд.

Росташро мегуфт, ки ҳоло тамоми ишқу ҳаваси худро ба кораш, ба санъат бахшида буд. Шабу рӯз дар фикри ашӯла хондан, ҳунар омӯхтан буд. Аз директор ва

режиссёрон сар карда ҳамаи артистон ва навозандагон инро нағз медонистанд ва ҳеҷ кадоме ҷуръат намекард, ки бо чашми бад ба вай нигоҳ кунад ва лутфу навозиш арзу кунад. Баъзе аз ҳамкоронаш як-ду бор кӯшиш карданд, лекин аз ҷавоб ва рафтори Қумрӣ дар хиҷолат ва ҳатто як найнавозро ханда-хариши мардум кард. Вай маҷбур шуд, ки аз ин театр саргурез шуда равад. Боре, театрашон дар ноҳияи ҳамсоя буду калоншавандаи ноҳия ба вай хуб хушомад карда, ҳар замон ба сари дастурхон омада: ман хурӯс, ман хурӯс ҳастам! —мегуфт. Боз ба сари дегу табақ рафта ба ошпазҳо ошпазиро меомӯхт. Қумрӣ ки аз рафтор ва гуфтори вай ба танг омада буд, дар вақти ба сари дастурхон омада, ман хурӯс гуфтанаш чунин ҷавоб дод:

— Хой хурӯс, бородар! Монед чӣ, шумо барин хурӯсҳоро дар шаҳри мо ба пасаш чӯб халонда, ҳар дахтоашро ба як сӯм мефурӯшанд.

— Ваҳ мурдам! —гуфт он мард ва сар хам карда аз маърака баромада рафт.

Ҳоло Қумрӣ оид ба ин воқеаҳо ба модараш чизе нагуфт. Фақат ҳамин қадар изҳор кард:

— Бува, ҳо бува! Ба ман то имрӯз ягон мард маъқул нашуда буд, аммо намедонам барои чиаш, ҳамин ҷӯраи Ӯротеппагии Аминҷон маъқул шуда монд. Бачаи шармгин, лекин пухта ва ҳушёр, хушрафтор.

— Ҷӯраи Аминҷон? Аз Ӯротеппа?

— Ҳа, котиби комсомоли шаҳри Ӯротеппа, номаш Азиз. Бачаи аҷоиб!

— Хайр, —гуфту каме хомӯш монд Латофат ва баъд гуфт: — Ба ту маъқул шуд? Дар шаҳри худамон ягон мард нест, ки ба ту Ӯротеппагӣ маъқул шудааст?

— Ӯротеппагию конибодомӣ чӣ фарқ дорад? —гуфт Қумрӣ. —Ҳама як одам!

— Фарқ дорад, ҳама як хел не! —гуфт сахт карда Латофат. —Аввалаш ин ки ман духтари худамро, ягона аллону азизи худамро ба ҷои дур дода намефиристонам! Баъд ӯротеппагиҳо, хусусан мардҳояш фиодал, кӯҳнапараст, бадрашк! Бедарак нест, то имрӯз дар Ӯротеппа ҳамаи занҳо дар зери фаранҷӣ мебошанд. Не, ман намехоҳам, ки ту ба шавҳари фиодал расӣ ва ба сарат фаранҷӣ гирифта дар хона чоқдӯзӣ карда шинӣ! Вай одами бадрашк намемонад, ки ту артистка шавӣ, ба саҳна бароӣ, ашӯла хонӣ.

— Ин ҳамаро аз куҷо медонед?! —гуфт Қумрӣ. —Шу-

мо мегуфтагӣ феодалҳо дар шаҳри худамон ҳам пур ҳастанд, лекин ҷавонҳои имрӯза...

— Ҳар чӣ бошад ҳам, ман туро ба ӯротеппагӣ намдиҳам!

— Ман ҳам ба ӯротеппагӣ мерасам нагуфтем.

Ва бо ҳамин сӯҳбати модару духтар ба охир расид.

Қумрӣ дар театр буд. Як суруди наверо, ки устоди мусиқӣ ба вай меомӯхт, азбар мекард. Як дойра ва як танбӯр ба вай ҷӯр мешуданд. Мақоми классикӣ—мақоми шӯх ва таронадор буд. Тарҷеъбанди он ин буд:

Мардум гӯянд: биҳишт хуш аст ё дӯст,
Эй бехабарон, биҳишт бо дӯст хуш аст!

Баъд аз он Қумрӣ бо овози ҷарангосии худ мехонд.

Ҳар дил, ки асири меҳнати ӯст, хуш аст,
Ҳар сар, ки ғубори сари он кӯст, хуш аст.
Аз дӯст ба наваки ғам озурда машав!
Хуш бош, ки ҳарчӣ ояд аз дӯст, хуш аст.

Устоди Қумрӣ, ки марди миёнсини хушовоз буд, аз маҳорати Қумрӣ ба шавқ меомад ва баробари вай тарона мехонд. Дар айни ашӯла хондани Қумрӣ, котибаи директори театр як мактуб оварда, ба назди ӯ монда рафт. Қумрӣ пас аз кор, дар вақти танаффус, ба кунҷе нишасту мактубро кушода хонд. Мактуб аз Азиз буд, аз Азиз Ҳамроҳзодаи истаравшанӣ буд. Бале, номи аслӣ ва қадимаи Ӯротеппа —Истаравшан аст ва чӣ номи хубу зебост! Намедонам «Ӯротеппа» аз кай боз ба ин шаҳри хубу қадима ном шудааст ва чӣ маъно дорад ва ба ин шаҳр чӣ муносибат дорад! Чаро Истаравшан намегӯянд! Магар барои талаффузи мардум вазнинӣ мекунад?

Азизҷони истаравшанӣ мактуби худро чунин сар карда буд:

«Қумрихони азиз ва меҳрубон!

Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод!

Устоди назм, падари эдабиёти классикии тоҷик — Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, гӯё аз номи ман, аз дили ман бохабар гашта ин рубоии худро гуфтааст. Ба ростӣ, ки бо дидани рӯи зебои шумо, бо шунидани овози булбулмонанди шумо, бо қаробат бо шумо азизам ман бадомӯз, ман мафтун ва гирифтор шуда мондам. Намедонам ки чӣ кунам, чӣ чора созам. Рӯи зебои шумо ҳамеша дар пеши назари ман аст. Мисли устод Рӯдакӣ ман ҳам мегӯям, ки «рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод!»

Аз густохиҳои ман, аз сафсатаҳои ман наранҷед. Ин ҳама суханони дили бемори ман аст. Давои ин дили бемор дар дасти шумост. Агар шафқат дошта бошед, агар марҳамате кунеду ба ҷавоби ин густохиҳои ман мактубе навишта, маро сазовору сарзаниш кунед, ё бо илтифот ва суханони шифобахш навозише кунед, сарам ба осмон мерасад.

Аз рӯзе ки Аминҷони азиз ба шаҳри мо омада ба кор сар кард, ҷавонони мо ҳама хурсанду шодмон гаштанд. Ҳоло сурати дастаи ҳунарӣ, ҳайати артистони ҳаваскор муайян шуда истодааст. Кор дар авҷу хурӯш аст. Ба ин муваффақияти кори мо низ шумо сабабгор шудед. Агар дар назди директор луқма партофта, маслиҳат намедодед, омадани Аминҷон гумон буд. Бинобарон аз номи ҳамаи ҷавонони мо, аз номи худам ба шумо сад бор ташаккур мекунам. Умедворам, ки дар ҳамин қарибӣ баҳонае ёфта боз ба Конибодом равам ва боз як бори дигар бо шумо, нозанинам рӯ ба рӯ шавам ва ба умри худ баракат дода, чанд рӯз дар тирамоҳи умр баҳор бинам. Дилдодаи шумо, Азиз».

Қумрӣ ин мактубро бо ҳаяҷон ва шавқ хонду ба дилаш пахш кард ва оҳи чуқуре кашид. Вай дар умри худ аввалин бор чунин мактуби дилнавоз, чунин мактуби ҳақиқатан ошиқона ва самимона мегирифт. То ба ҳол ҳеҷ мард, ҳеҷ як ҷавон мисли Азиз ба вай маъқул нашуда буд ва ӯ ҳам ҳама дам дар ҳаёли Азиз буд ва гумон надошт, ки Азиз ба вай мактуби ошиқона менависад. Ана, имрӯз он чӣ ки дилаш мехост, он чӣ ки орзу мекард, амалӣ гардид. Маълум мешавад, ки вай ба Азиз маъқул шудааст. Ҳусну латофати вай, гуфтор ва кирдори вай, ҳунари вай ба Азиз маъқул гаштааст. Оё Азиз пас аз ин чӣ мехоста бошад? Наход ки вай ҳам мисли ҳамаи дигар мардоне ки ба вай хушомад мезананд, висоли ӯро мехоҳанд ва орзу доранд, ки ӯро якбор-дубор бӯ кашанду баъд мисли гули пажмурда, баровварда партоянд,

ба як мард ёр-ёр мехонанд, кафтари садбома ҳастанд.

— Ин гапҳоро ба шумо кӣ гуфт? Шумо-ку артисткаро надидаед!

— Ман медонам, —гуфт модар, —ба ман ҳеч кас нагуфтааст.

Ва ҳоло ин ки модари Азизро огоҳонидагӣ, артисткаҳоро бадном карда нишон додагӣ дугонаи хӯҷандиаш Бибисалима буд. Вакто ки модари Азиз тахти дили писарашро фаҳмид, хеле ғамгин шуд; намедонист, ки чӣ кор кунад, дардашро ба кӣ гӯяд. Боре Бибисалимаи хӯҷандӣ ба хонаи онҳо меҳмон шуда омаду модари Азиз ба вай дарди дил кард. Чӣ тавре ки Бедил мегӯяд: «Ситамрасида ба ҳар кас дучор гардаду нолад».

Бибисалима, ки зани миёнсин, сергап ва мандонам буд, дар Хуҷанд аввал кайвонии гузар, баъд бибистун ва ниҳоят маёнрав шуда кор мекард. Дар натиҷаи сергапӣ ва бад-бидҷигии худ саргурез шуда ба Ӯротеппа, ба ҳавлии писари хурдии худ омада буд, тавонист, ки ба пӯсту гӯшти модари Азиз ҷо шуда, дугона ва ҳамсӯҳбат шуда гирад. Инак аз дарди дили модари зор огоҳ шуда гуфт:

— Чӣ гуфтед? Ба артистка дил додагӣ гуфтед-мӣ? Ман ҳамаи артисткаҳоро мешиносам. Ҳеҷ вакт аз артистка зан намебарояд. Ман як ҳамсояи артистка доштам, вай ҳам ғазал мехонд. Дар пеши назари ман медонед, чандто шӯ кард? Э, напурсед! Ба як худаш барин артист мерасад, баъди шаш моҳ, зиёд равад як сол боз аз вай мебарояду ба дигараш мерасад, боз ба сеюмаш мерасад. Артист мардум зани инро вай мегирад, зани вайро ин мегирад, э, мондан гиред! Асло розӣ нашавед. Агар хоҳед, ки писаратон хушбахт шавад, ба ман фармоед, худам миёнарав шуда, як келини анаю мана ёфта медиҳам. Ба гумонам, дугонаҷон, обрӯю иззат ва ҳусну ҷамоли писаратонро дида, ана вай артисткаи гуфтагетон дуо карда хӯрондагист. Набошад ҳамин тавр писари хубу боакл, рафта-рафта ба артистка дил медиҳад?!

Ҳамин тавр Бибисалима чунон гуфт, чунон гуфт, ки модари Азиз гаранг, ҳайрон ва мот шуда монд. Имрӯз гирьӣ карда шиштани кампир ҳам беваҷҳ набуд. Зеро ки Бибисалима гӯшу майнаи кампирро зеру забар карда рафта буд, ки Азиз аз ин хабар надошт.

— Хайр, —гуфт ниҳоят Азиз. —Бедарак ғам нахӯред. Агар Гулшан нашавад, такдирам боз ба яки дигараш будагист.

— Ҳайфи Гулшан, ҳайфи Гулшан, ки аз даст додӣ! Имрӯз шунидам, ки аз кадом ҷое хостгорҳо омадаанд. Гӯё падару модараш ҳам розӣ...

— Хайр, илоҳо Гулшан бахташро ёбаду ба дилхоҳаш расад. Дуо кунед, бува, писаратон ҳам, насиб бошад бахташро меёбад.

Кампир даст бардошта дуо кард ва аз ҷо бархоста хӯроки шабонаи писарашро оварду дастурхон партофт. Дуои модар мустаҷоб шуд, магар ки рӯзи дигар Азиз аз Қумрӣ хат гирифт.

«Рафиқи азиз, Азизҷон!—гуфта навишта буд Қумрӣ. —Хати шумо расид, хонда хурсанд шудам. Росташро гӯям, ки шумо дар ҳаққи ман хеле муболиға кардаед. Инчунин дар бораи ишқи худ навиштаед. Не, ман ба чунин муҳаббати гарму ҷӯшони шумо намеарзам. Ман мисли духтарони ҳаваскори санъат, мисли ҳамаи духтарони шаҳрамон, як духтари оддӣ, як ҳунарпешаи муқаррарӣ ҳастам. То ба ҳоло ягон мард, ягон ҷавон маъқул нашуда буд. Ман аз мардҳо ҳазар мекардам. Зеро ки бисёрии онҳо ба дил мақсадҳои нопок доранд ва духтарони гулчеҳраро бӯ кардану пас пажмурда карда партофтан мехоҳанд. Модари меҳрубони ман маро таълим дода, аз ин хел «хушомадгӯён» огоҳонида мондагӣ. Аммо шумо гапи дигар. Ман бовар ҳосил кардам, ки мактубатон аз самими дил навишта шудагӣ ва шумо одами ҳақиқӣ, ҷавони бовиҷдон ва пок ҳастед. Ба ростӣ, ки шуморо дида дили ман ҳам ба тапиш афтод ва инро ба модарам ҳам баён кардам. Ҳарчанд ки модарам маро сарзаниш карду пеши роҳамро гирифтанӣ шуд. Лекин ман нисбат ба шумо дар ақидаи дигар ҳастам. Ба фикри модарам розӣ нашудам. Рафтед, нагуфтед, ки бо ман хайрбод кунам.

Рафтию дар вақти рафтан хам нагуфтӣ хайрбод,
Бандаро ин доғ то рӯзи қиёмат бар дил аст.

Бале, шумо рафта бошед ҳам, ман дар фикри шумо ҳастам. Насиб бошад, дар қарибӣ театри мо ба шаҳри Ӯротеппа ба сафар меравад. Ана дар он ҷо боз ба дидори ҳамдигар мерасем. Шабу рӯз вирди забони ман ҳамин дубайтӣ мебошад:

Баҳор омад, ки ман шайдо бигардам,
Чу Қумрӣ дар лаби дарё бигардам.

Ҳама ёрони ман дасто ба гардан,
Мани мискин чаро танҳо бигардам!

Эҳтимол аст, ки дар охири тирамоҳ ба Тошканд, ба театри мусиқӣ ва драмаи Ўзбекистон равам. Ҳалимахон ва Абдуқодир-найчӣ маро даъват карда истодаанд. Модарам ҳам розӣ, ки дар Тошканд истиқомат кунад. Лекин ҳоло дуруст намедонам, равам, наравам, маълум не. Ба фикрам ба Тошканд рафта аз Ҳалима барин устоди забардаст таълим гирифтан бад намешавад. Шумо чӣ мегӯед? Хайр, то дидан!...»

Қумрӣ номи худро на ба мактуб ва на ба лифофа навишта буд. Хатро ба дасти Азиз зани Аминҷон расонид, ки барои аз ҳавлию хона хабар гирифтан ба Конибодом рафта буд.

Азиз аз хондани ин мактуб ғарқи шодӣ ва хурсандӣ гашт. Вай ҳеҷ умед надошт, ки аз Қумрӣ чунин мактуби дилнавоз мегирад. Азиз мактубро гаштаю баргашта мехонд ва ба дилаш фараҳу шодиро меафзуд. Ҳамон рӯз ҳамаи корҳои вай омад кард, дар ҳама ҷо ба мақсад расид ва ба вай чунин вонамуд гашт, ки мардум ҳама шоду хурсанд, хама хушбахту хушҳолеъанд. Азиз дар вақти танаффуси нимрӯзӣ ба ҳеҷ ҷо нарафту мактуби ҷавобӣ навишт.

«Азизам, дилбарам, ҷонам! —гӯён дар мактуби худ ба Қумрӣ хитоб мекард. —Мактуби дилнавози шуморо гирифта, мурда будам, зинда шудам, беҳол будам, баргашта ҷавон шудам. Ин мактуби оддӣ не, ин умри ҷовидонист! Ман худ ба худ ҳамин шеъри Ҳофизро такрор мекунам:

Ин ки пирона барам сӯҳбати Юсуф бинавохт,
Аҷри сабрест, ки дар кулбаи эҳзон кардам.

Ҳарчанд ки ман ҳанӯз «пиронасарам» гуфта наметавонам, лекин дар кулбаи эҳзон на ин ки сабр кардам, балки шабу рӯз толеъу мадад хостам ва хушбахтона «сӯҳбати Юсуф» муяссарам гашт. Яъне ки мактуби дилнавози шуморо гирифтам. Ваъдаҳои шуморо ба оби тилло навишта мемонам. Рӯзи ба Истаравшан омадани шуморо мунтазир мешавам. Азизам, дилбарам, ҷонам! Ман ба ғайр аз шумо дигар ба касе; ба духтаре дил набастам. Акнун он тарафашро худатон медонед!

Баҳор омад, нигори нозанинам,
Биё, то як даме серат бубинам.
Биё, то як даме бо хотири шод,
Зи рӯи лолазорат гул бичинам!

Дилдодаи шумо — Азиз.

Худи ҳамон рӯз мактубро лифофа карда, ба унвони театр ба номи Қумрӣ фиристод ва умед дошт, ки боз мактуби дилнавоз мегирад, боз хурсанду шод мегардад. Лекин аз як моҳ зиёдтар вақт гузашт, на мактуб омад ва на ҷавоб. Ин ҳол Азизро ба ноумедиҳо андохт.

Ӯротеппа ё Истаравшан шаҳри қадима, шаҳри зебо ва обод аст, ки мардумонаш меҳнатӣ ва ҳунармананданд. Ин шаҳр ва атрофи он бо меваҳои хубу аъло, бо санъати меъморӣ, кандакорӣ, кордсозӣ ва дигар касбу ҳунарҳо машҳур аст. Дар ин шаҳр ва атрофи он аз сӣ номгӯй зиёд ангур мерӯяд. Деҳқонони забардасти он токҳои ангурро зимистон гӯр карда, баҳорон мекушоянд. Як фақат ҳамин кор чӣ қадар меҳнат ва ҳиммат металабад. Аммо деҳқонони ин ҷо дар расонидани ангурҳои хубу шаҳдбор ҳеҷ як меҳнату корро дареғ намедоранд. Навъҳои гуногун ва аълои ангурро расонида, дастурхони мардумро обод мекунанд. Ангури чиллагӣ, ангури шибиргонӣ (дар ин ҷо кишмиши сиёҳ меноманд), кишмиши сафед, ки бедона ва асалин аст, ангури дили кафтар, ангури дорой, ангури тоифӣ ва ғайра... Ангури чиллагӣ аввал мепазад, дар моҳи июл ва аввали август мисли марвориди ғалтон ранг дода, ширин мешавад. Ба қавли ӯротеппагиҳо, агар ним килояшро хӯред, аз бинниатон хун мешорад, ки он ҳамон қадар сершира аст.

Аввали моҳи сентябр театри мусиқавии Конибодом ба Ӯротеппа омад. Артист ва навозандагонро дар меҳмонхонаи навбунёди шаҳр ҷо доданд, хеле иззату икром намуданд. Албатта, дар пешвозгирӣ ва ҷобаҷо кардани аҳли театр Азизҷон саъю ғайрати бисёре намуд ва чунон хурсанд буд, ки сарашро аз пояш намешинохт. Дар он дам Аминҷон дастаи ҳаваскорони шаҳрро ҷамъ карда, театрнамо дастае тартиб дода буд ва бо онҳо ҳар рӯз кор мебурд. Ҳоло ин даста фақат ба концерт додан муҳайё буду халос. Ҳанӯз ба саҳна мондан сар накарда буд, аммо тараддудашон зиёд буд.

Мардуми Ӯротеппа санъатшинос ва санъатдӯст ме-

бошанд. Хусусан сурудҳои классикӣ —«Шашмақом»-ро дӯст медоранд ва овозҳои хуб доранд. Азиз фахр мекард, ки бо саъю кӯшиши комсомолони шаҳр, дар Уротеппа ҳам театр ташкил шуд ва ба мардум хизмат карда истодааст.

Омадани театри Конибодом, омадани Қумрихонро шунида мардуми шаҳр ба ҳимҳима афтоданд. Аллакай дар назди кассаи театр мардум ҷамъ омада билет мехостанд. Ин хабар то ба гӯши модари Азиз ҳам расид. Бегоҳӣ вақто ки Азиз меҳмонҳоро осуда карда хона омад, модараш пурсид:

— Писарам, конибодомиҳо омаданд мегӯянд, рост аст? — Нағз медидагии ту ҳам омад? — бо каме истеҳ пурсид модар.

Азиз аввал ҷавоб надод, пас аз каме гуфт:

— Ҳамаашон омадагӣ... Инҳо барои дар шаҳри мо ташкил шудани театр ёрии бисёр доданд. Аввалаш ин ки режиссёр, яъне муаллим ва омӯзгор доданд, баъд сози мусиқӣ ёфта доданд, боз ёриашон мерасад... Инҳоро ҳар чи қадар иззату икром кунем меарзанд.

— Майлаш, майлаш, — гуфт ин дафъа модар. — Иззат кун, ёрӣ расон!

— Бува, — гуфт хитоб карда Азиз, — Агар розӣ бошӣ, пагоҳ рӯзона чандтои онҳоро ба ҳавлӣ хабар кунем. Аввалаш, муаллими худамон, ҷӯрем Аминҷон, баъд директори театри Конибодом ва ду-се нафари дигарро... Нагӯянд, ки ӯротеппагиҳо ноодам будаанд. Чӣ гуфтӣ?

— Бисёр нағз, хабар кун! Ман дастархон тайёр мекунам, як ош мепазам.

— Ба ёрӣ ҳамсояҳоро ҷеғ занед.

— Албатта, бе ёрӣ намешавад. Дар кадом соат хабар мекунӣ?

— Вақти пешин-дия, хӯроки нимрӯзиро дар ҳамин ҷо хӯрда ба кор мераванд.

— Хуб шудааст... Духтараки ғазалхонро ҳам гӯй, ку бубинам, чи хела будааст.

Рӯзи дигар ҳамроҳи дигарон «духтараки ғазалхон» ҳам омад, омаду бо рӯи кушод ва чеҳраи хандон, «модарҷон» гӯён бо вай вохӯрдӣ кард ва чунон пурсуҷӯҳо ва чунон забони хуш кард, ки дар як дам модарро ба худаш мафтун карду монд. Пас аз ба хона даромадани вай, кампир дар сари дег фикр мекард, ки агар вай мард мешуд, албатта ба чунин паризод дил надода наметаво-

нист. Вакте ки самовор чӯшид, Қумрихон давида омаду чой дам карда ба хона бурд. Баъд ба дастурхон паҳн кардан ва лаълии ширавор мондан сабукдастӣ кард. Ҳар замон ба назди кампир ва зани ҳамсоя омада, ба кори онҳо ёрӣ додан мехост. Аммо кампир мегуфт:

— Садқа шавам, меҳмони азиз! Асло ташвиш накашед, мо худамон, ана ба ин дугонаам ҳама корро мекунем.

— Ташвиши чӣ?—мегуфт, бо табассуми ширин Қумрӣ. —Ман ба кори хона одат кардагӣ, ҳамеша ба бувам ёрӣ медиҳам.

— Худо ба умратон баракат диҳад!

— Азизҷон ба шумо монанд, —гуфт Қумрӣ ба рӯи кампир диққат карда истода. —Хушфеъл, баодоб, шармгин.

— Илоҳӣ ба шумо маъқул шуд, ба дигарон ҳам маъқул шавад! —гуфт кампир. —Ягона писарам ҳамин, дигар касе надорам. Хайрият ки ба тавфиқу иноят шуд.

— Бисёр вакт яккаписарҳо эрка ва бемаъни мешаванд, — гуфт Қумрӣ. — Ана, ман ба шумо як шеъри Ҳофизи Шерозиро замзама кунам. Яккаписаратон ба дигарон монанд не.

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхта, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ ойина созад, сикандарӣ донад.
На ҳар кӣ тарфи кулаҳ каҷ ниҳоду тунд нишаст,
Кулоҳдорию ойини сарварӣ донад.

Овози маҳин ва замзамаи форами Қумрихон кампир ва ҳамсоязанакро мафтун гардонид. Онҳо ба суханони пайғамбаронаи Ҳофиз дуруст пай набурда бошанд ҳам, ба овози маҳин ва гӯшнавози Қумрӣ волаю шайдо шуданд. Қумрихони бамеҳр ҳамин тавр ширинзабон, хушгуфтор ва сӯҳбаторо буд...

Пас аз рафтани меҳмонҳо модар ба писар гуфт:

— Азизҷон! Духтаракат, Қумрихони нозанин моро гаранг кард. Дар ҳақиқат агар Қумрӣ барин арӯс медоштам, хушбахт мешудам.

Театри Конибодом дар Ӯротеппа се шаб консерт ва намоиш нишон дод. Ҳар шаб толори клуби комсомолони шаҳр пур аз одам мешуд. Аксарият барои шунидани овози дилнавози Қумрихон меомаданд, чапакзаниҳо

карда, саҳнаро гулборон менамуданд. Азиз аз ин муваффақияти Қумрӣ дар худ набуд. Вай орому қарор надошт. Гоҳо ба ақиби саҳна метохт, аз ҳоли артистон ва хусусан аз вазъияти Қумрӣ хабар мегирифт. Чои кабуд, наботчой дам карда мебурд. Гоҳо ба берун, ба назди ҷӯраҳо, рафиқони ҳамкораш мерафт ва аз забони онҳо таърифи Қумриро мешунид. Ҳамин тавр се шабу рӯз Азиз дар худ набуд ва надониста монд, ки ин се шабу се рӯз чӣ тавр гузашт.

Дар вақти хайру хӯш Қумрӣ ба Азиз гуфт, ки афсӯс дар Ӯротеппа барин шаҳри нағз бисёртар истодан муяссар нашуд; ҳоло бо дили кашол меравад. Агар имкон шавад, боз меоянд, вай ба модар хизмат мекунад. Вақт шавад, шумо биёед!

Азиз бо ҳасрат ва дили нолон аз Қумрӣ ҷудо шуд.

Театри Конибодом баргашта рафт, дар дили мардуми Истаравшан боқӣ монд. Мардум ҳанӯз аз тамошо ва суруди дилнавоз сер нашуда буданд. Бо илтимос ва ташвиқи Азиз ва ёронаш, Аминҷон мекӯшид, ки тезтар ҳофизон ва ғазалхонҳои худашро тайёр кунад ва ормонро аз дили мардум бурун кунад. Бале, инсон махлуқи аҷоиб аст. Гоҳо ба як чиз, ба як оҳанг омӯхта ва дилбаста шуда монад, ба зудӣ аз вай ҷудо шуда наметавонад. Суруд ва нағмаҳои дилнавоз шавқи мардуми шаҳрро ба ҷӯш овард ва акнун онҳоро аз назди кассаи театр дуртар рондан мушкил аст. Бисёриҳо мепурсанд, ки чаро театри Конибодом ба ин зудӣ рафт.

Ба ин зудӣ рафтани театр бечиз набуд. Чи тавре ки дар байни ҳар касбу кор ҳаст, дар байни артистони Конибодом ҳам чуғулҳо, ҳасудҳо, корвайронкунҳо буданд. Аз ҳад зиёд муваффақият пайдо кардани Қумриро якчанд кас, хусусан Шаҳодат ном як артистка, ки вай ҳам ғазалхон ва ҳофиз буд, дида натавонистанд. Аввал ба ҷавони конференсе —эълонкунандаи номераҳо часпиданд: Ҳо, ту фақат Қумрихонро таъриф карда навбат медиҳӣ, Қумрихонро пешкаш карда, мардумро чапак мезанонӣ, ту ғуломи Қумрихон шудӣ ва ғайра ва ҳоказо... Баъд ба директор часпиданд. Гуфтанд, ки агар ин театр фақат аз они Қумрихон бошад, ба онҳо иҷозат диҳад, худи ҳозир корро партофта мераванд. Дар ҳама ҷо як даҳон нонашонро ёфта хӯрда метавонанд ва ғайра... Ҳатто ба дараҷае расид, ки қариб намоишҳоро вайрон, ба тамошобинон шикоят карданӣ шуданд. Бинобарин директор маҷбур шуд, ки пас аз се рӯз ба

Конибодом баргаштанро амр намояд. То ки дар худи Конибодом ин масъаларо дурусттар муҳокима карда, ба ягон хулоса биёянд. Азиз ва дигарон аз ин воқеаҳои дохилии театр бехабар буданд. Директор ба онҳо гуфт, ки аз Конибодом хабар расид, ки ҳарҷӣ зудтар омадани онҳоро фармудаанд. Агар имкон шавад, боз пас аз даҳ рӯз бармегарданд. Лекин даҳ рӯз гузашт, бист рӯз гузашт, аз театри Конибодом дарак нашуд. Дар ин байн театри худи шаҳри Ӯротеппа эълон баровард ва аввалин намоиши худро ба саҳна гузошт. Азиз, ки дар кори ташкили эълон ва ба саҳна баромадани артистҳои таҳҷоӣ фаъол кӯмак медод, хабар надошт театри Конибодом чӣ шуд. Фақат баъди як моҳ бо кори комсомолон лозим омад, ки ба Конибодом равад ва аввалин коре ки ӯ кард, аз театр хабар гирифтан буд. Ба театр омада тарбуз аз бағалаш афтид. Ба вай гуфтанд, ки Қумрихон аз театр қаҳр карда, баромада ба Тошканд рафтааст. Модарашро ҳам бо худ бурдааст. Ба суоли вай, ки дар Тошканд чӣ кор мекунад, гуфтанд ки дар театри мусиқавии ба номи Свердлов ба кор даромаадаст, ба ӯ Ҳалимахон ва Абдуқодир-найчӣ роҳбарӣ мекардаанд, кор меомӯхтаанд...

Азиз дар Конибодом корҳояшро анҷом дода, маъюсона ба Ӯротеппа баргашт.

Соли 1933 — соли гуруснагӣ ва қаҳтӣ даромад. Нон дар ҳама ҷо бо карточка —норма шуд. Дар шаҳрҳо ва деҳаҳои мамлакат чизи хӯрданӣ намонд. Мардум гадо шуданд, бенаво шуданд ва ба як лаб нон мӯҳтоҷ гаштанд. Манзараҳои мудҳиши дар деҳаҳо оила-оила мурда мондани деҳқонон дида мешуд (худо накунад ки он рӯз боз ба сари мардуми мо баргардад!). Дар шаҳрҳо одамҳо аз байни ахлотҳо чизи хӯрданӣ меҷустанд. Саг намонд, гурба намонд, сангпӯшту хорпушт намонд, ҳамаро хӯрданд. Хусусан дар тарафҳои Русия ва Украина даҳшат зиёд буд. Дар Осиёи Миёна мардум ба ҳар ҳол мева доштанд, каму беш чорво доштанд ва ба он дараҷа даҳшат набуд. Гуруснагӣ буд, вале аксарияти мардум нимсеру нимгурусна кор ва меҳнат мекарданд; бо карточка нон мегирифтанд, аз кӯҳу дара мева мегундоштанд, чормағз, тутмавиз мехӯрданд ва ба ҳар ҳол қути лоямуте доштанд.

Ҳаракати колхозӣ ки аз соли 1930 сар шуда буд, дар соли 1933 қариб ҳамаи деҳқононро аз замин, аз об ва асбоби деҳқонӣ маҳрум карда, зӯран ва зулман ба кол-

хоз ҷо кард. Беҳтарин деҳқонҳои пуртаҷриба, хоҷагиҳои ба худаш тинҷ ва пурқувватро муштзӯр гуфта ҳабс карданд, бадарға карданд ва несту нобуд сохтанд. Барои он ки колхозҳо мустаҳкам шуда, корашон ривоҷ ёбад, вақту меҳнату кор лозим буд. Ҳанӯз ба он фурсат нарасида буд, гуруснагӣ, бенавоӣ имкон намедод...

Қумрӣ ва модараш дар Тошканд буданд. Ба кӯчида омадани онҳо қариб як сол шуда буд. Дар рӯзҳои аввали омаданашон мушкилиҳои бисёреро аз сар гузарониданд. Муҳимтар аз ҳама хонаю ҷо надоштанд. Як шаб дар кабинети директори театр ба болои чизу чораҳояшон лӯнда шуда хобиданд. Рӯзи дигар посбон ва хизматгори театр ба онҳо як хона ёфта дод, ки хеле танг ва ноқулай буд. Қумриро модараш сарзаниш мекард; ту асло одам нашудӣ, бо шариконат созиш карда натавонистӣ, овораи вилоят шудем. Агар ҳол ҳамин бошад, боз гашта ба шаҳрамон меравем. Дар театр кор карда натавонӣ, ман ба идораи милиса бурда, ба кор мемонам ва ғайра ва ғайра... Қумрии бечора ба ҳамаи ин сарзанишҳо тоқат мекард. Мегуфт, ки сабр кунед, Ҳалима-апем аз Москва биёянд, ба мо хона ёфта медиҳанд, ҳамаи корҳоямонро дуруст мекунанд. Ҳар рӯз Қумрӣ як даҳон нону як пиёла қандчой хӯрда ба кор мерафт. Дар театр бо артистони дигар машқ мекард, ёд мекард, дар хор ашӯла мехонд ва ҳанӯз ба вай нақши алоҳида надода буданд, таҷриба надорад, мегуфтанд. Лекин Абдулқодир-найчӣ бо вай машқ мегузаронид, ашӯла меомӯхт. Оҳиста-оҳиста ҳамаи коллектив ва режиссёрон ҳунар ва қобилияти ӯро писандиданд, ба вай нақш доданро сар карданд. Ҳалимахон аз Москва баргашта омад ва ба назди калонҳо рафта барои Қумрию модараш як квартираи сехонагӣ, дар яке аз иморатҳои қадимаи хиштин, ки дар қарибии боғи «Сквер» буд, гирифта дод. Кӯмак расонид, ки Қумрию модараш хонаи худро бо асбобу ҷиҳози даркорӣ оро диҳанд ва барои осуда зиндагӣ кардани онҳо шароит ҳосил кунанд. Бинобарон Қумрӣ аз устоди худ беҳад миннатдор буд ва аз гуфтаи ӯ берун намерафт. Бо диққат ба ашӯлахонданҳои ӯ, ба нозукадоиҳои вай, ба гирифтани авҷ ва фаровари суруд диққат медод. Ҳаракат мекард, ки ба вай тақлид кунад, мисли вай шавад. Лекин ҳанӯз нафасаш кӯтоҳӣ мекард, мисли Ҳалимахон авҷҳои баландро гирифта наметавонист.

Зимистони соли 1933-ро нимсеру нимгурусна гузарониданд. Лекин кор кард, ғайрат кард. Модари Қумрӣ

ду-се бор ба Конибодом рафт ва ҳар бор бо худаш нону фатиру чормағзу мавиз ва дигар хӯрокворихо меовард. Конибодом ба ҳар ҳол одамаш кам, боғу боғоташ бисёр, хӯрокворӣ фаровонтар буд. Қумрӣ аз пайи Ҳалимахон рафта, ҳатто «Гулсара»-ро, ки худи Ҳалимахон бозӣ мекард, машқ менамуд. Дар ин байн аз Азиз чандин мактуб гирифта бошад ҳам, фақат як бор ҷавоб навишт. Аз мактуби Азиз намуда меистод, ки вай ба таври ҷиддӣ ба Қумрӣ дил бастааст ва мехоҳад, ки бо вай ҳамхона шавад. Лекин модари Қумрӣ ба ин кор ҳеҷ розӣ намешуд. Боре таъкид карда гуфт, ки:

— Мабодо Азизатро ба ин хона роҳ диҳӣ, ман хафа мешавам.

— Агар меҳмон шуда биёяд-чӣ? —пурсид Қумрӣ бо шӯхӣ.

— Намемонам!

— Конибодомиҳо, меҳмонро ҳурмату иззат мекунанд.

— Меҳмон аз меҳмон фарқ мекунад.

Лекин як рӯзи баҳор, вақто ки гули сурх муғҷа кушода буд ва мурғони ғазалхон ба нағмасарой сар карда буданд, дар вақти танаффуси нимрӯзӣ дарро тақ-тақ зада Азиз даромада омад. Модару духтар гаранг шуда монданд. Қумрӣ ҳайрон буд, ки акнун модараш ба вай чӣ муомила мекарда бошад, модараш —Латофат ҳайрон буд, ки бо меҳмон бояд чӣ кор кунад. Ба ҳар ҳол урфу одати меҳмондорӣ ва анъана зӯрӣ кард. Латофат ба саломи Азиз алейк гуфту илова намуд:

— Биёед, марҳамат!

Ин хитоби модарро шунида, Қумрӣ давида аз ҷо бархосту ба пешвози Азиз рафта, бо вай вохӯрдӣ кард ва аз дасташ гирифта оварда ба сари стол, ба курсӣ шинонд.

— Хуш омадед, Азизҷон! —гуфт вай. —Хонаи моро аз куҷо ва чӣ тавр ёфтед?

— Забон то ба Киев мебарад мегӯянд русҳо, —гуфт Азиз. —Пурсида-пурсида, ба воситаи одамони нек охир ба мақсад расидам. Шумо сиҳат ҳастед, модарҷон? Аҳволатон? Дар мусофирӣ тинҷу осуда-мӣ?

— Шукр, аҳволамон бад не, —гуфт Латофат ва сарбанди сарашро дуруст карда аз ҷо бархосту ба ошхона рафт, ки чой дам карда биёрад. Азиз аз фурсат истифода бурда, зуд дарди дил кард:

— Кумриҷони меҳрубон! Бе шумо тобу тоқатам намонд. Дарди ҳиҷрон зӯр будааст, ду моҳ бемор шуда хо-

бидам. Ҳамин ки камтар ҷон гирифтам, хеста ба ин ҷо омадам. Илоҷи маро накунед, мемурам!

Вай ин суханҳоро аз дилу ҷон ва зуд-зуд мегуфт, ки модари Қумрӣ нафаҳмад. Ба ҷавоби ӯ Қумрӣ лаб кушода:

— Ман ҳам... —гуфта буд, ки модараш, дар даст як чойник чой, даромада омад. Бинобарон Қумрӣ маҷбур шуд, ки суханашро ба дигар сӯ гардонад: —Ман дар театри Свердлов кор карда гаштам. Устодҳои машҳур ва доно таълим медиҳанд. Худоба шукр хеле пеш рафтам, омӯхтам, ҳунар ва овозам нисбат ба Қонибодом аз замин то осмон фарқ мекунад. Ҳалимахон нақши худашро — Гулсараро ба ман доданд. Имшаб аввалин бор бо ҳамин нақш ба саҳна мебароям.

— Бисёр нағз, бисёр нағз, — гуфт Азиз.—Ин ҳам бахти ман ки аввалин бор Гулсара шудани шуморо шоҳид шуда тамошо мекунам.

— Ман хурсанд, —гуфт Қумрӣ. —Агар билет нагирифта бошед, ман ба саркор мегӯям, ба шумо ҷой ёфта медиҳад.

— Ҳа, имшаб ба болои билет талош мешавад,—гуфт Латофат чой кашида истода. —Агар билет гирифта натавонед, дар соати ҳафт дар дами театр поида истед, ман худам ба шумо ҷой ёфта медиҳам.

Аз ин илтифоти модар ҳам Азиз ва ҳам Қумрӣ аз таҳти дил хурсанд шуданд.

— Ба илтифоти шумо раҳмат! —гуфт Азиз. —Ман билет дорам. Фаҳмидам, ки имшаб нақши Гулсараро Қумрихон бозӣ мекунад, зуд билет гирифтам.

Аз ин гуфтаҳои Азиз як дараҷа ғаши Латофат омада бошад ҳам, худро дошту пурсид:

— Хӯш, бо чӣ кор ба Тошканд омадед?

— Асосан барои дидани шумоён, —гуфт Азиз, ки аз «илтифот»-и модар хурсанд шуда, феълу хӯи ӯро фаромӯш карда буд.

— Нағз кардед, омадед, —гуфт Латофат ба таври ҷиддӣ. — Ана дидед, ки мо сиҳат саломат, як пиёла чой ҳам хӯрдед... Лекин писарам, дигар роҳи ин хонаро фаромӯш кунед!

— Бува!—бо овози баланд гуфт Қумрӣ.

— Бува нагӯй! —гуфт сахт карда Латофат. —Аз зери замин мӯрча гузарад, ман медонам. Барои дидани мо омадани ин кас бедарак не! Ман нағз медонам....

— Донӣ ҳам, надонӣ ҳам Азизҷон бо ман мешавад! —гуфт Қумрӣ ҳам сахт карда.

— Ман духтари ба ӯротеппагӣ медодагӣ надорам!

— Э, бува! —гуфта хитоб кард Қумрӣ. —Агар ман шавҳар кардан хоҳам, ӯротеппагӣ-мӣ, қашқарӣ-мӣ ба ҳар кас, ки хоҳам расидан мегирам. Ту ҳеҷ кор карда наметавонӣ! Аммо хайрияти ту, ки ҳоло ба хотири ман шавҳар кардан намеғунҷад. Ман Гулсараро бозӣ кардан мехоҳам, ман Ҳалимаро бозӣ кардан мехоҳам, ман ҳунар омӯхтан мехоҳам!

—Омӯхтан гир, бозӣ кардан гир! —гуфт паст наомада модар. — Лекин мардакбозӣ кардан намемонам!

— Ин хобатро ба об гӯй! —гуфт Қумрӣ, ки дар назди Азиз шарманда ва хеле хиҷил гашта буд.

— Тамошо мекунем!

— Тамошо кардан гир!—гуфт боз Қумрӣ бо овози баланд ва ба Азиз, ки сархам ва ноҳинҷор гашта менишаст, хитоб кард: — Хезед, меравем!

Азиз, гӯё ба ҳамин хитоб маътал буд, ки аз ҷо бархост ва ҳамроҳи Қумрӣ аз дар берун шуд.

— Шайтона ҳай зан!—аз паси онҳо фарёд кард модар. —Пушаймон мешавӣ!

Қумрӣ ҷавобе надод ва шунида шуд, ки дари берунро ҳам сахт зада дур шуд. Азиз хам бо вай рафт. Модар бо дили пур аз ғусса, оташин ва ноилоҷ монд. Намедонист, ки чӣ кор кунад. Қосаю чойнику пиёлаҳоро зада шиканад, ба хона оташ занад, ё ки пойлуч аз паси духтараш давида рафта, аз гиребонаш дошта ба хона баргардонад; аз он бачаи ӯротеппагӣ халос карда гирад, чӣ кор кунад... Вай ҳанӯз ба як қароре наомада карнаи радио, ки ду рӯз инҷониб хомӯш буд, якбора ба садо даромад ва эълон кард: «Диққат! Диққат! Ба хотири ҳаводорон ва ҳавасмандони санъат мерасонем, ки имрӯз дар театри ба номи Свердлов спектакли «Гулсара» намоиш дода мешавад. Нақши асосии ин песаро артисткаи ҷавони бомаҳорат, артисткаи хушовоз ва зеботарин— Қумрихон иҷро мекунад. Ин ҷавондухтари зебо, ки шогирди босаликаи Ҳалимахон Носирова мебошад, дар овоз, дар санъат устоди худро қоил-кардааст. Чи тавре ки мегӯянд: турфа шогирде ки дар ҳайрат кунад устодро! Бинобарон хотиррасон мекунем, ки сари вақт билет ба даст дароред, ки баъд пушаймону ба ормон намонед!»

Ин эълони аҷоиб оташи шӯълавари дили модарро хомӯш кард ва дар вай як навъ ифтихор ва фараҳмандӣ

аз ҷиҳати духтараш пайдо шуд. Худ ба худ метуфт, ки хайрият Қумриро худо ба ман додааст. Ҳама кору рафтору феълу атвораш худи ҷавонии ман барин. Аз ҳеҷ чиз, ҳатто аз ман наметарсад. Худо ба умру ҷонаш барака диҳад, аз чашми бад нигаҳ дорад!

Пеш аз сар шудани спектакл Қумрӣ ба ҳаяҷон буд. Дасту поҳояш сард гашта буданд, дилаш сахт мезад... Чӣ мешавад? Оё ин нақшро, ки Ҳалимахон —устодаш ба вай боварӣ карда супорида аст, дуруст ва баҷо иҷро карда метавониста бошад? Илоҳӣ гапҳоро фаромӯш накунад, илоҳӣ, авҷи ашӯлаҳоро гирифта тавонад! Албатта Ҳалимахон барин ҷарангосӣ хонда наметавонад; лекин мақомро вайрон накунад, шуд! Чаро ин қадар метарсад? Чаро вай дар ҳаяҷон аст? Гӯё ки аввалин бор ба саҳна мебарояд. Наход ки ҳамаи артистон ҳамин тавр, вай барин бошанд?

Ба пардозхонаи вай Ҳалимахон омад. Вай хурсанду шод ва хандон буд. Қумрӣ Ҳалимахонро дида худро ба оғӯши ӯ партофт.

— Апаҷон, чӣ кор мекунам?

Ҳалимахон сари ӯро навозишкорона сила карда гуфт:

— Чӣ кор мекардӣ, ба саҳна баромада нақшро бозӣ мекунӣ, Гулсара мешавӣ! Духтари зебо ва хушовоз мешавӣ, ки падари золимаш ба ҳаққи ӯ ҷабр мекунад. Аммо ту —Гулсара ба зулму ҷабр тан намедиҳӣ!

— Метарсам, апаҷон!

— Натарс! Аввалин бор ман ҳам ту барин будам, метарсидам, лекин баъд одат кардам.

— Шумо дар паҳлӯи саҳна истед сояи шумо ба ман қувват медиҳад.

— Хуб, ман нигоҳ карда меистам. Бовар дорам, ки ғалаба мекунӣ. Дар хотир дор, ки Латофат ҳам мехост Гулсараро бозӣ кунад, Адолат ҳам... Онҳо бо ҳасад ба бозии ту нигоҳ карда меистанд. Худро далер гирифта, чунон бозӣ кун, ки ҳасудон ба худашон печанд.

Ин суханони Ҳалимахон ба вай рӯҳ бахшид ва хеле осуда шуд.

Театри Свердловро пештар «Колезӣ» мегуфтанд. Вай дар маркази шаҳри нави Тошканд дар қарибии боғи маданият ва истироҳати ба номи Горкий воқеъ гашта,

барои Тошканди ҳамонвакта бинои бисёр хуби театрӣ ба шумор мерафт. Азиз аз дӯкони гулфурӯшӣ як даста гулҳои садбарги муаттар хариду сари вакт ба театр омад. Дар назди даромадгоҳи театр одами бисёр буд. Дар эълонтахтаи калон номи Қумрӣ бо ҳарфҳои якваҷабӣ навишта шуда буд, ки хурду калон мехонданд ва ба якдигар мегуфтанд, ки ин номро аввалин бор дар афиша мехонанд. Занги аввал зада шуд, мардум ба зали театр, ки ба шакли нимдоира буд, даромада қариб ҳамаи ҷоҳоро ишғол намуданд. Ҷои Азиз дар қатори шашум буд. Дастагулро ба коғазе печонида дар даст медошт, ки аз бӯи муаттари он ҳамнишинон лаззат мебурданд. Парда кушода шуду намоиш оғоз гашт. Дар рафти спектакл Гулсара—Қумрӣ хеле табиӣ ва беғиллуғаш бозӣ мекард. Пас аз ҳар суруде ки мехонд, тамошобинон чапак мезаданд, офарин мехонданд. Азиз шоду хуррам мешуд, фахр мекард, ки Қумрии вай, ҳамшаҳрии вай, духтари тоҷик саҳнаи Ӯзбекистонро гулрез кардааст. Дар ҳақиқат ҳам ба саҳна дастаҳои гул ҳавола шуд ва гули Азиз ҳам дар он қатор.

Қумрӣ пас аз пардаи аввал бо шавқу ҳаяҷони зиёд ба пардозхонаи худ баргашт ва акнун ба назди ойина нишаста ба ранги рӯи худ диққат мекард, ки дар кушода шуду Ҳалимахон ва аз паси вай як марди миёнақад, қадре фарбеҳ, гирдарӯй ва кушодачеҳра даромада омаданд.

— Офарин, офарин, хоҳари ширинам! — гуфт Ҳалимахон. — Бисёр нағз бозӣ кардӣ, аз гуфтаи ман ҳам зиёдтар ҳунарнамоӣ кардӣ! Ана, ин ҳамшаҳрии ту, Саидмуродов омадаанд, ки туро бо ғалаба табрик кунанд.

— Холо ғалаба куҷо! — гуфта Қумрӣ аз ҷо бархост ва бо Саидмуродов даст дода вохӯрдӣ кард.

— Пардаи аввал, ғалабаи аввал, —гуфт Саидмуродов. — Он тарафаш осон. Ин аз сари худамон борҳо гузаштагӣ. Муборак бошад, хоҳари ширинам, Қумрихон-пошшо!

— Саломат бошед, — гуфт Қумрӣ. — Шумо, апаҷони ман Ҳалимахонро муборакбодӣ кунед, ки ин захмати чандмоҳаи ин устоди ман аст!

— Дар дег бошад, дар кафлес мебарояд мегӯянд, — гуфт Ҳалимахон. — Агар дар худат қобилият ва ҳунар набошад, ҳазор зӯр задани ман бефоида. Ин ғалабаи ту, офарин!

— Ман бо ғалабаи ҳамшаҳрии худам фахр меку-

нам! — гуфт Саидмуродов. — Бовар дорам, ки Ҳалимахони азиз, чун дӯст ва мӯниси тоҷикон шогирди расонидаи худашонро боз гашта ба Тоҷикистон медиҳанд ва ман бо сарбаландӣ Қумрихонпошшоро ба Тоҷикистон гирифта мебарам.

Ҳалимахон хандид.

— Ба оши тайёр бакавул, гуфта шумо барин касонро мегуфтаанд. Ин кори аввали Қумрӣ, вай ҳанӯз пухта нашудааст. Шумо бошед, аллакай талабгор шудед. Монед, Қумрӣ як-ду соли дигар дар мо кор кунад, таҷриба ҳосил кунад, баъд ихтиёратон!

— Аз шумо сабақ гирифт, омӯхт, акнун таҷрибаро дар Тоҷикистон гузаронад ҳам мешудагист? Театрҳои мо одам надорад, хусусан, артисткаи овозадор надорем. Корамон чатоқ!

— Хайр, дар ин хусус баъдтар гап мезанем. Ҳозир монем, ки Қумрӣ камтар дам гирифта, осуда шавад. Дар пардаи дуюм нақши Гулсара боз ҳам мураккабтар мешавад.

— Бовар дорам, ки Қумрихон то ба охири спектакл гул мекунад. Ҳамин тавр не, пошшохон?!

Қумрӣ аз суханони аз ҳад зиёд ширини Саидмуродов як дараҷа хиҷолат кашиду сар хам карда, —надонам гуфт.

Пас аз ин Ҳалимахон ва Саидмуродов аз пардозхона баромаданд,Қумриро танҳо гузоштанд. Нохост омадани Саидмуродов ба Қумрӣ таъсири зӯр бахшида буд. Вай ин номро шунида буд. Мегуфтанд, ки дар Душанбе Саидмуродов ном артист ва режиссёр дар театр кор мекунад, ки аслан худаш аз Исфара аст ва барои пурра обод кардани театри Душанбе хизматҳои сазоворе кардааст. Аҷаб одами фусункор, бо гап ба дили одам роҳ меёфтагӣ будааст. Қумрӣ-пошшо гуфта, аз даҳонаш шаҳду шакар мерезад. Ҳақиқатан кас агар ба Тоҷикистон рафта кор кунад, бад намешавад. Мо тоҷикон бояд пеш аз ҳама ҷумҳурияти худамонро обод кунем. Ӯзбекистон одам дорад, Тоҷикистон ба кадр мӯҳтоҷ аст. Бинобарин таклифи Саидмуродовро фикр карда дидан лозим... Лекин Ҳалимахон, муаллима ва устодам ба гуфтаи Саидмуродов розӣ нашуданд, камтар таҷриба гирад гуфтанд. Таҷриба... Таҷриба.... дар Тоҷикистон таҷриба гирифта намешавад магар? Албатта дар он ҷо Ҳалима-апем нестанд, лекин устодҳои дигар будагиянд...

Вай дар ин фикру хаёл буд, ки боз дар кушода шуду модараш даромада омад.

— Ҷонон духтарам, Қумриҷю булбули ғазалхон духтарам, кандину шакару бодом духтарам! —мегуфт Латофат ва ҳамаи суханҳои сахт ва бадмуомилагии ду-се соат пешинаи худро фаромӯш карда буд. —Сарам ба осмон расид, худамро гум кардам.

— Чува? —Қасдан пурсид Қумрӣ. —Ман ягон мӯъҷиза накардаам-ку!

— Мӯъҷиза ҳам гап! Одамҳои дар гирду атрофи ман будагӣ фақат таъриф мекарданд. Оҳ, ин чӣ тавр овоз! Оҳ, ин духтар чӣ тавр зебо ва ҷавон! Нақш ба худаш муносиб омадааст ва ғайра ва ғайра. Ин гапҳоро шунида дилам фараҳ мегирифт ва қариб буд, гӯям ки ман модари ҳамин артистка, ман ҳамин Қумрихонро шир дода калон кардагӣ...

— Девона шудӣ! Боз ин тавр нагӯй.

— Не, ба ту гуфтам-дия! Ман ақл дорам.

— Бува, ба Тоҷикистон меравем?

— Чӣ, чӣ, ба Тоҷикистон? Дар он ҷо чӣ гум кардӣ?

— Кор мекунем!

Дар ин дам дастёри режиссёр давида омаду гуфт:

— Қумрихон, навбати шумо!

Қумрӣ аз ҷо бархосту берун баромад.

Вақто ки Қумрӣ, модараш ва Саидмуродов аз театр ба кӯча баромаданд, дар пеши дари театр тақрибан касе намонда буд, магар як худи Азиз ки дар назди дӯкончаи обфурӯшӣ рост меистод. Қумрӣ ӯро дида, давида ба наздаш рафт.

— Ҳа, Азизҷон!—гуфт,—монда нашавед?

— Баръакс, ҷон гирифтам, —гуфт Азиз. —Муборак бошад! Сари ман ба осмон расид.

— Ман чӣ кор кардем ки сари шумо ба осмон расид? —бо нозу адо гуфт Қумрӣ. —Қатори дигарон нақши Гулсараро бозӣ кардаму халос!

— Ин Гулсарае ки шумо нақши онро бозӣ кардед, як умр дар хотираҳо мемонад. Ман...

Дар ин вақт овози модар баланд шуд:

— Қумриҷон, бевақт шуд!

— Ҳозир, —гуфт Қумрӣ. —Хайр, Азизҷон! Шумо ба куҷо меравед? Боз мебинем?

— Ман рост ба вокзал меравам, дар соати яки шаб поезд хаст.

— Ба Ӯротеппа?

— *Ҳа, ба Ӯротеппа... Аммо ... боз...*

— Хат нависед! Эҳтимол аст, ки ман ба Конибодом равам.

— Кошкӣ, кошкӣ...

Қумрӣ дасти Азизро сахт фишурда ба сӯи модараш давид.

Саидмуродови хушгап, аз духтару модар канда нашуда, ҳамроҳашон ба хонаашон рафт.

Дар пешгаҳи хона як буфетча, дар токчаҳои он косаю табақу чойнику пиёлаҳо менамоянд. Боз як карнаи радио, тамом, дигар чизи зиёдатӣ нест. Хайр, дар мусофират ҳаминаш ҳам кифоя, мегуфт худ ба худ Саидмуродов.

— Кӯрпаю кӯрпачаи зиёдатӣ ҳам надорем, —гӯён модари Қумрӣ аз хонаи хоб як кӯрпачаю болишт гирифта овард. —Мо мусофир, айб намекунед!

— Ҳеҷ боке не, —гуфт меҳмон. —Ман бисёр гашта, гоҳо ба рӯи хасу хошок ҳам хоб кардагӣ... Ин ҷо шинед, камтар суҳбат кунем. Акнун ба гапи ман гӯш кунетон! — гуфт вай ба модару духтар хитоб карда. — Мо дар Тоҷикистон, яъне дар шаҳри Душанбе ба ғайр аз театри драмавӣ боз ҳам театри мусиқӣ ташкил карданӣ ҳастем. Ҳукумати Тоҷикистон мо, чанд касро сафарбар кард, ки ба ноҳияҳо ва Тошканду Самарқанду Бухоро рафта қувваҳои зӯр, артист ва артисткаҳои болаёқатро ба ҳамин театри нав ҷой кунем. Ман дар Конибодом ба маслиҳати Аминҷон ба Тошканд омада овозаи шумо — бонухонро шунидам ва рост ба хонаи Ҳалимахон рафтам. Ҳалимахон шуморо ба ман шиносонид. Агар дар дилатон камтар ҳам ҳисси тоҷикӣ бошад, агар аз ин мусофирӣ ва ин сахтиҳо халос шудан хоҳед, бо ман ба Тоҷикистон меравед, дар он ҷо пошшодухтар барин зиндагӣ мекунед. Ҳама азони худӣ, ҳама ёру бародар, ҳама дӯст ва ғамхоратон мешаванд. Дар ин ҷо якто-дуто ошно ва дӯст дошта бошед, дигар ҳама бегона, ҳама ҳасадхӯр, ҳама ба коратон халал мерасонанд. Ба ҳамин гапҳои ман чӣ мегӯед?

— Не, —гуфт Қумрӣ. —Ман бе ҷавоби Ҳалимахон ба ҳеҷ ҷо намеравам.

— Тоҷикистон чӣ, Ӯзбекистон чӣ, ҳама ба мо як хел! —гуфт модар. —Дар Тошканд ҳам мо мусофир, дар Душанбе ҳам. Лекин Конибодом гӯед, гапи дигар!

Ин суханони модар Саидмуродовро хеле далер ва ба муваффакият наздик сохт. Дар дил мегуфт, ки хайр ба Конибодом раванд, он тарафаш азони худамон.

— Конибодом ҳарҷӣ бошад ҳам, марказ не, —гуфт Саидмуродов. —Душанбе маркази Тоҷикистон, ҳар ҷӣ гӯед, муҳайё мешавад. Ба шумо квартираи се-ҷорхонагӣ аз миёни шаҳр медиҳанд. Моҳонаи калон, таъминоти олӣ, баробари вазирон. Ҳар ҷо рафтанӣ шавед, дар зери поятон мошин, дар театр ба ҳама азизу аллон!...

— Ба ҳар ҳол мусофир-дия—гуфт боз Латофат. — Агар аз ин ҷо рафтанӣ шавам, ба ғайр аз Қонибодом ба ҳеҷ ҷои дигар намеравам. Дар Қонибодом ҳавлию ҷоямон ҳаст, боғу роғу мевазорамон ҳаст, хешу таборонамон ҳастанд. Дар Қонибодом ба як лаб нон зор намешавем.

Дар ин дам дарро тақ-тақ зада, ҳамсоязан омаду Латофатро ҷеғ зада берун баровард. Саидмуродов Қумриро имтиҳон карданӣ шуда гуфт:

— Ба Қонибодом равем чӣ? Ман худам дар театри он ҷо ҳамин «Гулсара»-ро тарҷума кунонда ба забони тоҷикӣ ба саҳна мемонам.

Нохост Қумрӣ ба ҳаяҷон омад:

— Ба тоҷикӣ агар Гулсараро хонам, ғалатӣ мешудагист?

— Ғалатӣ ҳам тап! —гуфт меҳмон. —Чунон шеърҳо, чунон мақомҳои дилнишин созем, ки ҳама ҳайрон шаванд. Дар воқеъ мо песаи «Ҳалима»-ро тарҷума кардем. Нақши Ҳалима ба шумо мунтазир!

— Песаи «Ҳалима»-ро тарҷума кардед? —Ҳайрон шуда пурсид Қумрӣ. —Шеърҳояшро ҳам? «Кел, эй тонгнинг шамолӣ, ӯйкудан дилдоримнӣ ӯйғот»[1] чӣ тавр нағз! Аммо ба тоҷикӣ чӣ хел мешуда бошад? Шамоли саҳарӣ омада аз хоб дилдори маро бедор кун! Ин шеър не... Ин ҳамин тавр гап мешавад.

Аз соддалавҳии Қумрӣ Саидмуродов хандид.

— Не, бонухон, песаро шоири забардасти тоҷик — Муинзода тарҷума карда истодааст. Чунон шеърҳо, чунон суханҳои ширин ва дилнишин менависад, ки худаш ба мақом медарояд.

— Ман Муинзодаро медонам. Дар театри Қонибодом якчанд шеъри он касро ба мақом даровarда хонда будам.

---

[1]. Биё, эй сабо, аз хоб дилдорамро бедор кун!

— Ба Душанбе равем, бо он кас шинос мешавед.

— Ба Душанбе рафтани ман гумон! Ман бе иҷозати Ҳалима-апем намеравам. Он кас ба ман ҷавоб намедиҳанд.

— Бе ҷавоби он кас хеста рафтан мегирем! —гуфт Саидмуродов. —Баъд, ки фаҳманд, аз гуноҳамон мегузаранд.

— Чӣ хел аз гуноҳамон мегузаранд? Хафа мешаванд.

— Хафа намешаванд! —гуфт таъкид карда Саидмуродов. —Назар ба гуфтаи Аминҷон, дар Конибодом як кори хайр ҳам бояд шавад.

— Чӣ кори хайр?

— Аз Ӯротеппа хостгорҳо меомадаанд.

— Хостгорҳо? Аҷаб! —гуфт ҳайрон ва гаранг шуда Кумрӣ.

— Бедарак набуд, ки Азизи шумо худи ҳамин шаб ба шаҳраш рафт ва аз ман илтимос кард, ки шумоёнро, ҳеҷ набошад, ба як ҳафта ба Конибодом гирифта барам.

— Ҳамин тавр гӯед?

— Бале, мо худи пагоҳ...

Дар ин дам, ки Латофат ба хона медаромад, сухани охирини Саидмуродовро фаҳмид.

— Мо худи пагоҳ, саҳар катӣ ба мошин нишаста ба Конибодом меравем. Аз он ҷо як хат карда, ман худам мазмунашро мегӯям, ба устодонатон мефиристонем, тамом! Хатро хонда узратонро қабул мекунанд.

— Худи пагоҳ? —пурсид Латофат. —Мо ҷугӣ нестем, ки шаб хобему саҳар хеста ба ҷои дигар равем!

— Ҳеҷ гап не! —гуфт Саидмуродови беғам. —Чизҳои заруриро ба як-ду ҷомадон ва як-ду бугча ҷо мекунему чизҳои боқимондаро гузошта, дарро қулф карда меравем. Баъд аз қарор гирифтан, ман худам омада кӯчатонро бардошта мебарам.

— Не, не, —гуфт модар. — Ин тавр намешавад!

— Агар худи пагоҳ, саҳар катӣ наравем, баъд намешавад. Ӯзбекҳо аз мақсади мо хабардор шуда, гурехтан намемонанд.

— Ҳолӣ мегурезем гӯед?! —гуфт Кумрӣ. —Ҳамин қадар зарур-мӣ, гурезем?.

— Агар Конибодом, ватан ва ҷои модарзодӣ, хешу

табор, ёру ошоно ва... хурсандӣ гӯед, гуфтаи ман, худи пагоҳ саҳар қатӣ рафтан лозим. Ман бедарак имшаб ба хонаи шумо наомадаам!

Қисса кӯтоҳ, ки Саидмуродов ҳамон шаб, то бевақтӣ ба гӯши модару духтар дуо хонда, ташвиқ карда, дурӯғ бошад ҳам, ваъдаҳои калон дода, кисаҳои онҳоро аз чормағзи пуч пур карда, ниҳоят розӣ кард, ки пагоҳ саҳар қатӣ камтар чизу чораи заруриро гирифта ба Конибодом сафар кунанд. Ронанда —шофири хушёр ва чаққони Саидмуродов ҳам саҳар қатӣ, бо гуфта ва таъини пешакии вай дар дами хонаи Қумриинно ҳозир шуд ва ҳанӯз офтоб набаромада мошини онҳо аз Тошканд берун рафта буд.

Чу қисмати азалӣ беҳузури мо карданд,
Гар андаке на ба вуфқи ризост, хӯрда магир!

*Ҳофиз*

Дар хонаи калони бинои театри Конибодом тақрибан ҳамаи артистон ҷамъ шуда буданд. Аминҷон ҳамроҳи драматурги маҳаллӣ Фидоӣ дар пешгоҳ менишастанд. Аминҷон сухан мекард:

— Рафиқони азиз, имрӯз мо бо ду муваффақияти калон дар ин хона ҷамъ омадем. Аввалаш ин ки дар қатори мо боз артисткаи ҷавон ва бомаҳорат, артисткаи қаҳр карда рафтагиамон, артисткаи метавон гуфт, дараҷаи якуми мо, Қумрихон нишастаанд. Қаҳр карда рафтани ин кас ҳам бефоида нагузашт. Дар Тошканд, дар назди устодони санъати Ӯзбекистон ҳунар омӯхтанд, лаёқат ва истеъдоди худашонро сайқал доданд ва хушбахтона, боз ба зодгоҳашон баргаштанд. Бо паю қадами ин кас имрӯз мо ба як песаи бисёр хуб ва ба театри мо мувофиқ соҳиб гаштем, ки муаллифи он, рафиқи азиз ва ҳамшаҳрии худамон —Фидоӣ мебошанд. Ин песаи якпардагӣ, бо суруд ва рақсҳояш мебошад, ки барои артистони мо ва тамошобинони мо айни муддаост. Мехостам, ки муаллиф ба шумо якчанд сухан дар бораи песаи худ бигӯяд ва баъд асарашро хонда диҳад. Сухан ба шумо рафиқ, Фидоӣ!

Фидоӣ, ки ҷавони бисту панҷсола ба назар менамуд, дар чашм айнак, дар даст қалам ба сухан даромад.

— Рафиқон, — гуфт вай, — воқеае ки дар ин песа тасвир мешавад, аз ҳаёт гирифта шудааст. Ман фақат камтар суруд, рақс дароварда, монологҳояшонро навиш-

там. Дар ин чо ишқи ду чавон, дўстӣ ва рафоқат пеш гузошта шудааст. Песаро дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хонда, умуман маъқул ёфтанд ва баъзе ислоҳҳо даровар данд, ки аз он песа боз ҳам хубтар шуд. Бо рухсати шумо песаро мехонам. Агар маъқул шавад, қабул карда кор мекунед.

Фидоӣ дар муддати бист дақиқа песаро хонд. Шунавандагон фикрҳои худро гуфта, баъзе ислоҳот даровар данд. Баъд қарор шуд, ки аз ҳамин рӯз сар карда нақшҳоро тақсим кунанд ва ба кор оғоз намоянд. Пас аз хатми ҷамъомад, Аминҷон ба Қумрӣ мурочиат кард:

— Қумрихон, нақши асосиро худатон бозӣ мекунед!

— Ман камтар дам гирам, —гуфт Қумрӣ ба таври ҷиддӣ. —Дар ин ҷо Ойишахон ҳастанд, боз дигарон ҳастанд, биёед, қаҳрамони песа ҳамонҳо шаванд.

— Дам гирифтани шумо баъдтар мешавад; ҳоло як дараҷа худатонро ба халқ нишон додан ва гуфтанатон лозим аст, ки ман бозгашта омадам, ба хизмати шумо ҳозирам!

— Метарсам! —гуфт боз Қумрӣ. —Ба рафтани ман ҳасад хӯрдани баъзеҳо сабаб шуда буд, боз иғво сар нашавад мегӯям.

— Не, пас аз рафтани шумо дар театр гап шуд, як ду касро ҳай кардем. Дигарон, ҳама ба шумо меҳр доранд, дигар он хел гапҳо намешавад. Баъд, ин нақш гӯё барои шумо навишта шудааст, лирика, ишқ, ҷавонӣ...

— Кошкӣ ман ишқ дошта бошам! —гуфта табассум кард Қумрӣ.

— Ишқ доред, ман медонам! —гуфт маънидорона, Аминҷон. —Дар воқеъ, имрӯз ба хонаи шумо аз Ӯротеппа меҳмон меоянд.

— Аз Ӯротеппа? —Ҳайрон шуда пурсид Қумрӣ.

— Ҳа, хостгор омаданӣ...

— Ӯҳ, худо зад мана! Боз ҷанҷолу ғурбати бувам сар мешавад. Кошкӣ хостгорбиёӣ, урфу одатҳои кӯҳна набошад!

— Ҷаро ин тавр мегӯед, Қумриҷон! Хостгорбиёӣ яке аз урфу одатҳои хуби қадимаи мо мебошад. Монед, ки мӯйсафедон ва калонсолон ба муроду мақсадашон расида, ҳамаи орзуҳояшонро ба ҷо биёранд.

— Шумо бувама намедонед. Вай аз ӯротеппагиҳо қимоб шудагӣ.

— Барои чӣ?

— Мардхояшон бадрашк, мегӯяд, урфу одати кӯҳнаро намепартоянд, ба занҳо ба таври кӯҳна нигоҳ мекунанд.

– Ин хел касон дар Қонибодоми худамон ҳам ҳар чи қадар хоҳед, ҳастанд. Якто-дуто будан катӣ ҳамаи мардуми як маҳалро феодал, кӯҳнапараст гуфтан намешояд!

— Инро ману шумо мегӯем, аммо бувам одами якрав!

— Парво накунед, ҳамаи корҳо нағз мешавад. Хостгорҳо биёянд, буватон хурсанд мешаванд. Дилашон, ки шумоpo зудтар ба дасти шавҳаратон супурда «хотирҷамъ» шаванд.

— Намедонам... — гуфт Қумрӣ.

— Хайр, биёед, рафта хабар гирем чӣ, меҳмонҳо омаданд ё не.

Тобистон буд. Меваҳои лазиз ва ширини Қонибодом пухта буд. Бозорҳо обод; харбуза, тарбуз, сабзавот фаровон буд. Лекин ҳаво гарм, офтоби моҳи август тамоми меҳри худро ба замини шаҳр ва атрофи он равона карда буд. Хайрият, ки кӯчаҳои Қонибодом сердарахт ва ҷӯйҳо пур аз об буданд. Қумрӣ ва Аминҷон аз сояи дарахтон роҳ гашта ба ҳавлӣ расиданд, ки меҳмонҳо —модари Азиз бо холааш ва амаки Азиз омада буданд. Дар рӯи ҳавлӣ, ба болои кати калон қолину кӯрпачаҳо партофта шудагӣ, ба гирду атрофи кат об пошида шудагӣ, меҳмонҳо ба болои кӯрпачаҳои махмалу шоҳӣ бо ҳузур нишаста чой менӯшиданд. Модари Қумрӣ —Латофат бошад, ба гирди меҳмонҳо паншаю парвона буд.

Ин ҳолро дида Қумрӣ ба чашмонаш бовар намекард. Охир, ҳамин дирӯзакак Латофат ӯротеппагиҳоро дида наметавонист, ба хона Азизро роҳ надода буд. Ҳоло чӣ шуд, ки ин тавр меҳмоннавозӣ?

— Ҳа, биёед, биёед Аминҷон! —гуфт модар ба сӯи онҳо нигоҳ карда.—Бо меҳмонҳои азизи ман шинос шавед —дӯсти меҳрубони ман, халоскори ман Саломатбетим, ин кас холаи Азизҷон! Биё, духтарам, шарм накун! Ба меҳмонҳо, хушомадед, гӯй!

Қумрии гаранг ба кат наздик шуду ду дасташро ба сари дил ниҳода салом дод ва хуш омадед гуфту баргашта ба хона даромад. Аминҷон бошад, бо Каримзодаи шоир саломуалейк ва пурсупос намуд, ба занҳо сари таъзим фуруд овард ва аз лаби кат нишасту омин гуфт. Ҳама даст бардошта ба рӯ молиданд.

омадани мири Мастчоҳ ҷони маро аз дасти ҷаллодон халос карда буданд. Ман надонистам, ки Азизҷон фарзанди инҳост.

Қумрӣ дар хона истода ин суханҳои модарашро фаҳмид ва донист, ки боиси иззату икроми меҳмонҳо чӣ будааст. Дар ҳақиқат вақте ки Латофат дар милиса кор мекард ва босмачиҳоро таъқиб карда мегашт, дар Ўротеппа қариб буд, ки ба дасти одамкушони мири Мастчоҳ афтад ва беному нишон гардад. Ҳамин Қаримзода ва модари Азиз буданд, ки ўро пинҳон карда, аз марг раҳониданд.

Воқеа ҳамин тавр шуда буд.

Қаримзодаи шоирро пештар дар Ўротеппа ва атрофи он каси намешинохтагӣ набуд. Ўро Қарим-партизон мегуфтанд, ки ба дастаи фидоиён сардор буд. Боре хабар расид, ки одамони Қўса-полвони қўрбошӣ қишлоқи Зарметанро ки дар байни кўҳҳо воқеъ гаштааст, омада зер карданд ва ба мардуми он ҷо ҷабру зулм доранд. Рўз бегоҳ шуда бошад ҳам, Қарим-партизон дастаи худро ба юриш муҳайё кард. Вай марди қадбаланд, бо дасту бозувони пурзўр ва каллакалон буд. Ҷасур ва нотарс, чаққон ва ҳушёр буд. Зердастонаш ҳам ҷавонони танумаид, нотарс ва аспсавор буданд. Дар байни онҳо Шарифи оббоз ном ҷавоне буд, ки дар зиракӣ ва кордонӣ Самакӣ айёрро қоил мекард. Ҳар вақт ки дастаро ба юриш даъват карданӣ шавад, Қарим-партизон ҳамин Шарифи оббозро ҷеғ мезад ва мефармуд, ки то ба фалон вақт бачаҳоро ҷамъ ва муҳайёи сафар кун! Шарифи оббоз супоришро нуқта ба нуқта дар сари вақт ба ҷо меовард. Он рўз ҳам ҳамин тавр шуд. Қарим партизан ба йигитҳояш гуфт, ки тирро бисёртар гиранд ва роҳи ба кишлоқи Зарметан ҳуҷум карданро фаҳмонида ба роҳ баромаданд. Рўз торик шуда буд, ки дастаи ҷавонҳо ба болои теппаи баланде, ки қишлоқ дар доманаи он буд, расиданд. Қарим-партизон бо дурбин нигоҳ карда дид, ки босмачиҳо дар гирдогирди қишлоқ ва дар сари роҳе ки қадқади дарё мерафт, қаровулҳо монда, дар ҳар ҷо-ҳар ҷои қишлоқ гулханҳо афрўхтаанд. Қарим-партизон фармуд, ки бояд ба ду тақсим шуда, яке аз тарафи роҳи шаҳр, дигарӣ аз худи болои қишлоқ ба ҳуҷум сар кунад. Айни хўрок хўрдан ва айшу нўши босмачиҳо дастаи Қарим-партизон бо ғалоғула ба ҳуҷум даромаданд. Босмачиҳо асбобу анҷоми худро партофта, нимаш бо асп, нимаш

пиёда тирпаррони карда ба сӯи дараи калон ақибнишини карданд. Карим-партизон онҳоро таъқиб кард. Лекин босмачиҳо дар қарибии баромадгоҳи дара, дар тангнои нобобе ба шинак нишаста, партизанҳоро пеш рафтан намонданд. Шаб торик буд, ҷои пинҳон шудани босмачиҳоро дидан мушкил шуд ва Карим-партизон маҷбур шуд, ки лашкарашро боз дорад. Мавқеъ хеле нобоб буд. Як тараф дарёи пуроби кӯҳӣ, як тараф кӯҳи баланд. Агар имконияте мешуд, Карим-партизон аз қафои душман рафта ҳуҷум мекард. Лекин имконият набуд. Рафиқон нишастанд. Яке гуфт, ки дар он тарафи даҳана, дар қишлоқи Деҳаи боло дастаи милицияи Конибодом, бо сардории Латофатхон манзил кардааст. Агар онҳо фаҳмида, аз қафои душман ҳуҷум кунанд, дастаи Кӯса-полвон торумор мегардад. Аммо ин плонро ба Латофатхон чӣ тавр расонидан лозим. Дар ин ҷо Шарифи оббоз аз ҷо бархост. Гуфт, ки вай аз дарё шино карда даҳанаро мегузарад ва то рӯз сафед шудана бо дастаи милиция аз қафои душман ҳуҷумро сар мекунад. Карим-партизон рухсат дод. Шариф милтиқашро ба болои сар гирифта, худро ба об андохт ва дар торикӣ бе садо ғоиб шуда рафт.

Дар ҳақиқат, рӯз ҳанӯз дуруст равшан нашуда, аз тарафи даҳана садои тир баланд шуд. Дастаи Карим-партизон ҳам тайёр шуда буд, аз ин тараф ҳуҷум кард ва дар байни як-ду соат кори босмачиҳои Кӯса-полвон ба охир расид, дастаи Карим-партизон бо дастаи милицияҳои Конибодом воҳӯрданд. Босмачиҳои зиндамонда таслим шуданд, яроқашонро партофта, даст бардоштанд. Ғалабаи бузурге шуд, ки дар таърихи мубориза бо босмачиён воқеаи муҳим ба шумор мерафт. Лекин дар ин ҷанг Латофатхон аз ронаш тир хӯрда, беҳол афтода буд. Захми ӯро зуд бастанд ва дар байни ду асп чодар овезон карда ӯро хобонданд ва ба шаҳри Ӯротеппа гирифта оварданд. Дар шаҳр духтурҳо ба захми пои Латофат дору молида, тоза карда бастанд ва гуфтанд, ки тир ба устухон нарасида, гӯштро сӯрох карда гузашта рафтааст. Акнун камаш як ҳафта дар хона хобида, табобат кардан лозим. Карим-партизон ӯро ба хонаи бародари калонаш, ки як сол пеш аз ин вафот карда буд ва янгаю ҷиянҳояш буданд, гирифта бурд ва фармуд, ки нигоҳубин кунанд. Латофат дар таб месӯхт ва беҳолии худро дуруст изҳор намекард. Латофат ҳанӯз ором нашуда, хабар омад, ки мири Мастчоҳ бо лашкари чанд ҳазораи

худаш ба болои Ӯротеппа тохта омада истодааст. Карим-партизон ҳайрон шуд. Латофатро партофта равад, чӣ шавад, ба асп савор карда ба Конибодом барад, чӣ шавад.. Дар ин дам янгааш Саломатбегим гуфт, ки Латофатро аз ҷояш ҷунбондан намешавад. Карим-партизон рафатан гирад, вай кафил аст, ки Латофат сиҳат-саломат мемонад. Инро гуфту либосҳои милисагии Латофатро бо таппончаю дигар асбобҳояш гирифта ба зери шохаҳои ҳезумхона руст кард, ба Латофат куртаи пиронаи худашро пӯшонид, сару рӯяшро бо рӯмоли дока печонида баст ва аз болояш ҷойхобро пӯшонида, гуфт, ки гӯё вай ба бемории домана гирифтор аст. Ба наздаш косаи об гузошт.

Карим-партизон бо дастаи худаш ва дастаи милисаи Конибодом ба тарафи Хуҷанд ақибнишинӣ кард. Соате нагузашт, ки шаҳрро мастҷоиҳо зер карданд. Кушокушӣ ва талаю тороҷ сар шуд. Як даста аз аскарони мир ба ҳавлии онҳо ҳам зада даромаданд. Домана будани беморро дониста ба вай наздик нашуданд ва дар хона ҳар чизи нағз, ки ба назарашон намуд, гирифтанд. Як гилем, як буғча ҳар хел либосҳо, дуто мурғро бурданд, лекин ба зану бачаҳо кордор нашуданд. Рӯзи дигар аз тарафи Хуҷанд аскарони мо бо тӯпу пулемёт расида омаданд ва яғмогаронро торумор намуда, гурезонданд.

Саломатбегим як ҳафта ба Латофат нигоҳубин ва табобат карда, ӯро ба по хезонд. Пас Карим-партизон ӯро ба фойтун шинонда, бо дастаи худ мушоиат намуда ба Конибодом расонид...

Ин буд, ки Латофат ба Саломатбегим ва Каримзода муҳаббат ва дӯстӣ пайдо кард ва барои зинда мондани худ ба онҳо мадюн буд.

Аминҷон суханони Латофатро шунида истода гуфт:

— Ман ҳар касу нокасро ба Кумриҷон хостгорӣ намекунам-дия! Азиз писари ҳамин дӯсти шумо, ҷону ҷигари ҳамин халоскори шумост. Биёед, акнун фотиҳа диҳед, ки Кумриҷон ва Азизҷон ба мурoду мақсадашон расанд, мо дар тӯяшон хурсандиҳо кунем.

Ҳама даст бардошта омин гуфтанд.

— Лекин, —гуфт Латофат, —ман Азизҷонро хонадомод мекунам. Аз Кумрӣ ҷудо шуда наметавонам.

— Гиред, Азизи ман, Азизи шумо шавад. —Гуфт модари Азиз. Боз ҳама даст бардошта омин гуфтанд.

Пас аз се рӯзи тӯй Саидмуродов ба Конибодом омад. Фаҳмид, ки дар ҳавлии Қумрӣ тӯй барпо шудааст, хурсандиҳо шудааст, хеле афсӯс хӯрд, ки дер кардааст ва Аминҷонро пеш андохта ба муборакбодӣ ба тӯйхона омад.

Саидмуродовро хусусан модари Қумрӣ бо хушнудӣ ва сарфарозӣ пешвоз гирифт. Ба рӯи кати рӯи ҳавлӣ ҷо дуруст карда, ӯро ба болои ҳафт қабат кӯрпача «Шинонда» ба наздаш дастурхон кушода, нозу неъмати фаровоне ки аз тӯй монда буд, қатор кард. Қумрӣ ва Азиз ҳам ӯро эҳтиром карда, хуш омадед гуфтанд.

Моҳи октябр ба нима расида буд; ҳаво салқин шуда, шамолҳои сахти Конибодом ҳукм меронд. Аз шиддати шамол дарахтҳо ҳуввос зада менолиданд ва ба тарафи ғарби ҷанубӣ хам шуда барг мерехтанд. Истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Конибодом — Мелникова ном дошт. Дар ин ҷо шиддати шамол зиёдтар буд. Зеро ки ин ҷо бевосита дар сари роҳи шамоле ки аз сӯи Фарғона омада ба тарафи Хавос меравад, воқеъ гардида, заминаш ҳамвор ва ба сайру гашти шамол монеае надорад.

Азиз нимаи рӯз ба Мелникова омада, зуд худро ба даруни бинои вокзал гирифт, ки аз одам пур буд. Қисме ба сӯи Фарғона мерафтанд, қисме ба сӯи Хавос, Тошканд ва Самарқанд билет гирифтан мехостанд. Тартибу қоида набуд. Ҳар кас ки зӯр дошта бошад ва худро ба дарчаи билетхона наздик карда тавонад, зуд ба мақсад мерасид. Дигарон дар азоб ва ҳаяҷон буданд. Азиз ки дар ташкилотчигӣ каме маҳорат дошт, бо овози баланд гуфт, ки бародарҳо, биёед як тартибу навбат кунем. Қасе ки ба тарафи Хавос меравад, аз тарафи рост қатор шавад! Ин таклифро бисёриҳо маъқул дониста ба ду тараф ҷудо шуданд ва паси ҳамдигар қатор гаштанд. Дар ин дам як коркуни роҳи оҳан, ки шапкаи сурх дошт, омада ташаббуси Азизро маъқул донист ва худи ӯро назди дарича гузошта гуфт, ки ба тартиб риоя карда истад.

Аввал поезди тарафи Фарғона расид. Билет гирифтагон аз бинои вокзал баромаданду билет нагирифтагон аз назди дарича дур шуданд. Пас навбат ба равандагони тарафи Хавос расид, ки Азиз яке аз аввалинҳо шуда ба вагони Душанбе билет гирифта тавонист. Ба ин вагон як даҳ нафар билет гирифтанду халос. Дигар равандагон набуданд. Бисёриҳо ба сӯи Тошканд мерафтанд.

Вагон дар худи ҳамин истгоҳ мунтазири равандагон истода буд. Билет гирифтагон зуд ба вагон баромада, ҷоҳои хубро ишғол, карданду хушбахт буданд, ки ниҳоят як муаммои сафар ҳал шуд. Дар кати рӯбарӯи Азиз як марди миёнсин, деҳқоннамо, бо ришу мӯйлаби мошу биринҷ бо ҷуссаи паҳлавонона, ҷо гирифт. Вай, пас аз чизу чораҳояшро ҷо ба ҷо карда, кӯрпаю болиштро паҳн карда нишастан, ба Азиз мурочиат кард:

— Шумо, писарам, ба куҷо?

— То ба Душанбе, —гуфт Азиз.—Шумо ба куҷо?

— Ман ҳам ба Душанбе, —гуфт он мард ва каме хомӯш истода пурсид: —Ба Душанбе кай мерасида бошем?

— Аз Хавос ду шабу як рӯз. Агар ҳамин рӯз дар ними шаб ба роҳ дароянд, рӯзи дигар роҳ меравем, боз як шаб роҳ гашта рӯзи сеюм аввали пагоҳ мерасем.

— Хеле роҳ будааст-дия! — гуфт он мард.

Азиз напурсид, ки ба Душанбе барои чӣ меравад, чӣ кор дорад. Ҳаминро медонист, ки дар ин вакт кори деҳқонҳо сабук мешавад; аз боғҳо меваҳо чида шудагӣ, аз саҳро пахта ва дигар ҳосилот ғундошта шудагӣ, коху донҳо ба қишлоқ кашонда шудагӣ... Бинобарон деҳқон метавонад аз меҳнати пурмашаққати колхоз халос шуда, бо корҳои худ машғул шавад. Ин мард ҳам дар Душанбе ягон хеш, ё ошно доштагист, ягон тӯе маъракае мешудагист, ки меҳмон шуда меравад. Ба ҳар ҳол ҳамроҳ ва ҳамсафари бад не. Одами бамаънӣ менамояд.

— Ман кӯрпаю болишт гирифтанӣ набудам, —гуфт он мард, —лекин ҳамсояамон, ки тез-тез ба Душанбе рафта меистанд, маслиҳат доданд, ки гирам.

— Ҳа, —гуфт Азиз. —Ду шаб ба рӯи тахтаи қоқ чӣ тавр мехобидед. Нағз кардед. Як дам подшоҳӣ —подшоҳӣ! Ман чойнику пиёла ҳам гирифтам.

— Э, ана ҳаминро фаромӯш кардем. Занам ба ҳолу ҷонам намонда се-чорто нон, гӯшти яхнӣ, қоқ, мавиз доду чойнику пиёларо фаромӯш кардааст.

— Зарар надорад, ҳамин чойник аз дуямон зиёдатӣ, нону гӯшти яхнию қоқу мавизи шуморо ба ҳам мебинем.

— Марҳамат, марҳамат! Ҳозир камтар тановул кунем-чӣ?

— Агар хоҳиши шумо бошад...

Онҳо кайф карда нону гӯшти яхнии бомаза хӯрданд. Баъд бо чойи ширгарм, ки дар чойник буд, қоқу мавиз хӯрданд. Азиз гуфт:

— Ҳар чӣ ҳам бошад, колхоз нағз-дия. Деҳқон молу қол дорад, боғу роғ дорад; гӯшт мехӯрад, қанд набошад қоқу мавиз мехӯрад. Аммо мо шаҳриҳо аз мағозаҳо чизи дуруст ёфта наметавонем. Нон бо карточка, гӯшт норма...

— Э, додар, додар, ба шумо чӣ гӯям! Ман дар колхози ба номи Сталин бригадири пахта ҳастам; бояд рӯзамон ба подшоҳӣ гузарад, аммо не! Номи калону деҳаи вайрон! Пештар замин доштем, ҳар чӣ рӯёнем ихтиёр доштем. Акнун чанд сотих замин додагӣ, ки ҳосили вай ба ризқу рӯзии бачаҳо ба зӯр мерасад. Хайрият, ки се бузи зотӣ доштем, ҳар сол дутой зоида оғиламонро пур карда буданд. Ана аз ҳамин шири бузу гӯшташ ба ҳар ҳол рӯзгорро ҷунбонидан мумкин буд. Аммо имсол ба бузу хару асп андози калон омад. Маҷбур шудем, ки ду-се бузи хубро фурӯхта, дигарашро кушта хӯрем. Панҷ бех зардолу, ҳашт бех себу олу доштем, ба онҳо ҳам андоз омад. Маҷбур шудем, ки бисёрии дарахтҳоро аз бехаш бурида партоем. Соли оянда намедонам чӣ кор мекунем.... Калонҳои районамон, раисҳои колхоз ҳар рӯз маҷлис карда, сари моро гаранг карданро медонанду бас. Ана, чӣ мегӯед, ки кадом рӯз омада мана хуб танқид карданд, плони пахтаро буд накард, хиёнат кард, аз андоз сар печид, гуфтанд. Дар саҳро пахта намонда бошад, ман аз куҷо плонро пур кунам? Пахтаи кӯрпаю болиштҳоро дарронда диҳам-чӣ? Гуфтанд, ки аз бригадирӣ озод карда, кораш ба суд дода шавад. Акнун ба Душанбе рафта ба худи Нусратулло махсум арз кардан мехоҳам. Охир, ин чӣ беинсофӣ; ин чӣ беадолатӣ!

Ин суханҳои ҳақро шунида Азиз ҳайрон шуд. Ҳамаи тасаввуроти вай дар бораи «колхозчиёни осудаҳол ва бой» зеру забар гашт. Ин мард, ки бригадир будааст ва аз афту андомаш, аз ҷисми паҳлавононааш намуда меистад, ки одами меҳнатӣ ва коркун аст, аз зиндагӣ нолад, вой ба ҳоли колхозчиёни қаторӣ! Охир то ба вақте ки аз колхоз ном набуд, деҳқонҳо серу пур буданд. Ҳамин ки бо ҳазор ваъдаю ваъид колхоз ташкил карданд, деҳқон баръакс бечораҳол гашт. Дар қишлоқ на бой монд, на миёнаҳол, ҳама баробар бечораҳол шуданд. Гуршнагии набудагӣ сар зад. Одамҳо мӯру малах барин нобуд шуданд. Оё ин ҳол аз чӣ бошад? Ё аз он ки колхозҳо нав ташкил шудагӣ, мардум ҳанӯз таҷриба надоранд ва дуруст кор карда, дуруст ҳосил намебардоранд; ё ки душманҳо, муштзӯрҳо зарар мерасонанд? Дар байни деҳқонҳо ташвиқот мебаранд, мардумро аз ҳукумат

ва аз колхоз норозӣ мекунанд? Ҳеҷ маълум нест! Мегӯянд, ки дар тарафҳои Русия ва Украина гушнагӣ сахт шудааст, ҳазорҳо одамон талаф шудаанд... Оё ин гапҳо рост бошанд? Намедонад... намедонад Азиз!

Акнун аз равиши кор ӯро ба марказ, ба Душанбе ба кор мегиранд. Агар вай аз Конибодому Ӯротеппа канда шуда равад, рӯзу ҳолаш чӣ мешуда бошад. Дар ин ҷо зиндагӣ он қадар ҳам бад не, лекин дар марказ чӣ бошад? Одам бисёр, хӯрокӣ кам... Хайр, наход, ки вайро ва Қумрихонро ба як лаб нон зор карда монанд?

Поезд дар истгоҳи Хуҷанд истод. Фикру хаёлҳои ӯ парешон гаштанд. Ба вагон панҷ-шаш нафар мусофирони дигар баромаданд, ки аксарияти онҳо бо лингаҳои пур аз қоқу мавиз буданд. Бригадир гуфт, ки инҳо қоқу мавизро ба Душанбе бурда ба нархи гарон мефурӯшанд ва аз Душанбе молҳои саноатии арзон харида, ба Хуҷанду Конибодом оварда пул мекунанд. Кору борашон ҳамин; рӯзгорашон ба подшоҳӣ мегузарад. Агар ба даст афтода монанд, ба одамони органҳо пора дода, халос мешаванд ва боз ба кори савдогарӣ давом медиҳанд. Мо мардуми меҳнаткаш рӯз то ба шаб кор карда, аз сад яки даромади инҳоро надорем.

Азиз фикр мекард, ки рост мегӯяд ин бригадир. Дар ҳақиқат марди доно ва ба тааммул будааст. Ҳоло дар ҷамъияти мо ин хел муфтхӯрон, ба осонӣ пул меёфтагиҳо кам нестанд. Инҳо ба ҷавонҳо, ба комсомолхо таъсири худро ба зудӣ гузаронида метавонанд. Мо роҳбарони комсомол бояд ба ҳамин аҳамият диҳем, ки ҷавонҳо ба ин роҳи бад ва хавфнок нараванд...

Поезд ба роҳ афтод. Ин дафъа аз истгоҳи «Пролетар» се-чор нафар нависандагони ҷавон ба вагон баромаданд, ки дар байнашон як нафар миёнсин ҳам буд. Омадани нависандагон вагонро ободва сермағалтар кард. Ҷои онҳо девор ба девори ҷои Азиз буд. Онҳо бисёр механдиданд, дар байни худ баҳсу мунозира мекарданд, шӯхиҳои аҷоиб мекарданд. Гоҳо шикваю шикоят сар мешуд. Чи тавре ки маълум аст, шикваю ғайбат мароқангезтарин ҷавҳари сӯҳбат аст. Шиква, ки сар шуд, на рафиқ мемонад, на бародар, на роҳбар. Онҳо аввал шикваро аз роҳбарияти Иттифоқи нависандагон сар карданд. Яке мегуфт;

— Фалончӣ хам одам шуду ба мо сардорӣ мекунад! Ҳар гап занед хӯш мегӯяду ҳамин ки аз наздаш баромадед, фаромӯш мекунад. Ҳӯсаи бекор!

— Хайр, котиби масъулашонро намегӯед! — мегуфт дигарӣ. — Ба восита ва ёрии Дайламӣ ва Навбариҳо ба ин вазифа гузашт, худаш ҳам аз нажоди онҳост, ба мо кораш не!

— Лоҳутӣ ба номаш ба мо раис!

— Раиси фахрӣ... Ҳамеша дар Москва!

— Ба ҳар ҳол рафиқ Лоҳутӣ манфиати моро дар Москва ҳимоя мекунад. Иттифоқи мо бо номи ӯ фахр мекунад.

— Ман дар бораи Лоҳутӣ намегӯям, Лоҳутӣ шоир ва шахсияти бузург аст, одами серкор...

Баъд сӯҳбат дар бораи эҷодиёти кадом як шоир гузашт:

— Э, вай забони тоҷикиро дуруст намедонаду шеъри тоҷикӣ менависад!

— Шеърҳояш фаҷу лаҷ, ба ғайр аз зинда бод, дигар чизеро намедонад. Акнун аз таърифу тавсифи хушку холӣ даст кашидан лозим.

— Хайр, шеърҳои фалончаро мехонед? Аз гулу булбул, аз ғазалсароии кӯҳна даст намекашад.

— Баъд, калимаҳои ғализи арабӣ кор мефармояд. Хонанда намедонад, ки вай чӣ мегӯяд.

— Охир, агар дар бораи зан шеър гуфтан хоҳӣ, вайро қаҳрамон кун, дониши вай, меҳнатдӯстии вайро навис! На ин ки фақат холу хату чашми зебояшро таъриф кунӣ!

— Хайр, худатон ҳам зани хушрӯйиро бинед, об шуда мераведу ба таърифаш шеър мегӯед!

Ҳамин тавр, сӯҳбат дар бораи зану духтарҳо гузашт, дар бораи ишку муҳаббат ва кайфу сафо гузашт. Баъд сӯҳбат ба мавзӯи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ гузашт.

— Рафиқ Сталин ҳақиқатан падари халқҳост! —мегуфт як нависандаи ҷавон. —Ман ба сиёсати ин марди оқил ва матинирода қоил ҳастам. Ҳамаи «чап»-у «рост»-ҳоро зада несту нобуд кард.

— Номи Сталинро ба забон гиред, душман меларзад.

— Ман номи очеркҳои худамро «Бо номи Сталин» гузоштам. Бовар дорам, ки бо хосияти ин ном очеркҳои ман ба хонанда маъқул мегардад.

— Сталин буд, ки ба мо роҳи коллективонидани хоҷагии қишлокро нишон дод. Ман аз қаҳрамони асари худам, раиси колхози ба номи Каганович фаҳмидам, ки Сталин ба вай гуфта аст: Колхоз ташкил кардед, хуб шудааст; молу ҳоли ҳамаро якҷоя кунеду муштзӯрро

вада нест кунед, колхозатонро мустаҳкам кунед, албатта бою бадавлат ва осудаҳол мешавед!

Ҳамин тавр буд он вақтҳо ақидаи мардум дар бораи Сталин ва намедонистанд, ки бо фармони вай ва шариконаш худи ҳамон солҳо дар Россия, Украина ва дигар ҷоҳо миллионҳо деҳқонҳо аз гушнагӣ ҳалок ва несту нобуд шуданд; намедонистанд, ки Сталин ва атрофиёнаш беҳтарин мардони мамлакатро, шогирдон ва ҳамсафони Ленинро якта-якта, тӯда-тӯда гирифта нобуд карда истодаанд; намедонистанд, ки Сталин барои ҳокими мутлақ гаштан, барои фармонравои кул шудан, барои манфиати худ ба корҳои даҳшатоваре сар кардааст, ки ақлҳо ҳайрон мегардад; аз даҳшат ва ваҳшонияти он ки ҳеҷ золиме ба он дараҷа нарасидааст, саҳифаҳои таърих хунолуд мегардад... Бале, барои донистани ин «корномаҳо»-и Сталин ва атрофиёнаш ҳанӯз вақт нарасида буд: ҳанӯз мардум бедор нашуда ва аз даҳшатҳо бехабар буданд. Дар мамлакат тарсу ваҳм, нобоварӣ ба ҳамдигар, хабаркашӣ, бӯҳтон, ҳабс ва таъқиб дар авҷ буд.

Поезд мерафт, рафиқон дар сӯҳбат буданд.

— Ана поездамон ба истгоҳи Хавос расид. Ҷӯраҳо, то ба расида омадани поезди Тошканд-Сталинобод, дар Хавос тамоми рӯз бояд мунтазир шавем. Ман таклиф мекунам, ки рост ба чойхона рафта якто палави дастӣ фармуда, аз арақҳои ангури Кафказ ва газакҳои ғалатии Маскав нӯши ҷон карда, рӯз гузаронем.

— Ман тарафдор!

— Ман ҳам!

Поезд ба истгоҳ расиду истод. Вагони онҳоро ба канор баровардa монданд. Азизу бригадир маслиҳат карданд, поён мефуроем, ё на. Ҳаво хунук, шамол ... Бригадир гуфт ки, майлаш шумо рафта, сайр карда биёед, баъд ман меравам.

— Хайр, ман чой ҳам дам карда меоям, —гуфт Азиз ва чойникро гирифта поён фуромад.

Ҳаво тира, осмонро абрҳои хокистарранг фаро гирифта буд. Шамоли сард чанги кӯчаро бардошта ба рӯи равандагон мезад. Биноӣ вокзал ва атрофи он чиркин ва ифлос буд. Дар ҳар ҷо ахлотҳо, коғазпораҳо ва латтаҳои равғанолуд мехобиданд. Даруни биноӣ вокзал аз одам пур, ҳавояш вайрон ва аз дуди махорка ғуборолуд. Дар ягона «ресторан»-и он ҷо, ки ба номаш ресторан буд, мардум хӯроки дуруст намеёфтанд. Моҳибирён, картошкабирён ва шӯрбои моҳӣ буду бас. Аммо дар буфет

араку вино ва дигар хел машрубот ҳар чӣ қадар ки хоҳед, ёфт мешуд. Азиз бо илтимос аз буфет ду кулчаи равғании ширин ва як консерваи моҳӣ хариду аз рӯи саҳни вокзал ба чойникаш оби ҷӯш андохта ба вагон баргашт.

— Чува нон харидед? —гуфт бригадир. —Кампир нонҳои равғанӣ пухта дода буд, ба ҳар дуямон се рӯз кифоя мекунад.

— Ҳавасам рафт, —гуфт Азиз. —Чойкатӣ мехӯрем.

Онҳо нону гӯшту чой хӯрда истода буданд, ки ду нафар аз нависандагон баргашта омаданд. Онҳо чизеро фаромӯш кардаанд, магар ки ба гирифта бурдани он омадаанд.

— Домуллои гоч маст шуда, афтода монданд, чӣ мекунем? —гуфт яке.

— Не, ҳеҷ вақт афтода намемонанд, коре карда худашонро ба манзил мерасонанд, —ҷавоб дод дигаре: — Китобчаро ёфтӣ? Рафтем!

Онҳо баромада рафтанд. Бригадир аз Азиз пурсид:

— Инҳо киҳо бошанд, арақхӯрҳо?

— Инҳо... —гуфт ҳайрон шуда истода Азиз. —Намедонам, шоирчаҳо барин.

— Шоирчаҳо! —гуфт бригадир.

Азиз фикр мекард, ки нависанда бояд дар байни мардум худро доштa тавонад. Як шарикашонро «домуллои гоч» мегӯянд, арақхӯр мегӯянд?! Мардум айб мекунад, хуб намешавад гуфтанӣ чизро намедонанд магар?! Наход ки ҳамаи нависанда ва шоирҳо ҳамин тавр бошанд? Ба гумонам ин ақидаи ман хатост. Нависандагоне ҳам ҳастанд, ки ҳам дар ҳаёти шахсии худ ибрати дигарон мешаванд, ҳам бо асарҳояшон! Беҳтар, ки дар ин бора фикр накунам. Шоир дуруст гуфтааст:

Дар зери чархи гардун, ҳар кас ки хуш дорад,
Аз гуфтугӯи мардум, худро хамӯш дорад.

Поезди Тошканд —Душанбе, қариб ними шаб расид. Вагони онҳоро бурда ба қатор часпониданд, чароғҳои вагон равшан шуданд, дилҳои вагонбудагон ҳам. Вале пас аз замоне чароғҳо хомӯш гаштанд, мардум ба таи дари вагон рафта диданд, ки поезд вагони онҳоро партофта рафтааст. Барандаи вагон гуфт, ки қатор вазнин будааст; паровоз кашида наметавонистааст, дигар илоҷ нест, то шаби оянда сабр кардан лозим.

Сабр карданд. Хоб карданд, чою нон хӯрданд, баъзеҳо арақ хӯрда, маст шуда омаданд ва ҳоказо... Шаби дигар ҳам вагони онҳоро қатор нагирифт. Фақат дар шаби сеюм, пас аз он ки мусофирони бадҷаҳл ва сертараддуд ба Тошканд ва ҳатто ба Каганович телеграмма дода, доду вовайло бардоштанд, вагони онҳо дар қатор ба роҳ даромад.

Азиз аз вокзали Душанбе рост ба комитети марказии комсомол рафт, ки дар кучо буданашро медонист. Дар қабулгоҳи котиби якум дер напоид, котиба ба кабинет даромаду гашта баромада ӯро ба дарун таклиф кард. Котиби якуми комитети марказии Комсомоли Тоҷикистон — ҷавони қадбаланд, зебочеҳра ва гандумгун буд. Азиз ӯро аввалин бор медид, лекин чеҳраи котиб чунон буд, ки гӯё вай ӯро борҳо дида бошад. Саломуалек карданд, ҳолу аҳвол пурсиданд, баъд котиб гуфт:

— Мо ба шумо мунтазир будем. Шӯъбаи пропаганда ба шумо барин ҷавони боғайрат эҳтиёҷ дорад. Мудири шӯъба ҷавон, хеле коркун ва ташаббускор, ҳаракаташ калон, лекин ... ин гап дар байни худамон монад, лекин аз ҷиҳати саводи сиёсӣ ноқисиҳо дорад. Шумо ба ҳар ҳол дар кори комсомол таҷриба доред ва саводатон пухта. Ана, ба вай ёрӣ дода, муовин шавед!

— Мебахшед, рафиқ Носиров, —гуфт Азиз. —Дар ҳаққи ман муболиға мекунед. Ман аз ӯҳдаи ин вазифа баромада метавониста бошам?

— Метавонед! —гуфт худбоварона котиб. —Лекин ба шарте ки хотиратон аз ҳар ҷиҳат осуда бошад. Хотири осуда ҳамон вақт ба кас муяссар мешавад, ки ҷояш, рӯзғораш мувофиқи табъ, шарикаш, рафиқи ҳаёташ дар наздаш сиҳат-саломат бошад, фаҳмидед?

— Фаҳмидам, —гуфт табассум карда Азиз. —Ба ин ҷо маро рафиқаи ҳаётам фиристод.

— Офарин! —гуфт котиб ҳам табассум карда. —Мо овозаи Қумрихонро бисёр шунидаем, лекин аз ҳунару санъати он кас ҳоло мо маҳрумем. Ба Душанбе омадани он кас бисёр зарур. Театри мусиқавӣ ташкил додем, духтари хушовоз надорем. Ҳастанд, лекин онҳоро тарбия кардан лозим. Қумрихон ба ҳар ҳол таълими устодҳои машҳурро дидагӣ, худаш ҳам кор мекунад, ҳам меомӯзад. Чӣ гуфтед?

Азиз сар хам карда, як дараҷа хомӯш монд. Телефон занг зад Котиб дастаки телефонро бардошт.

— Ҳа, ман, —гуфт вай. —Бале, омаданд, дар назди

ман нишастаанд. Ин хабарро дар ҳол аз кӣ шунидед? Шумо бало? Майлаш, зуд оед. Ман мошин медиҳам, бурда хонаю ҷояшонро нишон диҳед. Ҳамаи камбудиҳояшонро бегуфтугӯ пурра мекунем. Майлаш, ёрӣ аз мо!

Қотиб дастаки телефонро ба ҷояш гузошту ба Азиз муроҷиат кард:

— Саидмуродов телефон кард. Мо ба шумо аз қабати дуюми бинои навбунёд квартираи хубе ҷудо карда мондем. Рафта бинед, албатта маъқул мешавад. Баргашта, ки омадед, фармон ва санадхоятонро мегиред.

— Қумрихон чанд гоҳ аз театри Қонибодом баромада, ба Тошканд рафта буд, —гуфт Азиз. —Акнун, ки баргашта омад, коллективи театр ба рафтани вай розӣ намешаванд.

— Розӣ мешаванд! —гуфт котиб. —Мо ки гуфтем, бедарак намегӯем; ба манфиати кор, ба манфиати республика мегӯем. Аз ин хусус парво накунед!

—Хуб, —гуфт Азиз ва мехост, ки аз ҷо бархезад, дар кушода шуду Саидмуродови серкор даромада омад.

— Салом, салом! —гуфт вай ба ҳарду. —На як телеграмма, на як телефон, ҳамин тавр хеста омадан мегирадмӣ кас? О, пешвоз мегирифтем, карнаю сурнай мебаровардем....

— Карнаю сурнай худи шумо, —гуфт котиб. —Акнун Азизҷонро ба шумо месупорам. Хонаю ҷояшонро дуруст кунед, баъд ин кас рафта, кӯчашонро бардошта биёранд.

— Ҷонам қатӣ, ҷонам қатӣ! —гуфт Саидмуродов.— Ана калиди квартира! Лекин Қумрихон омада, ба замин гилем паҳн карда мешинад магар? Фармоед, мебел-пебел дода, корҳоро дуруст кунад идораи савдо!

— Хуб, мегӯям, —гуфта табассум кард котиб. —Ба худи ака Саид ҳам як комплект мебели аълосифат диҳед, мегӯям.

— Не, не, мебел дорам, —гуфт Саид, —хонаи ман аз ҳама чиз таъмин. Хуб, рафтем, Азизҷон!

Се моҳ гузашт.

Аввали рӯзи охирҳои октябр, ҳаво боронӣ, абрҳои сиёҳ заминро зер кардагӣ, кӯчаҳо лойолуд, ҷӯйҳо пуроб. Азизу Қумрӣ дар дасташон чатри боронӣ, аз кӯчаи Орҷоникидзе ба поён, ба сӯи хонаи матбуот мерафтанд, ки дар нимаи роҳ як автомобили сабукрав ба қарибии пиёдагард омада истод ва аз дари кушода шудаи он, Но-

сиров —котиби Комитети марказии комсомол, сар бар... варда, онҳоро ба мошин даъват кард. Зану шӯ бо ҳаз... мамнуният ва ташаккур ба мошин нишастанд.

— Ба кор дер накунед гуфта, мошинро доштам, — гуфт котиб. —Мабодо режиссёратон ба саратон дод занад, Қумрихон!

— Дод занад, —гуфт Қумрӣ, —ман ҳам дод мезанам. Лекин ака Саидмуродов одами нағз, дер кунам ҳам, коҳиш намекунад.

— Имрӯз ҳаво вазнин, магар ки, —гуфт Азиз, —ҳардуямон ҳам ба хоб мондем.

— Дар ҷавонӣ мешавад, —гуфт Носиров.

Мошин аввал ба назди театр бозистод. Қумрӣ фаромада бо саворони мошин хайру хӯш кард ва ба даруни театр даромада рафт. Азиз бо котиб дар мошин ба сӯи комитети марказии комсомол равон гаштанд.

Дар саҳнаи театр ба машқи рӯзона тараддуд мерафт. Як қисми артистон ва худи Саидмуродов дар толори театр ба курсиҳо нишаста, сӯҳбат мекарданд. Қумрӣ ҳам расида, ба қафои Саидмуродов нишаст.

— Имрӯз Илмияхон машқ мекунанд, —гуфт Саидмуродов. —Саҳнаи аввал.

Парда ҳанӯз кушода нашудааст, мусиқӣ форам аз баҳор бахту саодат хабар медиҳад. . Вақто ки оҳиста парда кушода мешавад, Нозгул —Илмияхон дар кабудзоре нишаста месарояд. Ба ёди ёри меҳрубони худ, ки ба ҷанги босмачиён рафтааст ...Суруд чунон бошад, ки маънои шеърро нафаҳмад ҳам, тамошобин пай барад, ки Нозгул чӣ мегӯяд. Фаҳмидед, Илмия? Қанӣ, сар мекунем! Ҳама хомӯш! Бадриддин, мақоми ман гуфтагиро сар кунед!

Ҳама ҷо хомӯш гашт. Бадриддин, ки ғижжакнавоз ва сардори машшоқон буд, оҳиста ва форамона ба навохтан сар кард. Илмия ба саҳна баромада, ба рӯи гилеми сабз нишасту ба суруд оғоз кард. Овозаш умуман бад набуд, сарахбори мақом нағз гузашт. Лекин навбат ба авҷ расида буд, ки овоз кӯтоҳӣ кард ва Илмия барои авҷ баромадан ба чир-чир кардан даромад. Бадриддин бо камончаи ғижжаки худ ба тахтаи нӯтагузорӣ тақ-тақ зада фарёд кард:

— Вайрон кардед, фалш! Аз нав гиред, қанӣ ҳа!

Илмия боз ба чир-чир даромад. Ин дафъа Саидмуродов аз поён истода гуфт:

— Ба шумо чӣ шуд, Илмия?

Ҳанӯз Илмия ҷавоб надода, Қумрӣ дар дасташ як ниёла обҷӯш аз кафои саҳна пайдо шуду ба Илмия нӯшонд.

— Ба авҷ яку якбора набароед, — гуфт вай. Оҳиста, форам карда гиред хуб мешавад.

— Раҳмат! —гуфт сахт карда Илмия ва ба Саидмуродов муроҷиат кард: — Дигар ман наметавонам, як парда пасттар гиранд намешавад!

— Як парда паст гирем, —гуфт Бадриддин, ба фуровардаш овоз намерасад, сустӣ мекунад. Биёед, боз як бор машқ кунем! Қанӣ рафиқон, хомӯш!

Сухани Илмия ба Қумрӣ сахт расид. Вай чӣ гуфт? Чӣ гуноҳ кард? Охир, ёрӣ додан хост-ку! Давида рафта оби ҷӯш оварда дод, ба авҷ якбора набароед, мулоимакак гирифта баланд шавед, гуфт, магар ин нодуруст аст? Худи овоз, ки нест, чир-чир сар мешавад. Тавба! Минбаъд ба ин хелҳо ёрӣ додан лозим нест!

Дар вакти танаффус ба пардозхонаи Илмия, ки гӯё яке аз «боз»-ҳои театр, яке аз «ман»-ҳои театр буд, сечор нафар артистони марду зан ҷамъ шуда буданд.

— Ба ман муборакбодӣ кунед, —мегуфт Илмия, —устод ва муалими нав пайдо кардам.

— Аҷаб? —гуфт Нигора ном артистка. —Кӣ будааст, вай?

— Қумрихон-дия! —гӯён аз ҷониби Илмия ҷавоб дод Қамол ном артист.

— Ба ман омада мегӯяд, ки овозатонро ин тавр кунед, нафасатонро он тавр кунед! Гӯё ки ман шогирд бошаму он кас устод!

— Режиссёрамон он касро бисёр эрка кардаанд!

— Дигарон ҳам, ҳама ба пеши Қумрихон сар хам мекунанд.

— Ӯзбекҳо мегӯянд, ки «сув келтирган ҳорузор, кӯза синдирган азиз!» —гуфт Илмия. —Ин гап ба шаъни мо.

— Э, ту ӯзбекиро ҳам боб мекунӣ-ку! —гуфт як артисткаи миёнсол.

— Ӯзбекӣ надонӣ, —гуфт Илмия, —дар майдони ин «сойкелдиҳо» кор кардан мушкил. Охир, намегӯянд, ки ба ташкил кардан, ба сохтани ин театр киҳо ҳаракат кард, киҳо ҷонсупорӣ кард! Мо ошро дам кардему Қумрихон омада, кашида мехӯранд.

— Аслан худамо суст, забонкӯтоҳ барин, ҳар чӣ аз боло гӯянд, қабул мекунем.

— Рафиқон, —гуфт як артисткаи кӯҳнасолтар, ки ҳам

артистӣ мекарду ҳам суфлӯрӣ. —Ба фикри ман, ин г
ҳои мо хуб не! Сойкелдӣ-мойкелдӣ гуфта қиро мегӯе
Тоҷики худамонро!

— Ин тоҷикҳои шумо гуфтагӣ, —гуфт Илмия, —ӯзбе
хастанд, яъне ки нимашон ӯзбек ва нимашон тоҷик! Аг
лозим шавад, ба ӯзбек хизмат мекунанд, лозим наш
вад ба тоҷик!

— Қумрихонатон, —гуфт артисткаи миёнсол, —дар
Тошканд буд-ку. Назар ба шунидам, ба Ҳалимахон шо-
гирд шуда, нақши Гулсараро бозӣ кардааст.

— Акнун ба ин ҷо омада сабақ меомӯзанд! Ман ...

Илмия суханашро давом дода натавонист, аз дар Саидмуродов даромада омад:

— Ҳа, рафиқон! —гуфт вай. Сӯҳбат дар авҷ-ку! Ман халал додам? Зарар надорад. Гапи маро шунаведу хеста ба кор сар кунед, танаффус тамом шуд!

— Қамтар дам гирифтан намемонед, ака Саид! —гуфт ноз карда Илмия.

— Вақте ки спектаклро бо муваффақият гузаронем, —гуфт Саидмуродов, —ана баъд ҳамаамон чанд рӯз дам мегирем. Хӯш, гапи ман ҳамин. Мудирияти театр бо роҳбарони кор қарор доданд, ки шаби иди Октябрь, яъне дар ҳафтуми ноябрь ... чанд рӯз монд? Панҷу ҳафт, дувоздаҳ рӯз баъд примйера, яъне ки намоиши аввал мешашавад. Дар намоиши аввал, рӯзи ҳафтум нақши Нозгулро Қумрихон мебозад. Дар примйераи дуюм Илмияҷон! Ба ҳамин тайёр шудан лозим!

Инро гуфту ба ғурру писи баъзеҳо гӯш надода, Саидмуродов аз хона баромад. Дар хона будагон бо назари суол ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карданд.

— Ана, дидед, —гуфт Илмия аз ҷо бархоста, — рӯзи аввал Қумрихонашон бозӣ мекардаанд.

— Ин масъаларо ба директор гуфтан лозим.

— Бигузор худи Совет масъаларо яктарафа кунад!

Рӯзи дигар шӯрои бадеӣ ин масъаларо, яъне ки шаби аввали ба нақши Нозгул кӣ бароянд, ба хубӣ ҳал кард. Аксарияти режиссёрон ба тарафи Саидмуродов буданд ва қарор шуд, ки шаби аввал ба нақши асосӣ Қумрихон мебароянд. Ҳасудон нафас ба дарун шуданд, дигар илоҷ набуд.

Шаҳри Душанбе дар соли 1934 аз қаҳтӣ ва бадбахтиҳои солҳои 1930—33, базӯр, оҳиста-оҳиста қомат рост мекард. Акнун одамонеро, ки ба даруни қуттиҳои ахлот

даромада нони қоқу устухон меҷустанд, намедиданд. Лекин ҳанӯз ба нон ва дигар озуқавориҳо норма буд. Ба сари кас аз ним кило то ҳаштсад грамм нон мерасид. Гоҳ-ногоҳ гӯшту равған ҳам пайдо мешуд. Ҳукумат барои олимон, адибон ва аҳли санъат бартариҳо дода буд, ки онҳо гурусна намонанд. Дар бозор сабзавот, мева, орд, биринҷ, равған ва дигар чизҳо ёфт шуда меистоданд. Одаме ки пул дошт, бад зиндагӣ намекард.

Тирамоҳ буд, аввалҳои моҳи ноябрь. Ҳаво соф, на гармо, на сармо. Теппаҳо, доманакӯҳҳои атрофи шаҳри Душанбе намуди баҳоронаи худро гум карда, ба ранги заъфаронӣ даромада бошанд ҳам, имрӯз, баъд аз боронҳои муттасил, ки офтоби ҷаҳоноро баромада буд, ба назар зебо метофтанд. Кӯчаи калони ба номи Ленин почтаи марказӣ то сар шудани кӯчаи Путовский мерасид. Кӯчаи Путовский (аз назди иморати Компартияи ҳозира) ба сӯи ғарб, ба сӯи дарёи Душанбе мефуромад, ки кӯчаи чандон калон набуд ва ба дарё расида охир мешуд. Давоми кӯчаи Ленин кӯчаи ба номи Киров ба сӯи шимол мерафт, ки асфалт надошт. Дар ду тарафи он шимол мерафт, ки асфальт надошт. Дар ду тарафи ин кӯчаи борик дӯконҳо, ошхонаҳои қашқариҳо, чойхонаҳо буданд...

Ҳамон солҳо дар ҷиҳати ғарбии шаҳр, ки аз марказ, аз кӯчаи Ленин бо ялангии васеъ ҷудо мешуд, хонаҳои стандартӣ сохта шуда буд. Дар ин шаҳрак қариб чаҳордаҳ бинои дуқабатаи тахтагӣ сохта буданд, ки дар байни ҳар шаштои онҳо ялангие гузошта шуда буд. Дар ин ялангиҳо ахлотхона ва ҳоҷатхонаҳо буданд. Оби нӯшокиро дар аробаҳо, бӯчкаҳо меоварданд, ки аҳли шаҳрак сатилҳо ва зарфхоро пур карда мегирифтанд. Ин аробаҳо рӯзе ду-се бор меомаданд. Гоҳо машкобҳо «оби дарё!» гӯён дар китфҳо машки об, дар байни хонаҳо мегаштанд.

Дар яке аз ин хонаҳо амакзодаи Заҳириддини танбӯрӣ бо оилааш истиқомат дошт. Вай дар идораи кадом як маҷалла кор мекард.

Он рӯзи офтобӣ Заҳириддин кор надошт. Бинобарон ба дидани амакзодаи худ равон шуд. Аз кӯчаи Ленин ба тарафи кӯчаи М. Горький баргашта, аз назди биноҳои идораҳои газетаҳо ва маҷаллаҳо ва идораи маориф гузашта, ба воситаи ялангии васеъ ба шаҳраки стандартӣ рафтан гирифт. Дили вай дар хавотир буд, ки мабодо амакзодаашро ҳабс кунанд. Охир, аз аввали соли 1933

дар Душанбе чӣ қадар одамонро гирифта нобуд карданд! Абдулқодир Муҳиддинов ки яке аз инқилобчиҳои Бухоро, яке аз ҷонфидоиҳои давлати шӯроӣ буда, молу мулки худро дар роҳи озодии халқи Бухоро дареғ надошта буд, ҳоло дар ҳабс аст. Қомилӣ ки яке аз мунавварфикрон, яке аз ходимони давлат, яке аз ҷонфидоиёни ҳокимияти шӯроӣ буд, дар ҳабс аст. Бектош барин олими доно дар ҳабс аст. Боз намедонам киҳо, ки ҳабс шуданд... Пас, чаро амакзодаи ӯро ҳам ҳабс накунанд?! Вай, охир писари қозӣ-ку! Дар соҳаи идеология кор мекунад! Худоё худовандо, чӣ рӯзҳои мушкил ва ғамнок омад ба сари мардум! Чаро вай ҳамроҳи амакзодааш ба Душанбе омад ва баъд модару хоҳару бародарашро ҳам овард? Дар Бухоро ба як лаб нон қаноат карда мезистанд, чӣ мешуд! Бухоро ба ҳар ҳол марказ не, ГПУ-и он ҷо ба гумон он қадар серкор не. Баъд Заҳириддинро, ба ғайр аз аҳли гузарашон дигар кӣ мешинохт! Ё ки дар он ҷо ҳам гирогир сар шуда бошад? Кӣ медонад, дар ин қарибиҳо аз Бухоро ягон кас наомада аст, ки пурсад... Хайр, аз тақдир гурехтан намешавад. Ҳар чӣ кӣ шавад аз тақдирамон!

Бо ин фикру андешаҳои тира, Заҳириддин ба хонаи амакзодаи худ расид. Тақ-тақ зада даромад, ки амакзода ва янгааш дар хона будаанд.

— Салом, ха гурезпой! —гуфт амакзодааш дар дами дар ӯро дида. — Хайрият меомадай!

— Кор бисёр шуда монд. Салом. Шумо сиҳат-саломат ва хотирҷамъ ҳастед?

— Шукр, шукр, —гуфт амакзода, аз сари мизи корӣ бархоста ва занашро чеғ зада. —Собоҳатҷон, ҳо Сабоҳатҷон! Биё, Заҳириддинҷон омад.

Сабоҳат аз ошхона омада, бо хешаш пурсупос намуд.

— Модарарӯсатон нағз медидааст, —гуфт вай. —Оши палавро дам кардам.

Дар он рӯзҳо оши палав як хӯроки биҳиштӣ, як хӯроки хеле камёб шуда монда буд. Дар ин хона тайёр шудани оши палав то дараҷае Заҳириддинро хурсанд намуд.

— Ба хотири ҳамин оши палави шумо, ки дар ин айём ҳосилашро намедонам аз куҷо ва ба кадом роҳ пайдо карда, пухтаед, албатта модарарӯснок мешавам.

Ҳар се хандиданд. Меҳмонро ба хонаи калон таклиф карданд, ки столу стул надошт, ба фарши хона гилем

ва кӯрпаю кӯрпачаҳо андохта шуда буд. Ҳар се нишаста омин карданд.

— Пас аз се рӯз примйера, — гуфт, Заҳириддин. — Ба саҳна аввалин бор песаи мусиқӣ мебарояд, нақши асосиро Қумрихон бозӣ мекунад. Бинобарон шаб ҳам, рӯз ҳам машқ, хеҷ вақти холӣ нест.

— Бисёр нағз, ки ба рӯзи иди Октябрь тайёр кардед, —гуфт амакзода.—Спектаклатон бояд шӯҳрат ёбад.

— Қошкӣ, —гуфт Заҳириддин ва аз хаёл мегузаронид, ки амакзодааш аз гирогирҳо, дар бораи хавфу хатари ҳабс шудан гапе намезанад, маълум, ки аз худаш дилпур аст.

— Ман таърифи Қумрихонро шунидам, —гуфт амакзода. —Овози хуб доштааст, нағз мехондааст, бо ҳиссу шавқӣ баланд месурудааст; насиб бошад ба дидани песаи нави шумо меравам, агар илҳом шавад, як тақриз менависам.

— Нағз мешавад, —гуфт Заҳириддин.

— Қумрихонро, —гуфт Сабоҳатхон ба гап ҳамроҳ шуда, —хеле базеб, ба ҳусну ҷамол ва шӯх мегӯянд, рост аст?

— Рост, рост, —гуфт Заҳириддин. — Хеле шӯх, хандон, боақлу ҳозирҷавоб. Баъзеҳо бо вай гапгузаронак ҳам карда диданд, нашуд; ҳамаро мағлуб кард.

— Хайрият, —гуфт Сабоҳатхон, —театратон соҳиби як артисткаи бамаънӣ шудааст. Акнун корҳоятон пеш меравад.

— Қори ман танбӯрнавозӣ, —гуфт табассум карда Заҳириддин. —Кори театр пеш равад ба мо ҳам нағз мешавад. Истед, ки акаҷон, аз Бектошу дигар рафтагон асаре ҳаст?

— Мегӯянд, ки Бектош озод шудааст, аз дигарон хабар надорам.

— Хайр, ин ҷанҷолҳо тамом шуда истодааст-мӣ?

— Кадом ҷанҷолҳо?

— Гирогиру ҳабс карданҳо!

— Ба гумонам, дигар ҳеҷ каси ман медонистагиро ҳабс накардаанд. Органҳо одами бегуноҳро ҳабс намекунанд. Ман ба ин боварӣ дорам. Масалан Бектош, дар вақташ ба босмачиҳо котиб будааст, худаш гуфта буд. Як вақтҳо навишта буд, ки дар Осиёи Миёна тоҷик ном миллат нест. Ин тоҷик ман мегуфтагиҳо ҳама ӯзбекҳоянд, ки ба таъсири форсҳо монда, забонашонро гум кардаанд. Ин чӣ гап?! Акнун омада омада олими забон ва

адабиёти тоҷик шудааст. Албатта ин хел одамро гирифта месанҷанд.

Заҳириддин аз ин суханони амакзодааш ҳайрон шуда, гапе назад. Содда, амакзодаи содда! Наход, ки ҳамаи ҳабсшудагон гуноҳ дошта бошанд?! Наход, ки Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов душмани ҳукумат бошад?! Наход, ки Комилӣ аксулинқилобӣ бошад?! Не, амакзодаи соддаи ман ба органҳо, ба золимон, ба бераҳмон, ки одамони нағзро нобуд карда истодаанд, бовар карда, худашро далер гирифта гаштааст. Илоҳӣ ба вай офате нарасад! Ман бошам, ҳеҷ бовар намекунам, ҳамеша ҳушёр меистам! ... (Афсӯс, ки ин ҳушёр ҳам баъдтар дар зиндони КГБ нобуд гашт.)

> Чанд рӯзе мебарад бахти бад аз кӯи туам,
> Боз куллоби муҳаббат мекашад сӯи туам!

Зимистони Душанбе он солҳо умуман хунуки сахт намешуд. Оби ҷӯйҳо кам андар кам бо пардаи ях пӯшида мешуданд. Лекин хунук мешуд, барф меборид, гоҳо барфи мӯл меборид, аммо дандоншикан намешуд. Шояд, ин аз он буд, ки шаҳр аз тарафи шимол бо силсилаи кӯҳҳои Ҳисор, бо қуллаҳои баланд иҳота шудааст ва ин кӯҳҳо шамолҳои хунуку сахтро гузаштан намемонанд; ё чӣ тавре ки мегӯянд, дар кураи замин иқлим гирдгардон аст. Дар он ҷое ки як вактҳо зимистон ба шиддат, сершамол ва хунук меомад, пас аз гузаштани солҳо, бар акс, хеле мулоим омаданаш мумкин аст.

Он рӯзе ки дар садади тасвираш ҳастем, чӣ шуд, ки ҳаво хеле хунук буд. Машқхонаҳои театрро гарм мекарданд. Шаби ҳаштуми ноябр шаби аввали ба саҳна гузоштани песаи мусиқии «Нозгул» буд. Ба нақши асосӣ Қумрӣ баромад. Саҳнаро ду печка гарм мекарда бошад ҳам, бо кушода шудани парда, гармӣ ба толор фаромада рафт. Ба ҳар ҳол, артистҳо, ки бисёр ҳаракат мекунанд, аз хунукӣ наларзида, тамошоро ба охир расониданд. Он шаб раисони давлат ва арбобони ҳукумат ба дидани песаи нав омада буданд. (Афсӯс, ки ҳоло калонҳо ба театр қадам намегузоранд!). Толор ҳам пур аз ҳаводорони мусиқӣ ва овози форами Қумрӣ буд. Оҳангсоз спектаклро бо мақомҳои халқӣ ва «Шашмақом» оро дода буд, ки мардум лаззат мебурданд.

Бале, кист ки оҳанги хубу дилкаш, мақоми классикии «Шашмақом»-ро дар иҷрои ҳофизони хушхон шунаваду лаззат нагирад! Он вақтҳо мардуми шаҳр, тамошобинон аз мардуми имрӯза фарқ доштанд. Онҳо «Шашмақом» ва оҳангҳои хуши халқиро мефаҳмиданд ва лаззат мебурданд. Баъзеҳо, ҳатто ҳар шаб ба театр меомаданд, ҳар чанд ки он песаро дида-дида, аз ёд карда буданд, фақат мехостанд суруд ва мусиқӣ шунаванд. Гоҳо билет нарасида монад, тамошобинон розӣ буданд, ки аз қабати дуюм баромада мусиқӣ шунаванд. Ё ҳавсалаи мардум зиёд буд, ё театрҳо нисбат ба театрҳои имрӯза диққатчалбкунандатар буданд, ё тарбиядидагони мусиқии классикӣ бисёр буданд.

— Ман мунтазир мешавам, — гуфт Қумрӣ. Омадагон аз пардозхона берун шуданд.

Ба Қумрию Азиз аз хобгоҳи артистон як квартираи дуним хонагӣ дода буданд. Дуним хона ба ин маъно ки як хонаи калон ва як хонаи хурдтари дигар, ки мисли майдонча боз хоначае дошт ва дар он мизу курсии кории Азизу Қумрӣ гузошта шуда буд. Хонаи калон ба ҷои меҳмонхона ва хонаи дигар ҷои хоби зану шӯ буд.

Он шаб пас аз намоиш зану шӯ аз театр омадаву ба хонаи начандон гарм даромада дарро бастанд. Азиз ба ошхона рафта примусро даргиронда чой монд. Қумрӣ ба хонаи хоб даромада либосҳояшро иваз намуду ба ошхона рафт.

— Уввв, хунуке. — гуфт вай ба китфи шавҳараш овезон шуда. — Хайрият примусро гирондед, ошхона андак тафсидааст, об ҷӯшад, чойникро боз об пур карда монед. Об ҷӯшидан гирад, хона гарм шудан мегирад.

— Аз поён ҳезуму ангишт оварда печкаро тафсонам?

— Ҳозир печкаро алав кунед, пагоҳ хона гарм мешавад. Беҳтар ки дар ҳамин ошхона як пиёла чойу камтар нону мавиз мехӯрему ба таки кӯрпа медароем.

Кӯрпаи сӯрпахтаи мулоим ва баданҳои пурҳарорати ҷавонӣ дар як дам хунукиро аз онҳо дур кард.

Қумрӣ гуфт:

— Имшаб спектакл бисёр нағз гузашт. Ҳам машшоқон нағз навохтанд, ҳам шарикҳо нағз хонданд ва

тиҳа гирифт. Ба хонаю ҳавлии аз падараш мондаи Занҷира даромада зистан гирифт. Занҷира ҳам ба тақдираш тан дод. Аз бемардию бекасӣ ин осиёбон ҳам як соябон-дия, мегуфт ба худаш. Дар ҳақиқат рӯзҳо ва моҳҳои аввали «хонадомод» шудан, осиёбон хушмеҳрӣ кард, муомилаи нағз кард ва рӯзғорӣ Занҷираро серию пурӣ кард. Лекин оҳиста-оҳиста муомилааш бад шудан гирифт. Ба ҳар майда-чуйдаи зиндагӣ дахл карда, эрод мегирифт, гоҳо Занҷираро таъна мекард, ки зурриёт надорад! Хайр, гуноҳи Занҷира чӣ, ин кори худо, ин кори сарнавишт мегуфт Занҷира ба худаш. Ягона тасаллии хотири ӯ радио ва мусиқӣ буд.

Боре, вақто ки осиёбон ду-се рӯза ба кори осиёб нест шуда рафта буд; Занҷира радио гӯш мекард, ки диктор чунин эълон намуд:

— Дар назди микрофон артисти хушовоз, хонандаи машҳур Қумрихон Нодирова! Қумрихонро мардум «гули бодом аз Конибодом» меномиданд. Дар ҳақиқат Қумрихон яке аз гулҳои хушбӯи Конибодом, яке аз ситорагони дурахшони театри мусиқии пойтахт буда, тарбияи устодони машҳур, тарбияи устодон ва мақомдонҳои классикнавозро гирифтааст. Ӯро на танҳо дар Конибодому Хӯҷанд, балки Тошканду Самарқанду Бухоро ҳам медонанд ва машҳур гаштааст. Инак, Қумрихон ба шумо шунавандагони радио «Ушшоқи Самарқанд»-ро бо шеъри Зебуннисо хонда медиҳад.

— Ҳамшаҳраки ман! — гуфт бо худаш Занҷира. — Аз Конибодом, аз шаҳри раҳматӣ модари ман, аз шаҳре ки дар он хуни нофи ман рехтааст... Канӣ, канӣ шунавем!

Инро ба худ гуфта саропо гӯшу хуш гашт Занҷира. Қумрихон ҳам бо овози форами худ мақоми классикии «Ушшоқи Самарқанд»-ро ба хондан сар кард. «Ушшоқи Самарқанд» аз эҷоди ҳофизи машҳур — Ҳоҷӣ Абдулазиз мебошад, ки асли ӯ аз Қаротегин мебошад. Инро Занҷира медонист. Чӣ хуш ки эҷоди устоди қаротегинӣ — устоди ватан ва иқоматгоҳи ҳозираи Занҷираро ҳамшаҳрии ӯ месароянд!

Занҷира пас аз шунидани ашӯлаҳои Қумрихон осуда, танҳо нишаста натавонисту ба сараш ҷомача гирифта ба кӯча баромад ва ба ҳавлии ҳамсояи хушгап ва меҳмондӯсташ рафта даромад. Номи ҳамсояаш Гулмоҳ буд. Вай зане буд миёнсин, хушгил, хушгап ва

донишманд. Бисёр вақт занҳои гирду атроф барои иҷрои корҳои зиндагӣ ба назди вай омада маслиҳат мепурсиданд ва ба суолҳояшон ҷавобҳои қаноатманд гирифта мерафтанд. Шавҳари Гулмоҳ, ки имоми масҷид ва мактабдор буд, аз тарафи «фаъолон»-и маҳалла ба танқид ва сарзаниш гирифтор шуда, ҳамаи машғулиятҳои худро тарк карда, ҳатто аз масҷид қадамашро канд, хонашин шуда монда буд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки хайрият эшони Мирзо Алиро ба ҳабс нагигифтанд! Замонаҳо нобоб буд. Андак ҳушёрӣ накунед, ё муштзӯр, ё аксулинқилобӣ гӯён ба ҳабс мегирифтанд, бадарға мекарданд, нест мекарданд. Мирзо Алӣ, ки одами хайрхоҳи мардум, одами безарар ва босавод буд, пас аз хонанишин шуданаш, осуда монданро гирифта аҳли маҳалла ёрии худро дареғ намедоштанд. Занаш — Гулмоҳ бошад, дарзи касонро медӯхт ва рӯзғорашон ба қадри ҳол бад намегузашт.

Гулмоҳ Занҷираро хуш қабул карду суханони пурҳаяҷони ӯро, ки пас аз шунидани сурудҳои Қумрӣ бо ҳиссиёти баланд гуфта дод, гӯш карду гуфт:

— Рост мегӯед, ҳамсоя, ман ҳам дарз дӯхта истода кайф карда гӯш кардам. Ин Қумрихон куҷою Илмия куҷо! Ҳар рӯз овози чир-чири Илмияро шунида қимоб шуда будам.

— Илмия ҳам бад нею, — гуфт Занҷираи санъатшинос. —Лекин овозаш бисёр борик, зӯркатӣ месароянд. Ба ҳар ҳол хайрият ҳамин радио ҳаст, набошад кас аз зиқӣ дилкаф мешавад.

— Ҳофизию мусиқӣ гӯш кардан хубаст, лекин дигар кор накардан хуб не. Беҳуда зиқ мешавед. Дидед, ки зиқ шуда истодаед, аз ҷо хеста ба худатон кор ёбед! Агар босавод бошед, китоб хонед, саводатон набошад, ман барин дарздӯзӣ кунед. Агар дарз дӯхта натавонед, хонағундорӣ, ошпазӣ, ҳавлирӯбӣ кунед. Замини пиёзро хишова кунед, ба мурғҳо дон диҳед, гӯсфандонатонро обу хошок диҳед. Ана мебинед, ки зиқӣ аз саратон баромада рафтааст, хеле монда ҳам шудед. Як камтар дароз кашед ва ҳоказо... Ман ҳамин тавр мекунам, асло бекор зиқ шуда наменишинам.

— Раҳмат! Агар ман фарзанд медоштам, ҳеҷ гап набуд. Чӣ кор кунам, ки худо маро безурёт карда мондааст. Осиёбон ҳар рӯз сарзаниш мекунад. Бинобарон аз алам ба ҳеҷ кор дасту дилам намеравад.

— Осиёбон номаъқул кардааст! Ба гапҳои вай гӯш

накунед, ноумед нашавед, ба худо такя кунед, шояд раҳматонро хӯрад, шояд фарзанде шавад!

— Кошкӣ, —гуфт Занҷира, вале умедаш аз фарзанд тамом канда шуда буд.

Дар хона камтар хомӯшӣ ҳукм ронд. Гулмоҳ дарз дӯхта истода, нохост чизе ба хотираш расиду пурсид:

— Занҷираҷон! Шумо «Гули қоқо» ном гул ё растаниро шунидагӣ ҳастед, медонед?.

— Гули қо-қо.... — гуфт андешида Занҷира. — Не, намедонам. Аммо дар кадом афсона шунида будам. Барои чӣ мепурсед?

— Холаи артистка Илмия ду-се моҳ аст, ки дар хонаи кадом хешаш, дар маҳаллаи боло меҳмон аст. Кадом рӯз ба ин ҷо омада, аз ман ҳам дараки «Гули қоқо»-ро пурсид. Ман намедонам, гуфтам, ба чӣ дард даво будааст, гуфтам. Гуфт, ки ҳар кас агар бо чой дам карда хӯрад, рафта-рафта овозаш хаста мешудааст. Набошад, гуфтам чизи зарарнок будааст-дия! Онро кофтуков карда чӣ мекунед? Намедонам, гуфт, ба Илмия лозим будааст. Бо ҳамин гапамон тамом шуду холаи Илмия баромада рафт. Ман истода-истода фикр кунам, гадо —душман гадо, мегӯянд, ин Илмияи бадтол мабодо аз Қумрӣ рашк карда ӯро овозгир кунонад. Аз дасти рақиб ҳар кор меояд!...

Ин мулоҳизаи Гулмоҳ Занҷираро якбора девона кард.

— Вой мурам! —гуфт вай, —ин Илмияи бадтол овози ҷарангосии Қумрихонро гиронда, моро маҳруми шунидани мақомҳои дилнавози он кас карданӣ, мегӯед? Мо акнун чӣ кор кунем? Ҳамшаҳрии ман Қумрихон овозгир шаванд, охир...

— Қумрихон аслаш Ҳоитист магар?

— Не, аз Конибодом. Ман ҳам аз Конибодом, яъне ки хуни нофам дар Конибодом рехтагӣ,...

— Хайр, ман намедонистам. Модари марҳуматон аз Конибодом-а?

— Бале, падарам дар вақташ аз Ҳоит ба мардикорӣ рафта, дар Конибодом мемонанд. Дар заводи пахта кор карда, обрӯю иззат пайдо мекунанд. Баъд конибодомиҳо он касро ба модарам хонадор мекунанд. Пас аз панҷсола шудани ман модарам вафот мекунанд, падарам гирифта ба мулки худашон — ба Ҳоит меоранд. Дар ин ҷо як беваро мегиранд, ки вай ҳам то ба даҳсола шудани ман ҳамроҳи падарам бу-

ду баъд вафот кард. Дар ҳафтдаҳсолагиам, хонасӯхта мудири магазин ба ман хушдор шуда, кас мемонад, падарам розӣ мешаванд. Вакто ки вай беор пас аз як сол маро талоқ дод, падарам тоқат накарда қазо карданд. Ман танҳо мондаму ба дасти осиёбон афтодам.

— Ҳамин тавр гӯед?

— Ҳа, ман бо Қумрихон ҳамшаҳр? Акнун чӣ кор кунам, ҳамсоячони боақлам, ба ман ягон маслиҳат диҳед!

— Чӣ кор мекардед? Аввало саросема нашавед! Ин гули қоқо шояд афсона бошад. Агар ҳамин тавр ягон растанӣ мешуд, ман медонистам, ё ки бобои бачаҳо медонист. Мо ҳатто ин номро бори аввал мешунавем. Агар бисёр дилтангӣ кунед, дар ин бора Қумрихонро огоҳ кунед, гӯед, ки ҳушёр шавад, аз дасти рақибаш чою об нанӯшад.

— Қумричонро чӣ тавр огоҳ мекунам? Ман дар Ҳоит, вай дар Душанбе.

— Ба ягон каси мерафтагӣ хат навишта фиристонед: Ё ки... Дар ин дам аз берун шавҳараш Гулмоҳро чеғ зад.

— Мирзо аз саҳро омаданд, ман рафта ба он кас ёрӣ диҳам... боз гап мезанем.

Занчира ба хонааш рафт. Дар хона танҳо нишаста фикр мекард, андеша меронд, ки чӣ тавр ин даҳшатро ба Қумрӣ хабар диҳад. Аввал хаёл кард, ки коре карда, зорию зӯран карда осиёбонро ба Душанбе фиристонад ва гӯяд, ки ба театр рафта Қумрихонро ёбад ва огоҳ кунад, ки душманонаш бар қасди овози вай ҳастанд... Боз ба худ гуфт, ки осиёбон корашро монда, кушед ҳам ба Душанбе намеравад ва парвое ҳам надорад, ки Қумрӣ беовоз мемонад. Пас чӣ бояд кард? Ягона илоч рафтани худаш, ба Душанбе сафар кардани худаш мебошад. Оё осиёбон ба ин розӣ мешавад? Не, ҳаргиз!... Нохост фикри ӯро чорае равшан кард. Ба осиёбон мегӯяд, ки дар Душанбе як духтурзанак пайдо шудааст, ки занҳои нозойро дорую даво карда бачадор мекардааст, осиёбон ичозат диҳад, Занчира худашро рафта, ба воситаи дугонаи шаҳриаш — Маҳбубахон, ба духтур даромада, табобат карда бармегардад. Шояд духтур сабаб шаваду ба онҳо фарзанд диҳад....

Осиёбон ба ин таклифи Занчира на ҳа гуфт, на не;

кӯрпаро ба сараш кашида хобид. Занҷира гирист. Худро таҳқир шуда, нотавон ва бечора ҳис намуд. Гирист, гирист ва ба худ азм намуд, ки бе иҷозати ин мардаки сангдил, аз пулҳои меросмонда ва руст кардааш камтар гирифта, дар вақти набудани осиёбон ба Душанбе меравад. Аммо баракс, осиёбон рӯзонаҳо ҳам аз ҳавлӣ хабар мегирифтагӣ шуд. Ба гумон қасди Занҷираро пай бурд. Аз миён ду ҳафта гузашта буд, ки нохост як хеши наздики осиёбон омада, ӯро ба қишлоқи худаш гирифта бурд. Ман зуд бармегардам, гуфт вай дар вақти аз ҳавлӣ баромаданаш. Вақто ки вай рафт, Занҷира аз ҳамсояаш дараки ҳавлии касеро, ки холаи Илмия ба ӯ меҳмон шуда омада буд, пурсиду кофтуков карда ёфт ва фаҳмид, ки холаи Илмия даҳ рӯз пештар ба Душанбе баргаштааст.

— Хайр, алафи кофта гаштагиашро ёфт, ё не?

— Намедонам, — гуфт соҳиби ҳавлӣ— ким-чи хел алафҳоро ҷамъ карда гирифта бурд-ку, дар он миён гули қоқо буд ё не ба ман хабар надод. Ман ҳам пурсиданро раво надоштам.

Ин хабарро шунида ба дили Занҷира боз хам хавл афтод ва қарор дод, ки худи ҳамин рӯз ба Душанбе меравад.

Он рӯз спектакл набуд. Қумрӣ дар соати панҷи рӯз аз театр ҳамроҳи Занҷира ба хона баргашт, ки Азиз аллакай омада, оши паловро дам карда мондааст.

— Ман як меҳмони азиз ва дӯсти меҳрубонамро овардам,— гуфт Қумрӣ ва бо Занҷира, бо воқеаи гули қоқо Азизро шиносонду илова намуд.— Аз ҳамин рӯз сар карда ману Занҷира апаю хоҳар шудем.

— Бисёр нағз, —гуфт Азиз. — Ман хурсанд, ки санъат ва ҳунари шумо аз Ҳоит барин ҷо мухлис ёфтааст.

Занҷира шарм карда намедонист, ки чӣ гӯяд:

— Ман бо дилтангии худ шуморо ба ташвиш мондам.

— Ҷаро ташвиш бошад! — гуфт Азиз. — Шумо моро аз як хавф ва даҳшат огоҳ кардед. Истед, ки Қумрихон шумо дар ин байн аз чойи алафноки Илмия-ку нахӯрдаед?

— Хӯрдам, — гуфт Қумрӣ Азизу Занҷираро дар ҳайрат гузошта. — Як рӯз, дар ҳамин қарибӣ баъд аз машқ ташна монда, ба фоэ баромада бинам, Илмияю

дугонаҳояш чой нӯшида нишастаанд. Чой доред гуфта пурсидам, Илмия гуфт, ки як чойи аҷоиб дорем, аз алафҳои кӯҳӣ. Ҳам хушбӯ, ҳам давоӣ: одами як пиёла нӯшидагӣ хушовозу зебо мешудааст. Инро гуфту аввал ба худаш як пиёла кашид, баъд ба ман ба пиёлаи дигар кашида дод. Ман як-ду қулт нӯшидам, маъқул нашуд, пиёларо мондам. Аммо худаш пиёларо тамом даркашид.

— Бедарак кардед! — гуфт Азиз.

— Илоҳо, худо нигаҳ дорад, хоҳаракам! — гуфт Занҷира. Аммо Қумрӣ хандид.

— Агар он чойи ман як-ду қулт нӯшидагӣ заҳр бошад, худи Илмия як пиёла нӯшид-ку! Баъд, ман ба ин афсонаи гули қоқо бовар намекунам. Овозам, худоба шукр аз аввала хубтар асту бадтар не.

— Ба ҳар ҳол, — гуфт Занҷира, — баъд аз ин эҳтиёт кунед, Қумрихон! Шумо барои мардуми мо қимат ҳастед.

— Раҳмат, апаҷон! Эҳтиёт мекунам. Акнун гӯед, ки аҳволи худатон, зиндагиатон чӣ тавр аст?

Занҷира ба таври мухтасар аҳволи на чандон хуби худро баён намуду илова кард: —Метарсам, ки осиёбон маро зада накушад, охир, ман бе ҷавоби вай хеста омадам.

— Ҳад надорад! — гуфт Азиз. — Агар хайр гӯед, ман худи пагоҳ ё ҳамин бегоҳ ба котиби обкоми Ғарм телефон мекунам ва мегӯям, ки осиёбонро огоҳ карда монанд, агар ба шумо осебе расад, ҷабре кунад, ҷазояшро дода монанд.

— Не, даркор не, — гуфт Занҷира. — Фақат, агар ёрӣ дода маро ба ягон духтури занона нишон медодед, вай ба ман дорую даво медод, ки омада табобат карданам маълум шавад, кифоя!

— Ин кор аз ман расад, — гуфт Қумрӣ. — Профессори бемориҳои занона дугонаи худам, пагоҳ, аввали рӯз ба наздаш меравем.

Азиз ошхона рафта оши палавро кашид.

Акнун Қумриро ғанаб мебурд, ки дарро тақ-тақ заданд. Азиз аз ҷо хеста, ҷомаро ба китф гирифта дарро кушод. Аз берун Назокат ном артисткаи ҷавону шӯху хандон узр гуфта ба хона даромад:

— Вой, вая! Ба айшатон халал расондам, мебахшед ,акаҷон!

— Ба айши мо не, —гуфт Азиз, —ба хоби Қумрихон халал додед.

— Ҳа, шайтонча! —гуфта аз болишт сар бардошт Қумрӣ, — чӣ кори зарур баромад, ки дар нимй шаб ба хонаи мардум омада мегардӣ?

— Қори зарур ҳам гап! — гуфт қоҳ-қоҳ хандида, Назокат. — Пагоҳ ҳамроҳи шумо ба Ғарм мерафтаам. Ин бахт, ин хурсандӣ хобро аз чашмам дур кард. Омадам, ки ҳаминро гӯяму пурсам, ки соати чанд ба аэропорт меравем?

— Боз киҳо мерафтааст, — пурсид Қумрӣ.

— Ману шумою ака Наҷмиддину Заҳирахони ҳофизу дойрадаст Сироҷиддин.

— Фақат ҳамин? Раққоса як худат?

— Агар шумо хондан гиред, ман аз аввали шаб то саҳар рақс кун, гӯед, рақс кардан мегирам!

— Хайр, рафта хоб кун! Мошин ки омад, тӯро чеғ мезанем.

Назокат тохта баромада рафт. Зану шӯ, дигар, то хеле вақт нахобиданд. Азиз илтимос мекард, ки майлаш, бо самолёт ба Ғарм раваду ҳамроҳи дигарон бо самолёт биёяд. Аммо Қумрии якраҳа, не мегуфт, ин тавр фурсати дигар кай муяссар мешавад, ки вай қабри Каримҷон Ҳусейнзодаро зиёрат кунад, рафта аз ҳоли Занҷираи сарсахт хабар гирад! Қарибии соати ду ҳар ду ҳам монда шуда хобиданд.

Рӯзи дигар ҳаво соф, офтоби баччакушак аз уфуқ баланд шуда буд, ки самолёти махсус бо раис — Қудратулло ва артистон ба ҳаво баланд шуд. Самолёти дуболан нав, бемалол баланд баромаду ба роҳаш ба сӯи Ғарм гирифт. Дойрадаст ва ҳофиз Сироҷиддин ва Заҳирахон, ки аввалин бор бо самолёт мепариданд, аввал андак тарсиданд, рангашон парид ва ба такягоҳи курсии пеш часпида чашмонашонро пӯшиданд. Ин ҳол боиси хандаи дигарон гашт.

— Ака Сироҷ, ҳо ака Сироҷ! — гуфт Назокати шӯх, ки дар паҳлӯи ӯ менишаст.—Натарсед, чашмонатонро кушода аз дарича ба берун нигоҳ кунед! Ин манзараҳои аҷиброе дар хоби шабатон дида наметавонед!

Начмиддини ғиччакнавозу Заҳириддин паҳлӯ ба паҳлӯ нишаста буданд. Начмиддин наметарсид.

— Дар поён ман-ман гуфта мегардеду, — гуфт ба Заҳириддин, — дар ҳаво ин қадар буздил шудед?!

— Чон ширин! — гуфт чашм кушода ва каме худро далер дошта Заҳириддин. — Ба ҳар ҳол мошин-дия, нохост дар ҳаво вайрон шуда монад....

— Ин тавр нагӯед-э! —гуфт Начмиддин. — Аз даҳонатон шамол барад! Насиб бошад сиҳат саломат ба Ғарм рафта мефуроем. Ана, аз Файзобод гузаштем.

— Аллакай аз Файзобод?

— Ха, — гуфт раис — Қудратулло. — Пас аз понздаҳ дақиқа мефуроем.

— Хайрият, — гуфт Заҳириддин.

— Раисчон!, — гуфт Қумрӣ, ки аз ҳама қафотар менишаст. — Чон ширин бошад, ё ҳалво?

— Албатта ҳалво-дия! — гуфт хандида раис. — Халқи Ғарм дар идҳо ҳалвои бисёр ширин тайёр мекунанд, ки хӯред, чонатон ширинтар мегардад.

— Халқи Ғарм, — гуфт хандида боз Қумрӣ, — мегӯянд, ки милиса шуданро дӯст медоранд ва қариб ҳамаи милисаҳои Душанбе ғармиҳоянд, рост бошад?

— Полковник Дӯстов, ки калони милиса аст, аз Ғарм аст, барои ҳамин ба гирду атрофаш ғармиҳоро тӯб кардааст.

— Кошкӣ шумо аз Конибодом мебудед! — гуфт хандида Қумрӣ. — Ҳамаи калонҳои шаҳрамон конибодомӣ мешуданд.

Раис хандиду ба нозукии гапронии Қумрӣ қойил шуд.

— Ман, —гуфт Қудратулло, — аз Конибодом набошам ҳам, бисёрии калонҳои Точикистон аз Конибодому Хӯчанданд. О, мақоли ҳачвиро нашунидед? Мегӯянд, ки ленинободиҳо идора мекунанд, ғармиҳо ва кӯлобиҳо ҳимоя мекунанд, яъне қаровулӣ мекунанд, помириҳо мерақсанд, қӯрғонтеппагиҳо пахта мекоранд. Ин мақол то як дарача ҳақиқат дорад.

— Находки ленинободиҳо фақат идора кунанд? — пурсид Назокати шӯх. — Пахтаю меваю сабзавот ҳам мерӯёнанд-ку!

— Гапи ту ҳам чон дорад, духтарам, — гуфт раис. — Лекин аз баски бисёранд, дар идораҳои мо онҳо аксариятро ташкил медиҳанд. Охир, ҳамаи шаҳрҳои қадимаи точиконро ӯзбекҳо гирифтанд. Ба мо, ба точикҳо кишлоқи Душанберо марказ карда доданд. Аввал

ягонта шаҳр надоштем. Пас аз доду фарёди мардуми вилояти Ленинободро ба Тоҷикистон ҳамроҳ карданд, ки мо соҳиби як-ду шаҳри қадима ва кадрҳои хондагию босавод гаштем. Боз чанд соли дигар лозим аст, ки аз Кӯлобу Ғарм, аз Душанбею Ҳисор кадрҳои босавод расида бароянду ба сари кор оянд.

— Рост мегӯед, раис, — гуфт Қумрӣ. — Ана, дар байни мо санъаткорон ҳам фақат усто Сироҷи дойрадаст аз Ҳисор ҳастанду бас. Дигар ман аз Конибодому Назокат аз Исфара, Заҳириддину Наҷмиддин аз Бухоро...

— Ҳеҷ гап не! — гуфт раис. — Мардуми Ленинобод, Самарқанду Бухоро азони худамон, кадрҳои тоҷики худамон. Шумо ҷавонҳои кӯҳистониро тарбия мекунед, онҳо ба воя расида санъати тоҷикро бой, обод ва гулгун мекунанд.

Онҳо ба сӯҳбат андармон шуда, ба Ғарм расиданни худро нафаҳмида монданд. Омадагонро калоншавандагони Ғарм бо рӯи кушод ва меҳмоннавозона пешвоз гирифтанд.

— Хуш омадед, — гуфт дасти Қумриро фушурда раиси Комиҷроияи вилоят. — Ҳар қадам мондед, болои дида, тоҷи сар!

— Саломат бошед, раис, — гуфт шӯхона Қумрӣ. — Болои дида ва тоҷи саратон моро мамнун ва шод мекунад, агар замини Ғарм наларзад, наҷунбад. Мо бемалол қадам монда гаштан гирем, сад бор шукр мекунем.

Ҳама хандиданд.

— Қумрихони мо бешӯхӣ истода наметавонад, — гуфт Қудратулло.

— Ба шӯхӣ ҳам ҳунар даркор! — гуфт раиси комиҷроия. — Қумрихон, агар замин ҷунбад, мо шуморо ба рӯи кафи дастонамон бардошта мегардем.

Артистонро ба меҳмонхонаи махсуси комиҷроия бурданд. Раис — Қудратулло ҳамроҳи котиби обком ба идора рафтанд, ки машварати маҷлисро кунанд.

Ғарм шаҳрчаест як қабат, дар баландии соҳили дарёи Сурхоб ҷо гирифтааст. Аэропорти он дар поёнтар, ҳафт-ҳашт километр дуртар аз шаҳрча дар ҷои васеъ ва ҳамвор вокеъ гаштааст, ки роҳи калони мумфарш аз он ҷо ба шаҳр мебарад. Дар нимаи роҳ идо-

раи зилзиласанҷӣ воқеъ гаштааст. Дар бораи корҳои ин институт раис Қудратулло ба Қумрӣ ва шариконаш маълумоти муфассал дода гуфт:

— Асбобҳои нодир ва камёб доранд. Дар кадом нуқтаи рӯи замин зилзила шавад, инҳо медонанд. Ҳоло кор карда истодаанд, ки зилзиларо пештар фаҳмида мардумро огоҳ кунанд.

— Барои чӣ омада-омада ин институти муҳимро дар Ғарм сохтетон?—пурсид Қумрӣ.

— Олимҳо мегӯянд, ки — гуфт раис, — чоки калони замин, ки аз кӯҳҳои Ҳисор гузашта, ба сӯи Афғонистон, Хитой ва Ҳиндустон меравад, аз ҳамин ҷо калонтар шуда мегузаштааст. Мо то як дараҷа ба болои деги ҷӯшони замин истодаем. Дар оянда бояд биноҳоро чунон созем, ки ба зилзилаҳои сахт ҳам тобовар шаванд.

— Не, раис, — гуфт шӯхона Қумрӣ, — одамҳоро хуб сер кунед, вазнинтар кунед, ки бо вазни худ заминро зер карда,ҷунбондан намонанд.

Ҳама хандиданд. Онҳоро мудири маориф ба меҳмонхона бурда, ҷойгир кунонид ва дар худи ҳамон ҷо камтар зиёфат ташкил намуда, ноштои кори калон муҳайё намуд. Дар сари дастурхон Қумрӣ пурсид:

— Истед, ки дар ин шаҳрча ягон клуб, ягон дастаи ҳаводорони санъат вуҷуд дорад ё не?

— Ҳа, — гуфт мудир, — клуб дорем, ҷавонҳо ҷамъ шуда ба санъат ва бозиҳои дигар машғул мешаванд. Дастаи санъаткорони мо ҷандон бад не, сурудҳои нағз доранд, менавозанд.

— Бисёр нағз, — гуфт Қумрӣ, — набошад, ҳозир ба ҳамон клуб меравем, машшоқон ва ҳофизонатонро ҷамъ кунед, камтар сӯҳбат карда, машқ кунем, то ки имшаб консерт хубтар гузарад.

Онҳо ба клуб рафтанд, ки ҳаваскорон аллакай ҷамъ шуда, ба машқ сар кардаанд. Албатта, омадани меҳмонҳоро дида камтар дасту по хӯрданд ва машқро нотамом монданд.

— Машқ кардан гиретон! — гуфт Наҷмиддин. — Шарм накунед, мо ҳамкасбони шумо ҳастем.

— Ҳа, мо мехоҳем, ки аз шумо сурудҳои нав омӯхта гирем, — гуфт Қумрӣ. — Баъд, насиб бошад, ҳамроҳ сароем.

Ҳаваскорҳо табассум карданд ва яке аз онҳо гуфт:

— Мо сурудҳои халқиро мехонем, аз «Шашмақом» хабар надорем.

— Мо ҳам омадем, ки сурудҳои халқиро бисёртар омӯхта гирем, — гуфт Қумрӣ. — Аз суруди халқӣ беҳтараш мешавад? Лекин суруди халқиро нағз карда хондан лозим. Қанӣ, сар кунетон!

Ҷавонҳо думбура ва ғижжакҳояшонро, ки иборат аз қуттии дастадори ранга буд, ба даст гирифтанд ва як мақоми дилнишинеро навохтанд. Ба ин мақом ҳамон ҷавоне ки мо суруди халқӣ мехонем, гуфта буд, ин рубоиро замзама кард:

Аз дур бидидам лаби пурхандаи ту.
Озод будам, боз шудам бандаи ту.
Ҳар банда, ки озод шавад, шод шавад,
Ман шод аз онам, ки шавам бандаи ту!

— Офарин, офарин! — гуфт Қумрӣ. — Қанӣ, аз духтарҳо кӣ мехонад?

Як духтар ки ба тан куртаи чакани нимдошт, ба сар сарбанди шоҳии гулдор дошт, аз ҷо бархост. Машшоқон як мақоми маълумро ки кадом оҳангсози мо навишта буд, навохтанд ва духтар шеъри Лоҳутиро, ки «Ошиқам, ошиқ ба рӯят» ном дорад, ба ҳамон ҳаво дароварда хонд. Ин ҳам ба меҳмонҳо маъқул шуд. Баъд «Ёри мастҷоҳӣ»-и Лоҳутиро хонданд. Он гоҳ Қумрӣ ба саҳна баромаду фармуд, ки навозандагони омадагӣ ҳамроҳи мизбонон навозанд ва худаш сар карда, бо овози ҷарангосӣ сурудан гирифт ва ба духтари ғармӣ ишора кард, ки бо вай ҳамроҳ шавад...

Ҳамин тавр, дар байни ду-се соат омадагон ду мақом ва суруди халқиро аз соҳибони хона омӯхтанд ва худашон ҳам ба онҳо сурудҳои дилнишинро омӯзонданд. Ҳама бовар дошт, ки имшаб консерт ба дараҷаи аъло мегузарад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Рӯзи дигар раиси давлат бо артистон хайру хуш карда рафт, онҳоро ба роҳбарияти вилоят супорид, ки бурда қабри Каримҷон Ҳусейнзодаро нишон диҳанд ва баъд ба Хоит баранд, дар бозгашт бо самолёт гусел намоянд.

— Мо ҳам бо ҳамин самолёти омадаамон мерафтем, хуб мешуд! — гуфт Заҳириддини танбӯрӣ.

— Зиёрати қабри шаҳидон ва дидани шаҳри Хоит чӣ? — пурсид Қумрӣ.

— Ин чоҳоро дар ягон вақти дигар ҳам дидан мумкин. Рафту дар бозгашт ҳаво нашавад, рафту самолёт напарад.

— Хайр, бо мошин, бо автомобил, роҳҳоро тамошо карда меравем.

— Биёед, акнун, — гуфт Наҷмиддини ғижжакнавоз, — гапа дароз накунед! Аз дусар самолёт рафт, тақдири мо дар дасти Қумрихон!

— Тақдири шумо чаро дар дасти ман мешудааст?! Тақдири ҳар кас дар дасти худаш! Қабри шаҳидонро зиёрат кунед,худо сафаратонро бехавф мекунад.

Мудири маориф, ки то ба Ҳоит бурда овардани онҳоро ба зима гирифта буд, як автомобили сабукрави УВАЗ гирифта овард.

— Ин мошинро маҳз барои вилояти мо сохтаанд, — гуфт вай. — Ҳам бақувват, ҳам кӯҳгард, ҳам дарунаш васеъ — ҳафт кас ҷо мегирад. Марҳамат!

Меҳмонҳо ба мошин нишастанд. Роҳ пурпечутоб бошад ҳам, роҳи калон ва сангфарш буд. Дар роҳ мудири маориф воқеаи ба Ғарм ҳуҷум кардани Фузайл Махсумро мухтасар баён кард.

Пас аз як чанд километр роҳ гаштан дар водии васеъи чордевор — қабристони муаллимони шаҳид пеш омад. Ҳама аз автомобил фуромада ба қабристон даромаданд. То ба он рӯз ба болои қабрҳо на як санги ёдгорӣ, на як ҳайкал, на як лавҳае буд. Ҳар кӣ донад, ба ин ҷо истода дуою фотиҳа хонда мегузашт, надонад, асбу харашро ҳай карда роҳӣ шудан мегирифт. Дар миёни омадагон дойрадаст, ки аз ҳама калонсинтар буд, дону нодон аз сураҳои Қуръон чизеро хонду ҳама даст бардошта омин гуфтанд.

Баъд аз ин ҳама аз ҷо бархоста аз қабристон берун баромаданд ва ба автомобил савор шуда, ба роҳи худ давом доданд. Маълум шуд, ки ҳоитиҳо ба онҳо чашмдарроҳ будаанд. Хушу хурсандона пешвоз гирифтанду рост ба сари дастурхоне ки дар яке аз хонаҳои калони гачкорӣ ва гулу гулбуррӣ густурда шуда буд, гирифта бурданд. Дар байни пешвозгирандагон котиби комитети партияи ноҳия, раиси комиҷроияи ноҳия ва дигарон буданд. Аммо дар берун, дар майдони васеи байни шаҳрча одами бисёр ҷамъ шуда буд. Меҳмонҳо камтар наҳорӣ карданду дам гирифтанд.

— Рафиқон, роҳбарони Ҳоит! — гуфт Қумрӣ. —

Мебинам, ки мардуми Ҳоит ба омадани мо мунтазир будаанд. Шумо медонед, ки дар байни онҳо Занчира ном хоҳараки ман ҳаст. Вай зани мазлумаи кадом як осиёбон аст. Аз чабру зулми осиёбон рӯзаш сиёҳ аст. Агар мумкин бошад, ӯро ёфта ба ин чо биёред.

Ҳамин вақт Занчира аз дар даромада омад.

— Ман дар пушти дар будам, — гуфт вай, — мунтазир будам, ки кай шумо берун мебароед.

— Биё хоҳаракам, биё! — гуфт Қумрӣ. — Аҳволат, саломатию зиндагониат чӣ тавр?

Мардум чапак заданд. Қумрӣ хоҳархондашро ба болои кат бароварда, аз паҳлӯи худ чо дод. Мусиқӣ навохтанд, Назокатча ба майдон даромада, рақси дилкашеро сар кард. Мардум, ки аз воқеаи Занчира ба ҳаяҷон омада буданд, оҳиста-оҳиста ба мусиқӣ ва рақс дода шуда, осуда гаштанд.

Дар вақти бозгашт аз Ғарм ҳаво ва табиат онҳоро дастгирӣ накард. Ҳамон бегоҳие ки онҳо ба шаҳри Ғарм баргашта буданд, аз тарафи ғарб шамоли сахте вазида, осмони нилгунро бо пардаи абрҳои ғафси тираранг пинҳон кард. Шаб борон борид. Қумрӣ ва шариконаш зиқ ва хафа шуданд. Пагоҳ оё ҳавопаймо меояд, ё не. Дар ин чо бисёр мондан ҳам мумкин не; дар шаҳри Душанбе театр ба онҳо маътал, машқ кардан лозим, песаи «Ҳалима»-ро ба саҳна гузоштан мехоҳанд.....

— Чӯраҳо! — гуфт ба рафиқонаш хитоб карда Қумрӣ. —Асло ғам нахӯред!! Ман дуо мекунам, ҳаво мешавад, самолёт мепарад. Агар рафту нашавад, бо автомобил, роҳҳоро тамошо карда меравем!

— Дар ин ҳавои бад автомобил ҳам хавфнок будагист, — гуфт Заҳириддин.

— Шофирҳои ин чо ҳунарманд, — гуфт Одили дойрадаст. — Аз ҳеч чиз наметарсанд, роҳ ҳам бад не.

— Ҳа, — гуфт Занчира. — Ман аз Душанбе омада дида будам, роҳ бад не . Қад-қади дарёи Вахш меравад.

— Ҳеч гап не, — гуфт боз Қумрӣ. — Ака Заҳир, биёед, якто машқ кунед, ман овози танбӯр, хусусан навохтани шуморо дӯст медорам. Ягон чиз аз шашмақом бошад.

Ин таклифи Қумрӣ гӯё ба хонаи нимторики онҳо

равшанӣ даровард. Заҳириддин, ки танбӯрчии беҳамто буд, аз болои сараш танбӯрро гирифта аввал торҳояшро зилубам карду баъд «Сараҳбори наво»-ро ба навохтан сар кард. Ин мақом ба дили ҳар шунаванда оромӣ, тасаллӣ, кайфияти хуб ва сафо мебахшад. Торҳои танбӯр, гӯё аз нохун задани Заҳириддин меналиданд, ба кас воқеаҳо, саргузаштҳои ишқу муҳаббатро нақл мекарданд. Худи калимаи «Наво» одамро аз чизҳои бисёре хабар медод. Сарахбори наво вазнин-вазнин сар шуда, ба авҷи калон мебарояд, нола мекунад, фиғон мебардорад, оҳ мекашад, аз фироқи ёр, аз муҳаббат хабар медиҳад...

— Э, воеэ! — гуфта монд Қумрӣ, вақте ки Заҳириддин авҷро мегирифт. — Ҷон-э, фидоеl

Қумрӣ дар ҳақиқат барои санъат, барои ишқу муҳаббат, барои нафосат ва бадеият зоида шудааст. Нолаҳои танбӯрро вай мефаҳмид, чуқур ва амиқ дарк мекард. Торҳои асаб, дил ва майнаи ӯ ба овози танбӯр ҳамсадо мегаштанд ва ӯро аз ин олами пуршӯр, ба олами рӯҳонӣ, ба олами аҷоиби ишқу муҳаббат, ба олами санъат мебурданд....

Рӯзи дигар ҳам ҳаво кушода нашуд. Раиси комитети иҷроия омада хабар дод, ки ҳавопаймо дар ин ду-се рӯз намешудааст. Агар розӣ бошанд, онҳоро бо автомобили сабукраве ки бо он ба Ҳойит рафта буданд, ба Душанбе гусел мекунанд. Роҳ нағз, мошинҳо рафта, омада истодаанд.

Ба ин таклиф ҳама розӣ шуданд ва зуд чизу чораҳоро ғундошта, савори мошин гаштанд. Роҳ умуман бад набуд. Лекин роҳи кӯҳӣ, як тараф девори сангини кӯҳ, як тараф ҷарӣ, дарёи Вахш. Аммо рونанда хеле ҳунарманд буд, меҳмонҳоро беозор гирифта мебурд.

— Падари ман ҳам шофир, ронанда буд, — гуфт, вай. — Вақто ки ин роҳро месохтанд, бо мошини боркаши худ ба дарё ҷар шуда, нобуд гашт. Акнун ман аз ин роҳ ниқор мегирам. Ба Душанбе, ба Оби Гарм, ба Комсомолобод ин роҳро зер карда бисёр мегардам, ва ҳар бор мегӯям; роҳ бошӣ, мошини маро бардор; падарамро куштӣ, лекин маро кушта наметавонӣ! Ин роҳ бо хуни дили падарони мо сохта шудааст, бояд моро озор надода ба манзил бирасонанд.

— Илоҳӣ омин! — гуфт Қумрӣ ним ҷиддию ним шӯхӣ. — Замину роҳ ҳам санъатро дӯст медоранд.

Агар ман ба ҳавои сабуки рақсӣ суруд хондан гирам, қайроқчаҳои роҳ часту хез кардан мегиранд.

— Қошкӣ якто хонда медодед — гуфт ронанда.

— Ҳам хонаму ҳам диҳам? Ман ду корро дар як вақт карда наметавонам.

Ҳама хандиданд, ронанда аз хиҷолат суп-сурх шуд.

— Майлаш, ман мехонам, лекин ту, додарам ба *хондани ман дода шуда, рули мошинро фаромӯш на*кун!

— Ҳа, — гуфт Заҳириддин, — дар ягон сари чашма истода, камтар аз ин гӯшту нону фатиру қаймоқи додагиашон тановул кунем ва зам-зама карда боз ба роҳ давом диҳем. Хайрият, ки борон монд.

— Ин маслиҳати хуб! — гуфтанд ҳама.

— Дар ҳамин қарибӣ як ҷои хуб, чашмаи аҷоиб ҳаст, — гуфт ронанда. — Дар он ҷо наистода гузаштан гуноҳ!

— Бисёр хуб, — гуфт Қумрӣ, — Дар ҳамон ҷо камтар дам мегирем.

Дар сари роҳ як майдончаи сабзу хуррам пайдо шуд, ки аз зери девори он як чашмаи босафое мебаромад ва обаш бо ҷӯйчаи хурде шорида ба поён мерафт. Гирду атрофи майдонча бо дарахтҳои ҳамешабаҳор арча ва буттазорҳо иҳота буда, маълум шуда меистод ки роҳгузарон албатта дар ин ҷо истода мегузаранд.

Ронанда ва дигарон хизмат карда, аз автомобил шолчае бароварда ба ҷои ҳамворе партофтанд, ҷойи нишаст дуруст карданд, пас дастархон паҳн карда, нону фатиру гӯшти яхнӣ ва тухм пора карданд, аз чашма ба қадаҳи тунукагии ронанда об гирифтанд ва як ноштои амирӣ карданд. Баъд Қумрӣ ба шеъри Камоли Хуҷандӣ: «Гуфтам давои дарди диламро хате навис: Гуфто давот чун бинависам, давот нест» Ушшоқи Самарқандро хонд. Ҳама хурсанд шуда аз ҷо бархостанд ва чизу *чораҳоро ғундошта ба мошин ни*шастанд, хуррамона ба роҳашон давом карданд. Афсӯс, ки хурсандии онҳо дер давом накард. Ба Қабудҷар ном мавзеъ расида диданд, ки роҳ бо сангу хок банд шудааст. Ҳаминро ҳам қайд кунам, ки осмон ҳанӯз бо абрҳои тира фаро гирифта шуда буд, лекин борон набуд.

— Борон, сели дишаба корашро кардааст! — гуфт ронанда. — Акнун то хабардор шуда, омада роҳро

тоза кардани роҳсозон сабр мекунем, дигар илоҷ нест.

— Чӣ хел сабр? Дар куҷо?

— Дар ҳамин ҷо.

— Не, — гуфт Қумрӣ. — Моро ба ягон қишлоқи наздик гирифта бар;мегӯем, мардум ҳашар карда роҳи моро тоза мекунанд.

— Хуб, — гуфт ронанда.

Аз роҳ баргаштанду ба як дараи борике баромаданд. Дара оҳиста-оҳиста васеъ гашта, долу дарахтҳо ва заминҳои корам пайдо шуданд. Баъд ба қишлоқи калони кӯҳӣ расиданд. Раиси ҷамоа омадани артистҳоро шунида хурсанд шуд.

— Қадом рӯз дар Ғарм ба консерти шумо будам, — гуфт вай. — Бисёр хурсанд шудам. Аз худо мехостам, ки шуморо ба ҷамоаи мо расонад. Худо ба оҳи ман расид.

— Худо ба оҳи шумо расида, — гуфт Қумрӣ, — моро фаромӯш кардааст.

— Худо ҳеҷ вақт бандагонашро, хусусан шуморо фаромӯш намекунад! — гуфт раис. — Шумо мардумнавоз ҳастед, шумо тасаллии дили халоик ҳастед, шуморо худо барои ҳамин кор халқ кардааст, наход ки фаромӯш кунад?!

— Ин дафъа камтар фаромӯш кард, — гуфт Қумрӣ, — роҳи моро дар Қабудҷар баста, моро сарсон кард.

— Аз сарсонӣ худо нигоҳ дорад! Қабудҷарро тоза кардан аз мо расад, лекин ба як шарт. Рӯз бевақт шуд, имшаб меҳмони мо шуда, мардумро хурсанд кунед, пагоҳ саҳар роҳатон кушода мешавад.

Қумрӣ бо рафиқонаш машварат кард, ноилоҷ ҳама розӣ шуданд.

Масҷид ҳам ҷои намозхонӣ буду ҳам ҷамъомади мардум. Он шаб оташдони пешгоҳи масҷидро аз ҳезумҳои хушк пур карда оташ заданд. Дар сутуни масҷид ду лампаи даврапилта гиронда монданд ва меҳмонҳоро аз пешгоҳ, дар қарибии гулхан ҷо дода, масҷидро аз мардум пур карданд. Он қадар одам ҷамъ шуда буд, ки агар сӯзан партоед, рост меистод. Мардум айвони масҷидро ҳам пур карда буданд.

Консертро худи Қумрӣ бо суруди «Аз дараи Қамароб, анор овардам» сар кард. Ин сурудро вай дар ҳамин сафар аз ҳофизони маҳаллӣ омӯхта буд. Суруди ба худашон шиносро дар иҷрои артисткаи хушовоз

шунида, мардум завқ карданд ва аз дилу ҷон чапак заданд. Баъд ҷой танг бошад ҳам Назоқатча ба ҳавои шӯхи мусиқӣ рақс кард ва ҳоказо. Ниҳоят Қумрӣ гуфт:

— Дӯстони азиз! Мо ҳунари худро нишон додем. Акнун мехоҳем, ки ҳунари шуморо бинем. Бовар дорам, ки дар байни шумо хушовозҳо ва раққосаҳои гузаро ҳастанд. Биёед, шарм накарда, ба майдон бароед!

Як чанд кас номи Тешаро ба забон гирифта, баромад кардани ӯро хостанд. Теша, ҷавони ҳаждаҳ-бистсола, қадбаланд ва танӯманд, аз ҷо бархоста, думбураро ба даст гирифт, аввал хеле навохт, баъд ба ҳавои бисёр фороме ашӯла сар кард, ки меҳмонҳо гаранг шуданд. Ана овозу ана маҳорату ана ҳунар! Баъди тамом шудани суруд, Теша таъзиме карду ба ҷояш рафта нишаст.

— Мо дар Душанбе одами хушовозро кофта мегардем; ана хушовоз! — гуфт Наҷмиддин.

— Дӯсти азиз, Тешаҷон! — гуфт Қумрӣ. — Ту бояд ба театри мо рафта кор кунӣ ва суруд хонӣ. Ман бовар дорам, ки дар андак муддат ҳамаро қоил мекунӣ ва овоза мебардорӣ.

Мардум чапак заданд. Лекин Теша сархам менишаст. Пас аз консерт, Қумрӣ ба раис муроҷиат кард:

— Тешаро ба мо ҳамроҳ карда фиристонед! Вай дар ин ҷо ҳайф мешавад.

— Майлаш, — гуфт раис, — Тешаро ба ихтиёри шумо мефиристонем, лекин ҳозир не. Бо падару модараш машварат кунем, тайёреша бинад, баъд меравад.

— Баъдатон кай? — пурсид Қумрӣ.

— Баъд аз як ҳафта. Нағзии кор дар ин ҷо, ки амаки Теша дар Душанбе мудири магазин шуда кор мекунад, ҳавлию ҷо дорад.

— Ин боз ҳам нағз! Лекин театр ба худи Теша хона медиҳад. Ба ин ман кавл медиҳам.

Рӯзи дигар, пас аз ношто ба роҳ бароmadанд. Маълум шуд, ки ҷавонҳои қишлоқ саҳари барвақт баромада роҳро аз сангу хок тоза кардаанд.

Чанд сол гузашт, соли 1935 расид. Тобистони он сол чандон гарм набуд. Дарахтҳои бисёр, обҳои равон, ғарибии барфҳои кӯҳсорон шаҳри Душанберо аз гармиҳо

муҳофизат мекарданд. Дар ин шаҳри начандон калон боғҳо, кӯчабоғҳо бисёр буданд. Бегоҳӣ баъзан ҳатто ба кати рӯи ҳавлӣ хобидан мумкин намешуд, хунук мехӯрдед. Лекин рӯзона офтоби пурсаховат меҳри худро ба болои ин шаҳр бедареғ мепошид ва барои пухта расидани ангуру себу ношпотӣ ва дигар меваҳо мадад мерасонид.

Он бегоҳ Қумрию Азизу Занҷира — секаса ба сайри боғ баромада буданд. Боғи маданият ва истироҳати шаҳр, ки ба номи Ленин буд серодам, равшан, чароғон ва фароҳовар буд. Дар ин боғ чойхона, ошхона, қаҳвахонаҳо, яхмосфурӯшиҳо буданд. Дар тамошогоҳи он артистон омада консерт медоданд. Дар як сӯ кинотеатр буд. Қумрӣ ки яхмосро дӯст медошт, пас аз камтар сайр карда гаштан таклиф ба миён овард, ки даромада яхмос хӯранд. Сухани Қумрӣ ба Азизу Занҷира қонун ва ба дараҷаи ҳукм буд. Ҳар се ба хӯрдани яхмос сар карданд.

— Ҳама инро морожнӣ мегӯянд, — гуфт Занҷира. — тоҷикиаш чӣ бошад?

— Дар баъзе ҷо яхмос мегӯянд, — гуфт Қумрӣ.

— Афғонҳо ширях мегуфтаанд, — гуфт Азиз, — эрониҳо бастанӣ мегӯянд. Ба ман аз ҳамаи ин номҳо яхмоси худамон маъқул.

— Набошад, — гуфт Қумрӣ, — ба ман дусад гиром яхмос, дусад гиром ширях, дусад гиром бастанӣ гирифта диҳед!

— Ҷонам қатӣ, — гуфт Азиз, — лекин духтурҳо чӣ мегӯянд, мабодо дарди гулӯ шуда монед, мегӯям.

— Ҳама гап дар дусад гироми аввал, — гуфт Қумрӣ, —баъд гулӯ одат мекунад, чӣ қадаре ки хӯред, гузаштан мегирад.

Лекин Қумрӣ ҳам аз дусад грамм зиёд нахӯрд.

— Хуб замони нағз шуд, — гуфт Занҷира. — Ман чизҳои дар хоби шабам надидагиро хӯрда истодаам. Дар ҷоҳои мо яхмос он тараф истад, ҳатто номаш ҳам нест.

— Бале замони мо замони ниҳоят хуб шуда истодааст, — гуфт Азиз. — Панҷсолаҳоро дар сари вақт иҷро карда, халқи мо ба нишондоди доҳии бузургамон рафиқ Сталин мӯъҷизаҳо нишон медиҳад.

— Ӯх-ӯх-ӯх! — гуфт Қумрӣ. — Занҷираҷон, боз агар чизе гӯӣ, язнаат аз китоби сиёсӣ як бобашро хонда медиҳад.

— Не, гапи рост-дия! — гуфт Азиз.

— Ин хел «гапҳои рост»-ро дар маҷлисҳо ва дигар ҷоҳо гуфтан гиред, ҷонакам! Дар ин ҷо, дар байни худамон рафиқ Сталинро бисёр ном набаред, ки шунида монанд, хафа мешаванд. Хафа шаванд моро худ мезанад!

— Барои чӣ хафа мешудаанд? —

— Ном азиз мегӯянд; дар сари ҳар дастурхон такрор накунед, ки қурбаш меравад.

Инро гуфту Қумрӣ хандид ва дигарон ҳам хандиданд.

—Хайр, рафтем, —гуфт Қумрӣ, —ба хона меравем.

Дар роҳ пичирӣ карда ба Занҷира гуфт, ки ӯро дард гирифта аст.

Занҷираро тарсу ваҳм гирифт. Қош, ки ягон фойтун ва ё автомобил бошад, ки онҳоро зудтар ба хона расонад ва тоқат карда натавониста гуфт:

— Язна, ягон ароба меёфтед, ки моро зудтар ба хона мерасонид.

— Хуб, ба роҳи калон бароем, тараддуд мекунем.

— Не, даркор не! — гуфт Қумрӣ ва зуд-зуд қадам монда рафтан гирифт. Дар он вақти бегоҳӣ, дар роҳи калон ҳам ягон фойтун ва ё автомобили холӣ наёфтанд. Қоре карда худро ба хона расониданд. Дар хона дард зӯрӣ кард магар, ки Қумрӣ ба нолиш даромад. Азиз даступо гум карда намедонист чӣ кор кунад, кадом доруро ёфта диҳад, ки дарди шиками Қумрӣ бозистад. Дар он ҳол Занҷира гуфт;

— Дору даркор не, духтурро ҷеғ занед, ба таваллудхона бурдан лозим.

Азиз якбора ҳушёр шуд.

— Ман ҳозир, ман ҳозир....

Мошини ёрии таъҷилӣ дер накарда омад, Қумрию Азизро гирифта бурд. Дар хона Занҷира танҳо монд. Вай аввал хонаро ғундошта рӯфта, тоза кард, ба тартиб оварда монд. Баъд ба хонаи дигар, ки барои истиқомати вай ҷудо карда буданд, гузашту ба рӯи кат нишаст ба хаёл фурӯ рафт.

Қумрӣ зоида, духтарча, ё ки писарчаи худро ба хона меорад чӣ хушбахтӣ! Зан бояд зояд, насли худро зиёд кунад. Вазифаи асосии худро — ба дунё овардани насли инсонро баҷо биёрад. Чӣ тавр лаззат ва ҳаловат дошта бошад, вақте ки кӯдак пистони модар-

ро мемакад. Чӣ хушбахтӣ ва саодат аст он ки кӯдак забон бароварда, оча гӯяд! Баъд, ки калон шуд, пушту паноҳи модар, хизматтори модар шавад! Лекин вай — Занҷира аз ҳамаи ин саодат ва хушбахтиҳо маҳрум аст. Ба ҳаққи худо чӣ бадӣ карда бошад, ки ӯро бенасл кардааст! Парвардигори олам раҳм кун! Қадом як духтур ӯро тасаллӣ додааст, ки пас аз табобати якмоҳа, вай рӯи фарзандро дида метавонад. Ҳанӯз фурсат нашудааст, ки табобат кунад. Табобат кунад ҳам, бешавҳар фарзанд аз куҷо пайдо мешавад. Акнун ӯро кадом мард ба занӣ мегирад! Синну солаш гузаштагӣ, бесавод, нодон мегӯянд. Шаҳр аз духтаракҳои барно, аз духтаракҳои ҷавон, аз духтаракҳои хондагӣ пур аст... Хайр, чӣ илоҷ; бахту толеъ ҳамин будааст!

Он гоҳ забони ҳоли ӯ гӯё ҳамин байти Ҳофизро такрор мекард:

> Чу қисмати азалӣ бе ҳузури мо карданд,
> Гар андаке на ба вуфуки ризост, хӯрда магир!

Хаёл парешон, чашмони Занҷира пӯшида шуданд ва хобаш бурд. Намедонад, чӣ қадар, чанд дақиқа ва ё чанд соат хобид, ки аз тақ-тақи дар бедор шуда, давида ба роҳрав баромаду «кист» нагуфта дарро кушод. Дар дами дар Азиз шоду хуррам меистод.

— Муборак гӯед, — гуфт вай, — писарча ба дунё омад. Писарчаи хӯшрӯй, зебо ва овозбаланд!

— Хайр, муборак шавад! — гуфт Занҷира ҳам хурсанд шуда. — Худи апем чӣ тавр? Саломат, бардам?

— Апаатонро бурда ба дасти духтурҳо супоридаму худам дар даромадгоҳ нишастам. Ниҳоят дар соати дую чиҳил дақиқа буд, ки як ҳамшираи шафқат баромада аз ман севанчӣ гирифт, писар муборак шавад гуфт. Ба роҳ дарсмадам. Дар кӯчаҳо касе нест Охир, соат қариб сеюним шуда буд. Роҳ гашта истода фикр мекардам, ки номашро чӣ монем. Нохост ба хотирам расид, Суръат мемонем. Бале, Суръат! Охир, замон— замони суръат, кори мо кори ба суръат, зиндагонии мо суръаткатӣ меравад. Писари мо ҳам номаш Суръат...

Занҷира, ки хоболуд буд, ба ҳамаи ин гуфтаҳои шодиёнаи Азиз ба тоқат гӯш дода истод, ниҳоят гуфт:

— Хайр, Суръатҷон муборак! Акнун даромада хо-

бед, ман ҳам ягон соат хоб кунам, баъд саҳар кат-ордбирён пухта диҳам, бурда расонед!

— Не, ман хоб намекунам! — гуфт Азиз. — Ман хаёл мекунам, ояндаи писарамро тасаввур мекунам! Эҳе...

Вале дер хаёл карда натавонист, ҳаяҷони аввала фаромада буд, ки хобаш сахт бурд.

Суръат — писари Азиз се моҳа шуда буд, ки ногоҳ аз Қонибодом телеграммаи пурхавфе расид: «Зуд биёед, модар сахт бемор аст». Қумрӣ дар соати дуи рӯз ба танаффуси пешинӣ омада телеграммаро аз дасти Занҷира гирифта хонд.

— Э, вой, — гуфт, — модарам, модари азизам!

— Чӣ гап? Чӣ шудааст, — пурсид Занҷира, ки тифл дар дасташ буд.

— Аҳволи модарам вазнин барин! Исто,, ман аз поён ба Азиз телефон кунам.

Инро гуфту ба гиряю нолаи Суръат гӯш накарда поён фуромада рафт. Занҷира бо азобе кӯдакро осуда кард. Қумрӣ омада .кӯдакро барои макқондан аз дасти Занҷира гирифту гуфт:

— Чизу чораҳоро ғун доред, пас аз ним соат ба Ленинобод мепарем.

— Ман ҳам бо шумо меравам?

— Албатта.

Ба толеи онҳо ҳавопаймо дар соати чаҳори пас аз нимрӯзӣ ба Ленинобод парвоз кард. Дар самолёт аз чашмони Қумрӣ ашк равон буд. Суръат бо тағйир ёфтани ҳавои самолёт ва баланд баромадани вай нотинҷ ғаш кунад ҳам, Қумрӣ аҳамият намедод, фақат ба даҳонаш макқаки шишаи ширро мегузошт. Занҷираю Азиз ҳар чанд тасаллӣ диҳанд, ҳарчанд насиҳат кунанд ҳам, фоида надошт. Қумрӣ мегирист. Қумрии хандон, Қумрии шӯх ва ғазалхон мегирист.

— Чанд рӯз ин тараф, — гуфт вай ашки чашмонашро пок карда истода, — чанд рӯз ин тараф диламро як сиёҳӣ мефишурд. Ба худам мегуфтам, ки илоҳӣ охираш ба хайр шавад! Ана, бинед, ки натиҷа чӣ шуд...

Боз аз чашмони Қумрӣ ашк шашқатор шуд.

Дар фурудгоҳи Ленинобод онҳоро холабачаи Қумрӣ пешвоз гирифт. Вай ҳанӯз дар танаш ҷомаи кабуди беқасаб, дар миёнаш миёнбанди сиёҳ ва дар сараш

тупии ҷустӣ надошт. Аввалин суоли Қумрӣ ҳамин буд:

— Чӣ гап? Зинда-мӣ?

— Зинда, — гуфт ҷавон, — лекин ҳолашон андак бад.

Ба Қонибодом, ба маҳаллаи худашон расида буданд, ки овози гиряи занҳоро шуниданд. Қумрӣ аз кӯча фарёдкунон, ҷон модарам, буваҷони азизам, онаҷонам гӯён ба ҳавлӣ даромад. Аз паси вай Занҷира ҳам кӯдакро дошта, гирён-гирён даромад. Азиз дар ҳавлии берун монд. Ба вай гуфтанд, ки модари Қумрӣ ягон соат пеш аз ин зинда будааст. Овози парвоз карда гузаштани ҳавопайморо шунида, ана Қумриҷони ман омад, гуфтаасту ҷон додааст.

Ҳаёти пурфоҷиа, зиндагонии сахту пуразоб, умри зане ки пеш аз ҳама фаранҷиро партофта, рӯзҳои босафои озодиро дида, лекин аз он рӯзҳо сернашуда марги шавҳари дӯстдоштаашро, марги фоҷиаангези марди далер, ҳамсари меҳрубонашро бо чашмони худ дида буд ва барои гирифтани қасоси вай ба сафи милиса дохил шуда, бо душманони халқу Ватан мубориза бурда, дар охири умр ба фироқи духтари ягонааш, ки аз вай дур буд, гириста, ниҳоят имрӯз ба поён расид. Латофатхони як вақтҳо нозанин, далер, саркаш ва нотарс, ҳоло дар бистари марг беҳаракат хобида буд. Қумрӣ худро ба болои ҷасади модараш партофа, аз рӯ, аз пешона ва аз мӯҳои сафеди ӯ бӯсид. Чанд дақиқа овозаш набаромад. Занҳои дигар ӯро зуд аз болои ҷасади модараш бардошта гирифтанд. Қумрӣ як дараҷа беҳуш гашта буд. Ба рӯяш об пошиданд, сари дилашро молиданд. Пас аз замоне ба ҳуш омада, чашм кушод ва буваҷонам канӣ гӯён аз ҷо бархост. Мӯҳояшро канданӣ шуд, намонданд. Ба сари дилаш зада фарёд мекард ва бо овози баланд, дар мақоми гиряовар ин шеърро хонд:

Рафтию дар вақти рафтан ҳам нагуфтӣ хайрбод,
Бандаро ин доғ то рӯзи қиёмат бар дил аст!

Субҳи мо бе ту ба ғам, шом ба мотам гузарад,
Субҳу шоми касе аз ҳаҷр чунин кам гузарад.

Баъд нолида-нолида, худаш мисли шеър чизеро ба ҳавои мотам сурудан гирифт:

Модарам, чон модарам, ту куввати чону танам,
Бе ту ман бехоламу бечонаму, нолишгарам...
Вой бар ман, баъд аз ин як нола дар ман мондааст,
Дар фироқи ту чигархунам, сияхрузам дигар, чон
модарам!

Фиғону нолаю суруди мотами Қумрӣ хурду калонро гирёнд. Овози ӯро дар берун мардҳо шунида ба чашмонашон об гирифтанд...

Пас аз се рӯзи такфину чаноза, Азиз Қумрию Занчираро монда ба Душанбе баргашт. Қумрӣ бисту чили модарро гузаронида баргаштан мехост, лекин ба воситаи котиби райком ӯро ба телефон чеғ зада, худи раиси идораи санъат хоҳиш кард, ки мумкин бошад, ба кораш баргардад, ақаллан то ба рӯзи чил кор кунад ва боз ба Конибодом рафта чили модарро гузаронад.

— Ба кор дасту дилам намеравад! — гуфт Қумрӣ, — овозам ҳам гирифтагӣ.

— Биёед, як-ду рӯз духтурҳо табобат мекунанд, дуруст шуда меравед.

Ҳамин тавр, Қумрӣ бисти модарро гузаронида ба Душанбе баргашт.

Ба Азиз аз комитети марказии Комсомол дар як иморати нави ҳангомадор, аз қабати дуюм квартираи сехонагӣ, бо ҳаммом, ошхона ва мадону мадончаҳояш дода буданд. Вай ҳоло, пас аз анчумани охирин ба вазифаи котиби дуюми Комитети марказӣ интихоб гардида буд. Ҳар пагоҳ дар кӯча, ба рӯбарӯи дари даромади квартираи онҳо автомобили сабукрав омада меистод. Азиз Суръати панчсоларо бор карда аввал ба боғча бурда мемонад, баъд ба кораш мерафт. Қумрӣ бошад, пиёда ба кор мерафт, зеро ки бинои театри Опера ва балети навсохт аз чои онҳо чандон дур набуд.

Зимистони соли 1940 сербарф омад. Барфи бисёре ки ду рӯз пеш аз ин борида буд, кӯчаҳо, пиёдагардҳо ва гулзорҳоро мисли кӯрпаи пари қу пӯшида буд. Роҳи калони мошингардро автомобилҳои махсус тоза мекарданд. Азбаски дирӯз андак офтоби «баччакушак» баромада, зери барфҳоро кам-кам об карда буд ва бегоҳӣ он обҳо ба ях мубадал гаштанд, аз пиёдагардҳо роҳ гаштан мушкил шуд. Бо вучуди он ки ба пиёдагардҳо хокистар, аррамайда мепошиданд, ле-

кии зуд-зуд чаппа шуда афтодани роҳгузаронро мушоҳида кардан мумкин буд.

Аввали рӯз, пас аз наҳорӣ Азиз ба Қумрӣ гуфт, ки уро то дари театр бурда монад, зеро ки роҳҳо лағжонак шудагӣ, дирӯз чанд касро ҳатто ба бемористон бурданд.

— Аҷаб одамони лаванд будаанд, — гуфт Қумрӣ бо нимтабассум. — Артисткаҳои рус ба рӯи ях рақс мекунанд, мо ақаллан роҳ гашта тавонем. Бо мошин то ба дари театр рафтани моро бинанд, дар байни «дӯстон»-и ман шӯру ғавғо баланд мешавад.

Азиз гапе назад. Якраҳагӣ ва ба гапи худ истодагарии занашро медонист. Аз ҷо бархосту аз дасти Суръати шӯх дошта берун баромад. Дар дил мегуфт, ки илоҳӣ вокеае рӯй надиҳад. Чанд қадам монду баргашт ва дарро кушода гуфт: — Хайр, биёед, ман пиёда аз бағалатон гирифта барам!

— Ҳаминаш монда буд, — гуфт Қумрӣ ба таври ҷиддӣ,—саҳаркатӣ, акка... нахӯрда, зану шӯ дар кӯча подручка гирифта гаштаанд, гӯён овоза ба тамоми шаҳр паҳн мешавад. Равед, натарсед, моро бало намезанад. Шумо ҳамин Суръати ноорому шӯхатонро сиҳату саломат бурда ба дасти мураббия супоред, кори калон! Таъйин кунед ки ба кӯча баромадан намонанд!

— Хуб, — гуфт Азиз ва Суръатро дошта ба кӯча баромад.

Қумрӣ танҳо монда, рӯи дастурхонро ғундошта ва аз хаёл гузаронид, ки Занҷира дар хонаи худаш чӣ кор карда истода бошад. Хайрият шуд, ки як хонаи квартираи аввалаашонро ба Занҷира доданд. Акнун, шояд дари бахташ кушода шавад. Бале, ҳамин хел мардҳо ҳастанд, ки зани хонадорро меҷӯянд, хонадомод шудан мехоҳанд. Кошкӣ ягон худофармудаш ёфт шавад! Баъд шояд даҳони бадгӯён камтар баста мешавад: Не, мегӯянд, Занҷира хизматгори пешио Қумрихон набудааст. Намедонам, аз дасти ҳасудон, бадгӯён, нотавонбинон ба куҷо равам! Охир, ман саҳнаю театрро партофта наметавонам. Ҳамон вақт саҳна моро намебинад ва овози ман ҷарангос намезанад, ки ҷисмам дар гӯр хобида бошад! Бале, саҳна, театр ҷойи ман, орзую ормони ман аст. Худо қувват диҳад, ин даҳаи санъат ва адабиётро дар Москва бомуваффақият гузаронем, тақдири оядаи ман маълум

мешавад. Шояд баъд ин ғидй-ғидиҳо, ин бӯҳто «Қумрй овозашро гум кардааст» аз миён бардош шавад.

(Ё оллоҳ, ё насиб! гӯён ба пеши ойинаи калон р та нишаст. Мӯҳояшро нағз шона зад, бофта ба пу сараш лӯнда кард, аз болои куртаи гулбахмали ху ранг ба гарданаш рӯмоли шоли пашмин партофту чо бархост. Дар роҳрав ба пояш, ки ҷӯробҳои зеб абрешим доштанд, мӯзачаи хироми пошнапаст пӯш да палтои габардини астараш пашминро дар бар кар да ба кӯча баромад.

Пиёдагард дар ҳақиқат лағжонак буд, лекин ва хушёрона, даниста қадам монда рафтан гирифт. Аз кӯчаи калон гузашта, аз канори гулзори назди театр рафта истода буд, ки нохост лағжиду ба пушт ба рӯи буттаи санавбар, ки бо барф пӯшида буд, афтод. Ба ҳеҷ ҷояш офате нарасид, баданаш озор наёфт, фақат ба гиребону гарданаш барфи бисёре даромад, палтояш ба барф ҷӯлид. Ду ҷавоне ки дар он қарибӣ буданд, давида омада Қумриро аз ҷо боло карданд ва ба афшондани либосҳояш ёрӣ доданд. Дар ин ҳодиса вай ҳис кард, ки гулӯяш хунук хӯрд, барфҳо об шуда, ҳатто ба тарафи синааш шориданд. Азбаски дар паҳлӯяш мардҳо буданд, ба ин аҳамият надода, ба театр рафта даромад ва зуд ба пардозхонаи худаш дохил шуда, либосҳои рӯяшро аз тан баровард ва бо рӯмоли хушк гардан ва сари синаҳояшро тоза карда, ба рӯмоли шоли пашмин печид.

Ин ҳодиса гӯё кирои хафа шудан ва ба хаёл фурӯ рафтан набуд. Лекин аз баски вай ҳофиз ва сароянда буд, ба болои гулӯи худ «ҳафтларз» буд. Наход, мегуфт, барф ба овозам таъсир карда бошад. Не, не, ман зуд омадам, пок кардам, бастам...

Лекин дар вақти машқи нақши Гулизор, дар авҷи калон овозаш дуруст нарасида монд. Дирижёр бо чӯбчааш ба тахта зада фарёд кард:

— Стоп! Стоп! (Бас, бас).

Мусиқӣ хомӯш гашт.

— Ин чӣ гап? Барои шумо шуда як парда боло гирифтем, боз ба авҷ баромада наметавонед!

— Надонам ба ман чӣ шуд! — гуфт Қумрӣ. — Бағумонам гулӯямро хунук зад.

— Чӣ хел хунук? — боз фарёд кард дирижёр. —

Сарояндаи номераи аввал аз гулӯяш бохабар мешавад!

— Лағжида ба барф ғӯтидам.

— Эҳтиёт кардан лозим буд! — аз чаҳл фуромад дирижёр. — Хайр, аз аввалаш сар мекунем.

Боз чӯбчаи дирижёр ба ҳаракат омад, боз мусиқӣ садо дод, боз ба авчи калон баромада натавонист Қумрӣ.

Ин дафъа режиссёр ва оҳангсозҳо пеш омаданду танаффус эълон карданд.

Дар вақти танаффус, ба таври таъчилӣ дар кабинети директор мачлиси шӯрои бадей чеғ зада шуд ва ҳолати овози Қумриро маслиҳат карданд. Ду-се нафар аз мутахассисҳо гуфтанд, ки ин ҳолатро, яъне норасоии овозро дар Қумрӣ онҳо чандин вақт боз ҳис карда будаанд. Таклиф ҳамин ки ба роли Гулизор — Нина Соколоваро бароранд, ба Қумрӣ ягон нақши дуюм, сеюмдарача диҳанд. Баъзеҳо, хусусан оҳангсози песа ва Саидмуродов гуфтанд, ки ҳеч гоҳ Қумриро бо Соколова иваз кардан мумкин нест. Баракс кӯшиш кардан лозим, ки Қумрӣ нақши худро ичро карда тавонад. Ӯро тарбия кардан, табобат кардан лозим аст. Умуман кашмакаш калон шуд. Дирижёр ва режиссёрҳо мегуфтанд, агар кор ба табобату тарбия гузарад, онҳо дар байни ин ду моҳи мондагӣ спектаклро супорида наметавонанд. Масъаларо ба вазорат кашиданд. Дар кабинети вазири маданият ҳам одамон ба ду чудо шуданд ва кашмакашро давом доданд. Дар охир вазири маданият сухан гирифт:

— Мо дар охири моҳи апрел санъат ва адабиёти точикро, такрор мекунам: санъат ва адабиёти точикро ба Москва гирифта мебарем. Дар Маскав мунтазиранд, ки ба дарачаи операхонӣ расидани духтарони точикро бинанд. Ман намегӯям, ки Соколоваро ба ин нақш тайёр накунед; бигузор нақши Гулизорро ҳар ду хонанд: лекин шаби аввал, шабе, ки рафиқ Сталин ва дигарон ба тамошо меоянд, Қумрӣ ба саҳна барояд. Фаҳмидед! Санъатро аз сиёсат чудо кардан лозим нест! Ин суханро ман аз номи роҳбарияти чумҳуриятамон мегӯям.

Ин суханҳо даҳони ҳамаро баст. «Санъатро аз сиёсат чудо кардан»-ро ҳеч кас намехост. Роҳбарияти театр боз ба корашон баргашта, қарор доданд, ки бо-

Қумрӣ махсусан алоҳида машғул шаванд ва ӯро муддати ду моҳ ба иҷрои нақш муҳайё созанд.

Рӯзи истироҳат. Офтоби моҳи феврал шаҳрро о... дода буд. Қумрӣ аз тирезаи ошхона медид, ки кӯча пур аз одам— тоҷикдухтарон ва писаракон либос... рангини нав пӯшида, тӯппиҳои оҳарӣ ба сар гузошта... анд. Қумрӣ аввал ҳайрон шуд, ки имрӯз чӣ гап бо... шад; баъд ба хотираш овард, ки иди рамазон аст. Бале, мардум ба охир расидани моҳи рамазонро ид... мекунанд, шодиҳо мекунанд, ҳамдигарро табрик менамоянд. Ид омаду корҳо накӯ хоҳанд шуд... Аммо дар хонаи вай ид, осори ид нест! Вай танҳост. Азиз дар маҷлис, Сурьат ба поён, ба қабати якум, ба хонаи ҷӯрааш рафта буд. Аз Занҷира дарак набуд. Дили Қумрӣ ба танг омад ва истода-истода дуторро аз мехи хона гирифту ба як ҳавои ниммаҳзун бо нимовоз сурудеро сар кард. Шеъри Ҳофизи Шерозиро дӯст медошт:

> На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
> На ҳар кӣ ойина созад, сикандарӣ донад.
> На ҳар кӣ тарфи кулаҳ кач ниҳоду тунд нишаст,
> Кулоҳдорию ойини сарварӣ донад.

Суруд ба охир нарасида, дар кушода шуду Сурьат аз дасти Занҷира дошта ба хона даромад. Онҳо диданд, ки Қумрӣ суруд хонда истода мегиряд. Аз чашмонаш ашк шашқатор ҷорист.

— Ҳа, ҳа, чӣ шуд, апаҷон! —гуфт Занҷира аз рӯйҳои бо оби чашм шӯргаштаи Қумрӣ бӯсида. — Кӣ шуморо гирёнд? Чӣ ҳодиса шуд?.

— Ҳеҷ, худам, — гуфт ба зӯр Қумрӣ. — Ғазал хондам, овозам ба худам маъқул, лекин, лекин...

— Чӣ, лекин?

— Ба одамҳо маъқул не.

— Дурӯғ мегӯӣ! — гуфт Сурьат. — Овозат ба ҳама маъқул. Очаи Насимҷон ҷӯрем таъриф мекунад.

— Шӯхӣ мекунед, апаҷон! — гуфт Занҷира. — Овозаи шумо ба олам паҳн шудагию шумо мегӯед, ки овозам ба одамҳо маъқул не.

— Ҳа, ба дирижёр ва оҳангсозҳо маъқул не. Аз ман нақши Гулъузорро гирифтан мехоҳанд.

— Номаъқул кардаанд, — гуфт Занҷира. — Эҳти-

мол аз ягон артисткаи дигар пора гирифта, ӯро ба чои шумо мондан мехоҳанд?

— Не, Занчирачон! — гуфт Қумрӣ ва оҳи сарде кашида ба гапаш давом дод: — Худам медонам, ҳақиқатан овозам хаста шудагӣ, баъд, охир ман ба операхонӣ тарбия наёфтаам, овозам ба он нотаҳои боло намерасад.

Занчира камтар хомӯш истоду баъд ба як гап пай бурдагӣ барин гуфт:

— Истед, ки боз таъсири ҳамон чойи гули қо-қо набошад?

— Не, — гуфт худбоварона Қумрӣ. — Ман аз он чой як қулт нӯшидам; ана Илмия як пиёлаашро дам кашид. Ҳанӯз ҳам бало барин дар филармония ашӯлахонда гаштааст.

— Ҳай набошад барои чӣ овози шумо ба авчи баланд намерасида аст?

— Дирӯз ба театр рафта истода ба барф афтодам, ба гулӯям барф часпида буд. Намедонам, хунукӣ таъсир кард, ё ки аслан овози ман ба нотаҳои опера мувофиқ не, намедонам.

— Ҳа, шамол задагӣ, — гуфт Занчира худбоварона. — Эҳтиёт кунед, табобат кунед, гузашта меравад.

Дар ин дам дари онҳоро аз берун касе тақ-тақ зад. Суръат давида рафта дарро кушод. Дар дами дар Ефим Исоевич Мительман — роҳбари бадеии театри драмавии ба номи Лоҳутӣ истода буд.

— Қумричон, — гуфт вай бо рӯи кушод ва табассуми зебо. — Як дақиқа дароям, ичозат?

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт Қумрӣ аз чо бархоста. —На ин ки ичозат, балки ҳар қадам мондед, болои дида, точи сар!

Ефим Исоевич ба хона даромад, нишасту гуфт:

— Суръатчон домодбоб шудааст!

— Домоди шӯхи гапнодаро! — гуфт Қумрӣ хандида. — Аҳволатон чӣ тавр? Мария Даниловна сиҳат саломат?

— Ҳа, мешад, —гуфт Ефим Исоевич. —Ин духтар (Занчираро нишон дода) аз Ғарм бо шумо омад, мегӯянд, рост аст?

— Ҳа, ин духтар аслу насабаш аз Қонибодом, вале дар Ғарм калон шудагӣ.

— Кор мекунад?

— Дар артели чомадӯзӣ, — гуфт Қумрӣ ва ба

Занҷира муроҷиат кард. — Хоҳарам, як чои кабуд талх дам карда биёр!

— Лозим не, — гуфт Мительман, — ҳоло вақтам кам, бори дигар на ин ки чой, оши палав ҳам мехӯрем. Ман дирӯз дар маҷлиси машваратии вазорат будам. Сухан дар бораи шумо мерафт. Ба худатон масъала маълум. Дирижератон ва боз киҳо ҳастанд, ки шуморо аз нақши Гулузор гиранд. Лекин маҷлис бо аксарият қарор дод, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ин корро накунанд. Ба оҳангсоз супурда шуд, ки як қисм сурудҳоро аз дигар, ба овози шумо муносиб карда созад, ба дирижер таъкид карданд, ки бо шумо кор кунад ва ҳоказо...

— Ба ман нақши Гулузор даркор не! Агар хоҳанд, ман ба даҳаи санъаташон иштирок намекунам.

— Ин тавр нагӯед! Шумо гули сари сабади даҳа мешавед. Ҳамаи корҳо хуб мешавад. Ман ба ин бовар дорам. Росташро гӯям, ман барои расонидани ин хабар не, барои гапи дигар омадам. Қумриҷон! Ман бозӣ ва ҳаракати шуморо, ҳаяҷон ва шавқи шуморо дар саҳна дида ҳайрон шудам. Шумо барои театри опера-балет не, барои театри мо, барои театри драмма зоида шудаед. Ман бовар дорам, ки дар театри мо, шумо боз ҳам тараққӣ карда пеш меравед. Баъд, агар сурудхониро аз даст надоданӣ бошед, дар спектаклҳои мо ҳам сурудҳо ҳастанд, сурудҳоеро ки шумо дӯст медоред ва бо шавқ мехонед. Мо бригадаҳои консертӣ сохта ба ноҳияҳо меравем. Ба ин бригадаҳо шумо сардорӣ мекунед ва тоҷи сари ҳама мешавед. Бинобарон таклиф мекардам, ки пас аз гузаштани даҳаи санъат дар Москва ба театри мо гузаред.

— Ба театри шумо? — гуфта каме ба андеша рафт Қумрӣ. — Ба театри драммаи шумо ба зудӣ мегузаштаму намехоҳам, ки душманонам, ҳасудонам лаззат баранд ва гӯё ғалаба карда бошанд, маро гурезонда бошанд.

— Э, ин гапҳо, чӣ тавре ки тоҷикон мегӯянд, «гапҳои занона»! Шумо зани мардсифат ҳастед, Қумрӣ! Дар театри мо, гул кардед на душманатон мемонад, на ҳасудонатон! Ҳамаашон сӯхта хокистар мешаванд. Чӣ гуфтед?

— Хайр, ман фикр карда бинам. Аввалаш ин ки худо гӯед дар даҳаи санъат шарманда нашавам! Аз даҳа, ки ғалаба карда омадам, боз чанд гоҳ кор кар-

да, худамро нишон дода, баъд ба театри шумо мегузарам.

— Хайр, ман умедворам, — гуфт Мительман.

Дар аввали моҳи апрели соли 1941 дар Маскав даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик гулдуросзанон гузашт. Дар театрҳо, клубҳо ва хонаҳои маданият намояндагони санъат ва адабиёти тоҷик ҳунарнамоӣ карданд. Дар Маскав даҳ рӯз ҳимҳимаи санъат ва адабиёти тоҷик буд: даҳ рӯз суруд ва навоҳои тоҷикӣ аз радиоҳо садо доданд; даҳ рӯз халқи Маскав, чун санъатшинос ба санъати намояндагони тоҷик баҳои хубу аъло доданд.

Пас аз гузаштани даҳа, як рӯз дар Кремль, дар кабинети Сталин барои тасдиқи мукофотҳо роҳбарони санъат ва адабиёти Масква ва роҳбарони Тоҷикистон, ҷамъ омаданд. Сталин саломат, бардам ва хушҳол буд. Бо омадагон хурсандона вохӯрдӣ кард ва ба ҷояш нишаста, аввал ба чилимчаи худаш тамоку ҷо кард, оташ доду гуфт:

— Рафиқон, ин маҷлиси мо маҷлиси хурсандиовар аст, маҷлиси мукофотбахшӣ, маҷлиси қадри меҳнат, қадри ҳунар ва санъатро донистан аст. Бале, қадри санъат ва ҳунарро донистан ҳам ҳунар аст! Ҳар кас, ки корнамоӣ кунад, ҳар кас, ки ҳунар дошта бошад ва он ҳунарро ба фоидаи халқ кор фармояд, бояд мукофоташро ёбад; бояд ба он кор, ба он ҳунар қадр дод! Дар мо баъзан ҳаминро фаромӯш мекунанд. Ба қадри кор, ба қадри ҳунар камтар расидагӣ мекунанд. Ин хуб нест, рафиқон!

Дар ин ҷо, дар ин маҷлис ба ғайр аз роҳбарони санъат ва адабиёти Масква, роҳбарон ва намояндагони Тоҷикистон ҳам ҳузур доранд. Дар базме ки дишаб барпо шуд, ман гуфтам, ки тоҷикон халқи махсуси ҷудогонаанд, халқи алоҳидаанд. Онҳо на қазоқ, на ӯзбек ва на қирғизанд, онҳо халқи алоҳида, халқи тоҷдорон. Мо аз ҳунар ва санъати халқ баҳраҳо бурдем. Бинобарон дар ин маҷлис намояндагон ва роҳбарони Тоҷикистон ҳузур доранд. Хӯш, ки бошад, аввал Александр Фадеев сухан кунад. Қанӣ имсол ба киҳо, ба кадом адиб ва шоир ва намояндагони санъат «Мукофоти Сталинӣ» доданро қарор додааст.

Фадеев дар муқаддимаи суханаш дар бораи раси-

да баромадани номдорон ва ҳунарпешагони ҳайрат... вар ва ғайра сухан ронд. Баъд рӯйхати шахсони ... мукофот пешниҳодшударо хонда дод. Сталин ҳам г... карда, ҳам ба рӯйхат нигоҳ карда истода, пурсид:

— Чаро ба Садриддин Айнӣ мукофот надодаед? Ӯро аз Тоҷикистон пешниҳод кардаанд-ку?

— Китоби «Ёддоштҳо»-и ӯро пешниҳод кардаанд, ки, — гуфт Фадеев. — Ҳоло фақат ду ҷилди он чоп шудааст. Ҷилдҳои дигараш, ки иборат аз панҷ ҷилд бояд бошад, чоп шавад, баъд ба мукофот мегузорем.

— Хайр, истед, ки Айнӣ ҳоло чандсола аст?

— Багумонам, ҳафтоду ду сола аст.

— Пас шумо бовар доред, ки мӯйсафед ҳамаи панҷ ҷилдашро навишта метавонад?

Фадеев ҷавоб дода натавонист ва забонхоӣ кард.

— Ман таклиф мекардам, ки ба ин рӯйхат номи Садриддин Айниро ҳам дохил кунед. Хизмати Айнӣ барои халқи тоҷик калон аст.

Фадеев ба рӯйхат номи Айниро дохил кард[1]. Баъд сухан дар бораи мукофоти иштирокчиёни даҳа рафт. Донишмандони санъати Масква маслиҳат карда ордени Ленинро ба Нина Соколова ва Ордени Байраҷи сурхи меҳнатро ба Қумрӣ додаанд. Дар ин ҷо ҳам Сталин ба миён даромад.

— Чаро ордени Ленин ба духтари тоҷик не ю ба Соколова дода шудааст.

Мутахассисон гуфтанд, ки Қумрӣ ҳанӯз ҷавон аст, камбудиҳо дорад ва ғайра ва ҳоказо.. Сталин гуфт:

— Пас аз базми дишаба дар толори кино ман бо Қумрӣ як ҷо нишастам. Ба ман ин духтар хеле маъқул шуд. Боақл, боҳуш, ҳозирҷавоб ва ситорагарм. Овозаш ҳам бад не. Модом, ки даҳаи санъат ва адабиёти тоҷик аст ордени Ленин ба духтари тоҷик мунисиб аст. Чӣ гуфтед, рафиқон?

Ҳама ин таклифро бо як овоз маъқул ёфтанд. (Маъқул наёфта ҳам медиданд!) Сталин давом дод.
— Ин кори мо, яъне ба духтари тоҷик, ба санъатгари тоҷик додани ордени Ленин аз ҷиҳати сиёсӣ ҳам аҳамият дорад. Дар ғарб ва дар тамоми ҷаҳон ба мукофот нигоҳ карда, ба санъаткор баҳо медиҳанд. Дар зарфи чанд соле ки дар Тоҷикистон ҳокимияти шӯроӣ бар-

[1]. Ин маълумотро ба ман ва дигарон борҳо Мирзо Турсунзода гуфта буд. Худи вай, гӯё аз Фадеев шунида аст.

қарор гаштааст, чунон духтарони санъаткор расида баромадаанд, ки ҳатто Москва ба онҳо мукофоти олӣ бахшид! Ана гап дар куҷо!

Бале, Сталин ҳамин тавр «нағмаҳо» дошт. Аз як тараф қадрҳои оличанобн тоҷикро, санъаткоронро, адибонро, олимонро зада, ҳабс карда парронда несту нобуд кунад, аз тарафи дигар гоҳо «илтифот» ҳам мекард ва намоишкорона мукофотҳо медод ва «бале» мегуфт. Дар ин ҷо ҳамин байти шоирро овардан кифоя мекунад, ки хонанда чӣ будани «илтифот»-и Сталинро донанд:

> **Фиреби тарбияти боғбон махӯр, эй гул,**
> **Ки об медиҳаду гулоб мегирад!**

## ИНТИҲО

Дад хотима: Қумриро бо ордени Ленин ҳама табрик карданд, ба ғайр аз Соколова ва чанд нафар аз ҳасудон. Дар Душанбе ин ҳасудон ором наистоданд, ба кор ва ба пешрафти ӯ халал додан гирифтанд ва ниҳоят вай маҷбур шуд, ки дар соли 1948 ба театри академии ба номи Лоҳутӣ ба кор гузарад. Аммо дар ин ҷо ҳам аз ҳасудон наҷот наёфт. Онҳо ҳар қадар ки ба пойи ӯ теша заданӣ шаванд, вай ҳамон қадар баландпарвозӣ мекард ва нақшҳои Гулиро аз песаи «Навоӣ», нақши Гонерелияро аз «Шоҳ Лир», нақши Гулнорро аз песаи «Дохунда» ва ғайра бо муваффақият иҷро намуд. Соли Ҷанги Бузурги Ватанӣ шавҳараш даъвогарона ба ҷанг рафта барнагашт. Қумрӣ ҳамаи меҳру муҳаббати худро ба ягона писараш — Суръат дода, ӯро тарбия намуд, ба воя расонид, хононд ва дар нитиҷа ин ҷавон ҷун артисти бомаҳорати кино шинохта шуд, нақшҳои калонро бозид. Ҳар муваффақияти ӯ модарро ба арши аъло мерасонид. Қумрӣ аз ҳар ҷиҳат ба муроду мақсад расид, ҷун бузургтарин артисткаи саҳнаи тоҷик шинохта шуд. Ҳам дар муомила ва рафтор, ҳам дар ақлу фаҳму эҷодиёт ҳамто надошт. Бовиқор буд, шӯх буд, гап гуфта фаҳмонида метавонист.

— Бузургии ӯро ба Дилоромканиз — аз романи «Духтари оташ» муқоиса кардан мумкин аст! — гуфта буд Ҳабибулло Абдураззоқов. — Рақибон ва ҳасудони ӯ, ки худашон чаласавод буданд, Қумриро дида наметавонистанд. Чунончӣ Ленин гуфта аст: босавод гапро гӯш мекунад; бесавод гапро мефаҳмад, аммо чаласавод на мефаҳмад ва на гӯш мекунад!

Қумрӣ ба дараҷае расид, ки дар даҳаи соли 1957 дар Масква ба ӯ номи артисткаи халқии СССР-ро

доданд. Муваффақият ва комёбиҳои вай ҳасудонашро безобита мекард ва онҳо ӯро ноаён, дарун-дарун мехӯрданд. Вай ғусса хӯрдани худро, бемории худро ба ҳеҷ кас намегуфт. Агар маҷбур шуда ба бемористон афтода монад, мегуфт, ки «ба як чанд рӯз профилактика карданӣ омадам».

Мегӯянд, ки агар булбул бо дигар сабабҳо намирад, охирон бор нағмасарой карда, дар аснои чаҳ-чаҳ заданаш ҷон медиҳад. Қумрихон ҳам рӯзи 17 март дар спектакли «Вақте ки шаҳр дар хоб аст» нақши асосиро бозӣ карда, рӯзи 20 март (соли 1985) ба ҷашни рафиқаш иштирок карда, худи ҳамон шаб бемор мешавад ва дар бемористон вафот мекунад.